# *АХТАРОНИ АДАБ*

**10**

**ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Кароматулло Олимов*
*Сайфиддин Назарзода*
*Фарҳоди Карим*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Камол Айнӣ*
*Зоҳир Аҳрорӣ*
*Амрияздон Алимардонов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Сайидалӣ Маъмур*

**АБУЛҚОСИМ**
**ФИРДАВСӢ**

# ШОҲНОМА

## ҶИЛДИ VIII

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2009

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз*
***КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ.* Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2009. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари "Шоҳнома" истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

**ISBN 978-99947-32-84-5**

**© Нашриёти "Адиб", 2009.**

# ПОДШОҲИИ ШОПУР ИБНИ ШОПУР

*Панҷ солу чор моҳ буд*

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШОПУР ИБНИ ШОПУР ВА АНДАРЗ КАРДАНАШ БА САРДОРОН

Чу Шопур биншаст бар ҷои ам,
Аз Эрон басе шоду чанде[1] дижам.

Чунин гуфт, к-«Эй[2] номвар бихрадон,
Ҷаҳондидаву ройзан мӯбадон,

Бидонед, к-он кас, ки гӯяд дурӯғ,
Аз он пас нагирад бари мо фурӯғ.

Дурӯғозмоӣ набошад зи[3] рой,
Ки аз рой монад[4] бузургӣ ба ҷой.

Ҳамон мардуми[5] сифларо дӯстдор
Наёбӣ[6], ба боғ-андарун хав[7] макор.[8]

Касеро куҷо мағз бошад басе,
Гавожа набояд задан бар касе.

Забонро нигаҳдор бояд будан,
Набояд равонро ба заҳр ожадан,

1. Л – баҳре
2. Л – бо
3. И – Дурӯғозморо набошад-ш
4. Л – бошад
5. ИЛ – мар тани
6. И – Нахоҳӣ,
7. И – ҷав
8. Л – чун нигор.

Ки бар анҷуман марди бисёргӯй
Бикоҳад зи гуфтори хеш обрӯй.

Агар донишимард гӯяд[1] сухан,
Ту бишнав, ки дониш нагардад куҳан.

Дили марди томеъ бувад пур зи[2] дард,
Ба гирди тамаъ, то тавонӣ, магард.

Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

Сиришти рад[3] аз чор гавҳар бувад,
Ки бо мард ҳар чор дарх(в)ар[4] бувад.

Яке пурҳунар бод бошарму дод,
Ба озодагӣ якдилу якниҳод.

Севум, к-ӯ миёна гузинад зи кор,
Писанд оядаш бахшиши рӯзгор.

Чаҳорум, наронад сухан аз газоф,
Зи бедонишӣ ном ҷӯяд зи лоф.

Ду гетӣ биёбад дили марди род,
Набошад дили мардуми сифла шод.

Бад-ин гетӣ-андар бувад ном зишт,
Бад-он гетӣ-андар наёбад биҳишт.[5]

Ба гетӣ намонад ҳаме марди лоф,
Ки бипроганад хоста бар газоф.

Ситуда касе, к-ӯ миёна гузид,
Тани хешро офарин густарид.

Шуморо ҷаҳонофарин ёр бод,
Ҳамеша сари бахт бедор бод.

1. ИЛ – ронад
2. Л – зери
3. ИЛ – тан
4. И – оташ аз ин чор камтар; Л - оташ дар ин чор камтар
5. И – б. 16, 17 нест.

Ҷаҳондорамон бод фарёдрас,
Ки тахти бузургӣ намонад ба кас».

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Зи Яздон бар ӯ офарин хостанд.

Чу шуд солиён панҷ бо чор моҳ,
Бишуд шоҳ рӯзе ба нахчиргоҳ.

Ҷаҳон пур шуд аз бозу юнозу саг,
Чи паррандаву чи даванда ба таг.

Ситора заданд аз бари хобгоҳ,
Чу чизе бихӯрду биёсуд шоҳ.

Се ҷом аз майи хусравонӣ бих(в)ард,
Пурандеша шуд, сар сӯи хоб кард.

Пароканда гаштанд ёрон ҳама,
Чу дар хоб шуд шаҳриёри рама.

Бихуфт ӯву аз дашт бархост бод,
Ки кас бод аз он сон надорад ба ёд.

Фурӯбурда чӯби ситора биканд,
Бизад бар сари шаҳрёри баланд.

Ҷаҳонҷӯй Шопури ҷангӣ бимурд,
Кулоҳи кайӣ дигареро супурд.

Бисозу бинозу бибозу[1] маранҷ,
Чӣ ёзӣ ба кину чӣ нозӣ ба ганҷ?[2]

Ки баҳри ту ин аст аз ин тира гӯй,
Ҳунар ҷӯву рози ҷаҳонро маҷӯй.

Ки гар бозёбӣ, бупечӣ зи дард,
Пажӯҳиш макун, гирди розаш магард.[3]

---

1. Л – Манозу матозу маёзу; И – Масозу манозу май ору
2. ТПЗ – Ҷаҳони ҷаҳон бар чунин аст соз,
   Намонад ба кас ҷуз бад-он мӯҳрабоз,
   Ки дар ҳуққабозӣ бувад шӯхрӯй,
   Рабояд аз ину ниҳад зери ӯй.
3. И – Пас аз б. 33 ин б. омада:
   Ҷаҳонро чунин аст расму ниҳод,
   Набошад зи кораш хирадманд шод.

# ПОДШОҲИИ БАҲРОМ ПИСАРИ ШОПУР

*Чордаҳ сол буд*

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Хирадманду шоиста Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт сӯги падар чанд гоҳ.[1]

Чу биншаст бар ҷойгоҳи меҳӣ,
Чунин гуфт бар тахти шоҳаншаҳӣ,

Ки «Ҳар шоҳ, к-аз дод ганҷ оганад,
Бидонед, к-он ганҷ напроганад.[2]

Зи мо Эзади пок хушнуд бод,
Бадандешро дил пур аз дуд бод.

Ҳама дониш ӯрост, мо бандаем,
Ки коҳандаву ҳам физояндаем.

Ҷаҳондор Яздон бувад додрост,
Ки нафзуд[3] дар подшоҳӣ, на кост.[4]

Касе к-ӯ ба бахшиш тавоно бувад,
Хирадманду бедору доно бувад,

Набояд, ки бандад дари ганҷ сахт,
Бавижа худованди дайҳиму тахт.

В-агарчанд бахшӣ зи ганҷи сухун,
Барафшон, ки дониш биёяд[5] ба бун.

Зе неку бадиҳо ба Яздон гирой,
Чу хоҳӣ, ки некит монад ба ҷой.

---

1. ТПМ – Писар буд Шопуршаҳро яке,
Ба дониш фаровон, ба сол андаке.
2. И – бипроганад.
3. Л – бифзуд
4. И – б. 5, 6 нест.
5. Л – наёяд

Агар з-ӯ шиносӣ ҳама хубу зишт,
Биёбӣ ба подош хуррамбиҳишт,

В-агар баргузинӣ зи гетӣ ҳаво,
Бимонӣ ба чанги ҳаво бенаво.[1]

Чунин аст умедам ба Яздони пок,
Ки чун сар биёрам бад-ин тирахок,

Ҷаҳондор пирӯз дорад маро,
Ҳамон гетиафрӯз дорад маро.

Гар андар ҷаҳон дод бипроганем,
Аз он беҳ, ки бе дод ганҷ оганем,

Ки эдар бимонад ҳаме ранҷи мо,
Ба душман расад бегумон ганҷи мо.

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ, то тавонӣ, макор!»

Чу шуд соли он подшаҳ бар ду ҳафт,
Бинолиду он[2] сарви нозон биҷафт.[3]

Ба якчанд гаҳ дер бемор буд,
Дили кеҳтарон[4] пур зи тимор буд.

Набудаш писар ҳеҷ,[5] духтар-ш буд,
Яке кеҳтар аз вай бародар-ш буд.[6]

Бад-ӯ дод он гоҳ ганҷу сипоҳ,
Ҳамон мӯҳри шоҳиву тахту кулоҳ.

Ҷаҳондори барно зи гетӣ бирафт,
Бар ӯ солиён баргузашта ду ҳафт.

---

1. ТПЗЛ – Чу Яздон бидорад зи ту даст боз,
Ҳамеша бимонӣ ба гурму гудоз.
2. И – Биболиду чун
3. И – бихафт.
4. И – меҳтарон
5. ИЛ – панҷ
6. ТПМ – Куҷо Яздгирдаш ниҳоданд ном,
Ҷавоне сарафрози ҷӯяндаком.
Бифармуд, то шуд бараш Яздгирд,
Сипаҳро саросар ҳама кард гирд.

Аё шасту сесола марди куҳан,
Ту аз бода то чанд ронӣ сухан?!

Ҳам он рӯзи ту ногаҳон бугзарад,
Дари тавба бугзину роҳи хирад.

Ҷаҳондор аз ин банда хушнуд бод,
Хирад моя боду сухан суд бод,

Ки ӯ дар сухан мӯй кофад ҳаме,
Ба торикӣ-андар бибофад[1] ҳаме.

Гар эдун суханҳо, ки андаргирифт,
Ба пирӣ сар орад, набояд[2] шигифт.

Ба фарри[3] шаҳаншоҳи шамшерзан,
Ба боло сараш бартар аз анҷуман.

Замона ба коми шаҳаншоҳ бод,
Сари тахти ӯ афсари моҳ бод.

Аз ӯ бод тахти шаҳӣ шодком,
К-аз ӯяст кому бад-ӯяст ном.

Бузургиву дониш варо роҳ бод!
В-аз ӯ дасти бадхоҳ кӯтоҳ бод![4]

---

1. Л – шикофад
2. И – набошад; надорад
3. Л – номи
4. ТПМ – Ҳамин давлати шоҳ Маҳмуд бод,
Сари тахти ӯ афсари ҷуд бод!

# ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРДИ БАЗАГАР

***Бисту як сол буд***

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД

Чу шуд подшо бар ҷаҳон Яздгирд,
Сипаҳро зи шаҳр андаровард гирд.

Кулоҳи бародар ба сар барниҳод,
Ҳаме буд аз он марги ношод шод.

Чунин гуфт бо номдорони шаҳр,
Ки «Ҳар кас, ки аз дод доред[1] баҳр,

Нахустин ниёиш ба Яздон кунед,[2]
Дил аз доди мо шоду хандон кунед.[3]

Бадонро намонам, ки доранд ҳуш,
Агар даст ёзанд бадро ба кӯш.[4]

Касе, к-ӯ биҷӯяд зи мо ростӣ,
Биёромад аз кажживу костӣ,

Ба ҳар ҷой ҷойи вай афзун кунем,
Зи дил кинаву[5] оз берун кунем.

Сиголиш наҷӯем[6] ҷуз бо радон,
Хирадманду бедордил мӯбадон.

Касеро куҷо бар тан[7] оҳу бувад,
Равонаш зи ҳастӣ банерӯ бувад,

Ба бечорагон-бар ситам созад ӯй,
Гар аз чиз гардан барафрозад ӯй,

Бикӯшему нерӯ-ш берун кунем,
Ба дарвеш мо нозиш афзун кунем.

---

1. Л – ёбанд; И – доранд
2. ИЛ – кунанд,
3. ИЛ – кунанд.
4. Л – Магар он ки андарз доранд гӯш.
5. Л – кина бо
6. ИЛ – нагӯем
7. Д – дил пур

Касе, к-ӯ напарҳезад аз хашми мо,
Ҳаме бугзарад тез бар чашми мо,

Ҳаме бистар аз хок ҷӯяд танаш,
Ҳамон ханҷари ҳиндувӣ гарданаш.

Ба фармони мо чашм равшан кунед,
Хирадро бар ин разм ҷавшан кунед.

Тани ҳар касе гашт ларзон чу бед,
Ки гӯполу шамшерашон буд умед.

Чу шуд бар ҷаҳон подшоҳиш рост,
Бузургӣ фузун гашту меҳраш бикост.[1]

Хирадманд наздики ӯ хор гашт,
Ҳама расми шоҳиш бекор гашт.

Кунορанг бо паҳлавону радон,
Ҳамон донишӣ пурҳунар[2] бихрадон

Яке гашт бо бод наздики ӯй,
Ҷафопеша шуд ҷони торики ӯй.

Сутурда шуд аз ҷони ӯ меҳру[3] дод,
Ба ҳеҷ орзу низ посух надод.

Касеро набуд назди ӯ пойгоҳ,
Ба зудӣ мукофот кардӣ гуноҳ,

Ҳар он кас, ки дастур буд бар дараш,
Физояндаи афсару ахтараш,

Ҳама аҳд карданд бо якдигар,
Ки ҳаргиз нагӯянд аз он буму бар.

Ҳама яксар аз бим печон шуданд,
Зи ҳавли шаҳаншоҳ беҷон шуданд.

1. ИЛ – накост.
2. Л – донишӣ бо ҳунар
3. Л – Сутургӣ гирифт ӯ ба меҳру ба

Фиристодагон, к-омадандӣ зи роҳ,
Ҳамон зердастони зинҳорхоҳ.[1]

Чу дастур аз он огаҳӣ ёфтӣ,
Бад-он корҳо тез биштофтӣ.

Ба гуфтор гарму ба овоз нарм,
Фиристодаро рой додӣ ба шарм.

Бигуфтӣ, ки шоҳ аз дари кор[2] нест,
Шуморо бад-ӯ роҳи дидор нест.

Намудам бад-ӯ, ҳарчи дархостӣ,
Ба фармон-ш лабро наёростӣ.[3]

## ЗОДАНИ БАҲРОМ ПИСАРИ ЯЗДГИРД

Зи шоҳиш бугзашт чун ҳафт сол,
Ҳама мӯбадон з-ӯ ба ранҷу вабол.

Сари соли ҳаштум, маҳи фарвадин,
Ки пайдо кунад дар ҷаҳон ҳури дин,

Яке кӯдак омад-ш ҳурмуздрӯз
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

Мар ӯро[4] падар кард[5] Баҳром ном,
В-аз он кӯдаки хурд шуд шодком.

Падар бар ситорашумар ҳар кӣ буд,
Ки шоист гуфтори эшон шунуд.

Яке моявар буд бофарруҳуш,
Сари ҳиндувон буд, номаш Суруш.

Яке порсӣ буд, Ҳушёр ном,
Ки бар чарх кардӣ ба дониш лагом.

Бифармуд, то пеши шоҳ омаданд,
Ҳушиворy ҷӯяндароҳ омаданд.

1. ИЛ – фарёдгоҳ.
2. Л – бор
3. Л – пайдо шавад ростӣ.
4. Л – Ҳамон гаҳ
5. И – падар кардаш аз меҳр

Ба суллоб карданд аз ахтар[1] нигоҳ,
Ҳам аз зиҷи румӣ биҷустанд роҳ.

Аз ахтар чунон дид ҷӯё ниҳон,[2]
Чу ӯ шаҳрёре бувад дар ҷаҳон,

Абар ҳафт кишвар бувад[3] подшо,
Яке шоддил бошаду порсо.

Бирафтанд пӯён бари шаҳрёр,
Ҳама зичу суллобҳо бар канор.

Бигуфтанд бо тоҷвар Яздгирд,
Ки дониш зи ҳар гуна кардем гирд.

Чунон ёфтем аз шумори сипеҳр,
Ки дорад бад-ин кӯдаки хурд меҳр.

Мар ӯро бувад ҳафт кишвар замин,
Гаронмоя шоҳе бувад б-офарин.[4]

Чу эшон бирафтанд аз он боргоҳ,
Раду мӯбаду покдастур шоҳ,

Нишастанду ҷустанд ҳар гуна рой,
Ки то чораи он биёяд ба ҷой.

Гар ин кӯдаки хурд хӯйи падар
Нагирад, шавад хусрави додгар.

Гар эдун, ки хӯйи падар дорад ӯ,[5]
Ҳама бум зеру забар дорад ӯ.[6]

На мӯбад бувад шоду на паҳлавон,
На ӯ дар ҷаҳон шоду равшанравон.

Ҳама мӯбадон назди шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ омаданд.

---

1. Л – з-ахтар
2. Л – хуррамниҳон,
3. ИЛ – шавад
4. ТПИМ – Зи гуфторашон шод шуд шаҳрёр,<br>Бубахшидашон гавҳари шоҳвор.
5. ИЛ – ӯй,
6. ИЛ – ӯй.

Бигуфтанд, к-ин кӯдаки пурманиш
Зи беғора дур асту аз сарзаниш.

Ҷаҳон сарбасар пеши[1] фармони туст,
Ба ҳар кишваре божу паймони туст.

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

Зи пурмоягон доягоне гузин,
Ки бошад зи кишвар бар ӯ офарин.

Ҳунар гирад ин шоҳи хуррамниҳон,
Зи фармони ӯ шод гардад ҷаҳон.

Чу бишнид аз он мӯбадон Яздгирд,
Зи кишвар фиристодагон кард гирд.

Ҳамон гаҳ фиристод касҳо ба Рум,
Ба Ҳинду ба Чину ба ободбум.

Ҳамон номдоре[2] сӯи тозиён
Бишуд, то бубинад[3] зи суду зиён.

Ба ҳар сӯ ҳаме рафт хонандае,
Ки Баҳромро парваронандае

Бичӯяд сухангӯву донишпазир,[4]
Пажӯҳандаи ахтару[5] ёдгир.

Биёмад зи ҳар кишваре мӯбаде,
Ҷаҳондидаву[6] некпай бихраде,

Якояк[7] бад-ин боргоҳ омаданд,
Пажӯҳанда наздики шоҳ омаданд.

Бипурсид бисёру бинвохтшон,
Ба ҳар барзане ҷойгаҳ сохтшон.

1. ИЛ – зери
2. И – номдорон; Л-ҳам аз номдорон
3. ИЛ – набинад
4. Л – сухангӯи ромишпазир,
5. Л – Сухангӯву ҳар донише
6. И – Ҷаҳондида
7. ИЛ – Чу яксар

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар ба шаб,
Басе номвар найзадор аз араб.

Бузургон чу дар Порс гирд омаданд,
Бари номвар[1] Яздгирд омаданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки мо бандаем,
Ба фармони хусрав шитобандаем.[2]

Кӣ ёбад чунин рӯзгор аз меҳон,
Ки тобанда[3] фарзанди[4] шоҳи ҷаҳон

Ба бар гираду дониш омӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо биафрӯзадаш.[5]

Зи румиву аз ҳиндиву порсӣ,
Нуҷумиву гар[6] мардуми ҳандасӣ,

Ҳам аз[7] файласуфони бисёрдон,
Сухангӯву аз[8] мардуми кордон

Ҳама сар ба сар хоки пойи ваем,[9]
Ба дониш ҳама раҳнамои ваем.[10]

Нигар, то писандат кӣ ояд ҳаме,
В-агар судмандат кӣ ояд ҳаме?

Чунин гуфт Мунзар, ки «Мо бандаем,
Худ андар ҷаҳон шоҳро зиндаем.

Ҳунарҳои мо шоҳ донад ҳама,
Ки ӯ чун шубон асту мо чун рама,

Саворему гурдему аспафканем,
Касеро, ки доно бувад, бишканем.

1. Л – тоҷвар
2. ИЛ – суханбишнавему сар ояндаем.
3. Л – боиста
4. И – фарзанди шоиста
5. Л – барафрӯзадаш
6. Л-аз; И – нуҷумигару
7. Л - Ҳамон: И – Ҳама
8. Л – сухангӯй в-аз
9. ИЛ – туем,
10. ИЛ – туем.

Ситорашумар нест аз мо касе,
Ки аз ҳандаса баҳр дорад басе.

Пур аз меҳри шоҳ аст моро равон,
Ба зер-андарун тозиаспон[1] давон.

Ҳама пеши фарзанди ӯ[2] бандаем,
Бузургии ӯро ситояндаем.

## СУПУРДАНИ ЯЗДГИРД ПИСАРАШ БАҲРОМРО БА МУНЗАР ВА БА НӮЪМОН ВА ПАРВАРИШ КАРДАН ӮРО

Чу бишнид аз ӯ ин сухан Яздгирд,
Равону хирадро баровард гирд.

Нигаҳ кард аз оғоз фарҷомро,
Бад-ӯ дод пурмоя Баҳромро.

Бифармуд, то хилъаташ сохтанд,
Сарашро ба гардун барафрохтанд.

Танашро ба хилъат биёростанд,
Зи дар аспи шоҳи Яман хостанд.

Аз айвони шоҳи ҷаҳон то ба дашт
Ҳаме аспу уштур[3] ва ҳавдаҷ гузашт.

Парастандаву дояи бешумор,
Зи бозоргаҳ то дари шаҳрёр,

Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ,
Ҳама баста озин ба бозоргоҳ.[4]

Чу Мунзар биёмад ба шаҳри Яман,
Пазира шудандаш ҳама марду зан.

1. Л – тозиаспи
2. Л – ту
3. Л –астару аспу
4. Л – Ба бозоргаҳ баста оин ба роҳ
Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ.

Чу омад ба оромгоҳ аз нахуст,
Фаровон гузидасаворон[1] биҷуст.

Зи деҳқону тозиву пурмоягон
Тавонгар гузиду гаронмоягон.[2]

Аз он[3] меҳтарон чор зан баргузид,
Ки андар гуҳар буд[4] нажодаш падид.

Ду тозӣ, ду деҳқон зи тухми каён,
Ки бастанд бар доягонӣ миён.

Ҳаме доштандаш чунин чор сол,
Чу шуд серширу бароганд ёл,

Ба душворӣ аз шир карданд боз,
Ҳаме доштандаш ба бар-бар ба ноз.

Чу шуд ҳафтсола, ба Мунзар чӣ гуфт,
Ки он рой бо меҳтарӣ буд ҷуфт.

Чунин гуфт, к- «Эй меҳтари сарфароз,
Зи ман кӯдаки ширхона масоз.

Ба донанда фарҳангиёнам супор,
Ки омад кунун гоҳи омӯзгор».

Бад-ӯ гуфт Мунзар, ки «Эй сарфароз,
Ба фарҳанг нузат наёмад ниёз.

Чу ҳангоми фарҳанг бошад туро,
Ба доноӣ оҳанг бошад туро.

Ба айвон намонам,[5] ки бозӣ кунӣ,
Ба бозӣ ҳаме сарфарозӣ кунӣ».

Чунин посух овард Баҳром боз,
Ки аз ман ту бекорхӯрде[6] масоз.

1. И – гузиданажодон; Л – занони нажодӣ
2. И – гузида гаронмоягон.
3. Л – ин
4. И - омад ҳунар бар
5. Л – бимонам
6. як порахӯрде

Маро бихрадӣ ҳаст, агар сол нест,
Ба сони гавонам бару ёл[1] нест.

Туро сол ҳасту хирад камтар аст,
Ниҳоди ман аз ройи ту дигар[2] аст.

Надонӣ, ки ҳар кас, ки ҳангом ҷуст,
Зи кор он гузинад, ки бояд нахуст.

Ту гар боз[3] ҳангом ҷӯӣ ҳаме,
Аз андеша дилро[4] бишӯй ҳаме.

Ҳамон кори бегоҳ[5] бебар бувад,
Беҳин аз тани мардумон[6] сар бувад.

Ҳар он чиз, к-андархури подшост,
Биёмӯзиям, то бидонам сазост.

Сари ростӣ дониш ояд[7] нахуст,
Хунук к-он аз оғоз[8] фарҷом ҷуст.

Нигаҳ кард Мунзар бад-ӯ, хира монд,
Ба зери лабон номи Яздон бихонд.

Фиристод ҳам дарзамон раҳнамун,
Сӯи Сурсон*[9] саркаше бар ҳаюн,

Се мӯбад нигаҳ кард фарҳангҷӯй,
Ки дар Сурсон буд ообрӯй[10].

Яке то дабирӣ биёмӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо бияфрӯзадаш.[11]

1. И – пару бол
2. Л – бартар
3. Л – пойи
4. ИЛ – Дил аз некӯвиҳо
5. ИЛ – Ҳама кор бекору
6. Л – зиндагон
7. ИЛ – омад
8. И – ки оғозу
9. М – Шӯрсон
10. Л – бувад
11. Л – барафрӯзадаш.

Яке он ки донистани бозу[1] юз
Биёмӯзадаш, к-он бувад дилфурӯз.

Ва дигар, ки чавгону тиру камон,
Ҳамон гардиши теғ бо бадгумон.

Чапу рост печон инон доштан,
Миёни ялон гардан афроштан.

Се дигар, ки аз кори шоҳаншаҳон,
Зи гуфтору кирдори корогаҳон[2]

Бигӯяд ба Баҳроми хусравнажод,
Сухан ҳарчи дорад зи гетӣ ба ёд.

Чу он мӯбадон пеши[3] Мунзар шуданд,
Зи ҳар донише достонҳо заданд.

Тани шоҳзода бад-эшон супурд,
Физоянда худ донишӣ буду гурд.

Чунон гашт Баҳроми хусравнажод,
Ки андар ҳунар доди мардӣ бидод.

Ҳунар ҳарчи бугзашт бар гӯши ӯ,
Ба фарҳанг ёзон[4] будӣ[5] ҳуши ӯ.

Чу шуд соли он номвар бар ду[6] шаш,
Диловар гаве гашт[7] хуршедфаш.

Ба мӯбад набудаш ба чизе ниёз,
Ба фарҳангу чавгону ҳам юзу боз,

Ба овардгаҳ-бар инон тофтан,
Барафкандани[8] аспу ҳам тофтан.[9]

1. Л – нахчирбозону
2. Л – б. 114 нест.
3. Л – назди
4. И – нозон
5. Л – тозон шудӣ
6. Л – се
7. Л – буд
8. Л – Парокандани
9. Л – ёфтан.

Ба Мунзар чунин гуфт, к-«Эй покрой,
Гусӣ кун ҳунармандро боз ҷой.

Аз он ҳар якеро[1] басе ҳадя дод,
Зи даргоҳи Мунзар бирафтанд шод.

Аз[2] он пас ба Мунзар чунин гуфт шоҳ,
Ки аспони ин найзадорон бихоҳ.

Бигӯ, то бупечанд пешам инон,
Ба чашм андар оранд нӯки синон.

Баҳое кунанд, он чӣ ояд х(в)ашам,
Дирам беш хоҳам,[3] бар эшон кашам».

Чунин посух овард Мунзар бар ӯй,
Ки «Эй пурҳунар хусрави номҷӯй,

Галадори аспони ман пеши туст,
Худованди аспон ба дил хеши туст,

Гар аз тозиён асп хоҳӣ харид,
Маро ранҷу сахтӣ чӣ бояд кашид?»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй некном,
Ба гетит[4] бодо ҳамасола ком.

Ман асп ин[5] гузинам, ки андар нишеб,
Битозам, набинам инон аз ниҳеб.

Чу бо так чунон пойдораш кунам,
Ба Наврӯз бо бод ёраш кунам,

В-агар озмуда набошад сутур,
Нашояд ба тундӣ бар ӯ кард зӯр».

Ба Нӯъмон бифармуд Мунзар, ки «Рав,
Фасила гузин аз галадори нав.

1. Л – касеро
2. Л – В-аз
3. Л – чанд хоҳӣ,
4. Л – некит
5. Л – аспбон

Ҳама дашти найзасаворон бигард,
Нигар, то кӣ доранд[1] аспи набард.»

Бишуд тез Нӯъмон, сад асп оварид,
Зи аспони ҷанговарон баргузид.

Чу Баҳром дид он, биёмад[2] ба дашт,
Чапу рост печиду чанде бигашт.

Ҳар аспе, ки бо бод ҳамбар шудӣ,
Ҳам он[3] зери Баҳром бебар шудӣ.

Бар ин гуна то баргузид ашқаре,
Яке бодпое, кушодабаре.

Ҳам аз доғи дигар кумайтӣ ба ранг,
Ту гуфтӣ зи дарё даромад[4] наҳанг.

Ҳаме оташ афрӯхт аз наъли ӯ,[5]
Ҳаме хун чакид аз бари лаъли ӯ.[6]

Баҳо дод Мунзар, чу буд арзашон,
Ки дар бешаи Кӯфа буд марзашон.

Бипазруфт Баҳром аз ӯ ин ду асп,
Фурӯзанда бар сони озаргушасп.

Ҳаме дошташ чун яке тозасеб,
Ки аз бод н- ояд [7] бар ӯ-бар ниҳеб.

Ба Мунзар чунин гуфт рӯзе ҷавон,
Ки эй марди боҳанги[8] равшанравон,

Чунин бебаҳона ҳаме дориям,
Замоне ба тимор нагзориям.

1. Л – киро ёбӣ
2. Л – Нӯъмон биёвард аспон
3. Л – Ҳаме
4. Л – баромад
5. Л – ӯй,
6. Л – ӯй.
7. И – н-омад
8. Л- бохирад марди

Ҳама, ҳар кӣ бинӣ ту андар ҷаҳон,
Диле нест андар ҷаҳон бениҳон.

Зи[1] андӯҳ бошад рухи мард зард,
Ба[2] ромиш физояд тани родмард.[3]

Тани хубрух ромишафзой бас,
Ки зан бошад аз дард фарёдрас.

Ба зан гирад ором марди ҷавон,
Агар тоҷдор аст, агар паҳлавон.

Ҳамон з – ӯ бувад дини Яздон ба пой,
Ҷавонро ба некӣ бувад раҳнамой.

Канизак бифармой, то панҷ-шаш
Биёранд бозебу хуршедфаш.

Магар з- он яке - ду гузин оядам,
Ҳам андешаи б – офарин оядам.

Магар низ фарзанд бинам яке,
Ки ороми дил бошадам андаке.

Ҷаҳондор хушнуд бошад зи ман,
Ситуда бимонам ба ҳар анҷуман.

Чу бишнид Мунзар зи барно сухан,
Бар ӯ офарин кард марди куҳан.

Бифармуд, то марди пӯянда тафт[4]
Сӯи кулбаи марди наххос рафт.

Биёвард румиканизак чиҳил,
Ҳама аз дари кому ороми дил.

Ду бугзид Баҳром аз он гулрухон,
Ки гул[5] пӯстшон, оҷ буд устухон.

1. Л- Аз
2. Л- Зи
3. Л- Зодмард
4. Л- саъди гӯяндатафт
5. Л – дар

Ба боло ба кирдори сарви саҳӣ,
Ҳама кому зебоиву фарраҳӣ.

Аз он ду ситора яке чангзан,
Дигар лоларух чун Суҳайли Яман.

Ба боло чу[1] сарву ба гесӯ каманд,
Баҳо дод Мунзар, чу омад писанд.

Бихандид Баҳрому кард офарин,
Рухаш гашт ҳамчун бадахшӣ[2] нигин.

## ДОСТОНИ БАҲРОМ ВА КАНИЗАКИ ЧАНГЗАН ДАР ШИКОР

Ба ҷуз[3] гӯю майдон набудиш кор,
Гаҳе захми чавгону гоҳе шикор.

Чунон буд, ки як рӯз бе анҷуман
Ба нахчиргаҳ рафт бо чангзан.

Куҷо номи он румӣ Озода буд,
Ки ранги рухонаш чу беҷода[4] буд.[5]

Дилороми ӯ буд, ҳам коми ӯ,
Ҳамеша ба лаб доштӣ номи ӯ.

Ба рӯзи шикораш ҳаюн хостӣ,
Ки пушташ ба дебо биёростӣ.

Фурӯ ҳишта з-ӯ чор будӣ рикеб,
Ҳаме тохтӣ дар фарозу нишеб.

Рикобаш ду заррин, ду симин будӣ,
Ҳамон ҳар яке гавҳарогин будӣ.

Ҳамон зери таркаш камон мӯҳра дошт,
Диловар зи ҳар донише баҳра дошт.

1. Л – болой
2. И - Бадахшон
3. Л- Ҷуз аз
4. Л- ба май дода
5. И-б.

Ба пеш андаромад- ш оҳу ду ҷуфт,
Ҷавонмард хандон ба Озода гуфт,

Ки «Эй моҳ, чун ман камонро ба зеҳ
Барорам, ба шаст андарорам гиреҳ,

Кадом оҳу афканда хоҳӣ[1] ба тир,
Ки мода ҷавон асту ҳамто-ш пир?»

Чунин гуфт Озода: «Эй[2] шермард!
Ба оҳу наҷӯянд мардон набар-д.

Ту он модаро нару гардон ба тир,
Шавад мода аз тири ту наррапир.

В-аз он пас ҳаюнро барангез тез,
Чу оҳу зи ҷанги ту гирад гурез.

Ҳамон мӯҳра[3] андоз то гӯши хеш,
Ниҳад ҳамчунон хор бар дӯши хеш.

Ҳамон гаҳ зи мӯҳра бихорад-ш[4] гӯш,
Беозор пояш барорад ба дӯш.

Ба пайкон сару пову дӯшаш[5] бидӯз,
Чу хоҳӣ, ки хонам-т гетифурӯз».[6]

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми Гӯр
Барангехт з- он дашти арманда шӯр.

Ду пайкон ба таркаш яке тир дошт,
Ба дашт-андар аз баҳри нахчир дошт.

Ҳамон гаҳ ки[7] оҳу шуд андар гурез,
Сипаҳбад суруҳои он нарра тез.

---

1. Л- орам
2. Л- К-э
3. Л- Камонмӯҳра
4. Л-бихорад ду
5. ИЛ- гӯшаш
6. ТМП- Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
   Ба ёд омадаш гуфтаҳои куҳан.
7. Л – чу

Ба тиру ду пайкон зи сар баргирифт,
Канизак бад – ӯ монд андар шигифт.

Ҳам андар замон нар(у)р[1] чун мода гашт,
Сараш з – он сурӯи сияҳ[2] сода[3] гашт.

Ҳамон бар сурӯгоҳи[4] мода ду тир
Бизад ҳамчунон марди нахчигир.

Ду пайкон ба ҷойи сурӯ бар сараш,
Ба хун-андарун лаъл гашта бараш.

Ҳаюнро сӯи ҷуфти дигар битохт,
Ба хамми камон мӯҳра дар мӯҳра сохт.

Ба гӯши яке оҳу андарфиканд,
Писанд омадаш, буд ҷойи писанд.

Бихорид гӯш оҳу, андар замон,
Хаданге ниҳод он замон дар камон.

Сару гӯшу пояш ба як ҷо бидӯхт,
Бар он оҳу Озодаро дил бисӯхт.

Бад- ӯ гуфт: «Чун аст, эй моҳрӯй?»
Равон кард Озода аз дида ҷӯй

Або шоҳ гуфт: «Ин на мардонагист,
На мардӣ, туро хӯйи девонагист».[5]

Бизад даст Баҳром ӯро зи зин,
Нагунсор барзад ба рӯйи замин.

Ҳаюн аз бари моҳчеҳра биронд,
Бару дасту ҷангаш ба хун дарфишонд.[6]

Чунин гуфт, к-Эй бехирад чангзан!
Чӣ боист чандин ба мо – бар шикан?

---

1. Л- нарра.
2. сурӯҳо ҳаме
3. И – Чунон к-аш ҳамехост Озода
4. И- сурингоҳи
5. ИЛ – б.193, 194 нест.
6. Л – Бизад дасту чангаш ба ҳам дарнишонд.

Агар кунд[1] будӣ, кушодӣ[2] барам,
Аз ин захм нангӣ[3] шудӣ гавҳарам.[4]

Чу ӯ зери пойи ҳаюн- дар бимурд,
Ба нахчир аз он пас канизак набурд.

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ ДАР ШИКОРГОҲ

Дигар ҳафта бо лашкаре сарфароз
Ба нахчиргаҳ рафт бо юзу боз.

Бари бурзи[5] кӯҳе яке шер дид,
Куҷо пушти гӯре ҳаме бардарид.

Баровард зоғи сияҳро ба зеҳ,
Ба тундӣ нишасту се пар зад гиреҳ.

Дили гӯр бардӯхт бо пушти шер,
Пур аз хун ҳизабр аз бару гӯр зер.

Дигар ҳафта Нӯъмону Мунзар ба роҳ,
Ҳамерафт бо ӯ ба ба нахчиргоҳ

Басе номвар мардум аз тозиён,
К- аз эшон будӣ роҳи суду зиён.

Ҳамехост Мунзар, ки Баҳроми Гӯр
Бад- эшон намояд савориву зӯр.

Шутурмурғ диданд ҷойи гала,
Давон ҳар яке чун ҳаюни яла.

Чу Баҳроми Гӯр он шутурмурғ дид,
Ба кирдори боди дамон[6] бардамид.

Камонро бимолид ҷангӣ ба ҷанг,
Бизад бар камар чор[7] тири ҳаданг.

---

1. И- банд
2. Л- кушоду
3. И – беҳ кай
4. Л- кишварам.
5. Ил – Ба наздики
6. ИЛ – ҳаво.
7. Л - камаргоҳ

Якояк ҳаме ронд андар камон,
Бад – ин то сар омад бар эшон замон,

Ҳаме парр(у) бишкофт бар тезтир,[1]
Бад – он сон занад[2] марди нахчиргир.

Ба як сӯзан ин з- он фурӯтар набуд,
Ҳамон тир з-ин тир бартар набуд.

Бирафту бидод, он ки буд номдор,
Ба як мӯй – бар буд захми савор.

Ҳаме офарин хонд Мунзар бар ӯй,
Ҳамон найзадорони пархошҷӯй.

Бад – ӯ гуфт Мунзар, ки- «Эй шаҳрёр,
Ба ту шодмонам чу гулбун ба бор.

Мабодо, ки хам оварад моҳи ту,
В – агар суст гардад камаргоҳи ту»

Ҳамон гаҳ чу Мунзар ба айвон расид,
Зи Баҳром рояш ба кайвон расид.

Фаровон муссавир бичуст аз Яман
Шуданд он сарон бар дараш анҷуман.

Бифармуд, то захми ӯро ба тир
Муссавир нигоре кунад бар ҳарир.

Саворе чу Баҳром боёлу кифт,
Баланд уштуре зеру[3] захме шигифт.

Кушодабару чарбдастеву зӯр,
Камонмӯҳраву оҳуву шеру гӯр.

Шутурмурғу ҳомуну он захми тир
Зи қири сияҳ тоза шуд бар ҳарир.

1. Л- баршикофид паршон ба тир,
2. Л –Бар ин сон кӣ буд
3. Л – зер: И- Баландахтару зер,

Саворе барафканд бар[1] шаҳрёр,
Фиристод наздики ӯ он нигор.

Фиристода чун шуд бари Яздгирд,
Ҳама лашкар омад бар он нома гирд.

Ҳама номдорон фурӯ монданд,
Ба Баҳром – бар офарин хонданд.

В – аз он пас ҳунарҳо чу кард ошкор,
Ҳаме тохтандӣ бари шаҳрёр.

## ОМАДАНИ БАҲРОМ БО НӮЪМОН НАЗДИ ПАДАРАШ ЯЗДГИРД

Падар орзу кард Баҳромро,
Чӣ Баҳром, хуршеди худкомро.

Ба Мунзар чунин гуфт Баҳроми шер,
Ки «Ҳарчанд монам ба назди ту дер,

Ҳамон орзуи падар хезадам,
Чу эмин шавам, дил барангезадам.

Баророст Мунзар чу боист кор,
Зи шаҳри Яман ҳадяи шаҳрёр.[2]

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи чизе ки пурмоя бурданд[3] ном.

Зи бурди ямониву теғи Яман,
Дигар ҳар чӣ буд маъданаш дар Адан.

Чу Нӯъмон, ки бо шоҳ ҳамроҳ буд,
Мар ӯро ба назди падар ҷоҳ[4] буд.

Чунин то ба шаҳри Ситахр омаданд,
Зи шоҳон ҳаме достонҳо заданд.

1. Ил – зӣ
2. Л – бешумор.
3. Л- пурмоятар буд
4. Л- Ба наздики ӯ афсари моҳ:
И – Ба наздики ӯ афсару гоҳ

В- аз он пас чу огоҳӣ омад ба шоҳ,
Зи фарзанду Нӯъмони тозӣ ба роҳ,

Пазира шудандаш ҳама мӯбадон
Зи даргоҳ бедордил бихрадон.

Чу аз дур Баҳромро дид шоҳ,
Бад – он фарру он шоҳу[1] он гирдгоҳ,[2]

Шигифтӣ фурӯ монд аз кори ӯй,
Зи болову фарҳангу дидори ӯй.

Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Ба наздики худ ҷойгаҳ сохташ.

Ба барзан-дарун ҷойи Нӯъмон гузид
Яке кох Баҳромро чун сазид.

Фиристод наздики ӯ бандагон,
Чу андархур омад парастандагон.

Шабу рӯз Баҳром пеши падар
Ҳаме аз парастиш нахорид сар.

Чу як моҳ Нӯъмон бибуд назди шоҳ,
Ҳаме хост, то бозгардад ба роҳ.

Ба шаб кас фиристод, ӯро бихонд,
Баробар – ш бар тахти шоҳӣ нишонд.

Бад – ӯ гуфт: «Мунзар басе ранҷ дид,
Ки озода Баҳромро парварид.

Бад – ин кор подош назди ман аст,
Шумори шумо Урмузди ман аст.

Писандидам ин ройи босанги[3] ӯй,
Ки сӯи хирад бинам оҳанги[4] ӯй.

1. И – ёлу
2. И – ёлу чунон дастгоҳ,
3. Л – рою оҳанги
4. Л- Зи болову дидору фарҳанги

Ту худ[1] дер мондӣ бад - ин боргоҳ,
Падар чашм дорад ҳамоно ба роҳ.

Зи динор ганҷеш панҷаҳ ҳазор
Бидоданд бо номаи[2] шаҳрёр.

Зи охур ба заррину симинситом[3]
Даҳ[4] аспи гаронмоя бурданд ном.

Зи густурданиҳову ҳам[5] банда низ,
Зи рангу зи бӯю зи ҳар гуна чиз.

Зи ганҷи ҷаҳондор Меҳрон бибурд,
Якояк ба Мунзар ва[6] Нӯъмон[7] супурд.

Зи шодӣ дари бахшиш андаркушод,
Бар андоза ёрон-ш ҳадя бидод.[8]

Ба Мунзар яке нома бинвишт шоҳ,
Чунон чун бувад дархури пешгоҳ,

Ба озодӣ аз кори фарзанди ӯй,
Ки шоҳи Яман ҷуст пайванди ӯй,

Ба подоши ин кор ёзам[9] ҳаме,
Ба чунин писар сар фарозам ҳаме.

Яке нома бинвишт Баҳроми Гӯр,
Ки кори ман эдар табоҳ асту шӯр.

На он буд уммеди ман назди шоҳ,
К - аз ин сон кунад сӯи кеҳтар нигоҳ.

На фарзандам эдар, на чун чокарам,[10]
На чун камтаре шоддил бар дарам.[11]

1. Л – чун
2. Л – ҷомаи
3. Л – симинлагом,
4. Л – Ду
5. Л – аз
6. Л –ба
7. И – Нӯъмони Манзар
8. Ил – ёрон – шро ҳадя дод.
9. Л – созам
10. Ил – чокаре
11. Ил – кеҳтаре шоддил бар даре.

Ба Нӯъмон бигуфт, он чи будаш ниҳон
Зи бадроҳу оини шоҳи ҷаҳон.

Чу Нӯъмон бирафт аз дари шаҳрёр,
Биёмад бари Мунзари номдор.

Бад- ӯ номаи шоҳи гетӣ бидод,
Бибӯсид Мунзар, ба сар барниҳод.

В – аз он ҳадяҳо шодмонӣ намуд,
Бар он офарин офарин барфузуд.

В- аз он пас фиристод андар нуҳуфт,
Зи Баҳром чанде[1] ба Мунзар бигуфт.

Чу[2] он нома бархонд пешаш дабир,
Рухи номвар гашт ҳамчун зарир.

Ҳам андар замон зуд[3] посух навишт,[4]
Суханҳои бопанди фаррух навишт.[5]

Чунин гуфт, к - «Эй меҳтарин номвар,
Нигар, сар напечӣ зи роҳи[6] падар.

Ба неку бади шоҳ хурсанд бош,
Парастанда бошу хирадманд бош.

Бадиҳо ба сабр аз меҳон бугзарад,
Сари мард бояд, ки дорад хирад.

Сипеҳри равонро чунин аст рой,
Надорем бо ройи ӯ ҳеҷ пой.[7]

Дилеро[8] пур аз меҳр дорад сипеҳр,
Дилеро пур аз ҷангу ожанг[9] чеҳр.

1. И- чизе
2. Л- Пас
3. Л – нома
4. И- набишт,
5. И- набишт.
6. Л – ройи
7. И – Ту бар ройи ӯ ҳеҷ мафзой ҷой.
8. И – Диле ҳам
9. ИЛ – Диле пур зи кину пурожанг

Ҷаҳондор гетӣ чунон[1] офарид,
Чунон чун чаронад, бибояд чарид.[2]

Аз ин пас туро ҳарчи ояд ба кор
Зи динору аз гавҳари шоҳвор,

Фиристам, нигар то[3] надорӣ ба ранҷ,
Наярзад зи ранҷи ту оганда[4] ганҷ.

Зи динор ганҷе кунун даҳ ҳазор
Фиристодам инак ба расми нисор.

Парастор, к - ӯ раҳнамои ту буд,
Ба парда-дарун дилкушои ту буд.

Фиристодам инак ба наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.

Ҳар он гаҳ, ки динор бурдӣ[5] ба кор,
Гаронӣ макун ҳеҷ бо шаҳрёр,

Ки дигар фиристам-т бисёр низ
Аз[6] ин подшоҳӣ зи ҳар гуна чиз.[7]

Парастанда бошу ситоянда бош,
Ба кори парастиш физоянда бош.

Ту он бадхуиро зи шоҳи ҷаҳон
Ҷудо кард натвонӣ андар ниҳон.

Фиристод аз он тозиён даҳ савор
Сухангӯву бинодилу дӯстдор.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ
Або бадраву бардаву некхоҳ.

Хирадманд Баҳром аз он шод шуд,
Ҳама дардҳо бар дилаш бод шуд.

---

1. Л – чунин
2. Л – к-ӯ чамонад, бибояд чамид.
3. Л – дил
4. Л – Наярзад парогандани ранҷ
5. Л – дигар – т бошад
6. Л – В – аз
7. И – Б. 278, 279 нест.

В - аз он пас бар он панди шоҳи араб
Парастиш ҳаме кард дар[1] рӯзу шаб.

## БАНД КАРДАНИ ЯЗДГИРД БАҲРОМРО ВА БОЗОМАДАНИ Ӯ НАЗДИ МАНЗАР

Чунон буд, ки як рӯз бар базмгоҳ
Ҳаме буд бар пой дар пеши шоҳ.

Чу шуд дер бар пой, хоб омадаш,
Ҳам аз истодан[2] шитоб омадаш.[3]

Падар чун бидидаш ба ҳам бурда чашм,
Ба тундӣ яке бонг барзад зи[4] хашм.

Ба дажҳим фармуд к- ӯро[5] бубар,
К – аз ин пас набинад кулоҳу камар.

Бар ӯ хона зиндон куну бозгард,
Назебад бар ин гоҳи[6] нангу набард.

Ба айвон ҳаме буд хастаҷигар,
Надид андар он сол рӯи падар,

Магар рӯзи Наврӯзу ҷашни Сада,
Ки ӯ пеш рафтӣ миёни рада.

Чунон буд, ки Тайнуши румӣ зи роҳ
Фиристода омад ба наздики шоҳ.

Або бадраву бардаву божи Рум
Фиристод[7] қайсар бад – ин марзу бум.

Чу омад шаҳаншоҳ, бинвохташ,
Сазовори ӯ ҷойгаҳ сохташ.

1. Л – ҳар
2. Л Ҳаме з – истодан
3. ТПМ – Ситода ду чашмаш ба ҳам барниҳод,
Ғамӣ шуд дилаш, чун басе истод.
4. ИЛ – ба
5. Л – к – инро
6. Л – кори
7. Л – Фиристода

Фиристод Баҳром зӣ ӯ паём,
Ки эй марди бедори густурдаком

Зи кеҳтар ба чизе биёзурд шоҳ,
В- аз ӯ дур гаштам ҳаме[1] бегуноҳ.

Ту хоҳишгарӣ кун, ба ту бахшадам,
Магар бахти пажмурда бидрахшадам.

Сӯи доягонам фиристад магар,
Ки Мунзар маро беҳ зи мому падар.

Чу Тайнуш бишнид пайғоми ӯй,
Баровард аз он орзу коми ӯй.

Дилозор[2] Баҳром аз он шод гашт,
В – аз он банди бемоя озод гашт.

Ба дарвеш бахшид бисёр чиз,
В – аз он ҷойгаҳ рафтан орост низ.

Ҳаме[3] зердастони худро бихонд,
Шаби тира чун бод лашкар биронд.

Ба ёрон[4] чунин гуфт: «Яздон сипос,[5]
Ки рафтему эмин шудем аз ҳарос».

Чу омад ба наздики шаҳри Яман,
Пазира шудаш кӯдаку марду зан,

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар зи ҷой,
Ҳамон найзадорони покизарой.

Чу Мунзар ба Баҳром наздик шуд,
Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд,

Пиёда шуданд он ду озодамард,
Ҳаме гуфт Баҳром тимору дард.

1. ИЛ – гаштам чунин
2. ИЛ – Дилозурда
3. Ил –Ҳама
4. Л– Яздон
5. Л– яздоншинос

Зи гуфтори ӯ чанд Мунзар гирист,
Бипурсиду гуфт: «Ахтари шоҳ чист,

Ки ҳаргиз наёяд ба роҳи хирад?
Зи кирдор тарсам, ки кайфар барад».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – ин худ мабод,
Ки гирад[1] зи шумахтараш низ ёд.

Фуруд оваридаш, ҳамон ҷо ки буд,
Бар он некуӣ некуиҳо фузуд.

Ба ҷуз базму майдон набудиш кор,
В – агар[2] бахшишу кӯшиши корзор.

## ОМАДАНИ ЯЗДГИРД БА ТӮС ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бар ин низ чанде замон баргузашт,
Ба айвон падар, пури фаррух ба дашт.

В- аз он пас ғаму шодии Яздгард
Сар омад ҳаме з- ахтари тезгард.[3]

Зи шоҳӣ пурандеша шуд Яздгирд,
Зи ҳар кишваре мӯбадон кард гирд.

Ба ахтаршиносон бифармуд шоҳ,
Ки то кард ҳар як ахтар нигоҳ,

Ки то кай бувад дар ҷаҳон марги ӯ,
Куҷо тира гардад сару тарги ӯ.

Чу бошад, куҷо бошад он рӯзгор,
Ки пажмурда гардад рухи шаҳрёр.

Ситорашумар гуфт, к – ин худ мабод,
Ки шоҳи ҷаҳон гирад аз марг ёд.

Чу бахти шаҳаншоҳ бадрӯ шавад,
Аз эдар сӯи чашмаи Сӯ шавад.

1. И – гирам
2. И – Магар
3. Ил – б. 315 нест.

Фароз оварад лашкару бӯқу кӯс
Ба шодӣ назора шавад сӯи Тӯс.

Бар он ҷойгаҳ – бар бувад ҳуши ӯ,
Чунин роз бигзашт бар гӯши ӯ.

Аз ин дониш ар ёд гирад[1], бад аст,
Ки ин роз дар пардаи Эзад аст.

Чу бишнид аз ӯ шоҳ, савганд х(в)ард,
Ба Харродбарзину хуршеди зард.

Ки ман чашмаи Сӯ набинам ба чашм,
На ҳангоми шодӣ, на ҳангоми хашм.

Бар ин низ бугзашт гардун се моҳ,
Замона ба ҷӯш омад аз хуни шоҳ.

Зи бинӣ-ш букшод як рӯз хун,
Пизишк омад аз ҳар сӯе раҳнамун.

Ба дору чу як ҳафта бастӣ пизишк,
Дигар ҳафта хун омадӣ чун сиришк.

## РАФТАНИ ЯЗДГИРД БА ЧАШМАИ СӮ БА ГУФТОРИ МӮБАД ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки «Эй шаҳрёр,
Бигаштӣ ту аз роҳи Парвардгор.

Ту[2] гуфтӣ, ки бугрезам аз ҷанги марг,
Куҷо нестат марг ҳаргиз ба[3] барг.

Туро чора он аст, к – аз роҳи Шаҳд[4]
Сӯи чашмаи Сӯ гирои ба маҳд.[5]

Ниёиш кунӣ пеши Яздони пок,
Ба зорӣ бигардӣ бар он гармхок.

1. Л – гирӣ,
2. Л – Чу
3. Л – Чу боди хазон ояд аз шох
4. Л – сеҳр
5. Л – меҳр.

Бигӯӣ, ки ман, жандаи нотавон,
Зада[1] доми савганд пеши равон.

Кунун омадам, то замонам куҷост,
Ба пеши ту, эй довари доду рост.

Чу бишнид шоҳ ин, писанд омадаш,
Ҳамон дардро судманд омадаш.

Биёвард сесад иморив у маҳд,
Гузар кард бар сӯи дарёи Шаҳд.

Шабу рӯз тозон ба маҳд-андарун,
Зи бинӣ-ш гаҳ – гаҳ ҳамерафт хун.

Чу наздикии чашмаи Сӯ расид,
Бурун омад аз маҳду дарё бидид.

В - аз он об лахте ба сар барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

Замоне зи бинӣ наёмад-ш[2] хун,
Бихӯрду[3] биёсуд бо раҳнамун.

Манӣ карду гуфт: «Ин- т[4] оину рой.
Нишастам[5] чӣ боист чанде[6] ба ҷой?»

Чу гарданкашӣ кард шоҳи рама,
Ки аз хештан дод некӣ ҳама,

Зи дарё баромад яке аспи хинг,
Сурингирд чун гӯру[7] кӯтоҳлинг.

Дамон ҳамчу шери жиён, пур зи хашм,
Баланду сияҳхояву зоғчашм.

1. И- Задам
2. И – биниш ки рафт
3. И – Бихуфту
4. И- Ҳаме гуфт: ин аст
5. И – Нишастан
6. И- чандин
7. Л- гӯри

Кашон думм(у) бар пову бар ёл[1] буш,
Сияҳсумму кафкафкану шӯркуш,

Чунин гуфт бо меҳтарон Яздгирд,
Ки «Инро сипоҳ андароранд гирд».

Бишуд гирд чӯпону ду[2] курратоз,
Або зину печонкаманди[3] дароз.

Чӣ донист рози ҷаҳондор шоҳ,
Ки овард он аждаҳоро ба роҳ.[4]

Фурӯ монд чӯпону лашкар ҳама,
Барошуфт аз он шаҳрёри рама.

Ҳамон гоҳ бардошт зину лагом,
Ба наздики он асп шуд шодком.

Чунон ром шуд хинг[5] бар ҷои хеш,
Ки нанҳод даст аз пасу пой пеш.

Зи шоҳи ҷаҳондор бистад лагом,
Ба зин барниҳодан ҳаме буд[6] ром.

Чу зин барниҳодаш, бароҳехт танг,
Наҷунбид бар ҷой боз он[7] наҳанг.

Паси пойи ӯ шуд, ки бандад -ш дум,
Хурӯшон шуд он бораи сангсум.

Биғурриду як ҷуфта зад бар сараш,
Ба хок андар омад сару афсараш.

Зи хок омаду[8] хок шуд Яздгирд,
Чӣ ҷӯӣ[9] ту з – ин баршуда ҳафтгирд?

---

1. Л – дар пову то пой
2. Л – зуд чӯпону даҳ
3. Л – Яке танг печонкаманде
4. Л – Ки донист, рози Худои ҷаҳон,
   Ки овард он аждаҳои дамон.
5. Л – асп
6. Л – ҳамон гашт
7. Л – тозӣ; И – тозон
8. И – омада,
9. Л – гӯӣ

Чу аз гардиши ӯ наёбӣ раҳо,
Парастидани ӯ наёрад баҳо.

Ба Яздон гарову бад – ӯ кун паноҳ
Худованди хуршеду гардандамоҳ.[1]

Чу ӯ кушта шуд, аспи обӣ чу гард
Биёмад бад – он чашмаи лоҷвард.[2]

Ба об-андарун шуд танаш нопадид,
Касе дар[3] ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Зи лашкар хурӯше баромад чу кӯс,
Ки шоҳо, замон оваридат ба Тӯс!

Ҳама ҷомаҳо бардариданд пок,
Ҳама рехтанд аз бари ёл хок.

В –аз он пас бикофид[4] мӯбад[5] бараш,
Миёни тиҳигоҳу мағзи[6] сараш.

Биёганд яксар ба кофуру мушк,
Ба дебо тани шоҳ бастанд хушк.[7]

Ба дебо бипӯшид равшан бараш,
Ниҳода зи мушк афсаре бар сараш.

Ба тобути заррину дар маҳди соҷ
Сӯи Порс рафт он худованди тоҷ.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,[8]
Яке шодмон, дигаре з – ӯ ба ранҷ.[9]

Ту ромиву бо ту ҷаҳон ром нест,
Чу нон хӯрда бошӣ, беҳ аз ҷом нест.[10]

---

1. Л – гардуну хуршеду моҳ.
2. Л – ложвард.
3. Л – Кас андар
4. Л – аҷал.
5. И- шикофта
6. Л – ба кофур равшан
7. Л – миёни тиҳигоҳу мағзу
8. Л – газанд,
9. Л – Чу ором ёбӣ, битарс аз нажанд,
10. ТПИ – Дар ин тирахок аз сипеҳри баланд
Чу ором ёбӣ, битарс аз газанд.

Парастидани дин беҳ аст аз гуноҳ,
Чу бошад касеро бар ин дастгоҳ.[1]

## НИШОНДАНИ МЕҲОН ХУСРАВРО БА ТАХТ

Чу дар дахма шуд шаҳрёри[2] ҷаҳон,
Аз Эрон[3] бирафтанд гирён меҳон.

Кунoранг бо мӯбаду паҳлавон,
Ҳашивору дастури равшанравон.

Ҳама пок дар Порс гирд омаданд,
Бари дахмаи Яздгирд омаданд.

Чу Густаҳм, к – ӯ пил куштӣ бар асп,
Дигар Қорани гурди пури Гушасп.

Чу Милод бо Ораши марзбон,
Чу Пирӯзи аспафкан аз Гурзбон.

Дигар ҳар кӣ буданд аз Эрон меҳон,
Бузургону кундоварони ҷаҳон,

Куҷо хорашон доштӣ Яздгирд,
Ҳама омаданд андар он шаҳр гирд.

Чунин гуфт, гӯё Гушаспи дабир,
Ки «Эй номдорони барнову пир!

Ҷаҳондори мо то ҷаҳон офарид,
Касе з – ин нишон шаҳрёре надид.

Надонист ҷуз куштану[4]дарду ранҷ,
Зи кеҳтар ниҳон кардани рою ганҷ.[5]

Аз ин шоҳ нопоктар кас надид,
На аз паҳлавонони пешин шунид.

---

1. Л – бад – ин пойгоҳ.
2. Л - подшоҳи
3. Л – Зи айвон
4. Л- Ба ҷуз куштану хориву
5. ТПЗ – Надонисту озарми касро надошт,
Ҳаме он бар ин, ин бар он баргумошт.

Нахоҳем бар тахт аз ин тухма[1] кас,
Зи хокаш ба Яздон бинолему[2] бас.

Сарафроз Баҳром фарзанди ӯст,
Зи мағзу дилу рою пайванди ӯст.

Зи Мунзар кушояд сухан сарбасар,
Нахоҳем бар тахт бедодгар.

Бихӯрданд савгандҳои гарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз Эрон сарон.[3]

К – аз ин тухма касро ба шоҳаншаҳӣ
Нахоҳем бо тоҷу тахти меҳӣ.

Бар ин барниҳоданду бархостанд,
Ҳама шаҳрёри дигар хостанд.

Чу огоҳии марги шоҳи ҷаҳон
Пароканда шуд дар миёни меҳон,

Алоншоҳу чун паҳлавони сипоҳ,
Чу Бевардy Шукнони зарринкулоҳ.[4]

Ҳаме ҳар яке гуфт: «Шоҳӣ марост,
Ҳам аз хок то бурҷи моҳӣ марост».

Ҷаҳоне пурошӯб шуд сарбасар,
Чу аз тахт гум шуд сари тоҷвар.

Ба Эрон раду мӯбаду паҳлавон,
Ҳар он кас, ки буданд равшанравон,

Бад – ин кор дар Порс гирд омаданд,
Ҳама[5] з – ин сухан достонҳо заданд,

Ки ин тахти шоҳӣ сазовори кист,
Бибинед, то аз дари кори кист?

1. Л- аз ин тухм бар тахт
2. Л – ҳолаш ба Яздон паноҳему;
   И - паноҳему
3. Л - эрониён.
4. ТПЗ – Чу Беҳзоди Барзини Рустамнажод.
   Чу Соми ял аз тухмаи Кайқубод.
5. Л – Ҳаме

Набинем бахшандаи додгар,
Ки бандад бар ин тахт зарринкамар,

Ки ошӯб биншонад аз рӯзгор,
Ҷаҳон марғзорест бешаҳрёр.[1]

Яке мард буд пир, Хусрав ба ном,
Ҷавонмарду равшандилу шодком,

Ҳам аз тухмаи сарфарозон буд ӯ,[2]
Ба марз - андар аз бениёзон буд ӯ[3].

Супурданд гурдон бад – ӯ тоҷгоҳ,
Бари анҷуман шуд зи ҳар сӯ сипоҳ.

## ОГОҲӢ ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МУРДАНИ ПАДАРАШ

Пас огоҳӣ омад ба Баҳроми Гӯр,
Ки аз чарх шуд тахтро бахт шӯр.

Падар – т он сарафрози шоҳон бимурд,
Бимурду ҳам ӯ номи шоҳӣ[4] бибурд.

Бихӯрданд савганд яксар сипоҳ,
К- аз ин тухма ҳаргиз нахоҳем шоҳ,

Ки Баҳром фарзанди ӯ ҳамчу ӯст,
Аз оби падар ёфт ӯ мағзу пӯст.

Яке мард бар гоҳ биншонданд,
Ба шоҳӣ ҳаме хусраваш хонданд.

Чу бишнид Баҳром, рухро биканд,
Зи[5] марги падар шуд дилаш мустаманд,

1. И – б. 395, 396 нест.
2. И – ӯй; Л – будӣ.
3. И – ӯй; Л будӣ.
4. Л – ҳама оби шоҳон;
   И – ӯву ҳам номи шоҳон
5. И – Ба

Баромад ду ҳафта зи шаҳри Яман
Хурӯшидани мӯбаду[1] марду зан.

Чу як моҳ биншаст бо сӯги шоҳ,
Сари моҳи навро биёрост гоҳ.

Бирафтанд Нӯъмону Мунзар ба ҳам,
Ҳама[2] тозиёни Яман бешу кам.

Ҳама зор бо шоҳ гирён шуданд,
Абе оташ аз дард бирён шуданд.

Забон баркушоданд аз он пас[3] зи банд,
Ки «Эй пурҳунар шаҳрёри баланд.

Ҳама дар ҷаҳон хокро омадем,
На ҷӯёи тарёкро омадем.

Бимирад касе, к – ӯ зи модар бизод,
Раҳаш чун ситам бинаму марг дод».

Ба Мунзар чунин гуфт Баҳроми Гӯр,
Ки «Акнун, ки шуд рӯзи мо тору тур,[4]

Аз ин тухма гар номи шоҳаншаҳӣ
Гусиста шавад, бугсилад фарраҳӣ.

Зи дашти саворон бароранд хок,
Шавад ҷой бар тозиён – бар мағок.

Пурандеша бошеду ёрӣ кунед.
Ба марги падар сӯгворӣ кунед».

Зи Бахром бишнид Мунзар сухун,
Ба мардӣ яке посух афканд бун.

Чунин гуфт, к – «Ин рӯзгори ман аст,
Бар ин дашт рӯзи шикори ман аст.

1. ИЛ – кӯдаку
2. И – Ҳаме
3. Л – яксар зи
4. ИЛ – тору тур;
ТПИ – Агар тунду берасм шуд шаҳрёр,
Буд ин даштро сарбасар дӯстдор.

Ту бар тахт биншину наззора бош,
Ҳамасола бо тоҷу бо ёла бош.

Ҳама номдорон бар ин ҳамсухун,
Ки Мунзар ба мардӣ фикандаст бун.

Зи пеши ҷаҳонҷӯй бархостанд,
Ҳама тохтанро биёростанд.

Бифармуд Мунзар ба Нӯъмон, ки «Рав,
Яке лашкаре соз шерони нав.

Зи шайбону ғассониён[1] даҳ ҳазор
Фароз ор гурд аз дари[2] корзор.

Ман эрониёнро намоям, ки шоҳ
Кадом аст боному[3] ганҷи сипоҳ?!»

Биёвард Нӯъмон сипоҳе гарон,
Ҳама теғдорону найзаварон.

Бифармуд, то тохтанҳо баранд,
Ҳама рӯи кишвар ба пай биспаранд.

Раҳи Шӯрсон то дари Тайсафун
Замин хира шуд зери наъл-андарун.

Зану кӯдаки хурд бурданд асир,
Кас он ранҷҳоро набуд дастгир.

Пур аз ғорату сӯхтан шуд ҷаҳон.
Чу бекор шуд тахти шоҳаншаҳон.

Пас огоҳӣ омад ба Руму ба Чин,
Ба Турку ба Ҳинду[4] ба Мукронзамин,

Ки шуд тахти Эрон зи хусрав тиҳӣ,
Касе нест зебои шоҳаншаҳӣ.

---

1. Л – в – аз русиён
2. Л – овари
3. Л - ботоҷу
4. И – Халлух,

Ҳама тохтанро биёростанд,
Ба тороҷу бедод бархостанд.[1]

Ба Эрон ҳаме ҳар касе даст охт,
Ба шоҳаншаҳӣ низ гардан фарохт.

## НОМА НАВИШТАНИ ЭРОНИЁН БА МУНЗАР ВА ПОСУХИ ОН

Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Якояк сӯи чора биштофтанд.

Чу гаштанд аз он ранҷ яксар сутӯҳ,
Нишастанд бо якдигар[2] ҳамгурӯҳ,

Ки ин кор аз андоза андаргузашт
Зи Руму зи Ҳинду саворони дашт.

Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилу ҷон аз ин ранҷ[3] пардохтан.

Биҷустанд он гаҳ[4] фиристодае,
Сухангӯву бинодил, озодае.

Куҷо номи он гав Ҷувонӯй буд,
Дабире бузургу сухангӯй буд.

Бад-он то ба наздики Муанзар шавад,
Сухан гӯяду гуфти ӯ бишнавад.

Ба Мунзар бигӯяд, ки эй сарфароз,
Ҷаҳонро ба номи[5] ту омад ниёз,

Нигаҳдори Эрону Мукрон туӣ,
Ба ҳар ҷой пушти далерон туӣ.

Чу ин тахт бешоҳу беточ гашт,
Зи хун марз чун парри дурроҷ гашт.

---

1. ТПЗИЛ – Чу аз тухми шоҳаншаҳӣ кас набуд,
Ки ёрост тахти кайиро бисуд.
2. ИЛ – як бо дигар
3. И – кор
4. Л – мӯбад
5. Л – меҳон?

Ту, гуфтем, бошӣ худованди марз,
Ки ин марзро аз ту дидем[1] арз.

Кунун ғорат аз тусту хун рехтан,
Ба ҳар ҷой тороҷу овехтан,

Набудӣ чунин пеш аз ин бадкуниш,
Зи нафрин натарсиву аз[2] сарзаниш.

Нигаҳ кун бад-ин,[3] то писанд оядат,
Ба пиронсар ин судманд оядат.

Ҷуз аз ту яке[4] доваре дигар аст,
К-аз андешаи бартарон бартар аст.

Бигӯяд фиристода чизе, ки дид,
Сухан низ к-аз кордонон шунид.

Ҷувонуйи доно зи пеши сарон
Биёмад сӯи дашти найзаварон.

Ба Мунзар сухан[5] гуфту нома бидод,
Суханҳои эрониён кард ёд.

Суханҳош бишнид шоҳи араб,
Ба посух бад-ӯ ҳеҷ накшод лаб.

Чунин гуфт, к- «Эй донишӣ роҳҷӯй.
Сухан з-ин нишон бо шаҳаншоҳ гӯй.

Бигӯ ин ки гуфтӣ ба Баҳромшоҳ,
Чу посух биҷӯӣ,[6] намояд-т роҳ.

Фиристод бо ӯ яке номдор,
Ҷувонуй шуд то дари[7] шаҳрёр.

Чу Баҳромро дид донандамард,
Бар ӯ офаринандаро ёд кард.

1. Л – дорем
2. Л – натарсидиву
3. Л – бубин,
4. Л – зи бар
5. И – чунин
6. Л – шунидӣ,
7. Л – бари

Аз он бурзи болову он ёлу кифт
Фурӯ монд бинодил андар шигифт.

Ҳаме май чакад, гуфтӣ, аз рӯйи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯйи ӯй.

Сухангӯй бедонишу ҳуш[1] гашт,
Паёмаш саросар фаромӯш гашт.

Бидонист Баҳром, к-ӯ хира шуд,
Зи дидор чашму дилаш тира шуд.

Бипурсид бисёру бинвохташ,
Ба хубӣ бари тахт биншохташ.

Чу густох шуд, з-ӯ бипурсид шоҳ,
К-аз Эрон чаро ранҷа гаштӣ ба роҳ?

Аз ин пас бари ранҷ ёбӣ зи мо,
Ҳам огандани ганҷ ёбӣ зи мо».[2]

Фиристод бо ӯ яке пурхирад,
Ки ӯро ба наздики Мунзар барад,

Бигӯяд, ки он[3] нома посух навис,
Ба посух суханҳои фаррух навис.

В-аз он пас нигар, то чӣ дорад паём,
Аз ӯ бишнаву посухаш деҳ тамом.[4]

Биёмад Ҷувонуй суханҳо бигуфт,
Рухи Мунзар аз ройи ӯ баршукуфт.

Чу бишнид аз ӯ марди бино сухун,
Мар он номаро посух афканд бун.

Ҷувонӯйро гуфт, к-«Эй пурхирад,
Ҳар он кас, ки бад кард, кайфар барад.

1. Л – бефарру беҳуш
2. ТПИМ – Суханҳо ҳама гуфту нома бидод,
Паёме, ки оварда буд, кард ёд.
3. Л – Бигӯяш, ки он; И – ин
4. Л – ба ком.

Шунидам ҳама ҳарчи додӣ[1] паём,
В-аз он номдорон,[2] ки кардӣ салом.

Чунин гӯй, к-ин бад кӣ кард аз нахуст,
Ки беҳуда пайкор боист ҷуст?

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр эдар аст,
Ки бофарру бурз асту болашкар аст.

Зи сӯрох чун мор берун кашӣ,
Ҳаме домани хеш дар хун кашӣ.

Гар эдун, ки ман будаме ройзан,
Бар эрониён-бар набудӣ шикан.

Ҷувонӯй рӯи шаҳаншоҳ дид,
В-аз ӯ низ чандин[3] суханҳо шунид[4].

Бипурсид,[5] то шояд ӯ тахтро,
Бузургиву пирӯзиву бахтро.

Зи Мунзар чу бишнид аз ин сон сухун,
Яке равшан андеша афканд бун.

Чунин дод посух, ки: «Эй сарфароз,
Ба доноӣ аз ҳар касе бениёз,[6]

Аз эрониён гар хирад гашта шуд,
Фаровон аз озодагон кушта шуд.

Кунун ман яке номҷӯям куҳан,
Агар бишнавӣ, то бигӯям сухан.

Туро бо шаҳаншоҳ Баҳроми гурд
Ба шодӣ заминро бибояд супурд.

---

1. И – дорӣ
2. И – номдоре,
3. ИЛ – чанде
4. Л – Пас аз б. 475 ин б. омада:
   Бидид андар ӯ некуиву хирад,
   Ки шоҳии Эрон мар ӯро сазад.
5. Л – Бидонист
6. И – ҳар яке

Ба Эрон хиромид бо бозу юз,
Чунон чун бувад шоҳи гетифурӯз.

Шунидӣ[1] суханҳои эрониён,
Ҳамоно зи рафтан[2] наёяд зиён.

Бигӯӣ ту низ он чи андархӯрад,
Хирадмандиву дурӣ[3] аз бехирад.

Зи кирдори бад[4] дур дорӣ маниш,
Напечӣ[5] зи беғораву сарзаниш.

Чу бишнид Мунзар, варо ҳадя дод,
Гусӣ кардаш аз шаҳри обод[6] шод.

## ОМАДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР ҶАҲРАМ ВА РАФТАНИ ЭРОНИЁН БА НАЗДИ Ӯ

Худу шоҳ Баҳром бо ройзан
Нишастанду гуфтанд бе анҷуман.[7]

Гузин кардаш аз тозиён сӣ ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Ба динорашон яксар обод кард,
Сари номдорон пур аз бод кард.

Чу огоҳии он[8] ба Эрон расид,
Ҷувонуй назди далерон расид.

Бузургон аз он кор ғамгин шуданд,
Бари озари поки Барзин шуданд.

Зи Яздон ҳаме хостанд он ки разм
Магар бозгардад ба шодиву базм.

---

1. Л – Шунидан
2. Л – Ҳамон то зи чунбиш
3. Л – Хирадмандӣ омӯзӣ
4. Л – ӯ
5. ИЛ – Бипечӣ
6. Л – он гоҳ аз он шаҳр
7. Л – Пас аз б. 486 ин б. омада:

   Суханшон бар он рост шуд, к-аз Яман
   Ба Эрон хироманд бо анҷуман.
8. Л – ин

Чу Мунзар ба наздики Ҷаҳрам расид,
Бар он дашти беоб лашкар кашид,

Саропарда зад низ Баҳромшоҳ,
Ба гирд андаромад зи ҳар сӯ сипоҳ.

Ба Мунзар чунин гуфт, к- «Эй ройзан,
Ба Ҷаҳрам кашидӣ зи шаҳри Яман.

Кунун ҷанг созем бо гуфтугӯй,[1]
Чу лашкар ба рӯй андароранд[2] рӯй».

Бад-ӯ гуфт Мунзар: «Меҳонро бихон,
Чу оянд пешат, биёрой хон.

Суханҳояшон бишнаву гӯ[3] сухун,
Касе тез гӯяд,[4] ту тезӣ макун,

Биҷӯем, то чистшон дар ниҳон,
Киро хонд хоҳанд шоҳи ҷаҳон?

Чу дониста шуд, чораи он кунем,
Гар осон бувад[5] кина пинҳон кунем.

В-ар эдун дар ин кина ҷанг оваранд,
Бупечанду хӯйи паланг оваранд,

Ман ин дашти Ҷаҳрам чу дарё кунам,
Зи хуршеди тобон Сурайё кунам.

Бар онам, ки бинанд чеҳри туро,
Чунин бурзи болову меҳри туро.

Хирадмандиву рою фарҳанги ту,
Шикебоиву донишу санги ту.

Нахоҳанд ҷуз ту касе тахтро,
Кулаҳрову зебоии бахтро.

1. Л – бегуфтугӯй,
2. Л – овард
3. ИЛ – Сухан гӯю бишнав аз эшон,
4. ИЛ – гардад,
5. Л – Агар бихраданд,

В-ар эдун, ки гум карда доранд роҳ,
Бихоҳанд бурдан ҳаме аз ту гоҳ,

Ману ин саворону шамшери тез,
Барангезам андар ҷаҳон растахез.

Бубинӣ бурӯҳои[1] печони ман,
Фидои ту бодо тану ҷони ман.

Чу бинанд бемар сипоҳи маро,
Ҳамон расму оину роҳи маро.

Се дигар, ки хун рехтан кори мост,
Ҳамон Эзади додгӯ[2] ёри мост.[3]

Касеро ҷуз аз ту нахонанд шоҳ,
Ки шоёни тоҷиву зебои гоҳ.

Зи Мунзар чу шоҳ ин суханҳо шунид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Чу хуршед барзад сар аз теғи кӯҳ,
Радону бузургони Эронгурӯҳ[4]

Пазира шуданро биёростанд,
Яке донишӣ анҷуман хостанд.

Ниҳоданд Баҳромро тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он баҳогир тоҷ.

Нишастан ба оини шоҳаншаҳон
Биёрост, к-ӯ буд шоҳи ҷаҳон.[5]

Зи[6] як дасти Баҳром Мунзар нишаст,
Дигар даст Нӯъмону теғе ба даст.

---

1. Л – инонҳои
2. ИЛ – додгар
3. ТПЗИЛ – Ҳамин подшоҳӣ, ки мероси туст,
   Падар бар падар кард шояд дуруст.
4. И – б. 513 нест.
5. Л – Нишаст ӯ ба оини шоҳаншаҳӣ,
   Биёрост ӯ тоҷу тахти меҳӣ.
6. Л – Ба

Ҳама гирд бар гирди пардасарой
Набуд ҷуз бузургони тозӣ ба ҷой.

Аз эрониён он ки буд покрой,
Биёмад ба даҳлези пардасарой,

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Зи даршон ба овоз бугзоштанд.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ,
Бидиданд зебо яке тоҷу гоҳ.

Ба овоз гуфтанд: «Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!»

Шаҳаншоҳ пурсиду бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

## СУХАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН ДАР БОРАИ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ ВА САР ТОФТАНИ ЭШОН АЗ ОН

Чунин гуфт Баҳром, к- «Эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву солхӯрда сарон,

Падар бар падар подшоҳӣ маровст,
Чаро бахшиш акнун барои шумост?

Ба овоз гуфтанд эрониён,
Ки моро шикебо макун бар зиён!

Нахоҳем яксар ба шоҳӣ туро,
Бару бум моро, сипоҳӣ[1] туро.

К-аз ин тухма пурдоғу дудему[2] дард,
Шабу рӯз бо печишу боди сард».

Чунин гуфт Баҳром, к- «Оре, равост,
Ҳаво бар дили ҳар касе подшост.

1. Л – табоҳӣ
2. Л – гурмему

Маро гар нахоҳед, бе ройи ман
Чаро кас нишонед бар ҷойи ман?»

Чунин гуфт мӯбад, ки аз роҳи дод
На кеҳтар гурезад, на хусравнажод.

Ту аз мо яке бошу шоҳе гузин,
Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.

Се рӯз андар ин кор шуд рӯзгор,
Ки ҷӯянд аз Эрон яке шаҳрёр.

Фурӯзандаи тоҷу тахту камар.
Навиштанд кас номи сад номвар,

Аз ин сад яке номи Баҳром буд,
Ки ӯ подшоҳи[1] дилором буд.

Аз ин[2] сад ба панҷоҳ бозомаданд,
Пур аз чораву пурниёз[3] омаданд.

Зи панҷоҳ Баҳром буд аз нахуст,
Агар ҷуст ҷойи падар, дод ҷуст.

Зи панҷоҳ сиро навиштанд ном,
Гузинони Эрони боному ком.[4]

Зи сӣ низ Баҳром буд пешрав,
Ки ҳам тоҷвар буду ҳам шоҳи нав.

Зи сӣ низ карданд мӯбад чаҳор,
В-аз он чор Баҳром буд шаҳрёр.

Чу танг андаромад зи шоҳӣ сухан,
Зи Эрон ҳар он кас, ки буд ӯ куҳан,

Нахоҳем, гуфтанд, Баҳромро,
Далеру[5] сабуксору[6] худкомро.

---

1. ИЛ – дар подшоҳӣ
2. Л – он
3. Л – бониёз
4. ИЛ – б. 538 нест.
5. Л – Далери
6. сабуксори

Хурӯше баромад миёни сарон,
Дили ҳар касе низ гашт андар он.

Чунин гуфт Мунзар ба эрониён,
Ки хоҳам, ки донам ба суду зиён,

К-аз[1] ин шоҳи носолхӯрда ҷавон
Чароед пурдарду хастаравон?[2]

Бузургон ба посух биёростанд,
Басе хастадил порсӣ хостанд.

Аз Эрон киро хаста буд Яздгирд,
Якояк бар он дашт карданд гирд.

Якеро бурида ду дасту ду пой,
Яке монда бедасту пояш[3] ба ҷой.

Якеро ду дасту ду гӯшу забон,
Бурида шуда чун тани беравон.

Якеро зи тан дур карда ду кифт,
Аз он хастагон монд Нӯъмон шигифт.

Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Мунзар бидид он, баровард хашм.

Ғамӣ гашт аз он кор Баҳром сахт,
Ба хоки падар гуфт, к- «Эй шӯрбахт,

Чаро[4] чашми шодит бардӯхтӣ,
Равонам[5] ба оташ чаро сӯхтӣ?!

---

1. Л – Аз
2. ТПЗ – Ба фарҳанги ӯ дар замин шоҳ нест,
   Ба дидори ӯ бар фалак моҳ нест.
   Хадангаш ба сандон гузора кунад,
   Ба нерӯ ки аз ҷойгаҳ барканад.
   Ба давлат ҷавон асту бо рой пир,
   Ҳунарманду бинодилу ёдгир.
3. Л – Тиҳӣ монда бар ҷою ҷонаш
4. ИЛ – Агар
5. Л – Равонро

Ҷаҳонҷӯй Мунзар ба Баҳром гуфт,
Ки ин бад бар эшон нашояд[1] нуҳуфт.

Суханҳо шунидӣ ту, посух гузор,
Ки кундӣ на хуб ояд аз шаҳрёр

## СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН АЗ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ

Чунин гуфт Баҳром, к-«Эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву коркарда[2] сарон,

Ҳама рост гуфтеду[3] з-ин[4] бадтар аст,
Падарро накӯҳиш кунам[5] дарх(в)ар аст.

Аз ин чошнӣ ҳаст наздики ман,
Аз ӯ тира шуд ройи борики ман.

Ки айвони ӯ буд зиндони ман,
Чу бахшоиш овард Яздони ман,

Раҳонида Тайнушам аз дасти ӯй,
Бишуд хаста коми ман аз шасти ӯй.

Аз он кардаам дашти[6] Мунзар паноҳ,
Ки ҳаргиз надидам навозиш зи шоҳ.

Бад-он хӯ мабодо, ки мардум бувад,
Чу бошад, пайи мардумӣ гум бувад.

Сипосам зи Яздон, ки додам хирад,
Равонам ҳаме аз хирад бар хӯрад.

Зи Яздон ҳаме хостам то кунун,
Ки бошад ба хубӣ маро раҳнамун,

Ки то ҳар чӣ бо мардумон кард шоҳ,
Бишӯем мо ҷону дил з-он гуноҳ.

1. Л – набояд
2. И – Ҷаҳонгаштаву кордида
3. Л – гуфтанду
4. И – гуфтанду ин
5. И – кунун
6. Л – дасти

Таносониву дод ҷӯям ҳама,
Шубон бошаму зердастон рама.

Ба коми дили зердастон зиям,
Бар оини яздонпарастон зиям.

Маниш ҳасту фарҳангу рою ҳунар,
Надорад ҳунар шоҳи бедодгар.

Лаимиву каҷҷӣ зи бечорагист,
Ба бедодгар-бар бибояд гирист.

Падар бар падар подшоҳӣ марост,
Хирадмандиву некхоҳӣ марост.

Зи Шопури Баҳром то Ардашер
Ҳама шаҳриёрони барнову пир

Падар бар падар-бар ниёи мананд,
Ба дину хирад раҳнамои мананд.[1]

Зи модар набера Шамироншаҳам,
Зи ҳамгаҳварӣ[2] бо хирад ҳамраҳам.[3]

Ҳунар ҳам, хирад ҳам, бузургим ҳаст,
Савориву мардиву нерӯи даст.

Касеро надорам[4] зи мардон ба мард
Ба разму ба базму ба[5] ҳар коркард.

Нуҳуфта маро ганҷи оганда ҳаст,
Ҳамон номдорони хусравпараст.

Ҷаҳон яксар обод дорам ба дод,
Шумо яксар аз дод бошед шод».

1. И – б. 572 нест.
2. Л – ҳар гавҳаре
3. И – б. 573 нест.
4. И – надонам
5. И – зи разму зи базму зи

## ПАЙМОН КАРДАНИ ЭРОНИЁН БО БАҲРОМ ДАР БОРАИ ПОДШОҲӢ БА ШАРТИ БАРДОШТАНИ ТОҶ АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Яке бо шумо боз паймон кунам,
Забонро ба Яздон гаравгон кунам.

Биёрем шоҳаншаҳӣ тахти оҷ,
Бараш барниҳем ин гаронмоя[1] тоҷ.

Зи беша ду шери жаён оварем,
Ҳамон тоҷро дар миён оварем.

Бубандем шери жаён бар ду сӯй,[2]
Касеро, ки шоҳӣ кунад орзуй,[3]

Шавад, тоҷ баргирад аз тахти оҷ,
Ба сар барниҳад номбардор тоҷ.

Ба шоҳӣ нишинад миёни ду шер,
Миён шоҳу тоҷ аз бару тахт зер.

Ҷуз ӯро нахоҳем[4] кас подшо,
Агар додгар бошаду порсо.

В-агар з-ин, ки гуфтам, битобед ёл,
Гузинед гарданкашеро ҳамол,[5]

Ману Мунзару гурзу шамшери тез,
Надонанд гурдони тозӣ гурез.

Барорем гард аз шаҳаншоҳатон,
Сарафшон кунем аз бари моҳатон,

Бигуфтам, шумо низ[6] посух диҳед,
Бад-ин доварӣ ройи фаррух ниҳед».

---

1. Л – Бисозем дайҳиму бар сар-ш;
   И – тангу бар сар-ш бинҳем.
2. Л – сӯ,
3. Л – ӯ.
4. ИЛ – нахонем
5. ТП – Ба ҷое ки чун ман бувад пешрав,
   Синони саворон бувад хору хав.
6. Л – кунун ин ки гуфтем,

Бигуфт ину бархост, дар хайма шуд,
Ҷаҳоне зи гуфтораш осема шуд.

Ба Эрон раду мӯбаду ҳар кӣ буд,
Ки гуфтори он шоҳи доно шунуд.

Бигуфтанд, к-«Ин фарраи эздист,
На аз роҳи кажживу нобихрадист.

Нагӯяд ҳаме як сухан ҷуз ба дод,
Сазад, гар дил аз од дорем шод.

Кунун он чи гуфт ӯ зи шери жаён,
Ҳамон[1] тахту тоҷи кайӣ дар миён.

Гар ӯро бидарранд шерони нар,
Зи хунаш напурсад зи мо додгар.

Чу худ гуфту ин ройро[2] худ ниҳод,
Ҳамон гар бимирад, бибошем[3] шод.

В-ар эдун куҷо тоҷ бардорад ӯй,
Ба фарр аз Фаридун гузар дорад ӯй,

Ҷуз аз шаҳриёраш нахоҳем[4] кас,
Зи гуфторҳо дод додему[5] бас».

## ТОҶ БАРДОШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Гузашт он шабу бомдоди[6] пагоҳ
Биёмад, нишаст аз бари гоҳ шоҳ.

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Зи рӯзи гузашта фаровон биронд.

1. И – Яке
2. И – расм бар
3. И – Ҳамоно ба маргаш набошем
   Л – Сазад, гар ба маргаш набошем.
4. Л – нахонем
5. Л – дорему
6. И – бомдодон

Ба овоз гуфтанд пас мӯбадон,
Ки «Эй шоҳи донотар аз бихрадон,

Ба шоҳаншаҳӣ-дар чӣ пеш оварӣ,
Чу гирӣ ба мардиву[1] кундоварӣ?

Чӣ пеш орӣ аз доду аз ростӣ,
К-аз он гум шавад кажживу костӣ?»

Чунин дод посух ба фарзонагон,
Бад-он номдорону мардонагон,

Ки «Бахшиш бияфзоям аз гуфтугӯй,
Бикоҳам зи бедодиву ҷустуҷӯй.

Касеро кучо подшоҳӣ сазост,
Заминро бар эшон бубахшем рост.

Кеҳонро бидорам ба рою ба дод,
Чу эмин кунам, бошам аз дод шод.

Касеро, ки дарвеш бошад ҳаниз,
Зи ганҷи ниҳода бубахшем чиз.

Гунаҳкардаро панд пеш оварем,
Чу дигар кунад, банд пеш оварем.

Сипаҳро ба ҳангом рӯзӣ диҳем,
Хирадмандро дилфурӯзӣ диҳем.

Ҳамон рост дорем дил[2] бо забон,
Зи кажживу торӣ бупечам равон.

Касе к-ӯ бимирад, набошад-ш хеш,
В-аз ӯ чиз монад зи андоза беш,

Ба дарвеш бахшам, наёрам ба ганҷ,
Набандам дил андар сарои сипанҷ.

Ҳама рой бо кордонон занам,
Ба тадбир пушти ҳаво бишканам.

1. ИЛ – баландиву
2. ИЛ – дорам дилам

Зи дастур пурсем яксар сухун,
Чу кори нав афканд хоҳем бун.

Касе к-ӯ ҳаме дод хоҳад зи ман,
Наҷӯям парогандани анҷуман.

Диҳам доди он кас, ки ӯ дод хост,
Ба чизе наронам сухан[1] ҷуз ба рост.

Мукофот созам бадонро зи[2] бад,
Чунон к-аз раҳи шаҳрёрон сазад.

Бад-ин покяздон гувои ман аст,
Хирад бар[3] забон кадхудои ман аст».

Ҳамон мӯбадонмӯбаду[4] бихрадон,
Бузургону корозмуда[5] радон.

Ба овоз гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сарафкандаем».

Пас он гаҳ чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Эй бихрадони намояндароҳ,[6]

Бар ин кор агар сол сад[7] бугзарад,
Напечам зи гуфтор ҷону хирад.

Зи мерос безораму[8] тоҷу тахт,
В-аз он пас нишинем[9] бар шӯрбахт».

Шуниданд аз ӯ ин сухан мӯбадон,[10]
Бузургону бедордил бихрадон.[11]

Зи гуфти гузашта пушаймон шуданд,
Гунаҳкардагон сӯи дармон шуданд.

1. ИЛ – забон
2. Л – ба
3. Л – бо
4. Л – Ҳама мӯбадон в-он ки буд
5. Л – Писандидаву коркарда
6. ИЛ – б. 620, 621 нест.
7. Л – як сол агар
8. И – бинвозаму
9. И – нашинам. Л – нишастем
10. Л – Сухан чун шуниданд аз ӯ бихрадон,
11. Л – мӯбадон,

Ба овоз гуфтанд, як бо дигар,
Ки «Шоҳе бувад з-ӯ[1] сазовортар?

Ба мардиву гуфтору рою нажод
Аз ин поктар дар ҷаҳон кас назод.[2]

Зи дод офаридаст Эзад варо,
Мабодо, ки коре бувад[3] бад варо.

Ҳама некуиҳо биёбем аз ӯй,
Ба хӯрду ба шодӣ дарорем[4] рӯй.

Ба гуфтор агар ҳеҷ тоб оварем,
Хирадро ҳаме[5] сар ба хоб оварем.

Бад-ин бурзи болову ин шоху ёл[6]
Ба гетӣ касе нест вайро ҳамол.[7]

Агар худ бигирад сари гоҳи хеш,
Ба гетӣ кӣ бошад зи Баҳром беш?

Аз ин пас зи эрониёнаш чӣ бок,
Чи мо пеши ӯ-дар,[8] чи як мушт хок?»

Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй фарраманд,
Ба шоҳӣ туӣ ҷони моро писанд.

Надонист мардум[9] ҳунарҳои ту,
На гуфтору на[10] донишу ройи ту.

Чу Хусрав, ки буд аз нажоди Пашин,[11]
Ба шоҳӣ бар ӯ хондем[12] офарин.

---

1. ИЛ – з-ин
2. И – мабод.
3. Л – Расад
4. Л – Ба дод андар орем
5. И – ҳама
6. И – бол
7. ТПЗЛ – Паси пушти ӯ лашкари тозиён,
   Чу Мунзар-ш ёвар ба суду зиён.
8. И – ӯву
9. ИЛ- кас- дар
10. ИЛ – Ба покӣ тану
11. Л- ки ҳасташ ба покӣ нишин,
12. Л – хонданд

Ҳама зери савганду банди[1] ваем,
Ба савганд зери[2] газанди ваем.

Гар ӯ з-ин сипас шоҳи Эрон бувад,
Ҳама марз дар ҷанг вайрон бувад.

Гурӯҳе ба Баҳром бошанд шод,
Зи Хусрав дигар нима[3] гиранд ёд.

Зи дод он чунон беҳ, ки паймони туст,
В-аз он пас ҷаҳон зери фармони туст.

Баҳона ҳамон шерҷанг асту[4] бас,
В-аз он пас бузургӣ наҷӯянд кас.

Бад-он гашт Баҳром ҳамдостон,
Ки худ оварид ончунон достон.

Чунин[5] буд оини шоҳони род,[6]
Ки чун нав[7] бувад шоҳи фаррухнажод,

Бари ӯ шудӣ мӯбади мӯбадон,
Бибурдӣ се бинодил аз бихрадон.

Ҳам ӯ[8] шоҳ бар гоҳ биншондӣ,
Бар он тахт[9]-бар[10] офарин хондӣ.

Бибурдӣ ба наздики ӯ тоҷи зар,
Аз ӯ ёфтӣ зебу оину фар.[11]

Ниҳодӣ кулоҳи каӣ[12] бар сараш,
Бисудӣ ба шодӣ ду рух бар бараш.

1. Л – панди
2. Л- Бигӯяд, ки андар
3. Л – тоза
4. И- ҳамин шери ҷангист,
5. Л- Чунон
6. Л- дод,
7. Л- ӯ
8. ИЛ – Хаму
9. Л – тоҷ
10. И-тоҷу ӯ
11. ИЛ – б. 646 нест.
12. ИЛ – ба номи каён

В-аз он пас ҳар он кас, ки бурдӣ нисор,
Ба хоҳанда додӣ ҳама шаҳрёр.

Ба мӯбад супурданд пас тоҷу тахт,
Ба ҳомун шуд аз шаҳр бедорбахт.[1]

Ду шери жаён дошт Густаҳми гурд,
Ба занҷир баста, ба мӯбад супурд.

Бибурданд шерони ҷангӣ кашон,
Кашанда шуд аз бим чун беҳушон,

Бубастанд бар пояи тахти оҷ,
Ниҳоданд бар гӯшаи оҷ тоҷ.

Ҷаҳоне назора бар он тоҷу тахт,
Ки то чун бувад кори пирӯзбахт.[2]

## РАФТАНИ БАҲРОМ ВА ХУСРАВ БА ҲОМУН ВА КУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО ВА БАР ТАХТ НИШАСТАН

Чу Баҳрому Хусрав ба ҳомун шуданд,
Бари шер бо дил пур аз хун шуданд.

Чу Хусрав бидид он ду шери жаён,
Ниҳода яке афсар андар миён.

Бад –он мӯбадон гуфт: «Тоҷ аз нахуст
Сазовори он шуд, ки шоҳӣ биҷуст.

Ва дигар, ки ман пираму ӯ ҷавон,
Ба ҷанголи шери жаён нотавон,

Бад-ин кор ӯ[3] пешдастӣ кунад,[4]
Зи[5] барноиву тандурустӣ кунад.

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – «Оре, равост,
Ниҳонӣ надорем гуфтори рост.

1. И – он шоҳи пирӯзбахт.
2. ИЛ – он некбахт.
3. Л- Бар ин бад гар ӯ
4. И – Бар ин бар гар ӯ шердастӣ
5. ИЛ – Ба

Яке гурзаи говсар баргирифт,
Ҷаҳоне бад – ӯ монда андар шигифт.

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки эй подшо,
Хирадманду бодонишу порсо,

Ҳаме ҷанги шерон кӣ фармоядат,
Ба ҷуз[1] подшоҳӣ чӣ афзоядат?

Ту ҷон аз пайи подшоҳӣ мадеҳ,
Танатро ба хира табоҳӣ[2] мадеҳ.

Ҳама бегуноҳему ин кори туст,
Ҷаҳонро ҳама дил ба бозори туст».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй динпажӯҳ,
Ту з – ин бегуноҳиву дигар гурӯҳ.

Ҳамоварди ин наррашерон манам,
Харидори ҷанги далерон манам».

Бад – ӯ гуфт мӯбад: «Ба[3] Яздон паноҳ,
Чу рафтӣ, дилатро бишуй аз гуноҳ».

Чунон кард, к – ӯ гуфт Баҳромшоҳ,
Дилаш пок шуд, тавба кард аз гуноҳ.[4]

Ҳаме рафт бо гурзаи говрӯй,
Чу диданд шерони пархошҷӯй,

---

1. Л – Ҷуз аз
2. Л – Хӯриш бебаҳона ба моҳӣ
3. И – Ки
4. Л- б. 668 нест. ТПЗ:

   Ба оби равон шуд, сару тан бишуст,
   Бар он дашт ҷойи ниёиш биҷуст.
   Ниёишкунон пеши Яздони пок
   Ду рух барниҳода бари тирахок,
   Ба Яздон чунин гуфт, к – Эй Кирдгор,
   Ту пирӯз кун бандагонро ба кор.
   Агар банда з – ин дод ҷӯяд ҳаме,
   Кӣ аз бад ҷаҳонро бишӯяд ҳаме?
   Дар ин ҷанг ҷонам шикебо кунӣ,
   Абар нарраширон тавоно кунӣ.
   В- аз он ҷо биёмад хирадманд шоҳ,
   Ниҳод он гаҳе рӯйро сӯи роҳ.

Яке зуд занҷир бугсисту банд,
Биёмад бари шаҳрёри баланд,[1]

Бизад бар сараш гурз Баҳроми гурд,
Зи чашмаш ҳама равшаноӣ бибурд.

Бари дигар омад, бизад бар сараш,
Фурӯ рехт аз[2] дида хун бар бараш.

Ҷаҳондор биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Бишуд Хусраву бурд пешаш намоз,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи гарданфароз,

Нишасти ту бар гоҳ фархунда бод,
Ялони ҷаҳон пеши ту банда бод!

Ту шоҳиву мо бандагони туем,
Ба хубӣ физояндагони туем.

Ба яздон панохем, к – ӯ буд паноҳ,
Намояндаи роҳи гумкардароҳ.»[3]

Бузургон бар ӯ гавҳар афшонданд,
Бар он тоҷи нав офарин хонданд.

Зи гетӣ баромад саросар хурӯш,
Ба озар буд, ин ҷашни рӯзи сурӯш.[4]

Баромад яке абру шуд тирамоҳ,
Ҳаме барф борид аз[5] абри сиёҳ.

---

1. И – б. 670 нест.
2. И – бо
3. Л – б. 627 нест.
4. ТПЗЛ – Ки Баҳром бигрифт шоҳаншаҳӣ,
   Беҳӣ ҷуст аз он тахту он фарраҳӣ.
5. ИЛ – тир борид

На дарё падид асту на дашту[1] роғ,
Набинам ҳаме бар ҳаво парри[2] зоғ.[3]

Намондам намаксуду ҳезум, на ҷав,
На чизе падид аст то ҷавдарав.

Бад – ин тирагӣ рӯзу ҳавли хироҷ
Замин гашта аз барф чун кӯҳи оҷ.

Ҳама корҳо шуд сар андар нишеб,
Магар даст гирад ба чизе[4] ҳабиб.

Кунун достоне бигӯям шагифт,
К – аз он бартар андоза натвон гирифт.

---

1. ИЛ – падиду на дашту на
2. И – На андар ҳаво ҳаст парвози
3. ТПЗИЛ – Ҳавосил фишонад ҳаме*ҳар замон,
   Чӣ созад ҳаме ин баланд осмон?
   * Ҷавохирарищон шуд ҳаво
4. И – Худои; И – Ҳусайни

# ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР

*Шасту се сол буд*

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ БАР ТАХТ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН ВА НОМАҲО БАР МЕҲТАРӢ НАВИШТАН

Чу бар тахт биншаст Баҳроми Гӯр,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонд[1] ҳур.

Парастиш гирифт офаринандаро,
Ҷаҳондори бедори бинандаро.

Худованди пирӯзиву бартарӣ,
Худованди афзуниву камтарӣ.[2]

Аз он пас чунин гуфт, к – «Ин тоҷу тахт
Аз он ёфтам, к – офаридаст бахт.

Бад-ӯ дорам уммеду з - ӯям[3] ҳарос,
В- аз ӯ дорам аз некуиҳо сипос.

Шумо ҳам бад – ӯ низ нозиш[4] кунед,
Бикӯшед, то аҳди ӯ нашканед».

Забон баркушоданд эрониён,
Ки «Бастем мо бандагиро миён,

Ки ин тоҷ бар[5] шоҳ фархунда бод,
Ҳамеша дилу бахти ӯ зинда бод!

В-аз он пас куҷо офарин хонданд,
Ҳама пеши ӯ гавҳар афшонданд.[6]

---

1. И – Бар ӯ офарин кард кайвону
2. ТПЛМ – Худованди доду Худованди рой,
   Худованди рӯзидеҳи раҳнамой.
   И – ҷавоҳирфишон шуд ҳаво
3. И – Бад- ӯям умед аст, аз – ӯям
4. Л – бар ин нозиш афзун
5. И – тахтро
6. И – Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд.

Чунин гуфт Баҳром: «Эй[1] саркашон,
Зи неку бади рӯз дида нишон.

Ҳама бандагонему Эзад якест,
Парастиш ҷуз ӯро сазовор нест.

Зи бадрӯз бебим дорематон,
Ба бадхоҳ ҳоҷат наёрематон».

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Бар ӯ офарини нав оростанд.

Шаби тира буданд богуфтугӯй,
Чу хуршед бар чарх бинмуд рӯй,

Ба ором биншаст бар гоҳ шоҳ,
Бирафтанд эрониён борхоҳ.

Чунин гуфт Баҳром бо меҳтарон,
Ки «Эй номдорону[2] некхатарон,

Ба Яздон гироему ромиш кунем,
Нанозему дил аз ҷаҳон[3] барканем».

Бигуфт ину аспи гавон хостанд,
Кайи боргоҳаш биёростанд.

Се дигар чу биншаст бар тахт, гуфт,
Ки «Расми парастиш набояд нуҳуфт,

Ба ҳастии Яздон гувоӣ диҳем,
Равонро ба дин[4] ошноӣ[5] диҳем.

Биҳишт асту ҳам дӯзаху растахез,
Зи неку зи бад нест моро гурез.

Касе к-ӯ нагарвад ба рӯзи шумор,
Мар ӯро ту бодину доно[6] мадор.

---

1. ИЛ – к-«Эй
2. И – номҷӯёну
3. Л – Бинозем, дил з – ин ҷаҳон
4. Л – бад он
5. И – раҳу рӯшноӣ
6. ? – дониш

Ба рӯзи чаҳорум чу бар тахти оҷ
Ба сар барниҳод он писандида тоҷ,

Чунин гуфт, к-«Аз ганҷ ман як замон
Наям шод, к- аз мардумам шодмон.

Наям хостори сарои сипанҷ,
На аз бозгаштан ба тимору ранҷ.

Ки он аст ҷовиду ин [1] раҳгузар,
Ту аз он парҳезу[2] андӯҳ мах(в)ар».

Ва панҷум чунин гуфт, к-«Аз ранҷи кас
Наям шод, то бошадам дастрас.

Ба кӯшиш биҷӯем хуррабиҳишт,
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ накишт».

Шашум, гуфт, «бар мардуми зердаст
Мабодо, ки ҷӯем ҳаргиз шикаст,

Сипаҳро зи душман таносон кунем,
Бадандешагонро ҳаросон кунем».

Ба ҳафтум чу биншаст, гуфт: «Эй меҳон,
Хирадманду бедору дидаҷаҳон.

Чу бо мардуми зуфт зуфтӣ кунем,
Ҳама бо хирадманд ҷуфтӣ кунем,

Ҳар он кас ки бо мо насозанд гарм,
Бадӣ беш аз он бинад ӯ, к – аз падарм.

Ҳар он кас, ки фармони мо баргузид,
Ғаму дарду ранҷаш набояд чашид».

Ба ҳаштум, чу биншаст, фармуд шоҳ,
Ҷавонуйро хонд з-он боргоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Наздики ҳар меҳтаре,
Ба ҳар номдореву ҳар кишваре

1. Л – аз ин
2. Л – ту з – он бар хӯр, эй роду

Яке нома бинвис ба меҳру ба дод,
Ки Баҳром бар тахт биншаст шод.

Худованди бахшоишу ростӣ,
Гурезанда аз кажживу костӣ,

Ки бофарру бурз асту бомеҳру дод,
Нагирад ҷуз аз покдодор ёд.

Пазируфтам онро, ки фармон барад,
Гуноҳ он бисечад, ки дармон барад.

Нишастам бари тахти фаррух падар
Бар оини Таҳмураси додгар.

Ҷуз аз ростӣ нест бо ҳар касе,
Агарчанд[1] аз ӯ кажжӣ ояд басе.

Ба дод аз ниёкон фузунӣ кунам,[2]
Шуморо бад – ин раҳнамунӣ кунам.[3]

Бар он дини Зардушт пайғамбарам,
Зи ройи ниёкони худ нагзарам.

Ниҳам[4] дини Зардушти пешин ба рӯй,[5]
Бироҳим пайғамбари ростгӯй.[6]

Ҳама подшоҳед бар мони хеш,
Нигаҳбони марзу нигаҳдори кеш.

Ба фарзанду зан бар ҳамон подшо,
Хунук мардуми зираки порсо.

Нахоҳем оганд мо[7] зар ба ганҷ,
Ки аз ганҷ дарвеш монад ба ранҷ.

---

1. ИЛ – Агарчи
2. Л – кунем,
3. Л – кунем.
4. Л – Араб
5. Л – буд ӯй,
6. Л – роҳҷӯй: И – б. 45 нест.
7. ИЛ – огандани

Гар Эзад маро зиндагонӣ диҳад,
В-аз он[1] ахтарон безиёнӣ диҳад.

Яке ромиши нома хонед[2] низ,
К-аз он ҷовидон арҷ ёбеду[3] чиз.

Зи мо бар ҳама подшоҳе[4] дуруд,
Бавижа, ки меҳраш[5] бувад тору пуд.

Ниҳоданд бар номаҳо-бар нигин,
Фиристодагон хост боофарин.

Бирафтанд бо номаҳо мӯбадон,
Саворони бинодилу бихрадон.

## ПАДРУД ГУФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР МУНЗАР ВА НӮЪМОНРО ВА БАХШИДАНИ БОЖИ БОҚӢ БО ЭРОНИЁН

Дигар рӯз чун бардамид офтоб.
Биполуд[6] кӯҳу биёлуд[7] хоб.

Ба наздики Мунзар шуданд ин[8] гурӯҳ,
Ки Баҳром аз эшон ҳаме буд[9] сутӯҳ,

Ки хоҳишгарӣ кун ба наздики шоҳ,
Зи кирдори мо то бубахшад гуноҳ

Ки чунон шудем аз бади Яздгурд,
Ки хун дар дили номдорон фусурд.

Зи бас зишт кирдору гуфтори ӯй,
Зи бедодиву[10] дарду озори ӯй.

---

1. Л – В – аз ин
2. Л – ҷашн хонанд
3. Л – ёбанду
4. ИЛ – подшоҳон
5. И – додаш
6. Л – Бимолид
7. И – Биболид рӯзу биболид
8. Л – он
9. Л – ба ҷон буд
10. Л – бедориву

Дили мо зи Баҳром аз он буд сард,
К-аз он шоҳ будем яксар ба дард.

Бишуд Мунзару шоҳро кард нарм,
Бигустурд пешаш суханҳои гарм.

Бубахшид, агаршон басе[1] буд гуноҳ,
Ки богавҳару додгар буд шоҳ.

Биёрост айвони шоҳаншаҳӣ,
Бирафт, он ки будаш беҳиву меҳӣ.

Чу ҷойи бузургӣ[2] бипардохтанд,
Киро буд шоиста, биншохтанд,

Дувум рӯз рафтанд дигар[3] гурӯҳ,
Замоне[4] зи хӯрдан наёмад[5] сутӯҳ.

Ба се рӯз ҷашну маю сур буд,
Ғам аз кохи шоҳи ҷаҳон дур буд.

Бигуфт он, ки Нӯъмону Мунзар чӣ кард
Зи баҳри ман ин покзода ду мард.

Ҳама меҳтарон хонданд офарин
Бар он дашти ободу мардони кин.

В-аз он пас дари ганҷ букшод шоҳ,
Ба динору дебо биёрост гоҳ.

Ба аспу ситому ба хафтони ҷанг,
Зи бӯву зи ҳар гавҳаре ранг – ранг

Саросар ба Нӯъмону Мунзар супурд,
Ҷувонӯй рафт, он бад-эшон шумурд.

Кас андозаи бахшиши ӯ надошт,
Ҳамон тоб[6] бо кӯшиши ӯ надошт.

---

1. Л – агарчандашон
2. И – бузургон
3. И – Дигар рӯз рафтанд яксар; Л – яксар
4. Л – Сипаҳбуд
5. И – Зи хӯрдан наёмад сипаҳбад
6. Л – тов

Ҳамон тозиёнро басе[1] ҳадя дод,
Аз айвони шоҳӣ бирафтанд шод.

Биёвард пас хилъати[2] хусравӣ,
Ҳамон аспу ҳам ҷомаи паҳлавӣ.[3]

Ба Хусрав супурданд, бинвохташ
Бари гоҳи фархунда биншохташ.

Шаҳаншаҳ зи Хусрав ба Нарсӣ расид,
Зи тахт андаромад, ба курсӣ расид.

Бародар-ш буд якдилу якзабон,
Аз ӯ камтар он номдори ҷавон.

Варо паҳлавон кард бар лашкараш,
Бад-он то ба оин бувад кишвараш.

Сипаҳро саросар ба Нарсӣ супурд,
Ба бахшиш ҳама подшоҳӣ[4] бибурд.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипоҳаш зи динор гаштанд шод.

Бифармуд пас, то Гушаспи дабир
Биёмад бари шоҳи мардумпазир.

Ҷувонуйи бедор бо ӯ ба ҳам,
Ки наздики ӯ буд шумори дирам,

Зи боқӣ,[5] ки буд назди[6] эрониён
Бифармуд, то бугсилад аз миён.

Дабирони доно ба девон шуданд,
Зи баҳри дирам пеши кайвон шуданд.

1. И – зару
2. Л – бас ҳоҷиви
3. И – ба ҷои б. 74
ин б. омада:
Биёвард пас аспи зарринситом,
Ҳамон тавқ бо теғи зарринниём.
4. И – номи некӣ
5. Л – Зиёне
6. И – пеши

Ки ӯ буд доно бад-он рӯзгор,
Шумори ҷаҳон[1] дошт андар канор.[2]

Зи боқӣ,[3] ки шуд дар ҷаҳон сарбасар,
Ҳама баргирифтанд як бо дигар.

Навад бору се бор карда шумор,
Ба айвон дирам буд ҳазорон-ҳазор.

Бубахшиду айвон[4] бар оташ ниҳод,
Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ буд[5] шод.

Чу огоҳ шуд з-он сухан ҳар касе,
Ҳаме офарин хонд ҳар кас басе.

Бирафтанд яксар ба оташкада,
Ба айвони Наврӯзу ҷашни сада.

Ҳама[6] мушк бар оташ афшонданд,
Ба Баҳром – бар[7] офарин хонданд.

В-аз он пас фиристод корогаҳон,
Бад-он[8] то бигарданд гирди ҷаҳон,

Касеро куҷо ронда буд Яздгирд,
Биҷусту ба як шаҳрашон кард гирд.

Бад-он то шавад номаи шаҳрёр,
Ки озодагонро кунад хостгор.

Фиристод хилъат ба ҳар меҳтаре,
Бубахшид бо бадрашон[9] кишваре.

Раду мӯбаду марзбон[10] ҳар кӣ буд,
Ки овози Баҳром аз он сон шунуд,[11]

1. И – дирам
2. Л – шумор.
3. Л – Зиёне
4. И – девон; Л – Бубахшид девон,
5. ИЛ – аз он гашт
6. Л – Ҳаме.
7. Л – шаҳ
8. Л – Яке
9. ИЛ – б – андозашон
10. И – паҳлавон
11. И – Ки ӯро зи Баҳром з – он сон ба суд.

Саросар ба даргоҳи ӯ[1] омаданд,
Кушодадилу тозарӯ[2] омаданд.

Бифармуд, то ҳар кӣ буд додҷӯй,[3]
Сӯи мӯбадон мӯбад овард[4] рӯй.[5]

Чу фармонаш омад ба[6] гетӣ ба ҷой,
Мунодигаре кард бар дар ба пой,

Ки «Эй зердастони бедори шоҳ,
Зи ғам дур бошеду дур аз гуноҳ.

В-аз он пас бар он кас кунед офарин,
Ки аз додаш обод бошад замин.

Зи гетӣ ба Яздон паноҳеду бас,
Ки доранда ӯясту фарёдрас.

Ҳар он кас, ки бугзид фармони мо,
Напечад сар аз роҳу паймони мо.

Бар ӯ некуиҳо ба[7] афзун кунем,
Зи дил кинаву оз[8] берун кунем.

Ҳар он кас, ки аз дод бугрезад ӯй,
Ба бодафраи мо[9] даровезад[10] ӯй.

Гар эдун, ки нерӯ диҳад Кирдгор,
Ба коми дили мо бувад рӯзгор.

Ба ин некуиҳо физоиш бувад,
Шуморо бари мо ситоиш бувад.

Ҳама шаҳри Эрон ба гуфтори ӯй
Бирафтанд шодону дил[11] роҳҷӯй.

---

1. - шоҳ; Л – даргоҳ боз
2. И – некхоҳ; Л – рӯйбоз
3. Л – чорачӯй,
4. Л – оранд
5. И – б. 98 – нест.
6. Л – зи
7. И – бар
8. И – дард
9. И – бар
10. Л – то биёвезад
11. Л – бо

Бад-он гаҳ, ки шуд подшоҳиш рост,
Фузун гашт[1] шодиву андӯҳ бикост.[2]

Ҳама базму нахчир буд кори ӯй,
В-агар[3] аспу майдону чавгону[4] гӯй.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ЛАНБАКИ ОБКАШ

Чунон буд, ки рӯзе ба нахчири шер
Ҳаме рафт бо чанд гурди далер.

Бишуд пирмарде асое ба даст,
Бад-ӯ [5] гуфт, к-«Эй шоҳи яздонпараст,

Ду марданд, шоҳо, бад-ин шаҳри мо,
Яке бонаво, дигаре бенаво.[6]

Бироҳом мардест пурсиму зар,
Ҷуҳуде фиребандае бадгуҳар.[7]

Ба озодагӣ[8] Ланбаки Обкаш,
Ба ороиши хону гуфтори х(в)аш.

Бипурсид аз ин,[9] меҳтарон, к - эй[10] киянд,
Зи гуфтори ин пирсар[11] бар чиянд?»

Чунин гуфт бо ӯ яке порсо
Ки «Эй номвар, богуҳар подшо,

Сақоест ин Ланбаки Обкаш,
Ҷавонмарду бо хону гуфтори[12] х(в)аш.

---

1. И – Бияфзуд
2. И – кост.
3. ИЛ – Дигар
4. Л – чавгону майдону
5. И – Чунин
6. ИЛ – б. 113 – нест.
7. ИЛ – бадҳунар.
8. Л – озодии
9. И – он
10. И – к – ин
11. И – гуфтору кирдори ӯ
12. И – Ба хубиву гуфтору кирдори

Ба як нимрӯз[1] об дорад нигоҳ,
Дигар нима меҳмон биҷӯяд ба роҳ.

Намонад ба фардо аз имрӯз чиз,
Нахоҳад, ки дар хона монад-ш низ.

Бироҳоми бебар ҷуҳудест зуфт,
Куҷо зуфтии ӯ нашояд нуҳуфт.

Дирам дораду ганҷу динор низ,
Ҳамон фарши дебову ҳар гуна чиз.[2]

Мунодигареро бифармуд шоҳ,
Ки рав, бонг зан пеши бозоргоҳ,

Ки ҳар кас, к-аз ин[3] Ланбаки Обкаш
Хирад[4] оби хӯрдан, набошад-ш х (в) аш».

Ҳаме буд то зард гашт офтоб,
Нишаст аз бари бораи зудёб.

Сӯи хонаи Ланбак омад чу бод,
Бизад ҳалқа бар чӯбу овоз дод:

«Манам саркаше, - гуфт,[5] - аз эронсипоҳ,
Чу шаб тира шуд, боз[6]мондам зи роҳ.

Бад-ин хона имшаб дирангам диҳӣ,
Ҳама мардумӣ бошаду фарраҳӣ».

Бишуд шод Ланбак зи овози ӯ,[7]
В – аз он хуб гуфтори дамсози ӯ,[8]

Бад – ӯ гуфт: «Зуд андар о,[9] эй савор,
Ки хушнуд бодо зи ту шаҳрёр.

---

1. И – Яке нимарӯз
2. ТПМ – Набинад касе нони ӯро ба чашм,
Ҳамеша зи меҳмон бувад пур зи хашм.
3. ИЛ – ки аз
4. Л – Хӯрад
5. Л – Ки ман саркашеам.
6. Л – шуд тира шаб, дур
7. Л – аз овози ӯй; И – ӯй,
8. ИЛ – ӯй.
9. Л – ой,

Агар бо ту даҳ тан будӣ, беҳ будӣ,
Ҳама бар сарам як ба як меҳ будӣ».

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт он бора Ланбак нигоҳ.

Бимолид шодон ба чизе танаш,
Яке ришта бинҳод бар гарданаш.

Чу биншаст Баҳром, Ланбак давид,
Яке хуб шатранҷ[1] пеш оварид.

Яке чорае сохт дар[2] х(в)арданӣ,
Биёвард ҳар гуна оварданӣ[3].

Ба Баҳром гуфт: «Эй гаронмоя мард,
Бинеҳ мӯҳр, ёрӣ[4] кун аз баҳри х(в)ард.[5]

Чу нон хӯрда шуд, мизбон дар замон
Биёвард як ҷоми май шодмон.

Аҷаб монд шоҳ аз чунон ҷашни ӯ[6]
Аз он чарб гуфтору он тоза рӯ.[7]

Бихуфт он шабу бомдоди[8] пагоҳ
Аз[9] овози ӯ чашм букшод шоҳ.

Чунин гуфт Ланбак ба Баҳроми Гӯр,
Ки «Шаб бенаво буд, ҳамоно сутур.

Як имрӯз меҳмони ман бошу бас,
Агар ёр хоҳӣ, бихонем кас.

---

1. И – нарду шатранҷ; Л – мӯҳрашатранҷ
2. Л – аз
3. И – б. 135 – нест.
4. Л – мӯҳра, бозӣ
5. ТПЗЛ – Ситад, он чи *Ланбак бад – ӯ дод шоҳ,
   Бупечиду бинҳод дар ** пешгоҳ.
   *Л – Бидид он ки: **Л – бар
6. И – Баҳром аз он ҷашни ӯй; Л – ӯй.
7. И – В- аз он хубгуфтору он тозарӯй; - тозарӯй.
8. И – бомдодон
9. И – Бар. М – мӯҳра.

Биёрем чизе, ки хоҳӣ, ба ҷой,[1]
Як имрӯз бо ман ба шодӣ гирой.[2]

Чунин гуфт бо Обкаш шаҳрёр,
Ки имрӯз чандон[3] надорем[4] кор.

Бишуд Ланбаку машк чанде кашид,
Харидори обаш наёмад падид.

Ғамӣ гашту пероҳанаш баркашид,
Яке Обкашро ба бар даркашид.

Яке буд дастор дар зери машк,
Ба бозор шуд, гӯшт оварду кашк.

Биёмад ва[5] колушае барниҳод,
В-аз он ранҷи меҳмон ҳаме кард ёд.

Бипухту бихӯрданду май хостанд,
Яке маҷлиси дигар оростанд.

Бибуд он шаби тира бо май ба даст
Ҳамон Ланбаки Обкаш майпараст.

Чу шаб рӯз шуд, низ Ланбак бирафт,
Биёмад ба наздики Баҳром тафт.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзу шабон[6] шод бош,
Зи ранҷу ғаму кӯшиш[7] озод бош.

Бизан даст бо ман як имрӯз низ,
Чунон дон, ки бахшандаи ҷону чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром к-ин худ мабод,
Ки рӯзи се дигар набошем шод.

1. Л – ояд ба кор,
2. Л – шодӣ гузор.
3. И – ҷуз ту
4. Л – дигар бубандем
5. Л – Ба андоми
6. И – севум
7. И – ҳар дарду андӯҳ

Бар ӯ Обкаш офарин карду гуфт,
Ки «Бедордил бошу бо бахт ҷуфт.»[1]

Ба бозор шуд машку олат бибурд,
Гаравгон ба пурмоя марде супурд.

Харид он чи боисту омад дамон,
Ба наздики Баҳром шуд шодмон.

Бад-ӯ гуфт: «Ёрӣ деҳ андар х(в)ариш,
Ки мард аз хӯришҳо кунад парвариш».

Аз ӯ бистад он гӯшт Баҳром зуд,
Буриду бар оташ хӯришҳо фузуд.

Чу нон хӯрда, мегирифтанд ҷом,
Нахуст аз шаҳаншоҳ бурданд ном.

Чу май хӯрда шуд, хобро ҷой кард,
Ба болини ӯ шамъ барпой кард.

Ба рӯзи чаҳорум чу[2] бифрӯхт ҳур,
Шуд аз хоб бедор Баҳроми Гӯр.

Бишуд мизбон, гуфт, к-«Эй номдор,
Бибудӣ дар ин хонаи тангу тор.

Дар ин хона, бешак, таносон наӣ,
Гар аз шоҳи Эрон ҳаросон наӣ,

Ду ҳафта дар ин хонаи бенаво,[3]
Бибошӣ, гар ояд дилатро ҳаво.

Бар ӯ офарин кард Баҳромшоҳ,
Ки «Шодону хуррам бизӣ[4]солу моҳ».

Се рӯз андар ин хона будем шод,
Зи шоҳони гетӣ гирифтем ёд.

1. И – б. 152- 154 нест.
2. ИЛ – бияфрӯхт
3. Л – бебаҳо
4. И- хуррам бизӣ то бувад

Ба ҷое бигӯям суханҳои ту,
Ки равшан шавад з-он дилу ройи ту,

Ки ин мизбонӣ[1] туро бар диҳад,
Чу афзун кунӣ, тахту афсар[2] диҳад».

Биёмад чу гард, аспро зин ниҳод,[3]
Ба нахчиргаҳ рафт аз он хона шод.

Ҳаме кард нахчир то шаб зи кӯҳ,
Баромад,[4] сабук бозгашт аз гурӯҳ.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БИРОҲОМИ ҶУҲУДӢ

Пас аз лашкари хеш Баҳром тафт,
Сабук сӯи хони Бироҳом рафт.

Бизад дар, бад-ӯ гуфт, к-«Аз шаҳрёр
Бимондам чу бозомад ӯ аз шикор.

Шаб омад, надонам ҳаме роҳро,
Наёбам ҳаме лашкари[5] шоҳро.

Гар имшаб бад-ин хона ёбам сипанҷ,
Набошад касеро зи ман ҳеҷ ранҷ».

Ба пеши Бироҳом шуд пешкор,
Бигуфт, он чи бишнид аз он номдор.

Бироҳом гуфто, к-«Аз ин[6] дар маранҷ,
Бигӯяш, ки эдар наёбӣ сипанҷ».

Биёмад фиристода, бо ӯ бигуфт,
Ки эдар туро нест ҷойи нуҳуфт.

1. И – Ҳама меҳрубонӣ
2. И – ганҷу гавҳар
3. И – Биёмад сабук асп зин барниҳод,
4. Л – Даромад,
5. Л – лашкару
6. И – гуфт: «Эй з –ин.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бо ӯ[1] бигӯй.
К-аз эдар гузаштан маро нест рӯй.

Ҳаме аз ту хоҳам ҳам имшаб[2] сипанҷ,
Наёрам ба чизет з - он[3] пас ба[4] ранҷ».

Чу бишнид, пӯён бишуд пешкор,
Ба назди Бироҳом шуд, к - «Ин[5] савор

Ҳаме з-эдар имшаб нахоҳад гузашт,
Сухан гуфтану рой бисёр гашт».

Бироҳом гуфташ, ки «Рав бедиранг,
Бигӯяш, ки ин ҷойгоҳ аст танг.

Ҷуҳудест дарвешу шаб гурсуна,[6]
Бихуспад ҳаме бар замин барҳана».[7]

Бигуфтанду Баҳром гуфт: «Ар сипанҷ
Наёбам бад – ин хона, к – ояд-т ранҷ,

Бад - ин[8] дар бихуспам, нахоҳам сарой,
Надорам ба чизи[9] дигар ҳеҷ[10] рой».

Бироҳом гуфт: «Эй набардасавор,
Ҳаме ранҷа дорӣ маро хор – хор.

Бихуспиву чизет дуздад касе,
Аз ин дар маро ранҷ дорӣ басе.

Ба хона дарой, ар ҷаҳон танг шуд,
Ҳама кор бебаргу беранг шуд.

1. И – к – ӯро
2. Л – ман хона хоҳам? И – Ман аз ту ҳамеҷӯм ин ҷо
3. Л – Наёрам ба чизет аз он
4. И – Наёрам ба чизе дигар ҳеҷ
5. ИЛ – гуфт ин
6. И – дарвеш сар барҳана,
7. И гурсуна.
8. Л – Бар ин
9. И – Нахоҳам ба чизе
10. И – низ

Ба паймон, ки чизе нахоҳӣ зи ман,
Надорам ба марг обчину кафан[1]

Гар ин асп саргину об[2] афканад,
В – агар хишти он[3] хонаро бишканад,

Ба шабгир саргин – ш [4] берун барӣ,
Бирӯбиву хокаш ба ҳомун барӣ.

Ҳамон хишти пухта ту товон диҳӣ,
Чу бедор гардӣ зи хоб, он диҳӣ».

Бад- ӯ гуфт Баҳром: «Паймон[5] кунам,
Бад – ин ранҷҳо сар[6] гаравгон кунам».

Фуруд омаду аспро бо лагом
Бубасту бароҳехт теғ аз ниём.

Намадзин бигустурду[7] болин- ш [8] зин,
Бихуфту ду пояш кашон бар замин.

Ҷуҳуд он дари хона аз пай бубаст,
Биёвард хону[9] ба хӯрдан нишаст.

В – аз он пас ба Баҳром гуфт: «Эй савор,
Чу ин достон бишнавӣ, ёд дор.

---

1. Л - б. 189 нест
ТПЗИЛМ
Ҳам аст туро, ҳам нишасти ӯро
Хӯрии бояд инҳо зердасти туро*
Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй некмард,
Надорам туро ҳеҷ гуна ба дард.
Зи ту бас кунам ин дари хона ҷой,
Кунам поси ту бехурӯшу дарой».
Бироҳом аз он пас пурандеша шуд,
В – аз андеша ҷонаш яке беша шуд,
Ки ин шӯхмард аз дарам нагзарад,
Кӣ дорам, ки тимори аспаш х(в)арад?
Дигарбора гуфт: «Эй сарафроз мард,
Басе гуфтани ту маро хаста кард».
* Дар ЗИЛ танҳо б. 1 мавҷуд аст.
2. И саргин бурун
3. ИЛ – ин
4. И – саргин ба
5. И - Фармон
6. И – тан.
7. Л – Намадзин – ш бистар ба
8. И – ниҳодиву болиш зи
9. И – майро

Зи гетӣ ҳар он кас, ки дорад, хӯрад,
Чу хӯрдаш набошад, ҳаме бингарад».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин достон
Шунидастам аз гуфтаи бостон.[1]

Шунида падидор дидам кунун,
Ки бархондӣ аз гуфтаи раҳнамун».

Май овард, чун хӯрда шуд нон, ҷуҳуд[2]
В-аз он май варо шодмонӣ фузуд.[3]

Хурӯшид, к-эй ранҷдида савор,
Бад-ин достони куҳан гӯш дор.

Ҳар он кас, ки дорад, дилаш равшан аст,
Дирам пеши ӯ чун яке ҷавшан аст.[4]

Касе к-ӯ надорад, шавад хушклаб,
Чунон чун туӣ гурсуна ними шаб.»

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин бас шигифт
Бидидам ҳаме, ёд бояд гирифт.

Гар аз ҷом ёбӣ саранҷоми нек,
Хунук майгусору маю ҷоми нек?!»

Чу аз кӯҳ ханҷар баровард ҳур,
Гурезон шуд аз хоб Баҳроми Гӯр.

Бар он чармаи ночарон зин ниҳод,
Чӣ зин, аз бараш хушк болин ниҳод.

Биёмад Бироҳому гуфт: «Эй савор,
Ба гуфтори худ барнаӣ пойдор.

Бигуфтӣ, ки саргини ин борагӣ
Ба ҷоруб рӯбам ба якборагӣ.

1. И – Шунидам ҳаме аз лаби ростон.
2. И – буд.
3. Л – Аз он май басе шодмонӣ намуд.
4. ТПЗ – Ҳар он кас, ки дорад, хӯрад, гар ниҳад,
Сипосе бар он достон барниҳад.

Кунун он чи гуфтӣ, бирӯбу бубар,
Ба ранҷам зи меҳмони бедодгар».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Шав, пойкор
Биёвар, ки саргин кашад бар канор.

Диҳам зар, ки то ин ба берун барад,
В-аз ин хонаи ту ба ҳомун барад».

Бад-ӯ гуфт: «Ман кас надорам, ки хок
Бирӯбад, барад резад андар мағок.

Ту паймон, ки кардӣ, ба кажжӣ мабар,
Набояд, ки хонанд-т бедодгар».[1]

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухун,
Яке тоза андеша афканд бун.

Яке хуб дастор будаш ҳарир,[2]
Ба мӯза - дарун пур зи мушку абир,[3]

Бурун карду саргин бад-ӯ кард пок,
Бияндохт бо хок андар мағок.

Бироҳом рафту сабук баргирифт,[4]
Аз он монд Баҳромшаҳ дар шигифт.[5]

Бироҳомро гуфт, к-«Эй[6] порсо,
Гар озодият[7] бишнавад подшо,

Туро з-ин ҷаҳон бениёзӣ диҳад,
Бар ин меҳтарон[8] сарфарозӣ диҳад.

## БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХОСТАИ БИРОҲОМ ЛАНБАКРО

Бирафту биёмад ба айвони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.

1. И – б. 212 – 215 нест.
2. И – хуб зарбанд будаш ба зар,
3. И – Чунон чун бувад дархури тоҷвар.
4. И – Баҳром андар
5. Л – б. 219 нест
6. Л – Аё; И – Эй
7. Л – озодиам
8. И – Миёни ялон

Пурандеша он шаб ба айвон нахуфт,[1]
Бихандиду[2] он роз бо кас нагуфт.

Ба шабгир чун тоҷ бар сар ниҳод,
Сипаҳро саросар ҳама бор дод.

Бифармуд, то Ланбаки Обкаш
Бишуд пеши ӯ[3] даст карда ба каш.

Бибурданд пӯён Бироҳомро,
Ҷуҳуди бадандеши бадномро.[4]

Чу дар боргаҳ рафт, биншонданд,
Яке покдил мардро[5] хонданд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав, борагиҳо бубар,
Нигар, то набошӣ ба ҷуз[6] додгар.

Ба хони Бироҳом шав бекиёр,
Нигар, то чӣ ёбӣ ниҳода, биёр».

Бишуд покдил то ба хони ҷуҳуд,
Ҳама хона дебову динор буд.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи афканданӣ,
Зи густурданӣ, ҳам зи оганданӣ.

Яке корвонхона андар сарой,
Набуд коларо бар замин низ ҷой.

Зи дурру зи ёқут ҳар гавҳаре,
Гаҳе бадрае, бар сараш афсаре.

Надонист мӯбад мар онро шумор,
Шутур хост аз дашти Ҷаҳрам ҳазор.

Ҳаме бор карданду чизе намонд,
Сабук некдил корвонҳо[7] биронд.

1. ИЛ – биҳуфт,
2. И – Баросуду
3. И – Биёмад бараш
4. Л – Бадромро; И – бадкомро.
5. И – мӯбаде
6. Л – ҷуз аз
7. И – Ҳамон содадил корвонро

Чу бонги даро омад аз боргоҳ,
Бишуд марди бино, бигуфт ин ба шоҳ,

Ки «Гавҳар фузун з-ин ба ганҷи ту нест,
Ҳамон монда харвор бошад дувист».

Бимонд андар он шоҳи Эрон шигифт,
Зи ози[1] дил[2] андешаҳо баргирифт,

Ки чандин биварзид марди ҷуҳуд,
Чу рӯзӣ набудаш, зи варзиш чӣ суд?

Аз он сад шутурвор зарру[3] дирам,
Зи густурданиҳову аз бешу кам

Ҷаҳондор он[4] Обкашро супурд,
Бишуд Ланбак аз роҳу[5] ганҷе бибурд.

В-аз он пас Бироҳомро хонду гуфт,
Ки «Эй дар камӣ гашта бо хок ҷуфт,

Чӣ гӯӣ, ки пайғамбарат чанд зист,
Чӣ боист чандин зи бешӣ гирист?

Савор[6] омаду гуфт бо ман сухан
Аз он достонҳои гашта куҳан,

Ки ҳар[7] кас, ки дорад фузунӣ, хӯрад,
Касе, ки[8] надорад, ҳаме[9] пажмурад.

Кунун дастёзон зи хӯрдан бикаш,
Бубин з-ин сипас хӯрдани[10] Обкаш».

Зи саргину дастори зарбафту хишт,
Ҳаме гуфт бо сифла марди куништ.

1. Л – В-аз он дар
2. И – Аз он кор
3. И – дурру
4. И – Ҷаҳонҷӯй мар; Л – шоҳ
5. ИЛ – роҳ,
6. И – Ҷавон
7. И – Ҳар он
8. Л – к-ӯ
9. И – Ҳар он к-ӯ надорад, зи ғам
10. И – хӯрдани Ланбаки.

Дирам дод нопокдилро чаҳор,
Бад-ӯ гуфт, к-«Инро сари моя дор.

Сазо нест з-ин бештар мар туро,
Дирам марди дарвешро, сар туро».

Ба арзониён дод, чизе ки буд,
Хурӯшон ҳамерафт марди ҷуҳуд.

Ба тороҷ дод он чи дар хона буд,
Ки онро сазо марди бегона буд.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО МЕҲРБУНДОД

Чу юзи шикорӣ[1] ба кор омадаш,
Биҷунбиду ройи шикор омадаш.

Яке бораи тезрав барнишаст,
Ба ҳомун хиромид бозе ба даст.

Яке беша пеш омадаш пурдарахт,
Нишастангаҳи мардуми некбахт.[2]

Ба сони биҳиште яке сабзҷой,
Надид андар ӯ мардуму чорпой.[3]

Чунин гуфт, к-«Ин ҷойи[4] шерон бувад,
Чунин беша ҷойи[5] далерон[6] бувад».

Ба беша - дарун гирд баргашт шоҳ,
Ҳамекард ҳар ҷой лахте нигоҳ.

Бад-он беша-андар яке шер дид,
Дари чораи шер шамшер дид.[7]

1. И – раванда
2. И – Чунин гуфт солори дайҳимҷӯй,
Яке бешае дид найза дар ӯй,
3. И – б. 255 нест.
4. И – Ки ин ҷою маъвои
5. И – Ба назди гавону
6. Л – Ки бар дар - бар айвон вайрон
7. И – б. 257, 258 нест

Яке бонг барзад бар он наррашер,[1]
Камонро ба зеҳ кард марди[2] далер.[3]

Бизад тиру[4] паҳлӯш бо дил бидӯхт,
Дили шери мода бар ӯ-бар бисӯхт.

Ҳамон мода оҳанги Баҳром кард,
Биғурриду чангаш ба андом кард.

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Фурӯ монд ҷангӣ дад аз корзор.

Бурун омад аз беша марди куҳан,
Забонаш кушода ба ширин сухан,

Куҷо номи ӯ Меҳрбундод буд,
Бад-он захми шамшер ӯ шод буд.

Яке марди деҳқону яздонпараст,
Бад-он беша будиш[5] ҷойи нишаст.

Чу омад бари шоҳи Эрон фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй меҳтари[6] номдор,
Ба коми ту бод ахтари[7] рӯзгор.

Яке марди деҳқонам, эй покрой,
Худованди ин марзу гашту[8] сарой.

Худованди гову хару гӯспанд,
Зи шерон шуда баддилу мустаманд,

1. И – Чу аз беша берун хиромид шер,
2. Л – Чу оҳанги ӯ кард шери
3. И – гурди
   ТПЗЛ – Зи беша ба як сӯ ҷаҳонид асп,
   Барафрӯхт бар сони Озаргушасп.
   Ҳамон гоҳ берун хиромид шер,
   Камонро ба зеҳ кард марди далер.
4. И – тир,
5. И – ки дар бешааш буд
6. И – ҳаме офарин кард, к- «Эй
7. бодо ҳама.
8. Л – киштў И – дашту кишту

Кунун Эзад ин кор бар дасти ту
Бароварду бар қабзаву шасти ту.

Замоне бад-ин бешаи мо нишин,
Биёрам-т ширу маю ангубин.

Бара ҳаст чандон, ки ояд ба кор,
Дарахтони боровари соядор.»[1]

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме кард дар беша ҳар ҷо[2] нигоҳ.

Куҷо шуд[3] замин сабзу оби равон,
Чунон чун бувад ҷойи марди ҷавон.

Бишуд Меҳрбундоду ромишгарон
Биёвард чанде зи деҳ меҳтарон.[4]

Басе гӯсфандони фарбеҳ бикушт,
Биёмад яке ҷоми заррин ба мушт.[5]

Чу нон хӯрда шуд, ҷомҳои набид
Ниҳоданд пешу гулу шанбалид.

Яке хӯрду дигар ба Баҳром дод,
Бикӯшиду бар хонаш[6] ором дод.

Чу шуд Меҳрбундод шодон зи май,
Ба Баҳром гуфт: «Эй гави некпай,

Чунон дон, ки монандаӣ шоҳро,
Ҳамон ними шаб нимаи моҳро».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Оре, равост,
Нигорандаи чеҳри мо подшост.[7]

1. И- б. 272 нест.
2. Л – аз он беша чанде И – аз он беша ҳар сӯ
3. ИЛ – ки бошад,
4. И – б. 275 нест.
5. И – Чу андар пайи хӯрданӣ барра кушт.
   Падидор шуд ҷоми заррин ба мушт.
6. И – аз он ҷоми заррин ба
7. Л – б. 281 нест.

Чунон офаринад, ки хоҳад ҳаме,
Наяфзуд ҳаргиз, накоҳад ҳаме.

Агар ман ҳаме нек монам ба шоҳ,
Туро додам ин бешаву[1] ҷойгоҳ».

Бигуфт ину з-он ҷойгаҳ барнишаст,
Ба айвони хуррам хиромид маст.[2]

Ба шодӣ ҳаме буд бо дӯстон,
Ҳаме ронд ҳар гунае достон.[3]

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО КАБРӮЙ ВА ҲАРОМ КАРДАНИ Ӯ МАЙРО

Чу биншаст, май хост аз бомдод,
Бузургони лашкар бирафтанд шод.

Биёмад ҳамон гаҳ яке марди меҳ,
Варо мева овард лахте зи деҳ.

Шутурворҳо нору себу биҳӣ,
Зи гул дастаҳо карда[4] шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳондор чун дид, бинвохташ,
Миёни ялон ҷойгаҳ сохташ.

Ҳамин меҳ, ки бо меваву бӯй буд,
Варо паҳлавӣ ном Кабрӯй буд.[5]

Чу шуд мард хуррам зи дидори шоҳ
В-аз он номдорону он ҷашнгоҳ,

Яке ҷом дид ӯ, пур аз май булӯр,
Ба дил-ш-андар афтод аз он ҷом шӯр».[6]

---

1. Л – марзу ин.
2. ТПМ – Ба мушкуи заррин шуд он гаҳ, бихуфт,
Ҳама шаб ҳаме бо бутон буд ҷуфт.
3. И – б. 284, 285 нест; Л – б. 285 нест.
ТПЗИЛ – Нахуфт он шаби тира дар бӯстон,
Ҳаме уд кард аз лаби дӯстон.
4. И – ҷумла
5. И – б. 289, 290 нест.
6. И – сур.

Ба ёди шаҳаншоҳ бигрифт ҷом,
«Манам - гуфт,[1] - майхора Кабрӯй ном».

Ба рӯи шаҳаншоҳ ҷоми набид
Ба як дам ҳамон гоҳ андаркашид.[2]

Бигуфт ину з-он ҳафт барҳам бих(в)ард
В-аз он майпарастон баровард гард.

Ба дастурии шоҳ берун гузашт,
Кӣ донад, ки дар тан маяш чун гузашт?

Аз он шаҳр хуррам биёмад ба дашт,
Чу дар синаи мард май гарм гашт,[3]

Барангехт асп аз миёни гурӯҳ,
Зи ҳомун ҳаме тохт то сӯи[4] кӯҳ.

Фуруд омад аз асп ҷойи нуҳуфт,
Нигаҳ кард, дар соядоре[5] бихуфт.

Зи кӯҳ андаромад кулоғе сиёҳ,
Ду чашмаш биканд андар он хобгоҳ.[6]

Ҳаме тохтанд[7] аз паси ӯ гурӯх,
Варо мурда диданд дар пеши кӯҳ.

Ду чашмаш зи сар канда зоғи сиёҳ,
Бараш аспи ӯ истода ба роҳ.[8]

---

ТПИЛМ – Зи пеши бузургон биёзид даст,
Бад-он ҷоми май тохт, бар пой ҷаст*.

* И – маст.

1. И – Ҳамегуфт.
2. ИЛ – Чу май даркашам, ёр хоҳам гузид;
   ТПЛМ – Ба ҷом-андарун буд май панҷ ман,
   Хӯрам ҳафт* аз ин бар сари анҷуман.
   Пас он гаҳ хиромам сӯи деҳ баҳуш,
   Зи ман нашнавад кас зи** мастӣ хурӯш.

   * Л – ҳашт; ** Л – ба
3. Л – б. 297 нест.
4. И – пеши
5. И – Бибуд зери соядарахте
6. ИЛ – ҷойгоҳ.
7. И – Ҳамеронданд
8. И – Ҷунон мурда афтод дар соягоҳ.

Бар ӯ кеҳтаронаш хурӯшон шуданд,
В-аз он маҷлису ҷом ҷӯшон шуданд.[1]

Чу Баҳром бархост аз хобгоҳ,
Баромад бари ӯ[2] яке некхоҳ,

Ки Кабрӯйро чашми равшан кулоғ
Зи мастӣ бикандаст бар пеши роғ.

Рухи шаҳрёри ҷаҳон зард шуд,[3]
Зи тимори Кабрӯй пурдард шуд.[4]

Ҳамон гаҳ баромад зи даргаҳ хурӯш,
Ки «Эй номдории бофарру ҳуш,

Ҳаром аст май дар ҷаҳон сарбасар,
Агар паҳлавон аст, агар[5] пешавар.

## ДОСТОНИ КӮДАКИ КАФШГАР БО ШЕР ВА ҲАЛОЛ КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР МАЙРО

Бад-ин гуна бугзашт соле тамом,
Ҳаме доштӣ ҳар касе май ҳаром.

Ҳамон шоҳ чун маҷлис оростӣ,[6]
Ҳаме номаи[7] бостон[8] хостӣ.[9]

Чунин то яке кӯдаке кафшгар
Зане хост бочизу ному ҳунар.

Фарозаш наёмад бад-он кори сахт,
Ҳаме зор бигрист момаш[10] зи бахт.

---

1. И – б. 303 нест.
2. И – Бари ӯ биёмад; Л – Биёмад бари ӯ
3. И – гашт,
4. И – гашт.
5. И – шаҳриёр аст, агар
6. Л – шоҳ маҷлис биёростӣ; И – Куҷо шоҳ маҷлис биёростӣ
7. Л – Ҳамон номаи.
8. И – Ҳама номаи хусравон
9. ИМ – Набудӣ зи май дар миён рангу бӯй,
Нахӯрдӣ маю дур будӣ аз ӯй,
10. И- модар

Ҳамоно ниҳон дошт лахте набид,
Писарро бад-он хона андаркашид.[1]

Ба пури ҷавон гуфт: «Аз ин[2] ҳафт ҷом
Бихӯр, то шавӣ эмину[3] шодком.

Магар бишканӣ имшаб ин мӯҳри танг,
Куланг аз намад кай канад кони санг».

Бизад кафшгар з-он мае ҳафт-ҳашт,
Ҳамоно паю пӯсташ[4] сахт гашт.

Ҷавонмардро ҷом густох кард,
Биёмад, дари хона сӯрох кард.

В-аз он ҷойгаҳ шуд бари моми хеш,
Бишуд шоддил ёфта коми хеш.

Чунон буд, ки аз хони шерони[5] шоҳ
Яке банд[6] бугсасту омад ба роҳ.

Зи бода ҳанӯз он писар[7] маст буд,
Ба дарё даҳ[8] ангушти ӯ шаст буд.

Бишуд тезу бар шери ғуррон нишаст,
Биёзид бигрифт гӯшаш ба даст.

Бад-он гоҳ шери яла сер[9] буд,
Ғулом[10] аз бару шер дар зер буд.

Ҳамешуд пасаш[11] шербон чун наванд,
Ба як даст занҷиру дигар каманд.

Яке кафшгар дид бар пушти шер,
Нишаста чу бар хар саворе далер.

1. И – сӯи хонае даркашид.
2. Л – к-«Ин; И – «З-он
3. И – Хурраму
4. Л – псти ӯ; И – Паю пӯсташ дар замон
5. Л – хонашерони
6. Л – шер
7. Л –Аз он май пуси кафшгар; И – Ҳанӯз он замон кафшгар
8. И – Бад-ӯ бода
9. И – Агарчанд шери яла шер
10. И – Ҷавон
11. Л – давон

Биёмад давон то дари боргоҳ,[1]
Далер андаромад ба наздики шоҳ.[2]

Бигуфт он шигифтӣ, ки худ[3] дида буд,
Ба дида бидид, он ки[4] нашнида буд.

Ҷаҳондор аз он дар шигифтӣ бимонд,
Зи дар[5] мӯбадону радонро[6] бихонд.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Ин кафшгар,
Нигаҳ кун, ки то аз кӣ дорад гуҳар?

Агар паҳлавонзода бошад, равост,
Ки аз паҳлавон ин[7] далерӣ сазост.

Биҷустанду гуфтанд бо модараш,
Физояд[8] магар бар ҳунар[9] гавҳараш.

Ҳамон модараш, чун сухан шуд дароз,
Дарун[10] рафту бар шоҳ букшод роз.

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Ки «Шодон[11] бизӣ, то бувад рӯзгор.

Чунин кӯдаки норасида ба ҷой
Яке зан гузин карду шуд кадхудой,

Ба кор андараш ноижа суст буд,
Занаш гуфт, к-он суст[12] худруст буд.

Бидодам се ҷоми набидаш ниҳон,
Надонист кас рози ӯ дар ҷаҳон.

1. И – Ҳаме шуд давон то ба даргоҳи шоҳ.
2. И – бад-он боргоҳ.
3. И – куҷо
4. И – он чи
5. Л – Ҳама
6. И – Раду мӯбад у меҳтаронро
7. И – паҳлавонон; Л – Бар паҳлавонон
8. И – Барояд
9. И – номвар
10. ИЛ – Давон
11. И – шоҳо,
12. И – к-ин шаст; Л – к-он

Ҳам андар замон лаъл кардаш рухон,
Намад сар бароварду шуд устухон.

Ниё кафшгар буд, падар кашфгар,
В-аз он пеша бартар наёмад гуҳар.[1]

Нажодаш набуд, ҷуз се ҷоми набид,
Кӣ донист, к-ин шоҳ хоҳад шунид?»

Бихандид аз он пирзан шоҳу гуфт,
Ки ин достонро нашояд нуҳуфт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-акнун набид
Ҳалол асту майхора бояд гузид,

Ки чандон хӯрад май, ки бар наррашер
Нишинад, наёрад варо шер зер.

Хурӯше баромад ҳамон гаҳ зи дар
Ки «Эй паҳлавонони зарринкамар,

Бар андоза-бар ҳар касе май хӯред,
Ба анҷому фарҷоми худ бингаред.

Чу майтон ба шодӣ бувад раҳнамун,
Бихуспед, то тан нагардад забун».

## ВАЙРОН КАРДАНИ МӮБАДИ БАҲРОМИ ГӮР ДЕҲРО ВА БОЗ ОБОД КАРДАНАШ

Биёмад дигар рӯз шабгир шоҳ
Сӯи дашти нахчири худ бо сипоҳ.

Ба дасти чапаш Ҳурмузи кадхудой
Сӯи росташ мӯбади покрой

Бар ӯ достонҳо ҳаме хонданд,
Зи Ҷамму Фаридун сухан ронданд.

Сагу юз дар пешу шоҳину боз
Ҳаме ронд бар дашт рӯзи дароз.

1. Л – б. 337 нест.

Чу хуршеди тобон ба гунбад расид,
Ба ҷое пайи гӯру оҳу надид.

Зи хуршеди тобон дижамсоз гашт,
Зи нахчиргаҳ тангдил бозгашт.

Ба пеш андаромад яке сабзҷой,
Пур аз хонаву мардуму чорпой.[1]

Аз он деҳ фаровон ба роҳ омаданд,
Назора ба пеши сипоҳ омаданд.

Ҷаҳондор пурхашму пуртоб буд,
Ҳаме хост, к-ояд бад-он деҳ фуруд.

Накарданд аз он деҳ[2] касе офарин,
Ту гуфтӣ, бубаст он харонро замин.

Аз он мардумон тангдил гашт шоҳ,
Ба хубӣ накард андар эшон нигоҳ.

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Чунин бадахтар яке ҷойгоҳ.

Куноми даду дому нахчир бод,
Ба ҷӯй-андарун обашон қир бод».

Бидонист мӯбад, ки фармони шоҳ
Чӣ буд андар он, сӯи[3] деҳ шуд зи[4] роҳ.[5]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Ин сабзҷой
Пур аз меваву мардуму чорпой[6]

1. ТПЗ - Яке ҷойи ободу бо хуррамӣ,
Ҳаме ҷойи оромишу беғамӣ.
2. Л – аз эшон
3. Л – пеши
4. И – зуд биспард
5. ТПЛМ – Биёмад ҳамон гоҳ мӯбад ба деҳ,
Бихонд он касеро, ки ӯ буд меҳ.
Бигуфто, ки пайғоми шаҳ* бишнавед,
Зи гуфтори шаҳ** ҳеҷ бармагзаред.
*Л – паёми малик; **Л – гуфти малик
6. Л – б. 359 нест.

Хуш омад шаҳаншоҳ Баҳромро,
Яке тоза кард андар ин комро.

Шуморо ҳама яксара кард меҳ,
Бад-он то кунад шаҳр аз он хуб деҳ.

Бад-ин деҳ зану кӯдакон меҳтаранд,[1]
Касеро набояд, ки фармон баранд.[2]

Аз ин деҳ чи муздуру чи кадхудой,
Ба як роҳ бояд, ки доранд ҷой.

Зану марду кӯдак саросар меҳанд,
Якояк ҳама кадхудои деҳанд.

Хурӯше баромад зи пурмоя деҳ,
Зи шодӣ, ки гаштанд ҳамвора меҳ.

Зану мард аз он пас яке шуд ба рой,
Парастору муздур бо кадхудой.

Чу нопок шуд марди барно ба деҳ,
Буриданд ногаҳ сари марди меҳ.

Ҳама як ба дигар бароҳехтанд,[3]
Ба ҳар ҷой[4] бероҳ хун рехтанд.

Чу бархост з-он русто растахез,
Гирифтанд ногоҳ аз он деҳ гурез.

Бимонданд пирони бепову пар,
Бишуд олати варзишу созу бар.

Ҳама деҳ ба вайронӣ овард рӯй,
Дарахтон шуда хушку беоб ҷӯй.

Шуда дашт вайрону вайрон сарой,
Рамида аз ӯ мардуму чорпой.

1. Л – меҳтаред,
2. Л – баред.
3. ИЛ – баромехтанд,
4. И – Ба роҳу ба

Чу як сол бугзашту омад баҳор,
Аз он сӯ ба[1] нахчир шуд шаҳрёр.

Бад-он ҷойи ободу хуррам расид,
Нигаҳ карду бар пой ҷое надид.

Дарахтон шуда хушку вайрон сарой,
Ҳама марз бемардуму чорпой.

Рухи шоҳ Баҳром аз он зард гашт,
Зи Яздон битарсиду пурдард гашт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй Рӯзбеҳ,
Дареғ аст вайрон чунин хуб деҳ.

Бирав тезу обод гардон зи[2] ганҷ,
Чунон кун, к-аз ин пас набинанд[3] ранҷ.

Зи пеши шаҳаншоҳ мӯбад бирафт,
Бад-он ҷойи вайрон хиромид тафт.

Зи барзан ҳаме сӯи барзан шитофт,
Ба фарҷом бекор пире биёфт.

Фуруд омад аз аспу бинвохташ,
Бари хеш наздик биншохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй хоҷаи солх(в)ард,
Чунин ҷойи обод вайрон кӣ кард?»

Чунин дод посух, ки «Як рӯзгор
Гузар кард бар буми мо шаҳрёр,

Биёмад яке бехирад мӯбаде,
Аз он номдорони бебар баде.

Ба мо гуфт: «Яксар ҳама меҳтаред,[4]
Нигар, то касеро ба кас нашмаред.[5]

1. И – Сӯи дашти
2. И – низ обод гардон ба
3. И – он пас нагиранд
4. Л – кеҳтаранд,
5. Л – нашмаранд.

Ҳама яксара кадхудои деҳед,
Зану мард бар меҳтарон-бар меҳед»,

Бигуфт ину ин деҳ пурошӯб гашт,[1]
Пур аз ғорату куштану чӯб гашт,[2]

Ки Яздон варо ёр б-андоза бод,
Ғаму ранҷу[3] сахтӣ бар ӯ тоза бод.

Ҳама кори ин ҷой бар бадтарист,
Чунон дон, ки бо мо бибояд гирист».

Аз он пир пурдард шуд Рӯзбеҳ,
Бипурсиду гуфт: «Аз шумо[4] кист меҳ?»

Чунин дод посух, ки «Меҳтар бувад,
Ба ҷое, ки тухми гиё - бар бувад.

Бад-ӯ Рӯзбеҳ гуфт: «Меҳтар ту бош,
Ба ҳар кор чун бар сар афсар ту бош.

Зи ганҷи ҷаҳондор динор хоҳ,
Ҳамон тухму гову хирад[5] бор хоҳ.

Бикаш ҳар кӣ бекор ёбӣ[6] ба деҳ,
Ҳама кеҳтаронанд яксар, ту меҳ.

Бад-он мӯбади пир нафрин макун,
На бар орзу ронд ӯ ин сухун.

Агар ёр хоҳӣ зи даргоҳи шоҳ,
Фиристам-т чандон ки бояд, бихоҳ».

Чу бишнид пир он сухан, шод гашт,
Аз андӯҳи дерина озод гашт.

Ҳамон гаҳ сӯи хона шуд марди пир,
Биёвард мардум сӯи обгир.

1. Л – кард,
2. Л – кард.
3. Л – маргу
4. И – Бипурсид, к-«Ин ҷо кунун
5. И – уштуру гову хар
6. И – он ки бекор бошад

Заминро ба обод кардан гирифт,
Ҳама марзҳоро сипардан гирифт.

Зи ҳамсоягон гову ҳар хостанд,
Ҳама дашт яксар биёростанд.

Ҳуду марздорон бикӯшид сахт,
Бикиштанд ҳар ҷой чанде[1] дарахт.

Чу як марз аз ин варз[2] обод гашт,[3]
Дили ҳар кӣ буд андар он,[4] шод гашт.[5]

Аз он ҷой ҳар кас,[6] ки бугрехтанд,
Зи[7] мижгон ҳаме хуни дил рехтанд,

Чу огоҳ[8] омад зи ободҷой,
Ҳам аз ранҷи ин пирсар[9] кадхудой,

Якояк сӯи деҳ ниҳоданд рӯй,
Ҳама[10] барзан обод карданду[11] ҷӯй.

Ҳамон мурғу гову хару гӯсфанд
Якояк барафзуд[12] бар киштманд.

Дарахте[13] ба ҳар ҷой ҳар кас бикишт,
Шуд он ҷойи вайрон ба сони[14] биҳишт.

Ба соли се[15] дигар биёрост деҳ,
Баромад[16] зи варзиш ҳама коми[17] меҳ.

1. Л – чандин
2. И – баҳра з-он марз
3. Л – варзиш обод кард,
4. И – ӯ,
5. Л – кард.
6. И – ҷо касоне,
7. ИЛ – Ба
8. ИЛ – огоҳӣ
9. И он номвар
10. Л – Ба ҳар
11. Л – карданд
12. Л – сар афзуд
13. И – Дарахтон
14. И – чу хуррам
15. И – як соли
16. И – Биёмад
17. И- кор

Чу омад ба ҳангоми хуррамбаҳор,
Сӯи дашти нахчир шуд шаҳрёр.

Або мӯбадаш, номи ӯ Рӯзбеҳ
Чу ҳар ду расиданд наздики деҳ,

Нигаҳ кард тобанда Баҳроми Гӯр,
Ҷаҳон дид пуркиштманду сутур.

Баровард з-ӯ[1] коххои баланд,
Ҳама деҳ пур[2] аз гову аз[3] гӯсфанд.

Ҳама боғу обу ҳама кишту хид,
Ҳама дашт пурлолаву шанбалид.

Пароканда бар кӯҳ мешу бара,
Биҳиште шуда буму бар яксара,

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй Рӯзбеҳ,
Чӣ кардӣ, ки вайрон шуд он[4] сабздеҳ?

Пароканда з-ӯ мардуму чорпой,
Чӣ додӣ, ки омад кунун боз ҷой?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки аз як сухан
Ба по омад ин[5] шорсони куҳан.

Ҳамон аз як андеша ободд гашт,
Дили шоҳи Эрон аз он шод гашт.

Маро шоҳ фармуд, к-«Ин сабзҷой
Ба динори ганҷ андаровар зи[6] пой.

Битарсидам аз Кирдгори ҷаҳон,
Накӯҳидани меҳтарону кеҳон.

Бидидам, чу як дил ду андеша кард,
Зи ҳар ду баровард ногоҳ гард.

1. Л – Баровард з-ӯ
2. Л – раҳ
3. Л – пур
4. Л – буд
5. Л – пой омад он
6. И – ба

Ҳамон чун ба як шаҳр ду кадхудой
Бару буми эшон намонад ба ҷой.[1]

Бирафтам, бигуфтам ба пирони деҳ,
Ки «Эй мардумон, бар шумо нест меҳ.

Занон,кадхудоёну кӯдак ҳамон,
Парастору муздур бо ирмон.

Чу меҳтар шуданд, он ки буданд кеҳ,
Ба пой андаромад сари марди меҳ.

Ба гуфтор вайрон шуд он покҷой,
Накӯҳиш зи ман дуру тарс аз Худой.

В-аз он пас бар эшон бубахшуд шоҳ,
Бирафтам, намудам дигаргуна[2] роҳ.

Яке бохирад[3] пир кардам ба пой,
Сухангӯву[4] бодонишу раҳнамой.

Бикӯшиду вайронӣ обод кард,
Дили зердастон аз он[5] шод кард.

Чу меҳтар яке гашту шуд рой[6] рост,
Бияфзуд хубиву кажжӣ бикост.

Ниҳонӣ бад-эшон намудам бадӣ
В-аз он пас кушодам дари эзадӣ.[7]

Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор,
Чу бар ҷойгаҳ-бар барандаш[8] ба кор.

Хирад шоҳ бояд, забон[9] паҳлавон
Чу хоҳӣ, ки беранҷ бошад равон,[10]

---

1. ТПЛМ – Ду танро ба як рӯй агар кор кард,
Аз он хира монад хирадманд мард.
2. И – яке хуб
3. И – боҳунар
4. И – Ҳунарманди
5. И – ҳама
6. Л – роҳ
7. И – б. 431 нест.
8. Л – бaредаш
9. Л – равон
10. Л – ҷаҳон,

Дили шоҳ то ҷовидон шод бод,
Зи каҗживу бероҳӣ obод бод».

Чу бишнид шоҳ ин сухан, гуфт:[1] «Зеҳ!»
Сазовори тоҷӣ ту, эй Рӯзбеҳ».

Бубахшид як бадра динори зард,
Бад-он пурҳунар пешбинанда[2] мард.

Варо хилъати хусравӣ[3] сохтанд,
Сарашро ба абр-андар афрохтанд.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ЧАҲОР ХОҲАРОН

Дигар ҳафта бо мӯбадону меҳон[4]
Ба нахчир шуд шаҳрёри ҷаҳон.[5]

Чунон шуд,[6] ки моҳе ба нахчиргоҳ
Ҳаме бошаду май хӯрад бо[7] сипоҳ.

Зи нахчири кӯҳу зи нахчири дашт
Гирифтан зи андоза андаргузашт.

Сӯи шаҳр шуд шодмон[8] бо сипоҳ,
Шаб омад, ҷаҳон гашт яксар[9] сиёҳ.

Бузургони лашкар ҳаме ронданд,
Суханҳои шоҳон ҳаме хонданд.

Яке оташе дид рахшон зи дур,
Бад-он сон, ки Баҳман кунад шоҳсур.

Шаҳаншаҳ бад-он[10] равшанӣ бингарид,
Ба як сӯ деҳи хуррам омад падид.

1. И – Чу Баҳром бишнид, гуфто, ки
2. Л – пири бинанда
3. Л – хушнудӣ
4. И – В-аз он ҷой бо мӯбадону радон
5. И – хусрави мӯбадон.
6. И – буд,
7. И – Ҳаме буд бо меҳтарони
8. Л – шоддил; И – меронд шаҳ.
9. ИЛ – ба раҳ гашт гетӣ
10. И – Шаҳаншоҳ зӣ

Яке осиё дид дар пеши[1] деҳ,
Нишаста пароканда[2] мардони меҳ.

В-аз он рӯи оташ ҳама[3] духтарон,
Яке ҷашнгаҳ сохта бар[4] карон.

Зи гул ҳар яке бар сараш[5] афсаре,
Нишонда[6] ба ҳар ҷой ромишгаре.

Ҳама чомаи разми Хусрав заданд,
Замон то замон ҳар яке нав заданд.

Ҳама моҳрӯю ҳама ҷаъдмӯй,
Ҳама чарбгӯву ҳама мушкбӯй.

Ба наздики пеши дари осиё,
Ба ромиш кашида нахе бар гиё.

В-аз он ҳар яке дастаи гул ба даст,
Зи шодиву аз май шуда[7] ниммаст.

В-аз он пас хурӯш омад аз ҷашнгоҳ,[8]
Яке гуфт,[9] к-ин ёди Баҳромшоҳ,

Ки бофарру бурз асту бо чеҳру меҳр,[10]
Бад-ӯяст барпой гардонсипеҳр.[11]

Ҳаме май чакад гӯӣ аз рӯи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи ӯй.

Шикораш набошад магар шеру гӯр,
Азерош хонанд Баҳроми Гӯр.

1. И – Сӯи роҳ – бар яке ҷӯй дид,
2. И – ба наздики
3. И – бад-он ҷой
4. И – Ҳаме
5. И – Ба ромиш нишаста карон то
6. И – бар сари ҳар яке
7. И – нишаста
8. И – Ба ромиш нишаста ҳама
9. И – тафт
10. И – бо мӯҳру гоҳ,
11. И – Шаҳаншоҳи Эрону лашкарпаноҳ.

Ҷаҳондор, к-овози эшон шунид,
Инонро бупечиду з-он сӯ кашид.[1]

Чу омад ба наздикии[2] духтарон,
Нигаҳ кард ҷой[3] аз карон то карон.

Ҳама дашт яксар пур аз моҳ дид,
Ба роҳ[4] омадан[5] роҳ кӯтоҳ дид.

Бифармуд, то майгусорон зи роҳ
Май оранду майхора наздики шоҳ.

Гусоранда овард ҷоми булӯр
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Аз он духтарон он ки буд номдор,
Бурун омаданд аз миён ҳар[6] чаҳор.

Яке Мушкнозу дигар Мушкинак
Яке Нозёбу дигар Савсанак.

Бари шоҳ рафтанд бо дастбанд
Ба рух чун баҳору ба боло баланд.

Ҳама чома гуфтанд[7] Баҳромро,
Шаҳаншоҳи бодонишу[8] комро.

Зи ҳар чор пурсид Баҳроми Гӯр,
К-аз эшон ба дил-ш[9]-андар афтод шӯр,

Ки «Эй гулрухон, духтарони киед?[10]
В-аз ин оташ афрӯхтан бар чиед?»[11]

---

1. И – Сипаҳбад инонро бад-он сӯ кашид,
Чу з-он гуна овози мардум шунид.
2. И – наздики он
3. и – шоҳ
4. Л – шаҳр
5. И – шаҳр андар
6. Л – миёна
7. Л – Ниёиш гирифтанд
8. Л – боромишу
9. И – ба дил
10. Л – Ки ин гулрухон духтарони кианд?
11. Л – чианд?

Яке гуфт, к-«Эй сарв боло савор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр,[1]

Падармон яке осиёбони пир
Дар ин домани кӯҳ нахчиргир.

Биёяд ҳам акнун, ки шаб тира гашт,
Варо дида аз тирагӣ хира гашт.

Ҳам андар замон осиёбон зи кӯҳ
Биёмад зи нахчир худ бо гурӯҳ.

Чу Баҳромро дид, рухро ба хок
Бимолиду шуд пеш бо тарсу бок.[2]

Яке ҷоми заррин бифармуд шоҳ
Бад-он пир додан, ки омад зи роҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-ин чор хуршедрӯй
Чӣ дорӣ, ки-шон ҳаст[3] ҳангоми шӯй?»

Бар ӯ пирмард офарин карду гуфт,
Ки «Ин духтарони маро нест ҷуфт.

Расида бад-ин сол дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд.

Валекин надоранд баҳра зи чиз,
Зи зарру зи симу зи ҳар гуна низ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар чаҳор
Ба ман[4] деҳ в-аз ин беш духтар мадор.[5]

Чунин дод посух варо пирмард,
К-«Аз ин дар, ки гуфтӣ, саворо, магард.

На ҷомаст моро, на буму на бар,
На симу сарою на гову на хар».

1. Л – Аз эшон яке гуфт, к-«Эй шаҳрёр.
Сахогустару марду болосавор.
2. И – б. 470, 471 нест.
3. ИЛ – Чӣ дорӣ чунин нест
4. И – Маро
5. Л – макор.

Чунин гуфт Баҳром: «Шояд маро,
Ки худ чизи эшон набояд маро».

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар чор ҷуфти туанд,
Парастору[1] хоки нуҳуфти туанд.

Ба айбу ҳунар чашми ту дидашон,
Бад-он сон ки дид ӯ, писандидашон.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар чаҳор
Пазируфтам аз пок Парвардгор».

Бигуфт ину аз ҷой бар пой хост,
Ба дашт-андар овоз болой хост.

Бифармуд, то ходимони сипаҳ
Баранд он бутонро ба мушкуи шаҳ.

Сипоҳ андаромад якояк зи дашт,
Ҳама шаб бад-он дашт[2] лашкар гузашт.[3]

Фурӯ монд аз он осиёбон шигифт,
Шаби тира андеша андаргирифт.

Ба зан гуфт: «Ин номдори шумо,
Бад-ин бурзу болову ин дастго

Шаби тира ин ҷойгаҳ чун расид?»
Занаш гуфт: «Аз дур оташ бидид».

Бар овози ин ромиши духтарон,
Нишасту[4] май оварду ромишгарон.

Чунин гуфт он[5] осиёбон ба зан,
Ки «Эй зан, маро[6] достоне бизан,

1. ИЛ – Парастори
2. Л – Ҳаме гирд
3. Л – бигашт.
4. ИЛ – Зи мастӣ
5. И – боз
6. И – бар ин

Ки некист фарҷоми ин, гар[1] бадӣ?
Занаш гуфт: «Коре буд[2] ин эзадӣ».

Напурсид, чун дид мард аз нажод,
На бар[3] хоста бар дилаш буд ёд.

Ба рӯи замин-бар ҳаме моҳ ҷуст,
На динор ё[4] духтари шоҳ ҷуст.

Шаман гар бубинад[5] чу[6] эшон ба Чин,
Гусиста бувад[7] бар бутон[8] офарин.

Бад-ин гуна то шед аз пушти зоғ
Баромад, ҷаҳон шуд чу равшанчароғ.

Ҳаме рафт ҳар гунае достон,
Чи аз баднажоду чи аз ростон,

Чу шаб тира[9] шуд, меҳтар омад зи деҳ,
Бад-ин пир гуфт: «Эй гави Рӯзбеҳ.

Ба болинат омад шаби тирабахт,
Ба бор омад он сабзшохи[10] дарахт».[11]

Нигаҳ карду он ҷашну оташ бидид,
Инонро бупечиду з-он сӯ кашид.

Кунун духтарони ту ҷуфти ваянд,
Ба ором андар нуҳуфти ваянд.

Бад он мӯю он рӯю он ростӣ
Ҳама[12] шоҳро духтар оростӣ.

1. ИЛ – ё.
2. Л – бувад
3. Л – аз
4. ИЛ – бо
5. Л – Буторой бинад
6. И – Буторой монанди
7. Л – шавад
8. Л – Чу бинад, кунад, бегумон,
9. ИЛ – рӯз.
10. И – хусравонӣ
11. ТПИЛМ – Шаби тирагун дӯши Баҳромшоҳ
12. Л – Ҳаме Ҳамеомад аз дашти нахчиргоҳ.

Шаҳаншоҳ Баҳром домоди туст,
Ба ҳар кишваре з-ин сипас ёди туст.

Туро дод ин кишвару марз пок,
Маҳӯр ғам, ки гаштӣ аз андӯҳу бок.

Кунун мо ҳама кеҳтарони туем,
Чӣ кеҳтар, ҳама чокарони туем.

Бифармой фармон, ки фармон турост,
Ҳама кеҳтаронему паймон туроств».[1]

Бад-ӯ осиёбону зан хира монд,
Ҳама[2] ҳар яке номи Яздон бихонд.

Чунин гуфт меҳтар, ки «Ин рӯю мӯй
Зи чархи чаҳорум хур овард шӯй».

## ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР ГАНҶИ ҶАМШЕДРО

Дигар ҳафта омад ба нахчиргоҳ,
Худу мӯбаду вижагони[3] сипоҳ.

Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Чу боди дамону асое[4] ба даст.

Бипурсиду гуфто, ки[5] Баҳромшоҳ
Куҷо бошад андар миёни сипоҳ?

Бад-ӯ гуфт мӯбад: «Чӣ хоҳӣ, биҷӯй,
Ту шоҳи ҷаҳонро набинӣ ба рӯй?!»

Бад-ӯ[6] дод посух, ки «То рӯи шоҳ
Набинам, нагӯям сухан бо сипоҳ».

1. ИЛ – б. 504 – 506 нест.
2. Л – Ҳаме
3. Л – вижагон бо
4. ИЛ – гурозе
5. Л – Зи лашкар бипурсид
6. ИЛ – Чунин

Бари шоҳ бурданд ҷӯяндаро,[1]
Чунон доништ марди гӯяндаро.[2]

Биёмад чу Баҳромро дид, гуфт,
Ки «Бо ту сухан дорам андар нуҳуфт».

Инонро бупечид Баҳроми Гӯр,
Зи дидори лашкар бурун ронд бӯр.

Бад-ӯ гуфт мард: «Эй ҷаҳондор шоҳ,[3]
Ба гуфтори ман кард бояд нигоҳ.

Бад-ин марз деҳқонаму кадхудой,
Худованди ин буму ишту сарой,

Ҳаме об бурдам бад-ин[4] марзи хеш,
Ки дар кор пайдо кунам[5] арзи хеш,

Чу бисёр гашт обу густох шуд,
Миёни яке марз сӯрох шуд.

Шигифтӣ хурӯше ба гӯш омадам,
К-аз он саҳм аз ҳон хурӯш омадам.

Ҳаме омад аз об овои санҷ,
Хурӯшаш ҳаме раҳ намояд ба ганҷ».

Чу бишнид Баҳром, аз он сӯ кашид,
Ҳама дашт пурсабзаву об дид.

Бифармуд, то коргар бо гуроз
Биёранд[6] чанде зи роҳи дароз.

Фуруд омад аз асп шоҳи баланд,
Широъе заданд аз бари киштманд.

1. И – гӯяндаро,
2. И – Ҷаҳондидаи шоҳҷӯяндаро.
3. И – меҳтар ҷаҳондида шоҳ,
4. И – сӯи
5. И – Ки пайдо кунам дар ҷаҳон
6. Л – Биёред

Шаб омад гавон[1] шамъ бифрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой оташ ҳаме сӯхтанд.[2]

Зи дарё чу хуршед[3] барзад дирафш,
Чу масқул гашт он ҳавои бунафш.

Зи ҳар сӯ бирафтанд коригарон,
Шуданд анҷуман чун сипоҳи гарон.

Заминро ба кандан гирифтанд пок,
Шуд он ҷойи ҳомун саросар[4] мағок.

Зи кандан чу гаштанд мардон сутӯҳ,
Падид омад аз хок ҷое[5] чу кӯҳ.

Яке хонае карда аз пухтахишт,
Ба соруҷ карда ба сони биҳишт.

Кананда табар зад ҳаме аз бараш,
Падид омад аз дур ҷойи дараш.

Чу мӯбад бидид, андаромад ба[6] дар,
Або ӯ яке ирмони дигар.

Яке хона диданд паҳну дароз,
Баровარда болои ӯ чанд ёз.

Зи зар карда бар пой ду говмеш,
Яке охуре карда заррин зи[7] пеш.

Забарҷад ба охур-дарун рехта,
Ба ёқути сурх андаромехта.

Чу ду гови гардун[8] миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.

1. И – ҳама
2. И – ҳамесӯхтанд.
3. И – Дигар рӯз чун мехр
4. И – ба сони
5. И – коҳе
6. И – зи
7. Л – ба
8. Л – заррин

Миёни[1] биҳӣ дурри хушшоб буд,
Ки ҳар донае[2] қатраи об буд.

Ҳамон говро чашм ёқут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.[3]

Ҳама гирд бар гирди ӯ шеру гӯр,
Яке дида ёқуту дигар булӯр.

Тазарвони заррину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар.

Чу дастур дид он, бари шоҳ шуд,
Ба ройи баланд афсари моҳ шуд.

Ба тундӣ ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Хез,
Ки омад ҳама ганҷҳоро ҷаҳиз.

Яке хона пургавҳар омад падид,
Ки чархи фалак дошт онро калид».

Бад-ӯ гуфт меҳтар, ки[4] бар ганҷ ном,
Нависад касе, к-аш бувад ганҷ[5] ком.

Нигаҳ кун бад-ин ганч, то номи кист,
Ҳам огандани ӯ[6] ба айёми кист?»

Биёмад сари мӯбадон, чун шунид,
Бад-он гов-бар номи[7] Ҷамшед дид.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Кардам нигоҳ,
Набиштаст бар гов «Ҷамшедшоҳ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сари мӯбадон,
Ба ҳар кор донотар аз бихрадон[8],

1. И – Ба сони
2. И – К-аз он ҳар яке
3. И – б. 539 нест
4. мИЛ – Баҳром
5. И – рою
6. И – он
7. Л – мӯҳри
8. И – ҳушёртар аз радон,

Зи ганҷе ки Ҷамшед бинҳод[1] пеш,
Чаро кард бояд маро ганҷи хеш?

Маро[2] ганҷ к-он ҷуз ба шамшери[3] дод
Фароз ояд аз[4] подшоҳӣ,[5] мабод.

Ба арзониён деҳ ҳама, ҳар чӣ ҳаст,
Мабодо, ки ояд ба мо-бар[6] шикаст.

Агар ном бояд, ки пайдо кунем,
Ба доду ба шамшер ганҷ оганем.

Набояд сипоҳӣ маро баҳра з-ин,
На танг аст бар мо ба мардӣ замин.

Ҳама хоста сарбасар ҳамчунон
Бибояд шумурдан ба расми каён.

Фурӯшед гавҳар ба зарру ба сим,
Зани бевaву кӯдакони ятим.

Тиҳидаст мардум, ки доданд[7] ном,
Гусаста дил аз ҷойи[8] орому ком,[9]

Зи вайрону обод гирд оваред,
В-аз он пас якояк ҳама[10] бишмаред[11]

Бубахшид динору ганҷу дирам
Ба музди равони ҷаҳондор Ҷам.

Маро то ҷавон бошаму тандуруст,
Чаро боядам ганҷи Ҷамшед ҷуст?

1. И – Зи ранҷе, ки бурдаст Ҷамшед
2. Л – Ҳар он; И – Ҳам он
3. И – Фароз ояд он, дархури ман мабод.
4. Л – он
5. И – он дархури ман;
6. И – Маёвар ба коми ман-андар
7. Л – доранд
8. Л – ному
9. И – б. 557 нест.
10. И – зару гавҳарон
11. ТПЗ – Касеро, ки андӯҳи вом аст низ,
Аз ин ганҷ бояд, ки бошад-ш чиз.

Аз он деҳ як онро,ки бинмуд роҳ,
Ҳаме шоҳ ҷуст аз миёни сипоҳ.

Кафан ҳар кӣ бистонад аз Ҷаммшед,
Ба шодӣ мабодаш зи кайҳон умед.

Чу бо лашкарам тан ба ранҷ оварам,
Зи Туру зи Чин ному ганҷ оварам.

Ману аспи шабдизу шамшери тез,
Нагирам фиребу надонам гурез.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ганҷи хеш,
Ки гирд оварид аз хаю ранҷи хеш.

Биёвард гурдони кишвар-шро
Дирам дод яксола лашкар-шро.

Яке базмгаҳ сохт дар навбаҳор,
Биёрост айвони гавҳарнигор.

Майи лаъли рахшон ба ҷоми булӯр,
Чу шуд хурраму шод Баҳроми Гӯр,

Ба ёрон чунин гуфт, к-«Эй саркашон,
Шунида зи тахти бузургон нишон,

Зи Ҳушанг то Нӯзари номдор,
Ки аз Офаридун буд ӯ ёдгор,

Бар ин ҳамнишон то сари Кайқубод,
Ки тоҷи бузургӣ[1] ба сар барниҳод,

Бубинед, то з-он бузургон кӣ монд?
Бар эшон ба дод офарине[2] кӣ хонд?

Чу кӯтоҳ шуд гардиши рӯзгор,
Сухан монд аз он меҳтарон ёдгор,

Ки инро маниш буду онро набуд,
Якероситӯҳид,[3] дигар ситуд.

1. Л – Фаридун
2. ИЛ – офарине
3. И – накӯҳид; Л – Якешон накӯҳиду

Якояк ба навбат ҳаме бугзарем,
Сазад, гар ҷаҳонро ба бад наспарем.[1]

Чаро ранҷи[2] он рафтагон боядам,
В-агар[3] дил ба динор букшоядам.

Набандам[4] дил андар сарои сипанҷ
Нанозам ба тоҷу нанозам ба ганҷ.

Чу рӯзе[5] ба шодӣ ҳаме бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?!

Ҳар он гаҳ ки аз зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони мо

Бинолад яке кеҳтар аз ранҷи ман,
Мабодо сару афсару ганҷи ман.

Яке пир буд, номи ӯ Моҳёр,
Шуда соли ӯ бар саду шасту чор.

Чу овоз бишнид, бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй меҳтари доду рост.[6]

Хабар ёфтам аз Фаридуну Ҷам,
В-аз он номдорон ба ҳар бешу кам.

Чу ту шоҳ нашнид кас дар ҷаҳон,
Умеди кеҳониву фарри меҳон.

Дилат гар ба паҳнош[7] дарёстӣ,
Зи дарё чунон мавҷ бархостӣ,

Ки нури суруш аз равони ту хост,
Хирад дар дили марди доно бикост.

1. И –б. 575 нест.
2. И – Чу аз ганҷи; Л – ганҷи
3. И – Магар
4. И – Бубандад
5. И – рӯзаш
6. И – Бад-ӯ гуфт, к-«Эй довари додрост.
7. Л – паҳнои

Ту ганҷе парокандӣ андар ҷаҳон,
Ки он кас надид аз кеҳону меҳон.*[1]

Ба ҳангоми[2] Ҷам чун сухан ронданд,
Варо Ганҷи Говон ҳамехонданд.

Надонист кас дар ҷаҳон, к-он куҷост,
Ба хок аст ё[3] дар дами аждаҳост.

Ту чун ёфтӣ, нангаридӣ ба ганҷ,
Ки нанг омадат з-ин сарои сипанҷ,

Ба дарё ҳамоно, ки чандин[4] гуҳар,
Набинад ҳаме дидаи ҷонвар[5]

Ба дарвеш бахшидӣ он[6] гавҳарон,
Ҳамон гови зар аз[7] карон то карон

Ки тоҷу камар бе ту ҳаргиз мабод,
Ту ободу пирӯзу бахти[8] ту[9] шод.

Басе дафтари хусравон з-ин сухун
Сияҳ гардаду ҳам наёяд ба бун.[10]

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БОЗУРГОНЕ ВА ШОГИРДИ Ӯ

Дигар ҳафта рӯзе[11] ба нахчир шуд,
Дижам буд бо таркашу тир шуд.

1. М – б. 587 нест.
2. И – Бузургон зи
3. И – гар
4. ИЛ – чандон
5. Ба дида набинад касе тоҷвар; Л – Надиду набинанд сар тоҷвар.
6. И – бубахшид з-он
7. И – Ҳама гавҳарони
8. Л – Танободу пирӯзу тахт аз
9. И – Туро бод пирӯзиву тахт
10. ТПЗИЛ – Пас аз рафтанат номи ту зинда монд,
Чу гӯянда таърихи рӯзи ту хонд.
11. И – Дувум ҳафта танҳо

Зи хуршеди тобанда шуд дашт гарм,
Сипаҳбад зи нахчир[1] баргашт нарм.[2]

Сӯи кохи бозоргоне расид,
Ба ҳар сӯ[3] нигаҳ карду касро[4] надид,

Ба бозоргон гуфт: «Моро сипанҷ
Тавон кард, к-аз мо набинӣ ту ранҷ».

Чу бозоргонаш фуруд оварид,
Бигашту яке шоҳро ҷо гузид.[5]

Ҳаме буд нолон зи дарди шикам,
Ба бозоргон дод лахте дирам.

Бад-ӯ гуфт: «Лахте панири куҳун,
Або мағзи бодом бирён бикун».

Наёвард бозоргон он чи гуфт,
Набуд мағзи бодомаш андар нуҳуфт.

Чу торик шуд, мизбон рафт нарм,
Яке мурғи бирён биёвард гарм.

Биёрост хон, пеши Баҳром бурд,
Ба бозоргон гуфт Баҳроми гурд,

Ки «аз ту панири куҳан хостам,
Забонро ба хоҳиш[6] биёростам

Наёвардиву дода будам дирам,
Ки «Ноланда[7] будам зи дарди шикам».

Чунин дод посух, ки «Эй бехирад,[8]
Надорӣ хирад, то равон парварад.

---

1. И – аз он дашт
2. ТПМ – Зи раҳ чун ба айвони худ рӯй дошт,
   Чу чанде зи роҳи биёбон гузошт.
3. И – Сипаҳбад
4. И – ӯро
5. Л – хобгаҳ баргузид; И – Нигаҳ карду як ҷойгаҳ баргузид.
6. И – Бад-ин орзу дил
7. ИЛ – Нолида
8. И – камхирад,

Чу овардам ин мурғи бирёни гарм,
Фузун хостан нест оини шарм».

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Бишуд з-орзуяш панири куҳан.

Пушаймон шуд аз гуфти худ, нон х(в)ард,[1]
Бар ӯ низ ёди гузашта[2] накард.

Чу ҳангомаи хоб будаш, бихуфт,
Ба бозоргон чизи дигар нагуфт.

Зи дарёи чӯшон чу хур бардамид,
Шуд он чодари қиргун нопадид,

Ҳаме гуфт пурмоя бозоргон
Ба шогирд, к-«Эй марди нокордон!

Чаро мурғ, к-арзаш набуд як дирам,
Ба афзун харидиву кардӣ ситам.[3]

Гар арзон будӣ мурғ бо ин савор,
Набудӣ маро тирашаб корзор.

Харидӣ гар ӯро ба донге панир,
Будӣ бо ман имрӯз чун шаҳду шир»,[4]

Чунин гуфт шогирд, к-«Ин як тан аст,[5]
Чунон дон, ки мурғаш[6] шумори ман аст.

Ту меҳмони ман бош бо ин савор,
Бад-ин мурғ бо ман макун корзор».

Чу Баҳром бархост аз хоби х(в)аш,
Бишуд пеши он бораи дасткаш,

Ки з-ин барниҳад, то ба айвон шавад,
Кулоҳаш зи айвон ба кайвон шавад,

1. И – гуфтаву нон бих(в)ард.
2. И – Дигар низ ӯ орзуе
3. И – Харидиву кардӣ ба ман-бар ситам.
4. И – б. 616 нест.
5. И – Чунин дод посух, ки ёри ман аст.
6. ИЛ – мурғ аз

Чу шогирд дидаш,[1] ба Баҳром гуфт,
Ки «Имрӯз бо банда мебош ҷуфт».

Бишуд шоҳу наншаст*[2] бар тахти ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.

Ҷавон рафту овард хоя дувист,
Ба устод гуфт: «Эй гиромӣ,[3] маист.

Бикун мағзи бодом бирёну гарм
Панири куҳан соз бо нони нарм,

Ки ин орзуҳо ҳаме дӣ бихост,
Бубар нону хоне биёрой рост».

Бишуд назди Баҳрому гуфт: «Эй савор,
Ҳаме хоя кардӣ ту дӣ хостор.

Кунун орзуҳо биёрем гарм,
Дигар то расад хӯрданӣ нарм-нарм».[4]

Бигуфт ин сухан, пас ба бозор шуд,
Ба сози дигаргун харидор шуд.

Шакар ҷусту бодому мурғу бара,
Ки ороиши хон кунад яксара.

Маю заъфарон бурду мушку гулоб,
Сӯи хона шуд бо диле пуршитоб.[5]

Биёвард хон бо хуришҳои нағз,
Ҷавон пурманиш буду покизамағз.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми пурмай бибурд,
Нахустин ба Баҳроми хусрав супурд.

Зи хӯрдан*[6] ба ҷоми дамодам шуданд,
Бад-ин гуна то шоду хуррам шуданд,

1. И – дид он,
2. М – биншаст
3. И – Ба бозоргон гуфт: чандин
4. Л – б. 625.
5. Л – диле пур зи тоб.
6. М – хӯрдак

Чунин гуфт бо мизбон шаҳрёр,
Ки «Баҳром моро кунад хостор,[1]

Шумо май гусореду мастон шавед,
Маҷунбед, то майпарастон шавед».

Бимолид шабдизу[2] зин барниҳод,
Сӯи гулшан омад зи май гашта[3] шод.

Ба бозоргон гуфт: «Чандин макӯш
Ба афзунӣ, эй марди афзунфурӯш.

Ба донге маро дӯш бифрӯхтӣ,
Ҳаме чашми шогирд бардӯхтӣ,

Ки мурғе харидӣ фузун аз баҳо,
Ниҳодӣ маро дар дами аждаҳо».

Бигуфт ин ба бозоргону бирафт,
Сӯи кохи[4] шоҳӣ гурозид тафт.

Чу хуршед бар тахт[5] бинмуд тоҷ,
Ҷаҳонбон нишаст аз бари тахти оҷ.

Бифармуд хусрав ба солори бор,
Ки бозоргонро кунад хостор.

Биёвард шогирд бо ӯ ба ҳам,
Яке шод аз эшону дигар дижам.

Чу шогирдро дид, бинвохташ,
Бари меҳтарон шод биншохташ.

Яке бадра бурданд наздики ӯй,
Ки чун моҳ шуд ҷони торики ӯй.

Ба бозоргон гуфт: «То зиндаӣ,
Чунон дон, ки шогирдро бандаӣ.

1. И – б. 633 – 634 нест.
2. И – гулранг,
3. И – шуда масту
4. ИЛ – гоҳи
5. Л – чарх; И - гоҳ

Ҳамон низ ҳар моҳиёна ду бор,
Дирам шаст ганҷе бар ӯ баршумор.

Ба чизи ту ӯ[1] сози меҳон кунад,
Дили марди озода хандон[2] кунад».

Ба мӯбад чунин гуфт з-он пас, ки «Шоҳ,
Чу кори ҷаҳонро надорад нигоҳ,

Чӣ донад, ки мардум кадом аст меҳ,
Чӣ гуна шиносад бадонро зи беҳ?

Кунун, эй хирадманди донишпазир,
Агар бихрадӣ, як сухан ёд гир.

Бахилӣ макун эч, агар мардумӣ,
Ҳамоно зи ту кам кунад хуррамӣ.[3]

## КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО ВА ДОСТОНИ Ӯ БО ЗАНИ ПОЛИЗБОН

Ҳаме буд якчанд бо меҳтарон,
Майи равшану ҷому ромишгарон.

Баҳор омаду хок шуд чун биҳишт,
Ба рӯи замин-бар ҳаво лола кишт.

Ҳама бумҳо пур зи нахчир гашт,
Ба ҷӯй обҳо чун маю шир гашт.

Гурозидани гӯру оҳу ба шах,
Кашиданд бар сабза ҳар ҷой нах.

Ҳама ҷӯйборон пур аз мушкдум,
Ба сони гули нор шуд май ба хум.

Бигуфтанд бо шоҳ Баҳроми Гӯр,
Ки шуд дер ҳангоми нахчири гӯр.

Чунин дод посух, ки «Марде ҳазор
Гузин кард бояд зи лашкар савор.

1. Л – то; И – ар.
2. Л – Бад-ин бошад аз доду фармон; И – Бад-ин бошад аз доду паймон
3. И – б. 651, 652 нест.

Биёвард бояд ҳама[1] юзу боз,
Ҳама чарғу[2] шоҳини гарданфароз.

Аз эдар сӯи Тур бояд шудан,
Бибояд ба нахчир моҳе будан».[3]

Сӯи Тур шуд шоҳи нахчирҷӯй,
Ҷаҳон дид яксар пур аз рангу бӯй.

Зи гӯру зи ғурму зи оҳу ҷаҳон
Бипардохтанд он диловар меҳон.

Ду рӯз андар он корҳо шуд диранг,
Ҳаме буд Баҳром бо май ба ҷанг.[4]

Се дигар чу бифрӯхт гетифирӯз,
Шаби тира бугрехт аз бими рӯз,[5]

Барафрохт хуршеди рахшанда тоҷ,
Замин зард шуд, кӯҳу дарё чу оҷ.[6]

Ба нахчир шуд шаҳрёри далер,
Яке аждаҳо дид чун наррашер,

Ба болои ӯ мӯй буд бар сараш,
Ду пистон ба сони[7] занон бар бараш.

Камонро ба зеҳ карду тири хаданг
Бизад бар бари[8] аждаҳо бедиранг.

1. И – бо хештан
2. И – Ҳамон мурғи
3. И – И – задан.
4. И – б. 664 нест.
5. Л – б. 649 – 665 нест:
И – Чу се рӯз бугзашт аз урдубиҳишт,
Шуд аз сабза полизҳо чун биҳишт.
6. И – Ҳаме ронд шабдизро нарм-нарм,
Бад-ин гуна, то рӯз баргашт гарм.
Фуруд омад аз ҷойгаҳ шаҳрёр,
Парастандае гуфт: «Ҷоми май ор.
Бибуд маст(у) шодон шаб он ҷойгоҳ,
Чу хуршед бинмуд зарринкулоҳ.
7. Л – чу они
8. И – сари

Дигар тир зад бар миёни сараш,
Фурӯ рехт хунобу заҳр[1] аз бараш.

Фуруд омаду ханҷаре баркашид,
Саросар бари[2] аждаҳо бардарид.

Яке марди барно фурӯ бурда буд,
Ба хуну ба заҳр-андар афсурда буд.

Бар он мурда бигрист бисёр[3] зор,
В-аз он заҳр шуд чашми Баҳром[4] тор.[5]

Ҳаме ронд ҳайрону печон[6] ба роҳ,
Ба хобу ба об[7] орзуманд шоҳ.

Чунин то ба ободҷое расид,
Ба ҳомун сӯе дар сарое расид.

Зане дид бар китфи ӯ-бар сабӯй,
Зи Баҳроми хусрав бипӯшид рӯй.

Бад-ӯ[8] гуфт Баҳром, к-«Эдар сипанҷ
Диҳед, ар[9] бибояд гузаштан ба ранҷ.

Чунин[10] гуфт зан, к-«Эй набардасавор,
Ту ин хона чун[11] хонаи хеш дор.

Чу посух шунид, асп дар хона ронд,
Зани мизбон шӯйро пеш хонд.

---

1. Л – чун об хун
2. И – Саропои он
3. И – Баҳром
4. И – Шуд аз заҳри ӯ чашми солор
5. ТПЗЛ – Бурун кард мар мурдаро аз бараш,
   Ки ҳаргиз мабодо бараш бо сараш;
   И – Пас аз б. 673 ин б. омада:
   Биёмад сӯи об, танро бишуст.
   Яке ҷойгоҳи ниёиш биҷуст.
   Фаровон бимолид рух бар замин,
   Ҳаме кард бар Кирдгор офарин.
6. И – В-аз он ҷо биёмад шитобон.
7. И – ба хӯрд
8. И – Ба зан
9. И – Диҳӣ то
10. И – Бад-ӯ
11. И – хонаро

Бад-ӯ гуфт: «Коҳ ору аспаш бимол,
Чу шона надорӣ ба пашмин ҷувол».

Худ[1] омад ба ҷое, ки будаш[2] нуҳуфт,
Зи пеш андарун рафту хона бируфт.

Ҳасире бигустурду болин ниҳод,
Ба Баҳром- бар офарин кард ёд.

Сӯи хонаи об шуд, об бурд,
Ҳаме дар ниҳон шӯйро баршумурд,

Ки ин пири аблаҳ, бимонад ба пой,[3]
Ҳар он гаҳ ки бинад касе дар[4] сарой.

Набошад чунин кор, кори занон,
Манам лашкариро зи хидматкунон.[5]

Бишуд шоҳ Баҳрому рухро бишуст,
К-аз он аждаҳо буд нотандуруст.[6]

Биёвард зан хону бинҳод рост
Бар ӯ тарраву сиркаву нону мост.

Бихӯрд андаке нону нолон бихуфт,
Ба дастори чинӣ рух андарнуҳуфт.

Чу аз хоб бедор шуд, зан ба шӯй
Ҳаме гуфт, к- «Эй зишти ношустарӯй,

Бара кушт бояд туро, к-ин савор
Бузург асту аз тухман шаҳрёр.

Ки бурзи каён дораду фарри моҳ,
Намонад ҳаме ҷуз ба Баҳромшоҳ».[7]

1. Л – Чу
2. И – Фуруд оваридаш ба ҷое
,3. И – ҷой
4. И – пас андар
5. Л – б. 684, 685 нест.
6. ТП – Биёмад, нишаст, аз бари он ҳасир,
Ба дархона бар пой буд марди пир.
7. И – фарри каён дораду рӯи

Чунин гуфт бо зан фурӯмоя шӯй,
Ки «Чандин чаро боядат гуфтугӯй?

Надорӣ намаксуду ҳезум, на нон,
На шаб дук ресӣ ҳаме чун занон,

Бара куштиву хӯрду рафт ин савор,
Чӣ ояд туро з-ӯ дар ин раҳгузор?

Зимистону сармову боди дамон
Ба пеш оядат як замон[1] бегумон.

Ҳаме гуфт анбозу нашнид зан,
Ки ҳам некзан буду ҳам ройзан.

Бара кушта шуд ҳам ба фарҷоми кор
Ба гуфтори он зан зи баҳри савор.

Чу шуд кушта, деге тарина бипухт,
Бибурд оташу ҳезуми нимсӯхт.

Биёвард хоне бари шаҳрёр,
Бар ӯ хояву тарраи ҷӯйбор.

Яке пойи бирён бибурд аз бара,
Ҳамон пухта чизе, ки буд яксара.

Чу Баҳром даст аз хуришҳо бишуст,
Ҳаме буд бехобу[2] нотандуруст.

Чу шаб кард бо офтоб анҷуман,
Кадуи маю санҷид овард зан.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй зани камсухан,
Яке достон гӯй бо ман куҳан.

Бад-он то ба гуфтори ту май х(в)арам,[3]
Даме дар[4] дил андӯҳро бишкарам.[5]

1. И – ногаҳон
2. И – нолону
3. Л – хӯрем,
4. Л – Ба май бар
5. Л – бишкарем.

Ба ту достон низ кардам яла,
Аз ин шоҳат озодӣ аст аз гала».

Зани камсухан гуфт, к-«Оре, накӯст
Ҳам оғозу фарҷоми ҳар кор аз ӯст».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин асту бас,
Аз ӯ доди хубӣ набинанд[1] кас».

Зани пурманиш[2] гуфт, к-«Эй покрой,[3]
Бад-ин деҳ[4] фаровон кас асту сарой.

Ҳамеша гузори саворон бувад,
Зи девони шаҳ[5] кордорон бувад.

Яке номи дуздӣ ниҳад бар касе,
Ки фарҷом аз он ранҷ ёбад басе.

Бикӯшад зи баҳри дирам панҷу шаш,
Ки нохуш[6] кунад бар дилаш рӯзи х(в)аш.

Зани поктанро ба олудагӣ
Барад ному ёзад[7] ба беҳудагӣ.

Зиёне бувад, к-он наёяд ба ганҷ,
Зи шоҳи ҷаҳондор ин аст ранҷ».

Пурандеша шуд з-ин сухан шаҳрёр,
Ки бад шуд варо ном аз он пойкор.[8]

Ба дил гуфт пас шоҳи яздоншинос,
Ки «Аз додгар кас надорад ҳарос.[9]

Дуруштӣ кунам з-ин сипас рӯз чанд,
Ки пайдо шавад меҳру дод[10] аз[11] газанд.

1. Л – Ба ҷуз доди хубиш наҳоҳанд
2. И – мизбон
3. хуброй,
4. И – Дар ин
5. Л – девону аз
6. Л – Ки то хун
7. И – кӯшад
8. Л – ёдгор: И –б. 713, 714 нест.
9. ИЛ – сипос.
10. И – Ки то дод пайдо шавад
11. Л – доду

Бад-ин тираандеша печон нахуфт,
Ҳама шаб дилаш бо ситам буд ҷуфт.

Бад-он гаҳ ки хур чодари мушкбӯй
Бидарриду бар чарх бинмуд рӯй,[1]

Биёмад зан аз хона, бо шӯй гуфт,
Ки ҳаркораву оташ ор аз нуҳуфт,

Зи ҳар гуна тухм андарафкан ба об,
Набояд, ки бинад варо офтоб.

Кунун то бидӯшам ман аз гов шир,
Ту ин кори ҳаркора осон магир».

Биёвард гов аз чарогоҳи хеш,
Фаровон гиё бурду бинҳод пеш.

Ба пистон-ш-бар даст молиду гуфт
Ба номи Худованди беёру ҷуфт.

Тиҳӣ дид пистони говаш[2] зи шир,
Дили мизбони ҷавон гашт пир.

Чунин гуфт бо шӯй, к-«Эй кадхудой,
Дили шоҳи гетӣ дигар шуд ба рой.

Ситамкора шуд шаҳрёри ҷаҳон,
Дилаш дӯш печон шуд андар ниҳон».

Бад-ӯ гуфт шӯй: «Аз чӣ гӯӣ ҳаме,
Ба фоли бад-андар чӣ ҷӯӣ ҳаме?»

Бад-ӯ[3] гуфт зан, к-«Эй гаронмоя шӯй,
Маро беҳуда нест ин[4] гуфтугӯй.

Зи гардун натобад бибоист моҳ,
Чу бедодгар шуд ҷаҳондор шоҳ.

1. И –б. 717, 718 нест.
2. И – ғорак
3. ИЛ – Чунин
4. И – нест беҳуда он

Ба пистонҳо-дар шавад шир хушк,
Набӯяд ба нофа-дарун низ мушк.

Зинову риё ошкоро шавад,
Дили нарм чун санги хоро шавад.

Ба дашт-андарун гург мардум хӯрад,
Хирадманд бугрезад аз бехирад.

Шавад хоя дар зери мурғон табоҳ,
Ҳар он гаҳ ки бедодгар гашт шоҳ.[1]

Чарогоҳи ин гов камтар набуд,
Ҳам обишхӯраш низ бадтар набуд.

Ба пистон чунин хушк шуд шири ӯй,
Дигаргуна шуд ранги чун қири[2] ӯй».

Чу шоҳи ҷаҳон ин суханҳо шунуд,
Пушаймонӣ омад аз андеша зуд.[3]

Ба Яздон чунин гуфт, к-Эй комгор,[4]
Тавонову дорандаи рӯзгор,[5]

Агар тоб гирад дили ман зи дод,
Аз ин пас маро тахти шоҳӣ мабод.

Зани фарруху поку[6] яздонпараст
Дигарбора бар гов молид даст.

Ба номи Худованд зад дасту[7] гуфт,
Ки берун гузорӣ ту шир аз нуҳуфт.

---

1. И – Пас аз б. 733 ин б. омада:
   Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
   Шавад баччаи бозро дида кӯр.
2. Л – рангу ожири
3. Л – зи андеша суд.
4. И – Кирдгор.
5. И – донову парвардгор.
6. ИЛ – фаррухи поки
7. Л – Зардушт

Зи пистони говаш[1] биборид[2] шир,
Зани мизбон гуфт, к-«Эй дастгир,

Ту бедодро кардаӣ додгар,
В-агарна набудӣ варо ин ҳунар».

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки «Бедодро рой шуд боз ҷой.

Ту бо хандаву ромишӣ боз аз ин,
Ки бахшид бар мо ҷаҳонофарин».

Ба ҳаркора-дар шир чун пухта шуд,
Зану мард аз он кор пардахта шуд,

Ба наздики меҳмон шуд ин покрой,
Ҳаме бурд хон аз пасаш кадхудой.

Ниҳода бад-ӯ косаи ширбо,
Чу некӯ будӣ, гар будӣ зербо.

Аз он ширбо шоҳ лахте бих(в)ард,
Чунин гуфт пас бо зани поймард,[3]

Ки «Ин тозиёна ба даргоҳ бар,
Биёвез[4] ҷое, ки бошад гузар.

Нигаҳ кун яке шоҳи нарри[5] баланд,
Набояд, ки аз бод ёбад газанд.

В-аз он пас бубин, то кӣ ояд зи роҳ,
Ҳаме кун бад-ин тозиёна нигоҳ.

Худованди хона бипӯид сахт,
Биёвехт он шеби шоҳ[6] аз дарахт.

Ҳамон дошт ӯро замоне нигоҳ,
Падид омад аз роҳ бемар сипоҳ.

1. И –говак
2. И – биёзид
3. Л – бо зан ба фармони мард.
4. И – Даровез
5. Л – бартар
6. Л – з-он сон, ки гуфт

Ҳар он кас, ки он тозиёна бидид,
Ба Баҳром-бар офарин густарид.

Пиёда ҳама пеши шеби дароз
Бирафтанду бурданд як-як намоз.

Зану ҷуфт[1] гуфт: «Ин ҷуз аз шоҳ нест,
Чунин чеҳра ҷуз дархури[2] гоҳ нест».

Пур аз шарм рафтанд ҳар ду зи роҳ,
Пиёда давон то ба наздики шоҳ,

Ки «Шоҳо, бузурго, радо, бихрадо,
Ҷаҳондору бар мӯбадон мӯбадо,[3]

Бад-ин хона дарвеш буд мизбон,
Зане бенаво, шӯй полезбон.

Бад-ин бандагон[4] низ кӯшиш набуд,
Ҳам аз шоҳ моро пажӯҳиш набуд,

Ки чун ӯ бад – ин ҷой меҳмон расад,
Бад – ин бенаво миҳану мон расад».

Бад – ӯ гуфт Баҳром, к – «Эй Рӯзбеҳ,
Туро додам ин марзу ин буму деҳ.

Ҳамеша ҷуз аз мизбонӣ макун,
Бар ин бошу полезбонӣ макун».

Бигуфт ину хандон бишуд з – ин[5] сарой,
Нишаст аз бари борай[6] бодпой.

Бишуд з – ин деҳи бенаво шаҳрёр,
Биёмад ба айвони гавҳарнигор.[7]

1. Л – шӯй
2. Л - аз дари
3. И – б. 757 758 нест.
4. Л – бандагӣ
5. Л – он гаҳ бишуд з – он; И – хуррам бишуд з-он.
6. И – тозии
7. ИЛ – б. 765 нест.

## РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИР ВА ХОСТАНИ ДУХТАРОНИ БАРЗИНДЕҲҚОН

Ба рӯзе се дигар[1] бурун рафт шоҳ,
Або лашкару сози нахчиргоҳ.

Бузургони Эрон зи баҳри шикор
Ба даргоҳ рафтанд сесад савор.

Або ҳар саворе парастандасӣ
Зи турку зи румиву аз порсӣ.[2]

Ба дебо биёроста даҳ шутур,
Рикобаш ҳама зарру полон – ш дур.

Даҳ уштур нишастангаҳи шоҳро
Ба дебо биёроста гоҳро.

Ба пеш-андарун сохта ҳафт пил,
Бар ӯ тахти пирӯза ҳамранги нил.

Ҳама пояи тахт зарру булӯр
Нишастангаҳи шоҳ Баҳроми Гӯр.

Або ҳар яке теғзан сӣ ғулом,
Ба зарринкамарҳову зарринситом.

Сад астар буд аз баҳри ромишгарон,
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳарон

Або боздорон саду шаст боз,
Дусад чарғу шоҳини гарданфароз.

Пас-ндар яке мурғ будӣ сиёҳ,
Гиромитар он буд дар[3] чашми[4] шоҳ.

Сиёҳаш ду чангу ба минқор зард,
Чу зарри дурахшанда бар ложвард.

---

1. И – чаҳорум
2. ИП – б. 767, 768 нест.
   ТПЛМ – Парастанда сесад аз айвони шоҳ,
   Бирафтанд бо сози нахчиргоҳ.
3. Л – бар
4. И – наздики

Ҳаме хондандиш Туғро*[1] ба ном,
Ду чашмаш чунон чун пур аз хун ду ҷом,

Ки хоқон ба хусрав[2] фиристода буд,
Дигар тахт бо тоҷи[3] беҷода буд.

Яке тавқи заррин забарҷаднигор,
Чиҳил ёраву сиву аш гӯшвор.

Шутурвор сесад зароиф зи Чин
Фиристоду ёқут сесад нигин.

Паси боздорон саду бист юз,
Бибурданд бо шоҳи гетифурӯз.

Биёроста тавқи юз аз гуҳар,
Бад – ӯ андар афканда занҷири зар.

Биёмад шаҳаншоҳ аз ин сон ба дашт,
Ҳаме тоҷаш аз муштарӣ баргузашт.

Ҳар он кас, ки буданд нахчирҷӯй,
Сӯи оби дарё ниҳоданд рӯй.

Ҷаҳондор[4] Баҳром ҳар ҳафт сол
Бад – он об рафтӣ ба фархунда фол.

Чу лашкар ба наздики дарё расид,
Шаҳаншоҳ дарё пур аз мурғ дид.

Бизад таблу Туғро[5] шуд андар ҳаво,
Шикебо набуд мурғи фармонраво.

Забун буд чанголи ӯро куланг,
Шикоре, ки нахчири ӯ буд паланг.

Уқобе ба чанг омадаш, бардамид,
Саранҷом гашт аз ҳаво нопадид.[6]

---

1. М - Туғрал
2. ИЛ – хоқони Чинаш
3. Л – Яке тахт бо тоҷу
4. И – Ҷаҳонҷӯй
5. ИМ – Туғрал
6. Л – Саранҷом шуд дар ҳаво нопадид,
   Куланге ба чанг омадаш, бардамид.

Бипаррид бар сони тир аз камон,
Яке боздор аз паси ӯ дамон.

Дили шоҳ гашт аз паридан – ш танг,
Ҳаме тохт аз пас бар овои занг.

Яке боғ пеш андаромад фарох,
Баровардa аз гӯшаи боғ кох.

Бишуд тозиён бо тане чанд шоҳ,
Ҳаме буд лашкар ба нахчиргоҳ.

Чу Баҳроми Гӯр[1] андаромад ба боғ,
Яке ҷой дид аз пасаш тундроғ.[2]

Миёни гулистон яке обгир
Ба лаб барнишаста[3] яке марди пир.

Заминаш ба дебо биёроста,
Ҳама боғ пурбандаву[4] хоста.

Се духтар бари ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи пирӯза тоҷ.

Ба рух чун баҳору ба боло баланд,
Ба абрӯ камону ба гесӯ каманд.

Яке ҷом бар дасти ҳар як булӯр,
Бад – эшон нигаҳ кард Баҳроми Гӯр.

Зи дидорашон чашми ӯ[5] хира гашт,
Зи бозори Туғро[6] дилаш тира гашт.

Чу деҳқони пурмоя ӯро бидид,
Рухи ӯ шуд аз бим чун шанбалид.

Хирадманд пиреву Барзин ба ном,
Дили ӯ шуд аз шоҳ ношодком.[7]

1. И – Баҳромшоҳ
2. И – Яке боғ дид аз фарохӣ чу роғ.
3. И – Нишаста бар ӯ – бар
4. И – бо бандаву.
5. И – шаҳ
6. И – Ҳам аз кори туғрал
7. Л – б. 803 нест.

Бирафт аз лаби ҳавз Барзин чу бод,
Бари шоҳ шуд, хокро бӯса дод.

Чунин[1] гуфт к – «Эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ба коми дилат бод[2] гардонсипеҳр.

Наёраст гуфтан, ки эдар биист
Бад – ин марзи ман бо саворе дувист.

Сари бахти Барзин барояд ба моҳ,
Агар шод гардад бад – ин боғ шоҳ».

Ба Барзин чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Имрӯз Туғро шуд аз мо ниҳон.

Дилам гашт аз ин мурғи гиранда танг,
Ҳаме тохтам пас бар овои занг».

Чунин посух овард Барзин ба шоҳ,
Ки «Акнун яке мурғ дидам сиёҳ,[3]

Або ранги[4] заррин, танаш ҳамчу қир,
Ҳамон чанги минқори ӯ чун зарир.

Биёмад, бар он гавзбун барнишаст,
Ҳам акнун ба бахти ту ояд ба даст».

Ҳамон гаҳ яке бандаро гуфт шоҳ,
Ки «Шав, гавзбун кун саросар нигоҳ».

Бишуд банда чун бод, овоз дод,
Ки «Ҳамвора шоҳи ҷаҳон шод бод!

Ки Туғро ба шохе баровехтаст,
Кунун боздораш, бигирад ба даст,

Чу Туғро[5] падид омад, он пир гуфт,
Ки «Эй бар замин шоҳи беёру[6] ҷуфт.

1. Л-Бад-ӯ.
2. Л – ту гардод
3. И – б. 805 – 810 нест.
4. Л – занги
5. И – туғрул
6. - бобод

Пайи мизбон бар ту фархунда бод,
Ҳама тоҷдорон[1] туро банда бод.

Бад – ин шодӣ акнун яке ҷом хоҳ,
Чу ороми дил ёфтӣ, ком хоҳ».

Шаҳаншоҳи гетӣ бад – он обгир,
Фуруд омаду шодмон гашт пир.

Биёмад ҳамон гоҳ дастури[2] ӯй,
Ҳам он хайлдорону ганҷури[3] ӯй.

Биёвард Барзин майи сурху ҷом,[4]
Нахустин зи шоҳи ҷаҳон буд ном,

В – аз он пас биёвард ҷоми булӯр,
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Ҷаҳондор чун дид,[5] бистад набид,
В – аз андозаи хатт(у)[6] бартар кашид.

Чу барзин чунон дид, баргашт шод,
Биёмад, ба ҳар ҷой хумме ниҳод.

Чу шуд маст Барзин, бад – ин духтарон
Чунин гуфт, к – «Эй пурҳунар кеҳтарон,

Бад - ин боғ Баҳромшоҳ омадаст,
На гарданкашон з - он[7] сипоҳ омадаст.

Ҳало, чома пеш овар, эй чомагӯй,
Ту чанг овар, эй духтари моҳрӯй».

Бирафтанд ҳар се ба наздики шоҳ,
Ниҳода ба сар – бар зи гавҳар кулоҳ.

Яке пойкӯбу дигар чангзан,
Се дигар хушовозу андӯҳшикан.

1. И – шаҳрёрон
2. И – бар он боғ ганҷури
3. И – Ҳама роздорону дастури
4. Л – пурмай яке зардҷом,
5. И – Ҷаҳонҷӯй Баҳром
6. И – Зи хатту зи андоза
7. И – аз

Бар овози[1] эшон шаҳаншоҳ ҷом
Зи бода тиҳӣ карду шуд[2] шодком.

Бад – ӯ гуфт, к - «Ин духтарони киянд,
Ки бо ту бад – ин шодмонӣ[3] зиянд?»

Чунин гуфт Барзин, ки «Эй шаҳрёр,
Мабинод бе ту касе[4] рӯзгор.

Чунин дон, ки он духтарони мананд,
Писандидаву дилбарони мананд.

Яке чомагӯву дигар чангзан,
Севум пой кӯбад шикан бар шикан.

Зи чизе маро нест шоҳо, камӣ,
Дирам ҳасту динору боғу замӣ.

Се духтар,[5] ба кирдори хуррамбаҳор,
Бад – ин сон, ки бинад ҳаме шаҳрёр.

Бад – ин чомазан гуфт, к – «Эй моҳрӯй,
Бипардоз дил, чомаи шоҳ гӯй».

Бутон чомаву[6] чанг барсохтанд,
Якояк дил аз ғам бипардохтанд.

Нахустин шаҳаншоҳро чомагӯй
Чунин гуфт, к – «Эй хусрави моҳрӯй,

Намонӣ, магар[7] бар фалак моҳро,
Нашоӣ, магар хусравӣ гоҳро.

Ба дидор моҳу ба болой соч,
Бинозад ба ту тахти шоҳиву тоҷ.

Хунук он, ки шабгир бинад-т рӯй,
Хунук он ки ёбад зи мӯйи ту бӯй.

---

1. Чи бистад аз
2. Л – Забон кард гӯёву дил
3. И – шодкомӣ
4. И – кас ин
5. Л – Чаҳорум
6. Л – чома бар
7. Л – ҳаме

Миён танг чун бабру бозу ситабр,
Ҳаме фарри тоҷат барояд ба абр.

Ба гулнор монад ҳаме чеҳри ту,
Ба шодӣ бихандад дил аз меҳри ту.

Дилат ҳамчу дарёву дастат[1] чу абр,
Шикори камандат палангу[2] ҳизабр.

Ҳаме мӯ шикофӣ ба пайкони тир,
Ҳаме об гардад зи доди ту шер.

Сипоҳе, ки бинад каманди туро,
Ҳамон бозуи зӯрманди туро,

Бидаррад дилу мағзи ҷанговарон,
В-агарчанд бошад сипоҳи гарон.[3]

Чу он чома бишнид Баҳроми Гӯр,
Бихӯрд он гаронсанг ҷоми булӯр.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сарафроз мард,[4]
Чашида зи гетӣ басе гарму сард.

Наёбӣ ту домод беҳтар зи ман,
Гави шаҳрёрон, сари анҷуман.

Ба ман[5] деҳ ту ин ҳар се духтар-тро,
Ба кайвон барафроз афсар-тро».[6]

Бад-ӯ гуфт Барзин, ки «Эй шаҳрёр,
Ба ту шод бодо маю майгусор,

Кӣ ёрист гуфтан худ андар ҷаҳон,
Кӣ дорад[7] чунин заҳра андар ниҳон?

Маро гар пазирӣ ба сони раҳӣ,
Ки бипрастам он тахти шоҳаншаҳӣ,

1. Л – роят
2. Л – Шикорат набинам ҳаме ҷуз
3. И – б. 840 –848 нест.
4. И – Ба Барзин чунин гуфт, к-«Эй родмард.
5. И – Маро
6. Ба ман тоза кун фаррух ахтар-тро
7. Л – Киро буд

Парастиш кунам тоҷу тахти туро,
Ҳам он фарру афрангу[1] бахти туро.

Ҳамон[2] ин се духтар парастандаанд,
Ба пеши ту бар пой чун бандаанд.

Парастандагонро писандид[3] шоҳ,
Бар ин сон чу[4] аз дур дид ин[5] се моҳ.

Ба болой соҷанду ҳамранги оҷ,
Сазовори тахтанду зебои тоҷ.

Бигӯям кунун, он чи ҳастам ниҳон,
Баду нек бо шаҳрёри ҷаҳон.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ,
Зи афканданӣ, ҳам пароканданӣ.

Ҳамоно шутурвор бошад дувист,
Ба айвони ман банда, гар беш нест.

Ҳамон ёраву тавқ бо тоҷу тахт,
К-аз он духтарон шод бошанд сахт».

Зи Барзин бихандид Баҳрому гуфт,
Ки чизе, ки дорӣ ту андар нуҳуфт,

Бимон, то бибошад ҳамон ҷо ба ҷой,
Ту бо ҷоми май сӯи ромиш гарой».

Бад-ӯ гуфт пир: «Ин[6] се духти чу моҳ
Ба роҳи[7] Каюмарсу Ҳушангшоҳ[8]

Туро додаму хоки пойи[9] туанд,
Ҳамон ҳар се зинда барои[10] туанд.

---

1. ИЛ – авранду
2. Маро
3. Л – парастид
4. Л – ки
5. Л – он
6. Л – ройи; И – дини
7. И – гуфт, ин
8. И – Ҷамшедшоҳ
9. Л – кӯи
10. Л – ба бӯи; И – Парастандае дар сарои

Меҳиндухтро ном Моҳофарид,
Фаронак дигар буд, дигар Шанбалид.

Писандидашон шоҳ, чун дидашон,
Зи бонузанон низ бугзидашон.[1]

Бифармуд, то маҳди заррин чаҳор
Биёрад зи лашкар яке номдор.

Чу ҳар се бут андар иморӣ нишаст,
Зи румӣ ҳаме ходим овард шаст.[2]

Ба гирди бутон дар ҳаме ронданд,
Бар эшон ҳаме офарин хонданд.[3]

Ба мушкӯи заррин шуданд он[4] се моҳ,
Ҳаме буд, то масттар гашт шоҳ.

Яке банда тозонаи шоҳро
Бибурду биёрост даргоҳро.

Сипаҳро зи солори гарданкашон,
Ҷуз он тозиёна набудӣ[5] нишон.

Чу дидӣ касе шоҳшеби дароз,
Давон пеш рафтиву бурдӣ намоз.

Ҳаме буд Баҳром, то гашт маст,
Чу хуррам шуд, андар иморӣ нишаст.

Биёмад ба мушкӯи заррини хеш,
Сӯи хонаи анбарогини[6] хеш.

---

1. ТПЛ – Ба Барзин чунин гуфт он ҳар се моҳ,
   Писандид, чун дид Баҳромшоҳ.
   ЗИ – Ба Барзин чунин гуфт*, к-ин ҳар се моҳ,
   Писандидаму барнишондам ба гоҳ.
   *И – Бад-ӯ гуфт Баҳром.
2. Л – Чиҳил ходими бутпараст;
   И – Нишастанд бар маҳд – ӯ ҳар се моҳ,
   Чиҳил ходим омад сапеду сиёҳ.
3. И – б. 872 нест.
4. Л – ин
5. И – набудаш
6. И – гавҳарогини

Чу омад, яке[1] ҳафта он ҷо[2] бибуд,
Басе хӯрду[3] бахшиду гуфту шунуд.[4]

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИР ВА ХОСТАНИ ДУХТАРИ ГАВҲАРФУРӮШ

Ба ҳаштум биёмад ба даште шикор
Худу Рӯзбеҳ бо саворе ҳазор.

Ҳама дашт яксар пур аз гӯр дид,
Зи таркаш камони каёнӣ кашид.[5]

Ду зоғи сияҳро[6] ба зеҳ барниҳод,
Зи Яздони пирӯзгар кард ёд.

Баҳорону гӯрон шуда ҷуфтҷӯй,
Зи гетӣ[7] ба рӯй андароварда рӯй.

Ҳаме пӯст канд ин аз он, он аз ин,[8]
Зи хуншон шуда лаъл рӯи[9] замин.

Ҳаме буд Баҳром то гӯри нар
Ба мастӣ барошуфт як бо[10] дигар.[11]

Чу пирӯз шуд наррагӯри далер,
Яке модаро андаровард зер.[12]

Ба зеҳ дошт Баҳроми ҷангӣ камон,
Бихандид чун диду шуд шодмон.

Бизад тир бар пушти он гӯри нар,
Гузар кард бар гӯр пайкону пар.

1. Л – ба
2. И – Яке ҳафта хуррам бар он ҷой
3. И – доду
4. И – шодӣ намуд.
5. И – каён баркашид; Л – каӣ баркашид.
6. И – камонро
7. Л – киштӣ
8. И – он аз он, ин аз ин,
9. И – Шуда лаъл аз хуни эшон
10. Л – ҷудо шуд яке аз
11. И – ҷудо гашт аз якдигар.
12. Л – б. 886 нест.

Нару модаро ҳар ду барҳам[1] бидӯхт,
Дили лашкар аз захми ӯ барфурӯхт.

Зи лашкар ҳар он кас, ки он захм дид,
Бар он[2] шаҳрёр офарин густарид,

Ки чашми бад аз фарри ту[3] дур бод,
Ҳама рӯзгорони ту[4] сур бод.

Ба мардӣ ту андар замона навӣ,
Ки ҳам шоҳу ҳам хусраву ҳам гавӣ.

## КУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО ВА РАФТАНАШ БА ХОНАИ ГАВҲАРФУРӮШ ВА ХОСТАН ДУХТАРИ ӮРО

В-аз он ҷо барангехт шабранг[5] шоҳ,
Яке беша пеш андаромад ба роҳ,

Ду шери жаён пеши он беша дид,
Камонро ба зеҳ карду андаркашид.

Бизад бар бару[6] синаи шер чок,
Гузар кард пайкону пар то[7] ба хок.

Бари мода шуд тезу букшод шаст,
Бари шер бо гирдронаш бубаст.

Чунин гуфт, к-«Ин тири бепар бувад,
Набуд тез пайкони ӯ, гар бувад».

Сипоҳаш ҳама хонданд[8] офарин,
Ки «Эй номвар шаҳрёри замин,

1. Л – ба ҳам бар; И – бо ҳам
2. Л – Абар
3. И – шаҳ
4. И – зиндагониш дар
5. И – Аз он ҷо биёмад сипаҳдор.
6. Л – тиру шуд
7. ИЛ – бо парру пайкон
8. хондаш

Надиду набинад касе дар[1] ҷаҳон
Чу ту шоҳ[2] бар тахти шоҳаншаҳон.

Чу бо тири бепар ту шер афканӣ,
Пайи кӯҳи хоро зи бун барканӣ».

Бад-он марғзор-андарун ронд шоҳ,
Зи лашкар ҳар он кас, ки буд некхоҳ,

Яке беша диданд[3] пургӯспанд,
Шубонон[4] гурезон зи бими газанд

Яке саршумар дид Баҳромро,
Надидӣ[5] зи бими дад оромро.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин гӯспанд,
Кӣ дорад бад-ин ҷои носудманд?»

Бад-ӯ саршубон гуфт, к-«Эй номдор,
Зи гетӣ ман оям бад-ин марғзор.

Ҳам ин гӯспандони гавҳарфурӯш
Ба дашт[6] андаровардам аз кӯҳ дӯш.

Тавонгар худованди ин гӯспанд
Напечад ҳаме аз ниҳеби газанд.

Ба харвор бо номвар гавҳар аст,
Ҳамон зарру сим асту ҳам зевар аст.

Надорад ба ҷуз духтаре[7] чангзан,
Сари ҷаъду[8] зулфаш шикан бар[9] шикан.

Нагирад[10] ҷуз аз дасти духтар набид,
Касе мардуми пир аз он[11] сон надид.

---

1. ИЛ – кас андар
2. Л – низ
3. Л – бешае дид
4. Л – Шитобон
5. Л – Набудаш
6. Л - шеб
7. Л - ҷуз аз духтари
8. И – ҷаъди
9. Л – саросар
10. Л – Нахоҳад
11. Л – духтари пир аз ин

Агар нестӣ доди Баҳромшоҳ,
Мар ӯро куҷо мондӣ ин[1] дастгоҳ?

Шаҳаншоҳи гетӣ накӯшад ба зар,
Ҳамон мӯбад аст, нест бедодгар,[2]

Нагӯӣ маро, к-ин дадонро, кӣ кушт,
Ки ӯро Худои ҷаҳон бод пушт».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин ҳар ду шер
Табаҳ шуд зи пайкони марди далер.

Чу шерони ҷангӣ бикушт, ӯ бирафт,
Саворе сарафроз бо ёр ҳафт.

Куҷо бошад айвони гавҳарфурӯш,
Падидор кун роҳ, бар мо мапӯш».

Бад – ӯ саршубон гуфт: «Аз эдар бирав,
Деҳе[3] тоза пеш андарояд-т нав.

Ба шаҳр ояд овози он[4] ҷойгоҳ,
Ба наздикии кохи Баҳромшоҳ.

Чу гардун[5] бипӯшад ҳарири сиёҳ,
Ба ҷашн ояд ин марди бодастгоҳ.

Гар эдун, ки бошад – т лахте диранг,
Ба гӯш оядат нӯшу овои ҷанг».

Чу бишнид Баҳром, болой хост,
Яке ҷомаи хусраворой хост.

Ҷудо шуд зи дастуру аз лашкараш,
Ҳамоно пур аз орзу шуд сараш.

Чунин гуфт бо меҳтарон Рӯзбеҳ,
Ки «Акнун шавад шоҳи Эрон ба деҳ,

1. Л – монад.
2. ТПМ – Пас он гаҳ шубон гӯяд: «Эй номдор,
Далеру хирадманду гурду савор».
3. Л – Раҳе
4. Л – андарун дорад ӯ; И – овоз аз он
5. Л – гетӣ

Бикӯбад дари хони гавҳарфурӯш,
Ҳама сӯи гуфтор доред гӯш[1].

Бихоҳад, мар он духтро аз падар,
Ниҳад бегумон бар сараш тоҷи зар.

В – аз он ҷо ба мушкуи заррин барад,
Дигар дар шабистони Барзин барад.

Наёбад ҳаме серӣ аз хуфту хез,
Шаби тира з – ӯ ҷуфт гирад гурез.

Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ аз ин гуна бошад, бад аст.

Кунун нӯҳсаду сӣ тан аз духтарон,
Ҳама бар сарон афсарони гарон,

Шумурдаст ходим дар айвони[2] шоҳ,
К – аз эшон яке нест бедастгоҳ.

Ҳаме бож хоҳад зи ҳар марзу бум,
Ба як маҳ парешон бувад[3] божи Рум.

Дареғ ин [4] бару кифту болои ӯй,
Дареғ ин[5] рухи маҷлисорои ӯй.

Набинад чун ӯ кас ба болову зӯр,
Ба як тир барҳам бидӯзад ду гӯр.

Табаҳ гардад аз хуфтухези занон,
Ба зудӣ шавад суст чун бадтанон,[6]

Кунад дида торику рухсора[7] зард,
Ба тан суст гардад, ба рух ложвард.

Зи бӯи занон мӯй гардад сапед,
Сапедӣ кунад, з – ин ҷаҳон ноумед.

1. Л – б. 924 нест.
2. - ба мушкуи
3. Л – Ба соле бар эшон шавад
4. Л – он
5. Л – он
6. Л - бетанон.
7. Л – рухсор

Ҷавонро[1] шавад кӯж болои рост,
Зи кори занон чанд гуна балост.

Ба як моҳ, як бор аз омехтан,
Гар афзун кунӣ, хун бувад рехтан.

Ҳамин моя аз баҳри фарзандро,
Бибояд ҷавони хирадмандро.

Чу афзун кунӣ, коҳиш афзун бувад,
Зи сустӣ тани мард бехун[2] бувад».

Бирафтанд гӯён ба[3] айвони шоҳ,
Чу хуршед бар чарх[4] гум кард роҳ.

Шаби тирагун рафт Баҳроми Гӯр,
Парастанда як тан зи баҳри сутур.

Бишуд шоҳ то хони гавҳарфурӯш,
Чу овози чанг андаромад ба гӯш.

Ҳаме тохт гулгун бар овози[5] чанг,
Сӯи хони бозоргон бедиранг.

Бизад ҳалқаро бар дару бор хост,
Худованди хуршедро ёр хост.

«Парастандаи меҳрубон - гуфт, - кист,
Задан дар шаби тира аз баҳри чист?»

Чунин дод посух, ки «Шабгир шоҳ
Биёмад сӯи[6] дашти нахчиргоҳ.

Билангид дар зери ман борагӣ,
Аз ӯ бозмондам ба якборагӣ.[7]

Чунин аспу зарринситомам ба кӯй,
Бидуздад касе, ман шавам чораҷӯй».

1. Л – Чу чавгон
2. Л – бистар дили мард пурхун: И – коҳиш дили мард пурхун.
3. Л – гирён бар
4. Яке гуфт: «Хуршед
5. ИЛ – овои
6. И – Ҳаме омад аз
7. Л – бозгаштам ба бечорагӣ; И – бечорагӣ.

950 Биёмад канизак, ба деҳқон бигуфт,[1]
Ки «Марде ҳаме хоҳад аз мо нуҳуфт.

Ҳаме гӯяд аспам ба зарринситом,
Бидузданд аз эдар шавад кор хом».

Чунин дод посух, ки «Бикшой дар
Ту меҳмон надидастӣ, эдар магар?»

Канизак давон рафту букшод дар,
Ба Баҳром гуфт: «Андарой,эй писар[2]»

Чу шоҳ андаромад, чунон ҷой дид,
Парастанда ҳар ҷой бар пой дид.

955 Чунин гуфт, к - «Эй[3] додгар як Худой,
Ба хубӣ туӣ бандаро раҳнамой.

Мабодо ба ҷуз дод оини ман,
Мабод озу гарданкашӣ дини ман.

Ҳама кору кирдори ман дод бод,
Дили зердастон ба мо шод бод.

Гар афзун шавад донишу доди ман,
Пас аз марг равшан шавад[4] ёди ман,

Ҳама зердастон чу[5] гавҳарфурӯш,
Бимонанд бо нолаи[6] чангу нӯш».

960 Шаҳаншаҳ[7] ба болои айвон расид,
Зи дар духтари номварро[8] бидид.[9]

Чу деҳқон варо дид, бар пой хост,
Биёмад, хам овард болои рост.

---

1. Л – бигуфт.
2. И – б. 952, 953 нест.
3. Л – Аё
4. Л – бувад
5. Л – зердастони
6. Л – нолаву
7. Л – Чу омад
8. Л – мизбонро
9. И – б. 955 – 960 нест.

Бад – ӯ[1] гуфт: «Шаб бар ту фархунда бод,
Дили бадсиголони ту[2] канда[3] бод».

Ниҳолӣ бияфканд, болиш[4] ниҳод,
Зи дидори ӯ мизбон гашт шод.

Гаронмоя хоне биёвард зуд,[5]
Ниҳода бар ӯ хӯрданӣ, ҳар чӣ буд.[6]

Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Бифармуд, то аспи ӯро бубаст.

Парастандаро низ хон сохтанд,[7]
Яке ҷойи дигар бипардохтанд.[8]

Ҳамон мизбонро яке зергоҳ
Ниҳоданду биншаст наздики шоҳ.

Ба пӯзиш биёрост лаб[9] мизбон,
Ба Баҳром гуфт: «Эй гави меҳрбон,[10]

Туӣ мизбон андар ин кохи ман,
Биёмез бо ройи густохи ман.

Чу нон хӯрда шуд, ҷом бояд гирифт,
Ба хоби хуш ором бояд гирифт.

Чу шаб[11] тираву бодаи хусравӣ,
Чу гаштӣ зи май маст,[12] пас бишнавӣ.

Чу аз хоб бедор гардӣ пагоҳ,
Ҳаме тохт бояд ба[13] оини шоҳ».

1. И – варо
2. И – Сари бадсиголат зи тан
3. Л – Ҳама бадсиголон туро банда
4. Л – бияфканду маснад
5. И – баровард мард,
6. И – Бар ӯ хӯрданиҳо зи гарму зи сард.
7. И – хостанд,
8. И – хешаш биёростанд.
9. Л – бас
10. Л – марзбон,
11. Л – Шаби
12. Л – сер,
13. Л – Ба май тохт бояд бар

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Тирашабон
Кӣ ёбад чунин тозарух[1] мизбон?

Ба яздон набояд шудан[2] носипос,
Дили носипосон бувад пурҳарос.

Канизак бибурд оби дастону ташт,
Зи бедормеҳмон[3] ҳаме хира гашт.

Чу шуд даст шуста, маю ҷом хост.
Ба май ромишу кому[4] ором хост.

Канизак биёвард ҷоми[5] набид,
Майи сурху ҷом аз гулу[6] шанбалид.

Биёзид[7] деҳқон ба ҷом аз нахуст,
Бихӯрду ба мушку гулобаш бишуст.

Ба Баҳром дод он дилором ҷом,
Бад – ӯ гуфт: «Майхораро чист ном?

Ҳамакнун бад – ин бо ту паймон кунам,
Ба Баҳромшоҳат гаравгон кунам».

Фаровон бихандид аз ӯ шаҳрёр,
Бад – ӯ гуфт: «Номам Гушаспи савор.

Ман эдар ба овози чанг омадам,
На аз баҳри ҷому диранг омадам».

Бад – ӯ мизбон гуфт, к-«Ин духтарам
Ҳаме б – осмон андарорад сарам.

Ҳам ӯ майгусору ҳам ӯ чангзан,
Ҳам ӯ чомагӯй асту андуҳшикан.

Дилоромро Орзу ном буд,
Ҳама ғамгусору дилором буд.

1. Л – Биёбӣ чу тоза рухи
2. Л – будан
3. Л – дидори Баҳром
4. Л – Маю ромишу ному
5. Л – Биёвард ҷоме канизак
6. Л – сурхфом аз гули
7. Л – Биёзист

Ба сарви саҳӣ гуфт: «Бардор чанг,
Ба пеши Гушасп ой бо бӯю ранг».

Биёмад бари подшо чангзан
Хиромон ба сони Суҳайли Яман.

Ба Баҳром гуфт: «Эй гузида савор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳрёр,

Чунон дон, ки ин хонаи сури туст,
Падар мизбон асту ганҷури туст.

Шабони сияҳ бар ту фархунда бод,
Сарат бартар аз абри боранда бод».

Бад – ӯ гуфт: «Биншину бардор чанг,
Яке чома бояд маро бедиранг.

Шавад Моҳёр андар ин шаб[1] ҷавон,
Гаравгон кунад пеши меҳмон равон».

Зани чангзан чанг бар бар гирифт,
Нахустин хурӯши муғон даргирифт.

Чу руди бирешим сухангӯй гашт,
Ҳама хона аз вай суманбӯй гашт.[2]

Дигар чомаи боби худ Моҳёр,
Чу сарви саҳӣ бар лаби ҷӯйбор.

Чу кофур гирди гули сурх мӯй,
Забон гармгӯю дил озармҷӯй.

«Ҳамеша бадандешат озурда бод,
Ба дониш равони ту парварда бод.

Ту, эй чун Фаридуни озодахӯй,
Манам чун парастору ном Орзуй.

1. Л – имшаб эдар
2. Л – б. 994 нест.

Зи меҳмон чунон шод гаштӣ,[1] ки шоҳ
Ба ҷанг-андарун чира[2] бинад сипоҳ».

Чу ин гуфта шуд, сӯи меҳмон гузашт,
Або чомаву чанги нолон гузашт.

Ба меҳмон чунин гуфт, к-«Эй шоҳфаш,[3]
Баландахтару якдилу кинакаш,[4]

Касе к-ӯ надидаст Баҳромро,
Ситудасавори диломро,[5]

Нигаҳ кард бояд ба рӯи ту бас,
Ҷуз ӯро намонӣ зи лашкар ба кас.

Миёнат чу ғарв асту боло чу сарв,
Хиромон шуда сарв ҳамчун тазарв.

Ба дил нарраШерӣ, ба тан жандапил,
Ба овард хишт афканӣ[6] бар ду мил.

Рухонат ба гулнор монад дуруст,
Ту гӯӣ ҳаме бар гулу лола руст.[7]

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Зи пой андарорӣ куҳи Бесутун.[8]

Тани[9] Орзу хоки пойи ту бод,
Ҳама зиндагонӣ[10] барои ту бод!»

Ҷаҳонро аз он чомаву чанги ӯй,
Зи дидору болову фарҳанги ӯй

1. Л – гаштам
2. Л – хира
3. Л – шоҳи ман,
4. Л – моҳи ман.
5. И – б. 981 – 1002 нест.
6. Л – аспафканӣ
7. Л – ба май барги гулнор шуст; И – Чӣ гӯйӣ ба май барги гулро бишуст?
8. ТПЗИЛ – Ба ранҷ офаринад фалак чун ту мард,
Надидам ба сони ту андар* набард.
* И – Набинад ба сони ту кас дар
9. И – Ба тан
10. Л – Ҳама сол зинда

Бар ӯ – бар бар он гуна буд[1] мубтадо,
Ки гуфтӣ, дилаш гашт ганҷи бало.[2]

Чу дар пеши ӯ маст шуд Моҳёр,
Чунин гуфт бо мизбон шаҳрёр,

Ки «Духтар ба ман деҳ ба оини[3] дин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ ба дод[4] офарин».

Чунин гуфт бо Орзу Моҳёр,
К-«Аз ин шердил чанд хоҳӣ нисор?

Нигаҳ кун бад-ӯ, то писанд оядат,
Бари ӯ шавӣ, судманд оядат».

Чунин гуфт бо Моҳёр Орзуй,
Ки «Эй боби[5] озодаи некхӯй,

Маро гар ҳаме дод хоҳӣ ба кас,
Ҳамолам Гушаспи савор асту бас.

Кӣ бошад, ки бинад бар ин гуна мард,
Нагӯяд[6] ба Баҳром, к-аз роҳи бард».

Ба гуфтори духтар басанда накард,
Ба Баҳром гуфт-«Эй[7] савори набард,

Ба жарфӣ нигаҳ кун саропойи ӯй,[8]
Ҳамон кӯшишу донишу ройи ӯй.[9]

Нигаҳ кун ба дил,[10] то писанди ту ҳаст,
Аз ӯ огаҳӣ беҳтар аст аз нишаст.[11]

---

1. Л – бад-он гуна шуд
2. И – б. 1009, 1010 нест.
3. И – маро деҳ ба оину; Л – оину
4. И – Ки ёбӣ ба ҳар кас бар ӯ
5. ИЛ – пири
6. Л – Бигӯяд
7. ИЛ – гуфт: «Эй,
8. ИЛ – ӯ,
9. ИЛ – ӯ.
10. И – бубин,
11. И – Сухан гуфтанаш судманди ту ҳаст.

Бад-ин некуӣ низ дарвеш нест,
Ба гуфтан маро ройи кам беш нест.[1]

Агар бишмарӣ гавҳари Моҳёр,
Фузун ояд аз бадраи[2] шаҳрёр.

Макун сарсарӣ, имшаб ором гир,
Гар ӯро ҳаме боядат, ҷом гир.

Ба мастӣ бузургон набанданд[3] банд,
Бавижа касе[4] к-ӯ бувад арҷманд.

Бимон, то барорад сипеҳр офтоб,
Сари номдорон барояд зи хоб,

Биёрем пирони донандаро,
Шикебодилу низ[5] хонандаро.

Шаби тира аз расм берун бувад,
На оини шоҳ Офаридун бувад.

На фаррух бувад мастӣ зан хостан,
В-агар[6] низ коре нав оростан».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин беҳудаст,
Задан фол дар роҳи довар бад аст.

Писанди ман аст имшаб ин чангзан
Ту ин[7] фоли бад, то тавонӣ, мазан»

Падар гуфт бо духтар: «Эй Орзуй
Гузидӣ, писандӣ ту ӯро ба шӯй?»[8]

Бад-ӯ гуфт: «Оре, писандидамаш,
Ба чашми сар аз дур чун дидамаш.

1. И – б. 1021 нест.
2. И – аст аз лашкари
3. Л – наваштанд
4. Л – зане,
5. И – пири; Л – чиз
6. И – Дигар
7. Л – Туаш
8. Л – Писандӣ ту ӯро ба дидору хӯй?

Бикун кору з-он пас ба Яздон супор,
На гардун[1] ба кин аст бо Моҳёр».

Падар гуфт, к-«Акнун ту ҷуфти ваӣ,
Чунон дон, ки андар нуҳуфти ваӣ».

Бад-ӯ доду Баҳроми Гӯраш бихост,
Чу шаб рӯз шуд, корҳо гашт рост.[2]

Парастанда тозонаи шаҳрёр
Биёвехт аз даргаҳи Моҳёр.

Сӯи ҳуҷраи хеш рафт[3] Орзуй,
Саросар ҳама хуфта шуд[4] чорсӯй.

Биёмад ба ҷойи[5] дигар Моҳёр,
Ҳаме сохт кори Гушаспи савор.

Парастандаро гуфт: «Дарҳо бубанд,
Касеро битозон сӯи гӯспанд.

Набояд, ки оранд хон бебара,
Бара низ парварда бояд сара.

Чу бедор гардад, фуқоъу ях ор,
Ҳаме бош пеши Гушаспи савор.[6]

Яке ҷоми кофур бар бо гулоб,
Чунон кун, ки бӯё бувад ҷойи хоб.

Ман аз ҷоми май ҳамчунонам, ки дӯш
Натобад зи май пири гавҳарфурӯш».

Бигуфт ину чодар ба сар баркашид,
Таносониву хобро баргузид.

Чу хуршеди тобанда бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори рахшанда оҷ.

---

1. И – Яздон
2. И – б. 1034, 1035 нест.
3. И – Бигуфт ӯ, сӯи ҳуҷра шуд
4. И – Саройи ҳама хуфта бар; Л – Саройи ҳама хуфт буд
5. И – кохи
6. И – Ту рав, бош пеши Гушаспи савор,
   Чу бедор гардад, фуқоъу ях ор.

Биёмад сипардору жӯпинкашон,
Биҷустанд аз он тозиёна нишон.

Сипоҳ анҷуман шуд ба даргоҳ-бар,
Чунон ҳам куҷо бар дари шоҳ-бар.

Ҳар он кас, ки тозона донист боз,
Бирафтанду бурданд пешаш намоз.

Чу дарбон бидид он сипоҳи гарон,
Сипардори бисёру жӯпинварон,[1]

Биёмад, сари хуфта бедор кард,
Ҳамон аз майи ноб ҳушёр[2] кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бархезу букшой даст,
На ҳангоми хоб асту ҷойи нишаст,

Ки шоҳи ҷаҳон аст меҳмони ту,
Бад-ин бенаво меҳану мони ту.

Якояк дили марди гавҳарфурӯш
Зи гуфтори дарбон даромад[3] ба ҷӯш.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин аз чӣ гӯӣ ҳаме,
Пайи шаҳрёр аз[4] чӣ ҷӯӣ ҳаме?

Ҳамон чун зи гӯянда бишнид маст[5]
Хурӯшон аз он чома бар пой ҷаст.[6]

Зи[7] дарбон барошуфту гуфт ин сухан
Нагӯяд хирадмандмарди[8] куҳан.

Парастанда гуфт: «Эй ҷаҳондида[9] мард,
Туро бар замин шоҳи Эрон кӣ кард?

1. И – найзаварон,
2. Л – пайи хоб пайкор
3. ИЛ – баромад
4. И – шаҳриёре
5. Л – рост,
6. Л – хост.
7. И – Ба
8. И – ҷаҳондида марди
9. И – парастор

Сипоҳ аст чандон ба даргоҳи ту,
Ки гар бугзарӣ, танг шуд роҳи ту.

Ҳар он кас, ки ояд ба даргаҳ фароз,
Баранд он палоси куҳанро намоз.

Биёмад парастанда ҳангоми рӯз,
Ки пайдо набуд нури гетифурӯз.

Яке тозиёна ба зар тофта,
Ба ҳар ҷой гавҳар бар ӯ бофта.

Биёвехт аз пеши даргоҳи мо,
Бар он сӯ, ки бошад гузаргоҳи мо.[1]

Кунун кор барсозу сустӣ макун,
Зи май низ нотандурустӣ макун».

Зи дарбон чу бишнид яксар сухан,
Бупечид бедормарди куҳан,

Ки «Ман дӯш пеши шаҳаншоҳ маст
Чаро гаштаму духтарам майпараст».

Биёмад сӯи ҳуҷраи Орзуй,[2]
Бад-ӯ гуфт: «Эй моҳи озодахӯй,[3]

Шаҳаншоҳ Баҳром буд, он ки дӯш
Биёмад сӯи хони гавҳарфурӯш,

Ҳаме омад аз дашти нахчиргоҳ,
Инон тофтаст аз куҳандиж ба роҳ.

Кунун хезу дебои румӣ бипӯш,
Бинеҳ бар сар афсар чунон чун[4] ки дӯш,

Нисоре бар аз гавҳари шоҳвор,
Се ёқути сурх аз дари шаҳрёр.[5]

---

1. ТПЗИ – Ҷаҳоне бар он тозиёна дароз
Ба гирд омад андар нишебу фароз.
2. Л – Орзу,
3. Л – Аё моҳи озодахӯ,
4. Л – ҳам
5. И – 1069, 1070 нест.

Чу бинӣ рухи шоҳи хуршедфаш,
Дутоӣ бирав даст карда ба каш.

Мар ӯро мабин, чашм дар пеш дор,
Варо чун равону тани хеш дор,

Чу пурсад-т, бо вай сухан нарм гӯй,
Суханҳо ба озарму бо шарм гӯй.[1]

Ман акнун наёям, магар хонадам,
Ба ҷойи парастанда биншонадам.

Ба сони ҳамолон нишастам ба хон,
Ки андар танам пора[2] бод устухон.

Ба май низ[3] густох гаштам ба шоҳ,
Ба пиру ҷавон аз май ояд гуноҳ».

Ҳамон гаҳ[4] яке банда омад давон,
Ки бедор шуд шоҳи равшанравон,

Ки бархост аз хоб, шуд[5] тандуруст,
Ба боғ андаромад, сару тан бишуст.

Ниёишкунон пеши хуршед шуд,
Зи Яздон диле[6] пур зи уммед шуд.

В-аз он ҷо биёмад, ба ҷое нишаст,
Яке ҷоми май хост аз майпараст,

Чу аз кеҳтарон огаҳӣ ёфт шоҳ,
Бифармуд, то бозгардад зи роҳ.[7]

Бифармуд, то пеш рафт Орзуй[8]
Ҳаме будаш аз Орзу орзӯй[9]

1. И – б. 1073 нест.
2. Л – хурд
3. И – Аз он гуна
4. Л – дам
5. Л – Чу бедор гашт эмину; И – Чу бархост аз хоб шаҳ
6. И – дилаш
7. И – сипоҳ.
8. Л – Орзу,
9. Л – Орзу.

Бирафт Орзу бо маю бо нисор,
Парастор бо тоҷу[1] бо гӯшвор.

Дутоӣ шуду бар замин бӯса[2] дод,
Бихандид аз ӯ шоҳу дил гашт шод.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин куҷо доштӣ,
Маро маст кардиву бугзоштӣ?

Ҳамон чомаву чанг моро бас аст,
Нисори занон баҳри дигар кас аст.

Биёр, он чи гуфтӣ зи нахчиргоҳ,
Зи захми сари найзаву размӣ[3] шоҳ».[4]

В-аз он пас бигуфто, ки гавҳарфурӯш[5]
Куҷо шуд, ки мо маст гаштем дӯш?»

Чу бишнид духтар, падарро бихонд,
Ҳаме аз дили шоҳ хира бимонд.

Биёмад падар даст карда ба каш,
Ба пеши шаҳаншоҳи хуршедфаш.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, радо, бихрадо,[6]
Бузурго, сутурго, гаво, мӯбадо![7]

Ҳамасола гетӣ ба коми ту бод,
Ба ҳар ҷой бар тоҷ номи ту бод!

Касе ки[8] хӯрад доруи беҳушӣ,
Набояд гузидан ҷуз аз хомушӣ.

Зи нодонӣ омад гунаҳгориам,
Гумонам,[9] ки девона пиндориам.

1. И – ҷангу
2. И – бӯс
3. И – теғи
4. Л – б. 1087 нест.
5. ИЛ – бад-ӯ гуфт: «Гавҳарфурӯш
6. И – яло, мӯбадо.
7. И – бихрадо!
8. Л – к-ӯ
9. И – Бар онам

1095 Сазад гар, ки бахшӣ[1] гуноҳи маро,
Дурахшон кунӣ рӯи моҳи[2] маро.

Манам бар дарат бандаи[3] бехирад,
Шаҳаншоҳам[4] аз мардумон машмарад».

Чунин дод посух, ки «Аз[5] марди маст
Хирадманд чизе нагирад ба даст.

Касеро ки май андуҳ[6] орад ба рӯй,
Набояд, ки бинад[7] зи май рангу бӯй.

Ба мастӣ надидам зи ту бадхувӣ,
Ҳамон[8] з-Орзу ин сухан[9] бишнавӣ.

1100 Ту пӯзиш бад-он кун, ки то чангзан
Бигӯяд ҳамон[10] лола андар суман.

Бигӯяд ҳаме[11] то[12] бад-он май хӯрем,
Ғами[13] рӯзи ноомада нашмарем».

Замин бӯса дод он замон ҳушёр,[14]
Биёвард[15] хону баророст[16] кор.

Бузургон, ки буданд бар дарсарой,
Биёвардшон марди покизарой.

Сӯи ҳуҷраи[17] хеш рафт Орзуй,
Зи меҳмони бегона пурчин[18] бурӯй.

---

1. ИЛ – бубахшӣ
2. ИЛ – тирамоҳи
3. И – бандаву
4. И – Шаҳаншоҳ
5. И – Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-аз
6. И – андар
7. И – гирад
8. Л – Ҳаме
9. И – Магар ин сухан з-Орзу
10. И – Ҳаме.
11. Л – яке
12. И – Занад чангро ӯ
13. ИЛ – Пайи
14. ИЛ – Моҳёр
15. И – Биёрост
16. Л – биёрост
17. И – хонаи
18. И – чин дар

Ҳаме буд то чарх пӯшад сиёҳ,
Ситора падид омад аз гирди моҳ.

Чу нон хӯрда буд,[1] Орзуро бихонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.[2]

Бифармуд, то чанг бардошт моҳ,
Бар он чома, к-аз пеш фармуд шоҳ.

Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри далер,
Ки бугзорад аз номи ту беша шер,

Туӣ шоҳи пирӯзи лашкаршикан,
Туро рӯй чун лола андар суман.

Ба болои ту бар замин шоҳ нест,
Ба дидори ту бар фалак[3] моҳ нест.

Сипоҳе ки бинад кулоҳи[4] туро,
Ба ҷанг-андар овардгоҳи туро,

Бидаррад дилу мағзашон аз ниҳеб,
Баландӣ надонанд боз аз нишеб.

Ҳамон гаҳ чу аз бода хуррам шуданд,
Зи хӯрдан ба ҷоме дамодам шуданд,

Биёмад бари подшо Рӯзбеҳ,
Гузиданд ҷое мар ӯро ба деҳ.[5]

Иморӣ биёварду ходим чиҳил,
Ҳама моҳрӯву ҳама дилгусил.[6]

Рухи румиён ҳамчу дебои Рум,
Аз эшон ҳама[7] тоза шуд марзу бум.

1. Л – шуд; И – шаб тира шуд,
2. И – Зи гурдон касе пеши Хусрав намонд.
3. Л – б-осмон
4. Л – сипоҳи
5. Л – Кушодадилу шод аз айвони меҳ.
6. Л – Б. 1115 нест.
7. Л – Ҳаме

Бишуд Орзу то ба мушкуи шоҳ,[1]
Зи гавҳар ба сар барниҳода[2] кулоҳ.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ФАРШЕДВАРДИ КАДЕВАР ВА МАРДИ ХОРКАН

Биёмад шаҳаншоҳ бо Рӯзбеҳ
Кушодадилу шод аз айвони меҳ.

Ҳаме ронд гӯён ба мушкуи хеш,
Ба сӯи бутони суманбӯи хеш.*[3]

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ
Биёмад сӯи дашти нахчиргоҳ.

Ҳама роҳу бероҳ лашкар гузашт,
Чунон шуд, ки як моҳ монад ба[4] дашт.

Саропардаву хаймаҳо сохтанд,
Зи нахчир даште бипардохтанд.

Касеро наёмад бар он дашт хоб,
Маю гӯшти нахчиру чангу[5] рубоб.

Биёбон ҳама оташ афрӯхтанд,
Тару[6] хушк ҳезум ҳаме сӯхтанд.

Бирафтанд бисёр мардум зи шаҳр,
Касе[7] к-аш зи динор боист баҳр.

Ҳаме буд чанде хариду фурӯхт,
Биёбон зи лашкар ҳаме барфурӯхт.

Харидӣ ҳаме марди бозоргон,
Даҳ оҳуву гӯре баҳо чоргон.[8]

1. И – Бирафт Орзу сӯи Баҳромшоҳ,
2. И – Ниҳода ба сар-бар зи гавҳар
3. Т – ин байт нест.
4. Л – н-омад зи
5. И – бонги
6. Л – Бар ӯ
7. Ҳар он
8. Л – ба диноргон.

Зи нахчири дашту зи мурғони об
Ҳаме ёфт хоҳанда чандон кабоб,

Ки бурдӣ ба харвор то[1] хони хеш
Бари хурдфарзанду[2] меҳмони хеш.

Чу моҳе баромад, шитоб омадаш,
Ҳаме бо занон[3] ройи хоб омадаш.

Биёвард лашкар зи нахчиргоҳ,
Зи гарди саворон надиданд роҳ.

Ҳаме рафт[4] лашкар ба кирдори гард,
Ҳаме[5] то рухи рӯз шуд ложвард.

Яке шорсон пешаш-андар ба роҳ,
Пур аз барзану кӯю бозоргоҳ.

Бифармуд, то лашкараш бо буна
Гузорад, намонад касе яктана.

Бипурсид, то меҳтари деҳ куҷост,
Сар андаркашиду ҳаме рафт рост.[6]

Шикаста даре дид, паҳну дароз,
Биёмад худованд,[7] бурдаш намоз.

Бипурсид, к-«Ин ҷойи[8] вайрон кирост?
Миёни деҳ ин ҷойи[9] вайрон чарост?»

Худованд гуфт:[10] «Ин сарои ман аст,
Ҳамин[11] бахти бад раҳнамои ман аст.

---

1. Л – бо
2. Л – кӯдаки хурду
3. И – бутон
4. И – ҳамеронд
5. И – Чунин
6. Л – б. 1130 – 1134 нест.
7. Л – худованду
8. И – Бад – ӯ гуфт: «Ин деҳи
9. И – хона
10. И – Бад – ӯ гуфт мард:
11. И – Чунин

На гов[1] астам эдар, на пӯшиш, на хар,[2]
На дониш, на мардӣ на пову на пар.[3]

Маро дидӣ, акнун сароям бубин,
Бар ин хона нафрин беҳ аз офарин».

Зи асп андаромад, бидид он сарой,
Ҷаҳонҷӯйиро суст шуд дасту пой.[4]

Ҳама хона саргин буд аз гӯсфанд,
Яке тоқ бар пою гоҳе[5] баланд.

Бад - ӯ[6] гуфт: «Чизе зи баҳри нишаст
Фароз овар, эй марди меҳмонпараст».

Чунин дод посух, ки «Бар мизбон
Ба хира чаро хандӣ, эй марзбон?

Гар афкандане ҳеҷ будӣ маро,
Магар марди меҳмон ситудӣ маро?

На афкандане ҳасту на хӯрданӣ,
На пӯшиданиву на густурданӣ,

Ба ҷойи дигар хона ҷӯӣ, сазост,
Ки эдар ҳама корҳо бенавост».

Варо гуфт: «Болиш нигаҳ кун яке,
Ки то барнишинам бар ӯ андаке».

Бад – ӯ [7] гуфт, к – эдар на ҷойи лаҳуст,[8]
Ҳамоно туро шири мурғ орзуст.

Бад – ӯ гуфт, меҳмон, ки «Шир ор гарм,
Ҳамон чун биёбӣ яке нони нарм».

1. Л – гоҳ
2. Л – х (в) ар,
3. Л – сар.
4. И – б. 1139, 1140 нест.
5. Л – пой ҷоеву
6. И – Варо
7. Л – Варо
8. Л – накӯст,

Чунин дод посух, ки «Эдун гумон,
Ки хӯрдиву рафтӣ, бизӣ[1] шодмон.

Агар нон будӣ, дар танам ҷон будӣ,
Агарчанд ҷонам беҳ аз нон будӣ».

Бад – ӯ гуфт: «Агар нестат гӯспанд,
Кӣ омад, ба хони ту саргин фиканд?»

Чунин дод посух, ки «Шаб тира гашт,
Саросар зи гуфтори ту хира гашт.

Яке хона бугзин, ки дорад палос,
Худованди он хона дорад сипос.

Чӣ бошӣ ба наздикии[2] шӯрбахт,
Ки бистар кунад шаб[3] зи барги дарахт.

Зи зар теғ дориву заррин[4] рикеб,
Набояд, ки ояд зи дуздат ниҳеб.

Чу хона бад – ин гуна вайрон бувад,
Гузаргоҳи дуздону шерон бувад.

Бад – ӯ гуфт: «Агар[5] дузд шамшери ман
Бибурдӣ, кунун[6] нестӣ зери ман.

Ту имшаб маро ҷой деҳ дар сарой,
Ба чизи дигар низ н – орем рой».[7]

Кадевар бад – ӯ гуфт: «Аз ин дар маранҷ,
Ки дар хони мо кас наёбад[8] сипанҷ».

1. Л – бирав
*М – Маро сар
2. И – наздики он
3. Л – ӯ
4. И – дорӣ ба зевар
5. И – гар
6. И – магар
7. ИЛ – б. 1159 нест.
8. Л – наёяд

Бад – ӯ гуфт шоҳ:[1] «Эй хирадманди пир,
Чӣ бошӣ ҳаме пеши ман[2] хир – хир?!

Чунон чун гумони ман аст оби[3] сард,
Бубахшой[4] бар ман, ту эй[5] родмард».

Кадевар бад – ӯ гуфт, к – «Ин обгир
Надидӣ фузун аз ду партоб тир.

Бихӯр, чанд хоҳиву бардор низ,
Чӣ ҷӯӣ бад – ин бенавохона чиз?

Ҳамоно надидӣ ту дарвеш мард,
Зи пирӣ фурӯ монда аз коркард».

Чунин дод посух, ки «Гар меҳтарӣ,
Ба обе[6] макун ҷанг бо лашкарӣ».

«Чӣ номӣ бад – ӯ, – гуфт Фаршедвард, -
На буму на пӯшиш, на обу на х(в)ард?»

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Бо коми хеш
Чаро нон наҷӯиву ороми хеш?»

Кадевар бад – ӯ гуфт: «Парвардгор
Сар орад магар бар ман ин рӯзгор.

Бубинам магар бе ту айвони хеш,
Ситоиш кунам пеши Яздони хеш.[7]

Чаро омадӣ дар сарои тиҳӣ,
Ки ҳаргиз мабодат меҳиву беҳӣ».

Бигуфт ину бигрист чандон ба зор,
Ки бигрехт з – овози ӯ шаҳрёр.

1. И – Бахром, к – эй
2. И – бари ман чунин
3. Л – гумонам ҳаме з – оби
4. Л – Бубахшой
5. Л – аё
6. Л – Дар ин деҳ
7. И – б. 1169, 1170 нест.

Бихандид аз он пиру омад[1] ба роҳ,
Дамодам биёмад паси ӯ сипоҳ.[2]

## БОЗ НАМУДАНИ ХОРКАН ҲОЛИ КАДЕВАРИ ФАРШЕДВАРД ВА БАХШИДАНИ БАҲРОМ МОЛИ Ӯ БА АРЗОНИЁН

Чу берун шуд аз номвар шорсон,
Ба пеш андаромад яке хорсон.

Табар дошт марде, ҳаме канд хор,
Зи лашкар бишуд пеши ӯ шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт: «Меҳтар, бад-ин шорсон,
Киро донӣ, эй душмани хорсон?»[3]

Чунин дод посух, ки «Фаршедвард,
Яке озвармарди бехобу х(в)ард.

Ҳаме[4] гӯспандаш бувад сад ҳазор,
Ва ҳам уштуру[5] асп[6] ҳам з-ин шумор.

Замин пур зи оганда динори ӯст.
Ки на мағз бодаш ба тан-дар[7], на пӯст.

Шикам гурсуна, колбад барҳана
На фарзанду хешу на ёру буна.[8]

Агар киштмандаш фурӯшад ба зар,
Яке хона бумаш шавад[9] пургуҳар.

Шубонаш ҳама гӯшт ҷӯшад ба шир,
Худ ӯ нони арзан хӯрад бо панир.[10]

1. И – чанде баромад
2. Л – б. 1173 нест.
3. ИЛ – б. 1175, 1176 нест.
4. ИЛ – Магар
5. Л – Ҳамон уштуру
6. И – Ҳамон уштуру гов.
7. Л – бар
8. ТПЗ – Гирифтор дар дасти озу ниёз,
   Тан аз ночаридан ба ранҷу гудоз.
9. Л – кунад
10. И – б. 1181, 1182 нест.

Ду ҷома надидаст[1] ҳаргиз ба ҳам,
Аз ӯяст ҳам бар тани ӯ ситам».

Чунин гуфт бо хоркаш[2] шаҳрёр,
Ки «Аз гӯспандаш бидонӣ[3] шумор?

Бидонӣ,[4] куҷо бошад ӯро гала,
Ҳамон[5] асп бо уштурони яла?»

Бад-ӯ хоркан[6]гуфт, к- «Эй марди роҳ,
Басе нест з ин ҷо бад-он ҷойгоҳ.[7]

Куҷо уштуру гӯспанди вай аст,
Дилам пур зи дард аз[8] газанди вай аст».[9]

Бад-ин хоркан[10] дод динор чанд,
Бад-ӯ гуфт, к-«Акнун[11] шавӣ[12] арҷманд».

Бифармуд, то аз миёни сипоҳ
Биёмад яке марди доно ба[13] роҳ.

Куҷо номи он мард Беҳрӯз буд,
Савору далеру дилафрӯз буд.

Фиристод бо номвар сад савор,
Гузин кард шоиста мардони кор.

Дабире нигаҳ кард парҳезкор,
Бад-он сон, ки донист кардан шумор.[14]

---

1. Л – напӯшид
2. ИЛ – хорзан
3. ИЛ – надонӣ
4. И – Надонӣ
5. И – Ҳама
6. И – хорзан
7. Л – Чунин гуфт, к – эй ромдида савор,
Аз он хоста кас надонад шумор.
8. И – дарду
9. Л – б. 1187 нест.
10. ИЛ – хорзан
11. Л – гуфт: «Акнун
12. И – гуфт: «Акнун шудӣ
13. И –績донанда
14. Л – б. 1192 нест.

Бад-ин хоркан[1] гуфт: «Аз эдар бирав,
Ҳаме хор ҷустӣ,[2] кунун зар дарав.

Аз ӯ хоста садяке мар турост,
Бад-ин мардумон рой[3] бинмой рост».

Дилафрӯз буд номи ин хоркан,[4]
Гурозанда[5] марде ба нерӯи тан.

Гаронмоя аспе бад-ӯ доду гуфт,
Ки «Бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт».

Дилафрӯз буд, гетиафрӯз шуд,
Чу омад бад-он кор[6], пирӯз шуд.[7]

Биёвард лашкар ба кӯҳу ба дашт,
Ҳаме гӯспанд аз адад баргузашт.

Шутур буд бар дашт даҳ корвон,
Ба ҳар корвон-бар яке сорвон.

Зи говони варзу зи говони шир
Даҳу ду ҳазораш навишт он дабир.[8]

Ҳамон аспу уштур ду раҳ даҳ ҳазор,
Нависанда бинвишт онро шумор.

Биёбон саросар ҳама канда сум,
Ҳамон равғани гов пур карда хум.[9]

Зи шерозу аз тарф сесад[10] ҳазор
Шутурвор буд андар он кӯҳсор.[11]

1. ИЛ – Бад – он хорзан
2. Л – чидӣ: И – кандӣ,
3. Ил – роҳ
4. ИМ – он хорзан; Л – хорзан,
5. Л – қавӣ буд
6. Л – ба даргоҳ,
7. И – б. 1196, 1197 нест.
8. Л – Зи пашму шутурворҳои панир.
9. Л – б. 1201, 1202 нест.
10. Л – Шероз бо шаҳри ӯ сад,
11. Л – равғану ҷавзу нор; И – б. 1201- 1203 нест.

Ҳама дашту кӯҳу биёбон куном,
Кас онро ба гетӣ надонист ном.

Яке нома бинвишт Беҳрӯзи ҳур
Ба назди шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр.

Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
Ки ӯяст пирӯзу парвардгор.

Дигар офарин бар шаҳаншоҳ кард,
К - аш[1] аз ранҷҳо[2] даст кӯтоҳ кард.

Чунин гуфт, к- «Эй шаҳрёри ҷаҳон,
Зи ту шод яксар кеҳону меҳон.

Аз[3] андоза додат ҳаме бугзарад,
Аз[4] ин хомушӣ ганҷ кайфар барад.

Ҳама кори гетӣ ба андоза беҳ,
Дили шоҳ аз андозаҳо тоза беҳ.[5]

Яке гумшуданом Фаршедвард,
Чи дар базмгоҳу чи андар набард.

Надонист кас номи ӯ дар ҷаҳон
Миёни кеҳону миёни меҳон.

На хусравшиносу на яздоншинос,[6]
Надонист кардан[7] зи чизе сипос.

Чунин хоста густарад дар ҷаҳон,
Тиҳидасту пурғам нишаста ниҳон.

Ба бедод монад ҳаме доди шоҳ,
Манеҳ тезгуфтори[8] ман бар гуноҳ.

1. Л – Ки аз
2. И – Ки аз ганҷҳо
3. Л – К – аз
4. Л – В – аз
5. И – б. 1209,1210 нест.
6. Л – На яздонпарасту на хусравшинос,
7. И – Надонанд кардан зи; Л – ба
8. Л – панду гуфтори; И – панд додан ба

Пай афкан яке ганҷ аз ин хоста,
Севум солро гардад ороста.

Дабирони бегонаро хондем,[1]
Бад – ин кӯҳи Албурз[2] биншодем.[3]

Шумораш падидор н-ояд[4] ҳанӯз,
Нависандаро[5] пушт баргашт кӯз.

Чунин гуфт гӯянда, к – «Андар замин
Варо зарру гавҳар фузун аст аз ин.

Бар ин кӯҳсорам ду дида ба роҳ,
Бад – он то чӣ фармоядам[6] пешгоҳ.

Зи ман бод бар шоҳи Эрон дуруд,
Бимон зинда, то номи тор асту пуд».

Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ,
Бад – он то барад нома наздики шоҳ.

Чу он нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил – ш андарафтод аз он нома шӯр.

Дижам гашту дида пур аз об кард,
Бурӯҳои ҷангӣ пур аз тоб кард.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост румиву[7] чинӣ ҳарир.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди пирӯзу парвардигор,

Худованди доноиву фарраҳӣ,
Худованди дайҳиму шоҳаншаҳӣ

1. И - донандаро хонд шоҳ,
2. Л – обод
3. И – гуна биншонд бар доду роҳ.
4. ИЛ – н – омад
5. И – Парастандаро
6. Л – фармон диҳам
7. И – мисриву

Набиштӣ,[1] ки «Гар додгар будаме,
Ман ин мардро зуд бибсудаме[2].

Наёвард гирд ин зи дуздиву хун,
Набуд ҳам касеро ба бад раҳнамун.

Ҳамон бад, ки он мард буд носипос,
Зи Яздон набудаш ба дил-дар ҳарос.

Яке посбон буд бад- ин хоста,
Дилу ҷон аз афзун шудан коста.

Бар он дашт чи гургу чи гӯспанд,
Чу бошанд бекору носудманд.

Ба зери замин – дар чи гавҳар, чи санг,
К – аз ӯ хӯрду пӯшиш наёяд[3] ба ҷанг.

Насозем аз ин ранҷ бунёд ганҷ,
Набандем дил дар сарои сипанҷ.

Фаридун на пайдост андар ҷаҳон,
Ҳамон Эраҷу Салму Тур аз меҳон.

Ҳамон шоҳ Ковус[4] бо[5] Кайқубод,
Ҷуз ин номдорон, ки дорем[6] ёд,

Падар-м он ки з-ӯ[7] дил пур аз дард буд,
Набуд додгар, ноҷавонмард буд.

Касе з-ин бузургон падидор нест,
Бад-ин бо Худованд[8] пайкор нест.

Ту он хоста гирд кун, ҳарчи ҳаст,
Бубахшу мабар сӯи як мӯй даст.

1. Л – Бигуфт ин ки
2. Л – Ҳамин мардро низ набсудаме.
3. И – Чу н – ояд аз ӯ хӯрду пӯшиш
4. Л – шоҳи пирӯз
5. И – Кайхусраву
6. Бузургон ки дорем, яксар ба; Л – кардем
7. И-к-аз ӯ
8. И-В-аз ин бо ҷаҳондор

1240 Касеро, ки пӯшида дорад ниёз,
Ки аз бад ҳаме дер ёбад ҷавоз,

Ҳамон низ пире, ки бекор гашт,
Ба чашми гаронмоягон хор гашт.

Дигар мар киро чиз буду бих(в)ард,
Кунун монд бо дарду бо боди сард.

Касеро, ки вом асту динор нест,
Ба бозоргонӣ касаш ёр нест.

Дигар кӯдаконе, ки бинӣ[1] ятим,
Падар мурдаву нестшон зарру сим.

1245 Заноне, ки бешӯю бепӯшишанд,
Ки коре надонанду бекӯшишанд,

Бар эшон бубахш ин ҳама хоста,
Барафрӯз ҷони[2] равонкоста.

Ту бо он ки рафтӣ сӯи шаҳр боз,
Зи ганҷи ниҳода шавӣ бениёз.

Ниҳонкарда динори Фаршедвард
Бад-он пир мон, то набошад бадард.

Мар ӯро чи динору гавҳар, чи хок,
Ки бояд-ш кардан ҳаме[3] дар мағок.

1250 Сипеҳри гузоранда ёри ту бод,
Ҳама доду парҳез кори ту бод!»

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристода баргашту омад ба роҳ.

1. Л-будӣ
2. Л- ҷону
3. Л- ҳама

## РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИРГОҲ ВА КУШТАНИ ШЕРОН

Бифармуд, то тахти шоҳаншаҳӣ
Ба боғи Баҳор андарорад раҳӣ.

Ба фармон бибурданд пирӯзатахт,
Ниҳоданд зери гулафшон дарахт.

Маю ҷом бурданд ромишгарон,
Ба полез рафтанд бо меҳтарон.

Чунин гуфт бо ройзан[1] шаҳрёр,
Ки хуррам ба мардум бувад рӯзгор.

Ба дахма - дарун, баски танҳо шавем,
Агарчанд бар тунд[2] боло шавем.

Ҳаме бистурад марг вайронҳо,[3]
Ба пай[4] оварад коху айвонҳо.

Зи шоҳу зи дарвеш ҳар[5] к – ӯ бимурд,
Або хештан номи[6] неке бибурд.

Зиён аст ранҷаш ҳама, ҳар чӣ бурд,
Чу мурд ӯ, ҳама ранҷ бо[7] ӯ бимурд.[8]

Ба гетӣ ситоиш бимонад,[9] бас аст,
Ки тоҷу камар баҳри дигар кас аст.

Беозориву ростӣ боядат,
Чу хоҳӣ, ки ин хӯрда нагзоядат.

Кунун соли ман рафт бар сиву ҳашт,
Басе рӯз бар шодмонӣ гузашт.

---

1. И – мӯбадон
2. Л – бартар зи
3. ЛМ – девонҳо,
4. Л – пой
5. И – он
6. И – зишту
7. Л – ӯву ранҷаш або
8. И – б. 1259 нест.
9. И – чу монад

Чу соли ҷавон баркашад бар чиҳил,
Ғами рӯзи марг андарояд ба дил.

Чу як мӯй гардад ба сар-бар сапед,
Бубояд гусастан зи шодӣ[1] умед.

Чу кофур шуд мушк, маъюб гашт,
Ба кофурбар тоҷ нохуб гашт.

Ҳаме базму бозӣ кунам то ду сол,
Чу лахте шикаст андарояд ба ёл.

Шавам пеши Яздон, бипӯшам палос,
Набошам зи кирдори ӯ носипос.

Ба шодӣ басе рӯз[2] бугзоштам,
Зи тоҷи меҳӣ баҳра бардоштам.

Кунун бар гулу нору себу биҳӣ
Зи май ҷоми заррин набояд тиҳӣ.

Чу бинам рухи[3] себ беҷодаранг,
Шавад осмон ҳамчу пушти паланг.

Барӯманду бӯё баҳоре бувад,
Майи сурх чун ғамгусоре бувад.

Ҳаво рост гардад, на гарму на сард,
Замин тозаву[4] обҳо ложвард.

Чу маҳ меҳргонӣ бипӯшем хаз,
Ба нахчир бояд шудан сӯи Ҷаз.[5]

Бад – он дашти нахчир коре кунем,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунем.

Кунун гардани гӯр гардад ситабр,
Дили шери нар гираде ранги бабр.

1. И – Зи шодӣ бибояд буридан
2. И – сол
3. И – Чу гардад рухи
4. Ил – тираву
5. И – Газ.

Сагу юз бо чарғу шоҳину боз
Бубояд кашидан ба роҳи дароз.

Чу[1] он ҷой гӯр асту тиру камон,
Наёсоям аз тохтан як замон.

Биёбон, ки ман дидаам зери Ҷаз,
Шуда чун найи[2] найза болои газ!

Бад-он[3] ҷойгаҳ низ ёбем[4] шер,[5]
Шикорӣ бувад, гар[6] бимонем дер.

Ҳаме буд то абри шаҳриварӣ
Баромад, ҷаҳон шуд пур аз лашкарӣ.

Зи ҳар кишваре лашкаре ҷангҷӯй
Сӯи шоҳи Эрон ниҳоданд рӯй.

Аз эшон гузин кард гарданкашон,
Касе, к-ӯ зи нахчир донад нишон.

Биёвард лашкар ба дашти шикор,
Саворони шамшерзан даҳ ҳазор.

Ба наздики хиргоҳу пардасарой,
Ҳамон хаймаву охуру чорпой.

Ҳама зердастон зи пеши сипоҳ
Бирафтанд, ҳар ҷой канданд чоҳ.

Бад-он то ниҳанд аз бари чоҳ чарх,
Ки лашкар аз он об ёбанд бахр.

Паси лашкар-андар ҳаме рафт шоҳ
Худу вижагон то ба нахчиргоҳ.

Биёбон саросар пур аз гӯр дид,
Ҳама беша аз шер пуршӯр[7] дид.

1. Л – Ки
2. Л- тани
3. Л- Бад-ин
4. И – бошем
5. Л- бошем сер,
6. И- Шикоре кунем, ар
7. И – Ҳам аз меш кишвар пур аз шӯр

Чунин гуфт, к – «Имшаб шикори май аст,
Ки аз шер бар хок чандон пай аст,

Ки фардо бибояд маро[1] шер ҷуст,
Бихуспид[2] шодондилу[3] тандуруст.

Кунун май гусорем то чоки рӯз,
Чу рахшон шавад тоҷи гетифирӯз,

Нахустин[4] ба шамшер шер афканем,
Ҳамон аждаҳои далер афканем.

Чу аз шер он беша[5] гардад тиҳӣ,
Бад – он гаҳ[6] маро[7] гӯр гардад раҳӣ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Сӯи беша рафтанд шоҳу сипоҳ.

Ҳамон гаҳ ки берун хиромид шер,
Диловар шуда, хӯрда аз гӯр сер,

Ба ёрон чунин гуфт Баҳроми гурд,[8]
Ки тиру камон дораму дастбурд.[9]

Валекин ба шамшер ёзам[10] ба шер,
Бад – он то нахонандамон[11] нодалер.

Бипӯшид таркарда[12] пашмин қабо[13]
Ба аспи набард андаровард по.[14]

Чу шер аждаҳо дид, бар пой хост,
Зи боло ду даст андаровард рост.

1. Л – набояд маро
2. Л – Бихуспем.
3. И – Бихуспид хуррамдилу
4. И – Ба тиру
5. ИЛ – ин беша аз шер
6. И – аз он пас
7. Л – Туро
8. И – Гӯр,
9. И – фарру зӯр.
10. ИЛ – тозам
11. И – нахонад касам
12. Л – навкарда
13. Л – қабой,
14. Л – пой.

Ҳаме хост зад бар сари аспи ӯй,
Бизад пошна марди нахчирҷӯй.

Бизад бар сари шер шамшери тез,
Сабук ҷуфти ӯ ҷуст роҳи гурез.

Зи сар то миёнаш[1] ба ду ним кард,
Дили нarрашерон пур аз бим кард.

Биёмад дигар шери ғуррон далер,
Ҳамон ҷуфти ӯ бачча парварда зер.

Бизад ханҷаре шоҳ бар гарданаш,
Сари шери нар кард дур аз танаш.

Яке гуфт, к - «Эй шоҳи хуршедчеҳр,
Надорӣ ҳаме бар тани хеш меҳр.

Ҳама беша шеранд бо баччагон,
Ҳама баччагон шири модар макон,

Кунун бояд ожир будан зи шер,
Ки дар меҳргон бачча дорад ба[2] зер.

Се фарсанг болои ин беша ҳаст,
Ба як сол агар шер гирӣ ба даст,

Ҷаҳон ҳам нагардад зи шерон тиҳӣ,
Ту чандин чаро ранҷ бар тан ниҳӣ?

Чу биншаст бар тахт шоҳ аз нахуст,
Ба паймон ҷуз аз ҷанги шерон наҷуст.

Кунун шаҳрёриву кайҳон[3] туроcт,
Ба гӯр омадӣ, ҷанги шерон чароcт?»

Бад - ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд пир,
Ба шабгир фардо ману гӯру тир

1. ИЛ – ба пояш
2. Л – доранд
3. И – шаҳрёрии Эрон

Саворони гарданкаш андар замон[1]
Накарданд номӣ[2] ба тиру камон.

Агар доди мардӣ бихоҳем[3] дод,
Зи кӯполу шамшер гирем ёд».

Бад – ӯ гуфт мӯбад, ки «Гар даҳ[4] савор,
Будӣ мар туро чун ту дар корзор,

Набудӣ ба Руму ба Чин тоҷу тахт,
Ба дарё кашидӣ хирадманд рахт,

Ки чашми бад аз фарри ту дур бод,
Нишасти ту дар гулшани[5] сур бод!

Ба пардасарой омад аз беша шоҳ
Або мӯбаду паҳлавони сипоҳ.

Ҳаме хонд лашкар бар ӯ офарин,
Ки бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Ба хиргоҳ шуд, чун сипаҳ бозгашт,
Бишуст аз хай он хусравӣ ёлу даст.[6]

Яке марзбон доштӣ[7] пешкор,
Зи хиргоҳи худ дур карданд[8] хор.

Ниҳоданд кофуру мушку гулоб,
Бигустурд мушк аз бари ҷойи хоб.

Ҳама хаймаҳо хони заррин[9] ниҳод,
Бар ӯ созу[10] ороиши Чин[11] ниҳод.

1. Л – Саворону гарданкашони дамон
2. ЛМ – Нагарданд номӣ
3. Л – нахоҳем
4. Л – як
5. Л – гулшану
6. И – б. 1319, 1320 нест.
7. ИЛ – донишӣ меҳрбор,
8. Л – Ба хиргоҳ нав барпароганд
9. И- хайма ороиши Чин
10. Л-коса
11. И- Ба хон - бар ҳама коса заррин

Биёрост солор хон аз бара,
Ҳам аз хӯрданиҳо, ки буд яксара.

Чу нон хӯрда шуд, шоҳ Баҳроми Гӯр
Бифармуд ҷоми бузург аз булӯр,

Ки орад паричеҳраи майгусор,
Ниҳад бар кафи додгар шаҳрёр.

Чунин гуфт, к-«Ин подшо Ардашер,
Ки барно шуд аз бахти ӯ марди пир,

Сари моя ӯ буду мо кеҳтарем,
Агар кеҳтариро худ андарх(в)арем.

Ба разму ба базму ба рою ба хон
Ҷуз ӯро ҷаҳондори гетӣ махон.

Бад-он гаҳ ки Искандар омад зи Рум
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум,

Гар ӯ ноҷавонмард буду дурушт,
Ки сиву шаш аз шаҳрёрон бикушт.

Лаби хусравон пур зи нафрини ӯст,
Ҳама рӯи гетӣ[1] пур аз кини ӯст.

Чу бар Офаридун кунанд офарин,
Бар ӯяст нафрин зи ҷӯёи кин.

Мабодо ҷуз аз некуӣ дар ҷаҳон
Зи ман дар миёни кеҳону меҳон.

Биёред,- гуфто, - мунодигаре,
Хушовозу аз номодорон саре,

Ки гардад[2] саросар ба гирди сипоҳ,
Ҳаме бархурӯшад ба бероҳу роҳ,[3]

Бигӯяд, ки дар шаҳри Баркӯҳу Ҷаз,
Гар аз гавҳару зарру дебову хаз

1. И- кишвар
2. Л- Бигардад
3. И – б. 1336 нест.

Ҷуз ин то ба хошоки ночизу паст
Биёзад касе носазовор даст,

Бар аспаш нишонам, сиёҳ[1] карда рӯй,
Аз эдар кашон бо ду пайкорҷӯй.

Ду пояш бубананд дар зери асп,
Фиристам-ш то пеши Озаргушасп.

Ниёиш кунад пеши озар ба хок,
Парастиш кунад пеши Яздони пок.

Бад-он кас диҳам чизи ӯро, ки чиз
Аз ӯ бистаду чирагӣ кард низ.

Агар асп дар киштзоре кунад
В-ар оҳанг бар мевадоре кунад,[2]

Зи зиндон наёбад ба соле раҳо,
Савори сарафроз гар бебаҳо,

Ҳамон ранҷи мо бас, к-аз ин дашт бахр
Биёбад, наёзид бояд ба шаҳр.

Бирафтанд бозоргонони шаҳр
Зи Ҷаззу зи Баркӯҳ мардум ду баҳр.

Биёбон чу бозори Чин шуд зи бор,
Бад-он сӯ, ки шуд[3] лашкари шаҳрёр.

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ БА НАХЧИРИ ГӮРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бифрӯхт[4] хур,
Ҷаҳондор[5] шуд сӯи нахчири гӯр.

1. ИЛ – зи пас
2. И- б.1343 нест.
3. ИЛ – буд
4. И – рӯй бинмуд
5. И – Сипаҳдор

Камонҳо ба зеҳ барниҳода[1] сипоҳ,
Паси лашкар-андар ҳаме ронд[2] шоҳ.

Чунин гуфт, к-«Он[3] к-ӯ[4] камонро ба даст
Бимолад, кушояд ба андом[5] шаст,

Набояд задан тир ҷуз бар сутун,
Ки аз сина пайконаш ояд бурун».

Яке паҳлавон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Нигаҳ кун бад-ин[6] лашкари номдор,

Ки бо кист, з-ин гуна тиру камон,
Бадандеш ё марди некигумон.

Магар бошад ин аз кушоди барат,
Ки ҷовид бодо сару афсарат.

Чу ту тир гириву шамшеру гурз
Аз он хусрави ёлу[7] болои[8] бурз

Ҳама лашкари[9] шоҳ доранд шарм,
Ба тиру камон-бар шавад даст нарм».

Чунин дод посух, ки «Ин эзадист,
Чу ӯ бугсилад зӯр, Баҳром кист?»

Барангехт шабдиз Баҳроми Гӯр,
Чу наздик шуд бо яке наррагӯр,

Чу омад-ш ҳангом, букшод шаст,
Бари гӯри нар бо суринаш бубаст.

Ҳамон гоҳ гӯр андаромад ба сар,
Бирафтанд гурдони зарринкамар.[10]

1. И- Каёнӣ камонҳо ба зеҳ-бар
2. И – ҳамерафт
3. Л – гуфт: «Он
4. И – Ҳар он кас ки гирад
5. И – Бибояд кушодан ба ҳангом
6. Л – дар ин
7. Л – хусравифарру
8. И – хусравифарру он ёлу
9. И – лашкар аз
10. И – Чу рафтанд гурдони пархошхар.

Шигифт андар он захми ӯ монданд,
Якояк бар ӯ офарин хонданд.[1]

Касе парру пайкони тираш надид,
Ба болои он гӯр шуд нопадид.

Саворони ҷангиву мардони кин
Саросар бар ӯ хонданд офарин.[2]

Бад-ӯ паҳлавон гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор.

Саворӣ туву мо ҳама бар харем,
Ҳам аз харварон дар ҳунар[3] камтарем».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин на тири ман аст,
Ки пирӯзгар дастгири ман аст.

Киро пушту ёвар ҷаҳондор нест,
Аз ӯ хортар дар ҷаҳон хор[4] нест».

Барангехт он боркашро зи ҷой,
Ту гуфтӣ, шуд он асп парронҳумой.

Яке гӯр пеш омадаш, мода буд[5],
Бача пеши ӯ рафтаву монда буд.[6]

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Ба ду нима шуд гӯри нопойдор.

Расиданд наздики ӯ меҳтарон,
Сарафрозу шамшерзан кеҳтарон.[7]

Чу он захм диданд бар модагӯр.[8]
Хирадманд гуфт: «Ин-т шамшеру зӯр.

1. И – б. 1361 нест.
2. Л – б. 1362, 1363 нест.
3. И – харсаворон барат
4. Л – зор
5. Л – монда шуд,
6. Л – рафт, тозанда шуд.
7. И – Сарафроз гурдону ҷанговарон.
8. Л – Чунон захм диданд ба миёни гӯр.

Мабинод чашми бад ин шоҳро,
Намонад магар бар фалак моҳро.

Сари меҳтарони ҷаҳон зери ӯст,
Фалак зери пайкону[1] шамшери ӯст.

Сипоҳ аз паси ӯ[2] ҳаме тохтанд,
Биёбон зи гӯрон бипардохтанд.

Бифармуд, то ҳалқаи зар кунанд,
Бар он ҳалқаҳо номи ӯ барканaнд.

Барафканд дар гӯши гӯри яла,
Ҳамон низ бо доғ сесад гала.

Раҳо кардашон аз пайи номро,
Ҳамон аз пайи шодиву комро.[3]

Яке мард бар[4] гирди лашкар бигашт,
Ки як тан мабод андар ин паҳндашт,

Ки гӯре фурӯшад ба бозоргон,
Бад-эшон[5] диҳад ин ҳама ройгон.

Зи Баркӯҳу аз номдорони Ҷаз
Бибурданд бисёр дебову хаз[6]

Пазируфту*[7] фармуд, то божу[8] сов
Нахоҳанд, агарчандашон буд[9] тов.

В-аз он шаҳрҳо ҳар кӣ[10] дарвеш буд,
В-агар нонаш[11] аз кӯшиши хеш буд,

---

1. И – бандаи теғи
2. И – пас андар
3. ИЛ – б. 1376 – 1378 нест.
4. И – мӯбаде
5. И – Ба мардум
6. И – Пас аз б. 1381 ин б. омада:

   Басе ҳадя бурданд наздики шоҳ,
   Бибурданд зӣ сарварони сипоҳ.

7. М – Бипазруфту
8. И – Пазируфт Баҳром бо бозу
9. И – гар будашон низ
10. И – шаҳр ҳар кас, ки
11. И – хӯрдаш

Зи бахшидани ӯ тавонгар шуданд,
Басе низ ботахту афсар шуданд.

Ба шаҳр андаромад зи нахчиргоҳ,
Яке ҳафта з-ӯ шод шаҳру[1] сипоҳ.

Ба майдон будӣ бештар[2] боргоҳ,
Пиёда шудандӣ бари ӯ сипоҳ.

Бирафтӣ хушовоз гӯяндае,
Хирадманду дарвешу ҷӯяндае.

Бигуфтӣ, ки «Эй додхоҳандагон,
Ба Яздон паноҳед аз бандагон.

Касе, к-ӯ нахуфтаст аз ранҷи мо,
В-агар несташ баҳра аз ганҷи мо,

Ба майдон хиромед, то шаҳрёр
Магар бар шумо нав кунад рӯзгор.

Дигар ҳар кӣ пир асту бекору суст,
Ҳамон, к-ӯ ҷавон асту нотандуруст.

В-агар вом дорад касе з-ин гурӯҳ,
Шудаст аз бади вомхоҳон сутӯҳ,

В-агар бепадар кӯдаконанд низ,
Аз он кас, ки дорад, бихоҳанд[3] чиз.

Бувад моми кӯдак нуҳуфта ниёз,
Ҳаме дорад он тангии[4] хеш роз,[5]

В-агар[6] моядоре[7] тавонгар бимурд,
Бад-ин марзу з-ӯ кӯдакон буд[8] хурд,

1. Л – Ба як ҳафта буд шодмон бо; И – Ба як ҳафта ӯ шодмон бо
2. И – пеши ӯ
3. ИЛ – нахоҳанд
4. Л – некии
5. И – Пас аз б. 1394 ин б. омада:

   Ҳамон ёраву тавқу афсар диҳем,
   Ҳамин қавмро зарру гавҳар диҳем.
6. Л – Дигар
7. И – номдоре
8. И – марз з-ӯ кӯдакон монда

Кунад кордоре бад-он чиз рой,
Надорад дили[1] шарму тарси[2] Худой.

Сухан з-ин нишон кас мадоред роз,
Ки аз роздорон манам бениёз.

Тавонгар кунам марди дарвешро,
Ба дин оварам ҷони[3] бадкешро.

Битӯзем вомӣ касе, к-аш дирам
Набошад, дили хеш дорад ба ғам.

Дигар ҳар кӣ дорад нуҳуфта ниёз,
Бар ӯ даркушоям[4] дари ганҷ боз.

Гар аз кордорон бувад ранҷ низ,[5]
Ки хоҳанд ҳам аз падармурда[6] чиз,[7]

Кунам зинда бар дор бедодро,
Ки озор дод[8] марди озодро[9]».

Зи нахчиргаҳ[10] сӯи Бағдод рафт,
Хирадёфта бо диле шод рафт.

Бирафтанд, гарданкашон пеши[11] ӯй,
Зи бегона в-он кас, ки буд хеши ӯй.

Бифармуд, то бозгардад сипоҳ,
Биёмад ба кохи дилорой шоҳ.

1. И – ба дил
2. Л – бад-он шарму тарс аз
3. И – марди
4. ИЛ – баркушоям
5. И – В-ар аз кордоре бувад низ ранҷ,
6. Л – ӯ аз падармурдае хост
7. И – Ки ӯ аз падармурдае хост ганҷ,
8. Л – Ки озурд ӯ
9. ТПЗИЛМ – Кушоданд аз он пас дари ганҷ боз,
Тавонгар шуд он кас, ки будаш ниёз;
И – Зи дор андаровезамаш сарнагун
Бад-он, то чаро шуд ба бад раҳнамун.
10. ИЛ – нахчиргаҳ
11. И – сӯи

Шабистони заррин[1] биёростанд,
Парастандагон мушку[2] май хостанд.

Бутон чомаву[3] чанг барсохтанд,
Зи бегона айвон бипардохтанд.

Зи руду маю ною бонги суруд
Ҳаворо ҳаме дод гетӣ дуруд.

Ба ҳар ҳуҷрае, ҳар шабе[4] дастбанд
Бикарданд,[5] то дил надорад нажанд.[6]

Ду ҳафта ҳаме буд дил шодмон,
Дари ганҷ букшод рӯзу шабон.[7]

Дирам доду омад ба шаҳри Ситахр,
Ба сар барниҳод он каӣ тоҷи фахр.

Шабистони Харрод[8] дар боз кард,
Бутонро зи ганҷи дирам соз кард.

Ба мушкуи заррин ҳар он кас ки тоҷ
Набудаш, на зер-андарун тахти оҷ,

Аз он шоҳи Эрон фаровон жакид,
Барошуфту аз Рӯзбеҳ лаб газид.

Бад-ӯ гуфт: «Ман божи Руму Хазар
Бад-эшон диҳам, чун биёрӣ ба дар.

Ҳам акнун ба харвор динор хоҳ,
Зи ганҷи Раю Исфаҳон бор хоҳ.

Шабистон бар ин гуна вайрон бувад,
На андархури[9] шоҳи Эрон бувад.

1. ИЛ – барзин
2. И – руду
3. И – Ҳама чомаи
4. ИЛ – шаб зи ҳар ҳуҷрае
5. Л – Бибурданд
6. И – Бибурданд наздики тахти баланд.
7. И – бикшуд, к-омад замон.
8. Л – Хурдод
9. И – аз ахтари

Зи ҳар кишваре божи[1] нав хостанд,
Заминро ба дебо биёростанд.

Бад-ин гуна якчанд гетӣ бих(в)ард,
На разму на ранҷу на нангу набард.[2]

## ЛАШКАР КАШИДАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ЭРОН ВА ЗИНҲОР ХОСТАНИ ЭРОНИЁН АЗ Ӯ

Пас огоҳӣ омад ба Ҳинду ба Рум,
Ба Турку ба Чину ба ободбум,

Ки Баҳромро дил ба бозист бас,
Касеро ба гетӣ надорад ба кас.

Талоя наю дидбон[3] низ на,
Ба марз-андарун марзбон[4] низ на,

Ба бозӣ ҳаме бугзаронад ҷаҳон,
Надонад ҳаме ошкору ниҳон.

Чу хоқони Чин ин суханҳо шунид,
Зи Чину Хутан лашкаре баргузид.

Дирам доду сар сӯи Эрон ниҳод,
Касеро наёмад зи Баҳром ёд.[5]

Ба Эрон чу огоҳӣ омад зи Рум,
Зи Ҳинду зи Чину зи ҳар марзу бум,[6]

Ки қайсар сипаҳ карду лашкар кашид,
Зи Чину Хутан[7] лашкар омад падид.

Аз Эрон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону аз номдорони нав,

1. И – бози
2. ТПМ – Шикору маяш кор будиву бас,
Ҳама шодиаш ёр будиву бас.
3. Л – марзбон.
4. Л – паҳлавон
5. ТПЗ – В-аз он рӯй Қайсар сипаҳ баркашид,
Ҳама кишвари Рум лашкар кашид.
6. И – Турку зи Чину зи ободбум.
7. И – Зи Турку зи Чин

Ҳама пеши Баҳроми Гӯр омаданд,
Пур аз хашму[1] пайкору шӯр омаданд.

Бигуфтанд бо шоҳ чанде дурушт,
Ки «Бахти фурӯзон-т бинмуд пушт,

Сари шаҳрёрон ба разм-андар аст,
Туро дил ба бозиву базм-андар аст.

Ба чашми ту хор аст ганҷу сипоҳ,
Ҳамон марзи Эрону ҳам тахту гоҳ.[2]»

Чунин дод посух ҷаҳондор шоҳ
Бад-он мӯбадони намояндароҳ,

Ки «Додори гетӣ маро ёвар аст,
Ки аз дониши бартарон бартар аст.

Ба пирӯзии[3] подшоҳи бузург
Ман Эрон нигаҳ дорам аз чанги гург.

Ба бахту сипоҳу ба шамшеру ганҷ
Зи кишвар бигардонам ин дарду ранҷ».

Ҳаме кард бозӣ бар ин[4] ҳамнишон,
В-аз ӯ пур зи хун дидаи саркашон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, к-«Аз ин подшо
Бупечад дили мардуми порсо».

Дили шоҳ Баҳром бедор[5] буд,
В-аз он огаҳӣ пур зи тимор буд.

Ҳаме сохтӣ кори лашкар ниҳон,
Надонист розаш кас андар ҷаҳон.

Ҳама шаҳри Эрон зи кораш бабим,
Аз[6] андешагон дил шуда бар ду ним.

---

1. И – ҷангу
2. И – б. 1432 нест.
3. ИЛ – Ба нерӯи он
4. И – ромиш бад-он
5. И – бемор
6. И – В-аз

Ҳама гашта навмед аз он шаҳрёр,
Тану кадхудоӣ гирифтанд хор.

Пас огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки омад зи Чин андар[1] Эрон сипоҳ.[2]

Ҷаҳонҷӯй[3] Густаҳмро пеш хонд,
Зи хоқони Чин чанд бо ӯ[4] биронд.

1445 Куҷо паҳлавон буду дастур буд,
Чу разм омадаш, пеши ӯ сур буд.

Дигар Меҳрпирӯзи Харродро,
Севум Меҳрбарзини Фарҳодро.

Чу Баҳрому Пирӯзи Баҳромиён,
Хазарвону Руҳҳом бо Андимон.

Яке шоҳи Гелон, яке шоҳи Рай,
Ки бифшордандӣ гаҳи ҷанг пай.

Дигар Додбарзини размозмой,
Куҷо Зобулистон бад-ӯ буд ба пой.

1450 Биёвард ҳам[5] Қорани Бурзмеҳр,[6]
Дигар Родбарзини[7] ожангчеҳр.[8]

Гузин кард аз курониён шаш[9] ҳазор
Хирадманду[10] шоистаи корзор.[11]

Бародар-шро дод тахту кулоҳ,
Ки то ганҷу лашкар-ш дорад нигоҳ.

---

1. Л – то ба
2. И – б. 1443 нест;
   ТПЗ – Чу Хоқон ба наздики Эрон расид,
   Хабар з-ӯ ба шоҳи далерон расид.
3. М - Ҷаҳондор
4. Зи хоқону лашкар фаровон биронд.
5. Л - чун; Н - Срафроз чун.
6. ИЛ - чун зи меҳр
7. Л - Додбарзини
8. И - хуршедчеҳр.
9. И - Аз Эрон далерон даҳу ду
10. И - Ҳаме гурди
11. ТП - Ба Нарсӣ, ки буд аз нажоди Пашин,
    Бародар будаш хусрави покдин.

Хирадманд Нарсии озодчеҳр,
Ҳамаш фарри дин буду ҳам доду меҳр.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Сӯи Озарободагон даркашид.[1]

Чу аз Порс лашкар фаровон набурд,
Чунин буд назди бузургони хурд,

Ки аз ҷанг бугрехт Баҳромшоҳ,
Варо сӯи Озаргушасп аст роҳ.

Чу Баҳром рух сӯи Озар ниҳод,
Фиристода омад[2] зи Қайсар чу бод.

Ба кохеш Нарсӣ фуруд оварид,
Гаронмоя ҷое, чунон чун сазид.

Сӯи мӯбадонмӯбад омад сипоҳ
Ба огоҳ будан[3] зи Баҳромшоҳ[4].

«Чу бар мо ҳаме ганҷ напроганад,
Чаро ҳамчу шоҳон на ганҷ оганад.

Ба ҳар ҷой ҷон барфишонад ҳаме,
Ҳам арҷи ҷавонӣ надонад ҳаме.

Пароканда шаҳриву ҳам лашкарӣ,
Ҳаме ҷуст, ҳар кас раҳи[5] меҳтарӣ.

В- аз он пас чу гуфторҳо шуд куҳан,
Бар он барниҳоданд яксар сухан,

К – «Аз Эрон яке марди боофарин
Фиристанд наздики хоқони Чин.

Ки пеш аз баду[6] ғорату тохтан
Зи ҳар гунае бояд андохтан.

---

1. ТПЗ - Ҳам эдун зи лашкар гузин кард мард,
Саворони тойиба рӯзи набард.
Ду раҳ шаш ҳазор озмудаспвор
Зиреҳтар бо гурзоби говсар.
2. Л – Расуле биёмад
3. И – кардан
4. ТПМ – Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «Баҳром тахт
Раҳо карду бар мо бишӯрид бахт».
5. И – як дари
6. И – то кам кунад

Магар буми Эрон бимонад ба ҷой,
Чу аз хона овора шуд кадхудой.[1]

Чунин гуфт Нарсӣ, ки «Ин рӯй нест,
Мар ин обро дар ҷаҳон ҷӯй нест,

Ки зинҳор хоҳам, ман аз шоҳи Чин,
Ба пилону лашкар бипӯшам замин.

Силеҳ асту ганҷ асту[2] мардони мард,
К – аз оташ ба ханҷар бароранд гард.

Чу навмедӣ[3] омад зи Баҳромшоҳ,
Гар ӯ рафт бо хормоя сипоҳ.

Чу[4] андешаҳотон чунин гашт бад,
Чу андешаи бад кунӣ, бад расад».

Шуниданд эрониён он сухун,
Яке посухи нав[5] фиканданд бун,

Ки «Баҳром аз эдар[6] сипоҳе набурд,
Чу[7] моро ба ғам дил набояд[8] супурд.

Чу хоқон ба Эрон дарояд[9] ба ҷанг,
Намонад дар ин буми мо[10] бӯю ранг.

Сипоҳиву Нарсӣ намонад[11] ба ҷой,
Бикӯбанд бар хира моро ба[12] пой.

Ҳаме[13] чора созем, то ҷойи мо
Бимонад, зи бун[14] нагсилад пойи мо.

1. И – б. 1466 нест.
2. И –ҳам ганҷу
3. ИЛ – навмед
4. ИЛ – Ки
5. Л – нағз
6. И – рафту
7. И – Ки
8. И – бибояд
9. ИЛ – хиромад
10. И – бар ин буму бар
11. И – шаҳрӣ
12. И – мо чира дар зери
13. И – Ҳама
14. И – ба мо,

Яке мӯбаде буд, номаш Ҳумой.
Хирадманду[1] бодонишу покрой.

Варо баргузиданд эрониён,
Ки он чораро танг бандад миён.

Набиштанд[2] пас номае бандавор
Аз эрониён назди он шаҳрёр.

Сари нома гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сар афкандаем.

Зи чизе, ки бошад[3] ба Эронзамин,
Фиристем бо пӯзишу офарин.[4]

Ҳамон[5] низ бо ҳадяҳо божу сов,
Ки бо ҷанги туркон надорем тов».

Зи Эрон биёмад хуҷаста Ҳумой
Худу номдорони покизарой.

Паёми бузургон ба ҳоқон бидод,
Дили шоҳи Тӯрон бад - он[6] гашт шод.

В – аз он ҷунбиши тези Баҳромшоҳ,
К – аз Эрон бишуд тозиён бо сипоҳ,

Ба пеши гаронмоя хоқон бигуфт,
Дилу ҷони хоқон чу гул баршукуфт.

Ба туркон чунин гуфт хоқони Чин,
Ки «Кардем бар чархи гарданда зин.[7]

Кӣ овард бе ҷанг Эрон ба ҷанг,
Магар мо ба рою ба ҳушу диранг?»

Фиристодаро чизи бисёр дод,
Дирам дод чиниву[8] динор дод.

1. И – Ҳунарманду
2. Л – навиштанд
3. И – хоҳӣ зи
4. Л – б – офарин.
5. И – Ҳама
6. И – номдорон аз он
7. Л – б. 1485 – 1487 нест.
8. И – бисёру

Яке посухи нома бинвишту гуфт,
Ки «Бо ҷони покон хирад бод ҷуфт.

Бад – ин боз гаштем[1] ҳамдостон,
Ки гуфт ин фиристодаи ростон.

Чу бо ман сипоҳ андароянд[2] ба Марв,
Кунам рӯи гетӣ[3] чу парри тазарв.

Ба доду ба рою ба рангу ба бӯй,
Або об шир андарорам ба ҷӯй.

Бибошем, то божи Эрон расад,
Зи марзи далерону[4] шерон[5] расад.

Ба Марв ояму з - остар[6] нагзарам,[7]
Нахоҳам, ки ранҷ[8] ояд аз лашкарам».

Фиристода тозон ба Эрон расид,
Зи хоқон бигуфт, ончи диду шунид.

Ба Марв андаровард хоқон сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Чу осуда шуд, сар ба хӯрдан ниҳод,
Касеро наёмад зи Баҳром ёд.[9]

Ба Марв-андар аз бонги чангу рубоб
Касеро набуд ҷойи орому хоб.

Сипаҳро бад – он дошт карда яла,
Талоя наю дидбон бар гала.

Шикору маю маҷлису ною чанг,
Ба рӯзу ба шаб эмин аз кори ҷанг.

Ҳаме божи эрониён чашм дошт,
Зи дер омадан дил пур аз хашм дошт.

---

1. И – Бад он гуфта гаштем
2. ИЛ – Чу ман бо сипоҳ андароям
3. ИЛ – кишвар
4. Л – Ҳамон ҳадяву сови
5. - Ҳама ҳадяҳои далерон
6. И – з – он сипас
7. Л – андар осудатар бугзарам,
8. И – бад
9. И – б. 1498 нест.

## ТОХТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БАР ХОҚОНИ ЧИН

В – аз он рӯй Баҳром бедор буд,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор буд.

Шабу рӯз корогаҳон доштӣ,
Ба базму ба май рӯз нагзоштӣ.[1]

Чу огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки хоқон ба Марв асту чандон сипоҳ,[2]

Биёвард лашкар ба Озаргушасп,
Ҳаме бебуна ҳар яке бо ду[3] асп.

Або ҷавшану таргу румӣ кулоҳ
Шабу рӯз чун бод тозон[4] ба роҳ.

Ҳаме тохт тозон[5] чу аз кӯҳ сел,
Ба Омул гузашт аз дари[6] Ардабил.

Зи Омул биёмад, ба[7] Гургон кашид,
Ҳаме ранҷу дарди[8] бузургон кашид.

Зи гургон биёмад ба шаҳри Нисо,
Яке раҳбаре пеши ӯ порсо[9].

Ба кӯҳу биёбону бероҳ рафт,
Шаби тира то рӯзи бегоҳ рафт.

Ба рӯз-андарун дидбон[10] доштӣ,
Ба тирашабон посбон доштӣ.

Бад-ин сон биёмад ба наздики[11] Марв,
Напаррад бад – он[12] гуна паррон тазарв.

1. Ил – бугзоштӣ.
2. И – б. 1505 нест.
3. И – Ҳама бе буна ҳар касе бо се
4. Л - бодпоён
5. Л - Ҳамеронд
6. Л – раҳи
7. И – В – аз Омул сӯи шаҳри
8. И – Ҳама дарду ранҷи
9. Л – раҳнамун пешу ӯ аз Нисо; И – раҳнамун пеши ӯ аз Нисо.
10. Л – дидабон
11. И – Биёмад шитобон сӯи шаҳри
12. И – Бипаррад бар он

Наванде биёмад зи корогаҳон,
Ки «Дур аст хоқон зи кори меҳон.[1]

Ба тадбири нахчири Кашмеҳан аст,
Шабу рӯз дастураш Оҳарман аст».

Чу Баҳром бишнид, аз он шод гашт,
Ҳама ранҷҳо бар танаш бод гашт.

Баросуд рӯзе бар он ҷойгоҳ,[2]
Чу осуда гашт аспу[3] шоҳу сипоҳ,

Ба Кашмеҳан омад ба ҳангоми рӯз,
Чу[4] барзад сар[5] аз кӯҳ гетифирӯз.

Ҳама гӯш пур нолаи бӯқ буд,[6]
Ҳама чашм пур ранги манҷуқ буд.[7]

Деҳодеҳ баромад зи нахчиргоҳ,
Пуровоз шуд гӯши шоҳу сипоҳ.

Бидаррид аз овоз гӯши ҳизабр,
Ту гуфтӣ ҳаме жола борид абр.

Чунон шуд зи хун дашти[8] овардгоҳ,
Ки гуфтӣ ҳаме хун биборад[9] зи[10] моҳ.

Чу хоқон зи нахчир бедор шуд,
Ба дасти Хазарвон гирифтор шуд.[11]

Чу сесад тан аз номдорони Чин
Гирифта бубастанд[12] бар пушти зин.

1. Л – ҷаҳон; И – ба кори ҷаҳон.
2. Л – дар он размгоҳ; И – размгоҳ.
3. И – осудатар гашт
4. Л – Ки
5. И – Ки сар барзад
6. ИЛ – шуд,
7. ИЛ– шуд.
8. Л – хоки; И – ба хун хоки
9. И – ҳама тир борад
10. Л – Ту гуфтӣ ҳаме тир борид
11. И – Саранҷом хоқон гирифтор шуд,
Бар ӯ рӯзи равшан шаби тор шуд.
12. И – Гирифтанду бастанд

Сипаҳбад зи Кашмеҳан омад ба Марв,
Шуд аз тохтан бодпоён чу ғарв.

Ба Марв-андар аз чиниён бас[1] намонд,
Бикуштанду аз[2] ҷангиён кас намонд.

Ҳар он кас, к – аз эшон гурезон бирафт,
Пас-андар ҳаме тохт Баҳром тафт.

Бар ин сон ҳаме рафт[3] фарсанг сӣ,
Паси пушти ӯ Қорани порсӣ.

Чу баргашту омад ба нахчиргоҳ,
Бубахшид чизи касон бар сипоҳ.

Зи[4] пирӯзии Чин чу сар барфарохт,
Ҳама комгорӣ[5] зи Яздон шинохт,

Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ,
Ки дорандаи офтоб асту моҳ.

## МИЛ БАРОВАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА САРҲАДДИ ЭРОН ВА ТӮРОН

Биёсуд[6] дар Марв Баҳроми Гӯр,
Чу осуда шуд шоҳу ҷангӣ[7] сутур.

Равонаш ситез аз[8] мадоро гузид,
Дилаш ройи разми Бухоро гузид.

Ба як рӯзу як шаб ба Омуй шуд,
Зи нахчиру бозӣ ҷаҳонҷӯй шуд.

Биёмад зи Омуй як поси шаб,
Гузар кард бар обу реги Фараб.[9]

1. Л – кас
2. Л – Бикуштанд в – аз
3. И – ин гуна мехост
4. Л – Ба
5. И – кому шодӣ
6. Л – Баросуд; И – Ҳаме буд
7. Л – хайлу; И – осудатар гашт марду
8. И – Чу тезӣ ба ҷойи
9. И – б. 1535 нест.

Чу хуршед рӯи ҳаво кард зард,
Бияндохт пероҳани ложвард.[1]

Замона шуд аз гард чун парри чарғ,
Ҷаҳонҷӯй бугзашт бар Мою Марғ.

Ҳама лашкари[2] турк барҳам заданд,[3]
Ба буму бараш[4] оташ андар заданд.

Ситора ҳаме домани моҳ ҷуст,
Падар бар писар-бар ҳаме роҳ ҷуст.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону ханҷаргузорони[5] нав,

Ҳама пеши Баҳром рафтанд хор,
Пиёда, пур аз хун дилу хоксор,

Ки «Шоҳо, бузурго, баландахтаро,
Бар озодагони ҷаҳон меҳтаро![6]

Гар эдун, ки хоқон гунаҳгор[7] шуд,
Зи аҳди ҷаҳондор безор[8] шуд,

Ту хуни сари бегуноҳон марез,
На хуб ояд аз номдорон ситез.[9]

Гар аз мо ҳаме бож хоҳӣ, равост,
Буридан сари номдорон[10] чарост?

Ҳама марду зан бандагони туем,
Ба разм-андар афкандагони туем».

Дили шоҳ Баҳром аз эшон бисӯхт,
Ба дасти хирад чашми хашмаш бидӯхт.

---

1. ИЛ – лоҷвард.
2. И – кишвари
3. Л – турклашкар ба ҳам барзаданд,
4. И – марзу ба бум
5. И – аз номдорони
6. И – сарваро!
7. Л – гирифтор
8. И – ҷаҳонҷӯй бедор
9. И – шаҳриёрон
10. Л – Сари бегуноҳон буридан

Зи хун рехтан дасти гурдон бубаст,
Пурандеша шуд шоҳи яздонпараст.

Чу меҳри ҷаҳондор[1] пайваста шуд,
Дили марди ошуфта оҳиста шуд.

Бари шоҳ шуд меҳтари, меҳтарон,
Бипазруфт ҳарсола божи гарон.

Аз он кор чун коми ӯ шуд раво,
Пас аз бож бистад зи туркон наво.

Чу баргашту омад ба шаҳри Фараб,
Беожанг рухсору пурханда лаб,

Баросуду як ҳафта лашкар наронд,
Зи Чин меҳтаронро бари хеш хонд.

Баровард миле зи сангу зи гаҷ,
Ки касро ба Эрон зи турку халаҷ

Набудӣ гузар ҷуз ба фармони шоҳ,
Ҳамон низ Ҷайҳун миёнҷӣ ба роҳ.

Ба лашкар[2] яке мард буд, Шамр ном,
Хирадманду богавҳару ному[3] ком.

Мар ӯро ба Тӯронзамин[4] шоҳ кард,
Сари тахти ӯ афсари моҳ кард.

Чу Шамр аз бари[5] тахти симин[6] нишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Ҳамон тоҷи заррин ба сар барниҳод,[7]
Ҳама шаҳри Тӯрон бад – ӯ гашт шод.

1. И – ҷаҳонҷӯй
2. И – Ба Тӯрон
3. И – Ҳунарманду бодонишу рою
4. И – Тӯрон, Чин
5. И – пайи
6. И – заррин
7. И – б. 1559 нест.

# НОМАИ БАҲРОМИ ГӮР НАЗДИ БАРОДАРАШ НАРСӢ ВА ЭРОНИЁН

Чу шуд кори Тӯронзамин сохта,
Дили шоҳ аз андеша пардохта,[1]

Ба Нарсӣ яке нома бинвишт шоҳ
Зи пайкори туркону кори сипоҳ.[2]

Сари нома буд офарини меҳон
Аз ин банда бар Кирдгори ҷаҳон.

«Худованди пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди кайвону Баҳрому моҳ,[3]

Бузургиву хурдӣ ба паймони ӯст,
Ҳама буданӣ зери фармони ӯст.

Набиштам яке[4] нома аз марзи Чин
Ба назди[5] бародар, ба Эронзамин.

Ба назди бузургони эрониён
Нибиштам ҳамин нома бар парниён,

Ҳар он кас, ки ӯ разми хоқон надид,
Аз ин ҷангҷӯён[6] бибояд шунид.

Сипаҳ буд чандон, ки гуфтӣ сипеҳр
Зи гардаш ба қир андаролуд[7] чеҳр.

Ҳама марз шуд ҳамчу дарёи хун,
Сари тахти[8] бедодгар шуд нагун.

Ба разм андарун ӯ гирифтор шуд,
К – аз[9] ӯ чархи гарданда безор шуд.

---

1. ТПЗИ – Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
   Қалам хост бо мушку чинӣ ҳарир.
2. И – б. 1561 нест.
3. ТПЗИЛ – Худованди гардандачархи баланд.
   Худованди арманда хоки нажанд.
4. И – ман ин
5. И – пеши
6. И – он рамзҷӯён
7. И – оварда
8. Л – бахти
9. И – б. 1569, 1570 нест.

Кунун баста овардамаш бар ҳаюн,
Ҷигар хаставу дидагон пур зи хун.

Ҳама гардани саркашон гашт нарм,
Забон чарбу дилҳо пур аз хуни гарм.

Пазируфт бож, он ки бадхоҳ буд,
Ба роҳ омаданд, он ки бероҳ буд.

Кунун аз паси нома ман бо сипоҳ
Биёям ба коми дили некхоҳ».

Ҳаюнони кафафкану бодпой,
Бирафтанд чун боди ғуррон зи ҷой,

Чу нома ба[1] наздики Нарсӣ расид,
Зи шодӣ дили подшо[2] бардамид.

Бишуд мӯбади мӯбадон пеши ӯй,
Ҳар он кас, ки буд аз гавон хеши ӯй.

Ба шодӣ баромад зи Эрон[3] хурӯш,
Ниҳоданд ҳар кас ба овоз гӯш.[4]

Дили номдорон зи ташвири шоҳ
Ҳаме буд печон зи баҳри гуноҳ.

Ба пӯзиш ба наздики мӯбад шуданд,
Ҳама роҳҷӯёну бихрад шуданд,[5]

Ки «Андешаи кажжу фармони дев
Бибаррад дил аз роҳи кайҳонхидев.

Бад-он моя лашкар, ки бурдӣ гумон,
Ки Яздон кушояд дари осмон,

Шигифтист ин, к-аз[6] гумон бугзарад,
Ҳам аз роҳи донову[7] марди хирад.

1. ИЛ – он нома
2. И – номвар
3. И – айвон
4. И – Бари паҳлавонони бедорҳуш.
5. И – б. 1580 нест.
6. Л – гар
7. ИЛ – ройдонанда

Чу посух кунӣ нома аз[1] хубу зишт,
Ҳамин пӯзиши мо бибояд навишт.

В-агарчанд рафт аз бузургон гуноҳ,
Бубахшад, магар номбардор шоҳ».

Пазируфт Нарсӣ, ки эдун кунам,
Ки кин аз дили шоҳ берун кунам.

Пас[2] он номаро зуд посух навишт,
Падидор кард андар ӯ хубу зишт,[3]

Ки эрониён аз пайи дарду ранҷ,
Ҳамон аз пайи буму фарзанду ганҷ

Гирифтанд хоқони Чинро паноҳ
Ба навмедӣ аз номбардор шоҳ.

На аз душманӣ буд, на аз ранҷи кин,
На бар шоҳ карданд[4] касро[5] гузин.

Кунун гар шаҳаншоҳи пирӯзашон
Бибахшад гунаҳ тирашаб, рӯзашон.

Бад-ин пӯзиш акнун маро некхоҳ,
Гузиданду гуфтанд: «Моро бихоҳ».[6]

Яке мӯбаде номи ӯ Бурзмеҳр,
Бар он рафтани роҳ[7] букшод чеҳр.

Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Ҳама розҳо[8] баркушод аз ниҳон.

Зи гуфтори ӯ шоҳ хушнуд гашт,
Чунон оташи тез бедуд гашт.

1. Л – посух шавад нома бар
2. И – Мар
3. Л – б. 1587 – 1589 нест.
4. Л – будӣ
5. И – касеро
6. ИЛ – б. 1591, 1952 нест.
7. Л – шод
8. Л – пардаҳо

Чағониву хатливу балхӣ радон,
Бухориву аз ғарчагон мӯбадон

Бирафтанд бо божу барсам ба даст,
Ниёишкунон пеши оташпараст.

Ҳамон низ ҳар сол бо божу сов
Ба даргаҳ шудӣ, ҳар кӣ буди-ш тов.

## БОЗГАШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА ЭРОНЗАМИН

Чу шуд сохта кори оташкада,
Ҳамон ҷойи Наврӯзу ҷашни Сада,

Биёмад сӯи Озарободагон
Худу номдорону озодагон,

Парастишкунон пеши озар[1] шуданд,
Ҳама мӯбадон даст бар бар[2] шуданд.

Парастандагонро бубахшид чиз,
В-аз оташкада рӯй бинҳод низ.

Хиромон биёмад[3] ба шаҳри Ситахр.
Ки шоҳаншаҳонро бад-он буд фахр.[4]

Пароканда аз чарми говони меш,
Ки бар пушти пилон ҳаме[5] бурд пеш,

Ҳазору саду шаст қинтор буд,
Дирам буду ҳам ганҷи[6] динор буд.

Ки бар паҳлавӣ мӯбади порсӣ
Ҳаме ном бурдиш «пайдовасӣ».

1. И – даст бар сар
2. И – пеши озар
3. И – Биёмад гурозон
4. И – озодагонро бад-ӯ
5. Л – ҳамеронд
6. И – буд ҳам сурх

Биёвард пас машкҳои адим,
Бигустурду[1] шодон бар ӯ рехт сим.

Ба раҳ-бар ҳар он пул, ки вайрон бидид,
Работе, ки аз кордонон шунид,

Бифармуд обод кардан зи ганч,
Ба кас-бар аз он кор нанҳод ранч.[2]

Зи гетӣ дигар ҳар кӣ дарвеш буд,
В-агар нонаш[3] аз кӯшиши хеш буд,

Бад-эшон бубахшид чанде дирам,
Зи бахшиш набуд шоҳ рӯзе дижам.

Се дигар, ба каппон бисанҷид сим,
Зани бевау кӯдакони ятим.

Чаҳорум, ҳар он пир, к-аз коркард
Фурӯ монду аз рӯзи нангу набард.

Ба панҷум, ҳар он кас, ки буд бонажод,[4]
Тавонгар накардӣ аз ӯ ҳеч ёд.

Шашум, ҳар кӣ омад зи роҳи дароз,
Ҳаме дошт дарвешии хеш роз,

Ба эшон бубахшид як ганҷ шоҳ,
Ба некӣ ҳаме кард ҳар ҷо нигоҳ.[5]

Ғанимат ҳама баҳри лашкар ниҳод,
Наёмад-ш аз огандани[6] ганҷ ёд.

Бифармуд пас[7] тоҷи хоқони Чин,
Ки пеш оварад[8] мӯбади покдин,

1. Л – бигустурд
2. Л – б. 1609 нест.
3. И – ганҷаш
4. И – мар ӯро, ки буд аз нажод,
5. Л – б. 1616 нест.
6. И – Наёмад зи бинҳодани
7. И – то
8. И – Биёварду пас

Гуҳарҳо, ки буд андар ӯ ожада,[1]
Биканданду девори оташкада,

Ба зарру ба гавҳар биёростанд,
Сари тахти озар бипеностанд.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Тайсафун,
Ки Нарсӣ бад-ӯ буд бо[2] раҳнамун.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон.

Чу Нарсӣ бидид он сару тоҷи шоҳ,
Дирафши дилафрӯзу чандон сипоҳ,

Пиёда шуду бурд пешаш намоз,
Бузургону ҳам мӯбади сарфароз.

Бифармуд Баҳром, то барнишаст,
Гирифт он замон дасти ӯро[3] ба даст.

Биёмад, нишаст аз бари тахти зар,
Бузургон ба пеш-андарун бо гуҳар.[4]

Бубахшид ганҷе ба марди ниёз,
Дари тангзиндон кушоданд[5] боз.

Замона пур аз ромишу[6] дод шуд,
Дили ғамгинон[7] аз ғам озод шуд.

Зи ҳар кишваре ранҷи[8] ғам дур кард,
Зи баҳри бузургон яке сур кард.

Бад-он сур ҳар кас, ки биштофтанд,
Ҳама хилъати меҳтарӣ ёфтанд.

1. Л – озада;И – он озада,
2. ИЛ – буду мӯбаду
3. И – Ҳаме ронд дасташ гирифта
4. ИЛ – камар.
5. И – кушуданд
6. И – кӯшишу
7. И – мардумон
8. И – дарду: Л – ранҷу

## АНДАРЗНОМА НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА КОРДОРОНИ ХУД

Севум рӯз базми радон сохтанд,
Нависандаро[1] пеш биншохтанд.

Ба май хӯрдан-андар чу букшод чеҳр,
Яке нома бинвишт шодон ба меҳр.

Сари нома кард офарин аз нахуст
Бар он к-ӯ равонро[2] ба дониш бишуст.

Хирад бар дили хеш пироя кард,
Ба ранҷа тан аз мардумӣ моя[3] кард.

Ҳама некуиҳо зи Яздон шинохт,
Хирад ҷусту бо марди доно бисохт[4]

Бидонад, ки аз дод ҷуз некуӣ
Наёяд, накӯбад дари бадхуӣ.

«Ҳар он кас, ки аз кордорони ман,
Сарафрозу[5] ҷангӣ саворони ман

Бинолад, набинанд ҷуз чоҳу дор,
В-агар кушта афканда бар хок хор.

Бикӯшед, то ранҷҳо кам кунед,
Дили ғамгинон шоду беғам[6] кунед.

Ки гетӣ намонду намонад ба кас,
Беозориву дод ҷӯеду бас.

Бар ин гуфтаҳо-бар нишона манам,
Сари ростиро баҳона манам,

Ки чандон сипаҳ кард оҳанги ман,
Ҳам оҳанги ин номдор анҷуман.

---

1. Л – Нависанда дар; И – Набисандае
2. И – кас, ки ӯ дил
3. Л – поя
4. ТПМ – Зи дил кайфару бадхуйӣ дур кард,<br>Хирадро ба ҳар кор дастур кард.
5. И – Хирадманду
6. Л – хуррам

Аз эдар бирафтам[1] ба андак сипоҳ,
Шуданд он ки бадхоҳ буд, некхоҳ.

Яке номдоре чу хоқони Чин,
Ҷаҳондори[2] ботоҷу тахту нигин,

Ба дасти ман-андар гирифтор шуд,
Сари тахти туркон нагунсор шуд,

Маро кард пирӯз Яздони пок,
Сари душманон андаромад ба хок.

Ба ҷуз[3] бандагӣ пешаи ман мабод,
Ҷуз аз дод[4] андешаи ман мабод.

Нахоҳам хироҷ аз[5] ҷаҳон ҳафт сол,
Агар зердасте бувад гар[6] ҳамол.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Навиштем бар паҳлавӣ номае,

Ки «Бо зердастон ҷуз аз расми дод
Надоранду аз бад нагиранд ёд.

Ҳар он кас, ки дарвеш бошад ба шаҳр,
Ки аз рӯзи шодӣ наёбанд баҳр.

Фиристед наздики мо номашон,
Барорем аз он орзу комашон.

Дигар ҳар кӣ[7] бошанд марди нажод,
Ҳаме гирад[8] аз рафтани чиз ёд,

Ҳам аз ганҷи мо бениёзӣ диҳед,
Хирадмандро[9] сарфарозӣ диҳед.

1. И – Зи Эрон бирондам
2. И – Ҷаҳонҷӯйи
3. Л – Ҷуз аз ростӣ
4. И – Ба ҷуз рост
5. И – хироҷи
6. ИЛ – ё
7. И – он ки
8. И – Ки гиранд
9. И – Ҳунармандро

Касеро, ки вом асту дасташ тиҳист,
Ба ҳар ҷой беарҷу бефарраҳист,

Ҳам аз ганҷи мошон битӯзед вом,
Ба девонҳо барнависед ном.

Зи Яздон бихоҳед, то ҳамчунин
Дили мо бидорад ба оину дин.[1]

Бад-ин аҳди[2] мо шодмонӣ кунед,
Абар кеҳтарон меҳрбонӣ[3] кунед.

Ҳамон бандагонро мадоред хор,
Ки ҳастанд ҳам бандаи Кирдгор.

Касе, к-аш бувад мояву санги он,
Диҳад кӯдаконро ба фарҳангиён.

Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед.[4]

Зи чизи касон дур доред даст,
Беозор бошеду яздонпараст.

Бикӯшеду паймони[5] мо[6] машканед,
Паю бехи пайванди бад барканед.

Ба Яздон паноҳеду паймон[7] кунед,
Равонро ба меҳраш[8] гаравгон кунед.

Маҷӯед озори ҳамсоягон,
Бавижа бузургону пурмоягон.

Ҳар он кас, ки ночиз буд,[9] чиз гашт,
В-аз андозаи кеҳтарӣ баргузашт,

1. Л – б. 1655, 1657 нест.
2. И – В-аз ин меҳри
3. И – Ҳама бо хирад зиндагонӣ
4. И – б. 1660, 1661 нест.
5. И – гуфтори
6. Л – паймонҳо
7. И – гароеду фармон
8. И – хукмаш
9. И – Ҳар он носазое,

Бузургаш махонед, к-он бартарӣ
Сабук бозгардад сӯи камтарӣ.[1]

Зи дарвеш чизе мадоред боз,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо бениёз.

Ба покон гироеду некӣ кунед,
Дилу пушти хоҳандагон машканед.

Ҳар-он кор,[2] к-он дур гашт аз писанд,
Бад-он кор[3] наздик бошад газанд.[4]

Зи доранда[5] бар ҷони он кас дуруд,
Ки аз мардумӣ бошадаш тору пуд».

Чу[6] андар навиштанд рахшон ҳарир,
Сари хомаро[7] кард мушкин дабир.

Ба унвон-ш бар шоҳи гетӣ навишт
Дили доду донандаи хубу зишт.

Худованди бахшоишу фарру зӯр.
Шаҳаншоҳи бахшанда[8] Баҳроми Гӯр.

Сӯи марзбонону фармонбарон,
Хирадманду донову ҷангӣ сарон.

Ба ҳар сӯ наванду савору ҳаюн
Ҳаме рафт бо номаву раҳнамун.

Чу ин нома омад ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву[9] ҳар меҳтаре.

---

1. ТПЗ – Або* дод бошеду яздонпараст,
Бишуста зи бедоду каҷжӣ ду даст.
* ки бо
2. Л – чиз; И – чиз
3. Л – чиз
4. И – Бари хеш онро махоҳед банд.
5. И – гӯянда
6. И – Пас
7. И – номаро
8. И – бедор
9. И – сарфарозеву

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки Яздон сипос,
Ки ҳаст ин ҷаҳондор яздоншинос.

Зану марду кӯдак ба ҳомун шуданд,
Ба ҳар кишвар аз хона[1] берун шуданд.

Ҳаме хонданд офарини ниҳон,
Бад-он додгар шаҳрёри ҷаҳон.

В-аз он пас ба хӯрдан биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ба як ним аз рӯз хӯрдан будӣ,
Дигар нима з-ӯ кор кардан будӣ.

Ҳаме нав ба ҳар бомдоди пагоҳ,
Хурӯше будӣ пеши даргоҳи шоҳ,

Ки ҳар кас, ки дорад, хӯреду диҳед,
Сипосе ба хӯрдан ба мо барниҳед.

Касе к-аш ниёз аст, ояд ба ганҷ,
Ситонад зи ганҷе дирам сахта панҷ.

Се ман бодаи тофта солх(в)ард,
Ба ранги гули нор ё зарри зард.

Ҷаҳоне ба ромиш ниҳоданд рӯй,
Пур овози майхора шуд шаҳру кӯй.

Чунон шуд, ки аз беди сурхафсаре,
Ду динор мехостандӣ саре.

Яке шохи наргис баҳо як[2] дирам,
Харидӣ, касе з-он нагаштӣ дижам.

Зи шодӣ ҷавон шуд дили марди пир,
Ба чашма-дарун обҳо гашт шир.

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Ки яксар ҷаҳон дид аз он гуна шод.

1. И – шахр
2. Л – ба чандин

## ФИРИСТОДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БАРОДАРИ ХУД НАРСИРО БА ХУРОСОН ВА ХОНДАН ПЕШИ ТАХТИ ХЕШ ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Ба Нарсӣ чунин гуфт як рӯз шоҳ,
К-«Аз эдар бирав бо нигину кулоҳ.

Хуросон туро додам, обод кун,
Дили зердастони мо шод кун.[1]

Нигар, то набошӣ ҷуз аз додгар,
Маёвез ҷанг андар ин раҳгузар.

Падар гар бадӣ кард, печид аз он,[2]
Чу марди[3] бараҳна зи боди хазон».

Бифармуд, то хилъаташ сохтанд,
Гаронмоя ганҷе бипардохтанд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздон паноҳи ту бод,
Сари тахти хуршед[4] гоҳи ту бод».

Ба рафтан ду ҳафта диранг омадаш,
Таносон Хуросон[5] ба ҷанг омадаш.

Чу Нарсӣ бишуд, ҳафтае баргузашт,
Дили шоҳ аз андеша пардахта гашт.

Бифармуд, то мӯбади мӯбадон
Бирафту биёвард чанде[6] радон.

Бад-ӯ гуфт: «Шуд кори Қайсар дароз,
Расулаш ҳаме дер ёбад ҷавоз.

Чӣ мард асту андар хирад то куҷост,
Ки дорад равон аз хирад пушт рост?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, к-анӯша бадӣ
Ҷаҳондор бо фарраи эздӣ.

1. И – б. 1692, 1693 нест.
2. И – гунаҳ кард, печид з-он,
3. И – шоҳи
4. И – рахшанда
5. И – Хуросон таносон
6. И – яксар

Яке марди пир аст борою шарм,
Сухан гуфтанаш[1] хубу овоз[2] нарм.

Касе, к-аш Фалотун будаст устод,
Хирадманду бодонишу бонажод.

Яке пурманиш буд, к-омад зи Рум,
Кунун хира гашт андар ин марзу бум.

Бипажмурд чун мор дар моҳи дай,
Танаш сусту рухсора ҳамранги най.

Ҳама кеҳтаронаш ба кирдори меш,
Ки рӯзи шикораш саг ояд ба пеш.

Ба кундиву тундӣ[3] ба мо бингарад,
Аз ин марз[4] касро ба кас нашмарад».

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳроми Гӯр,
Ки Яздон диҳад фарру дайҳиму зӯр.

Маро гар ҷаҳондор пирӯз кард,
Шаби тира бар бахти ман[5] рӯз кард.

Ҳамон кас, ки ҳаст ӯ шаҳаншоҳи Рум,
Худованду фармондеҳи марзу бум,

Бузург асту аз Салм дорад нажод,
Ки тоҷаш Фаридун ба сар барниҳод.

Кунун[6] мардумӣ карду фарзонагӣ,
Чу хоқон наёмад[7] ба девонагӣ.

Варо пеш хонем ҳангоми бор,
Сухан то чӣ гӯяд, ки ояд ба кор.

Аз он пас ба хубӣ фиристам-ш боз,
Зи мардум наям дар ҷаҳон бениёз.

1. И – гуфтани
2. ИЛ – овои
3. И – Зи мардиву гурдӣ
4. И – бум
5. И – маро
6. И – Ҳамон
7. и – биёмад

Яке разм ҷӯяд, сипоҳ оварад,
Яке[1] базму зарринкулоҳ оварад.[2]

Маро арҷи ин з-он бибояд шинохт,
Хунук[3] он ки бо номдорон бисохт.

Бад-ӯ офарин кард мӯбад ба меҳр,
Ки «Шодон бизӣ, то бигардад[4] сипеҳр,

Нагӯяд забонат ҷуз аз беҳтарӣ,
Ки бодот бар меҳтарон меҳтарӣ».

## САВОЛУ ҶАВОБИ ФИРИСТОДАИ РУМӢ БО МӮБАДОНИ ЭРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бинмуд меҳр,
Забона баромад зи хамми сипеҳр,[5]

Сипаҳбад фиристодаро пеш хонд,
Бари номвар тахти оҷаш[6] нишонд.[7]

Биёмад ҷаҳондида донои пир,
Сухангӯву бодонишу ёдгир.

Ба каш карда дасту сар афканда паст,
Бари тахти шоҳӣ[8] ба зону нишаст.

Бипурсид Баҳрому бинвохташ,
Бари тахт наздик[9] биншохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эдар бимондӣ ту дер,
Зи дидори ин марз ногашта[10] сер.

---

1. Л – Дигар
2. И – б. 1717 нест.
3. Л – Бузург
4. И – «Аз ҷони ту шод бодо
5. ИЛ – б. 1721, 1722 нест.
6. И – Бар он номбар боргоҳаш
7. Л – Пас аз б. 1723 ин б. омада:

   Чу бишнид бедоршоҳи ҷаҳон,
   Фиристодаро хонд пеши меҳон.
8. И – Хусрав
9. Л – тахти пирӯза; И – тахти пирӯз
10. марзбон гашта

Маро разми хоқон зи ту боздошт,
Ба гетӣ маро ҳамчу анбоз дошт.

Кунун рӯзгорам зи ту[1] тоза гашт,
Туро будан эдар беандоза гашт.

Сухан ҳарчи гӯӣ ту, посух диҳам,
Зи овози ту ройи фаррух ниҳам.

Фиристодаи пир кард[2] офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.

Ҳаме[3] подшоҳе, ки дорад хирад,
Зи гуфти хирадманд ромиш барад,

Ба Яздон хирадманд наздиктар,
Бадандешро рӯз ториктар.

Ту бар меҳтарони ҷаҳон меҳтарӣ,[4]
Ки ҳам меҳтару шоҳу ҳам беҳтарӣ.

Забонат тарозуст, гуфтан[5] гуҳар,
Гуҳар сахта ҳаргиз набинад ба зар.

Туро донишу ҳушу рой асту фар
Бар оини шоҳони пирӯзгар.

Туро худ хирад ҳасту покиза рой,
Абар ҳушмандон туӣ кадхудой.[6]

Агарчи фиристодаи Қайсарам,
Ҳамон[7] чокари шоҳро чокарам.

Дуруде расонам зи Қайсар ба шоҳ
Ки ҷовид бод ин сару тоҷу гоҳ.

Ва дигар, ки фармуд, то ҳафт чиз
Бипурсам зи донандагони ту низ».

1. Л – кори мо ҷумлагӣ
2. И – Фиристода бар вай гирифт
3. ИЛ – Ҳар он
4. И – Ки ҳам шаҳрёриву ҳам сарварӣ.
5. Л – дониш
6. И – б.1734 – 1736 нест.
7. И – Ба ҷон

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин суханҳо бигӯй,
Сухангӯйиро бештар обрӯй».

Бифармуд, то мӯбади мӯбадон
Бишуд пеш[1] бо номвар бихрадон.

Лаби шоҳ аз овози пурсанда мард
Замоне ҳаме буд бо боди сард,

Ки то чист андар ниҳон ҳафт чиз,
Ки румӣ бипурсид хоҳад ба низ?

Бишуд мӯбаду ҳар кӣ доно буданд,
Ба ҳар донише-бар тавоно буданд.

Сухангӯй букшод банд аз нуҳуфт,
Суханҳои Қайсар ба мӯбад бигуфт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«Эй раҳнамун,
Чӣ чиз он ки хонӣ ҳамеш андарун?

Дигар он ки берун-ш хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин чиз номаш надонӣ ҳаме?

Забар чист, эй меҳтару зер чист,
Ҳамон[2] бекарон чизу ҳам хор кист?

Чӣ чиз он ки номаш фаровон бувад,
Мар ӯро ба ҳар ҷой фармон бувад?»

Чунин гуфт мӯбад ба фарзонамард,
Ки «Маштоб в-аз роҳи дониш магард».

Пас он гаҳ бад-ӯ гуфт,к-«Эй ҳушёр
Ҷавоби сухан сар ба сар гӯш дор;

Мар инро, ки гуфтӣ ту, посух якест,
Сухан дар буруну дарун андакест.

Бурун осмон, андарунаш ҳавост,
Забар фарри Яздони фармонравост.

1. И – шод
2. ИЛ – Ҳамин

Ҳаме бекарон аз ҷаҳон Эзад аст,
К-аз ӯ тоб гирӣ ба дониш,[1] бад аст.

Забар чун биҳишт асту дӯзах ба зер,
Бад онро, ки бошад ба Яздон далер.

Дигар он ки бисёр номаш бувад,
Раванда ба ҳар ҷой комаш бувад,

Хирад дорад, эй пир, бисёр ном,
Расонад хирад порсоро[2] ба ком.

Яке меҳр хонад-шу[3] дигар вафо,
Хирад дур шуд, монд дарду[4] ҷафо.

Забоноваре ростӣ хонадаш,
Баландахтаре зиракӣ донадаш.

Гаҳе бурдбору гаҳе роздор,
Ки бошад сухан назди ӯ устувор.

Пароканда ин аст номи хирад,
Аз андозаҳо номи ӯ бугзарад.

Ту чизе мадон, к-аз хирад бартар[5] аст,
Хирад бар ҳама некуиҳо сар аст.

Хирад ҷӯяд оганда рози ҷаҳон,
Ки чашми сари мо набинад ниҳон.

Дигар он ки дорад хирадманд хор
Ба ҳар дониш аз кардаи Кирдгор,

Ситора-ст рахшон зи чархи баланд,
Ки бино шумораш нагӯяд, ки чанд.

Баландосмонро ки фарсанг нест,
Касеро бад-ӯ[6] роҳи оҳанг нест.

1. И – Ки ӯро ба дониш надонӣ,
2. И – подшоро
3. Л – хонад-ш,
4. Л – дард монду
5. И – беҳтар
6. Л – Ба сар андар ӯ

Ҳаме хор гирӣ шумори варо,
Ҳамон[1] гардиши рӯзгори варо.

Касе, к-ӯ бубинад зи партоби тир,
Намонад шигифт андар ӯ тезвир.

Ситора ҳаме бишмарӣ з-осмон,
Аз ин хортар чист, эй кордон?[2]

Ман ин донам, ар ҳаст посух ҷуз ин,
Фарох аст рози ҷаҳонофарин».

Сухандони Қайсар[3] чу посух шунид,
Заминро бибӯсиду фармон гузид.[4]

Ба Баҳром гуфт: «Эй ҷаҳондор шоҳ,
Зи Яздон бар ин-бар фузунӣ маҳоҳ,

Ки гетӣ саросар ба фармони туст,
Сари саркашон зери паймони туст.

Писандӣ бузургони фаррухнажод,
Надорад ҷаҳон ҷуз ту шоҳе ба ёд.

Ҳамон низ дастурат[5] аз мӯбадон
Ба дониш фузун аст аз бихрадон.

Ҳама файласуфон варо бандаанд,
Ба доноии вай[6] сар афкандаанд».

Чу Баҳром бишнид, шодӣ намуд,
Ба дил-ш[7]-андарун равшаноӣ фузуд.

Ба мӯбад дирам дод даҳ бадра низ,
Ҳам аз ҷомаву аспу бисёр чиз.[8]

---

1. И – Ҳама
2. ИЛ – шодмон?
3. И – Сухангӯи румӣ
4. И – Бар он номдор офарин густарид.
5. И – пирдастур
6. И – ӯ
7. И – дил-
8. ТПЗ – Бифармуд, то хилъат оростанд,
   Зи ганҷ он ки пурмоятар, хостанд.

Фиристодаи Қайсари номдор
Сӯи хона рафт аз дари[1] шаҳрёр.

## ПАДРУД КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Чу хуршед бар чарх бинмуд даст,
Шаҳаншоҳ бар тахти заррин нишаст[2].

Фиристодаи Қайсар омад ба дар,
Хирадёфта мӯбади пурҳунар.

Ба пеши шаҳаншоҳ рафтанд шод,
Суханҳо зи ҳар гуна карданд ёд.

Фиристодаро мӯбади шоҳ гуфт,
Ки «эй марди ҳушёри беёру[3] ҷуфт,

Зи[4] гетӣ зиёнкортар кор чист,
Ки бар кардаи он бибояд гирист?

Чӣ донӣ ту андар ҷаҳон судманд,
Ки аз карданаш мард гардад баланд?»

Фиристода гуфт: «Он ки доно бувад,
Ҳамеша бузургу тавоно бувад.

Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некувӣ[5] носазовортар.

Зи донову нодон задӣ достон,
Шунидӣ магар посухи ростон».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Некӯ нигар,
Биандешу моҳӣ ба хушкӣ мабар».

Фиристода гуфт: «Эй писандида мард,
Суханҳо зи дониш[6] тавон ёд кард.

1. И – бари
2. И – б. 1780 нест.
3. И – бо донишу рой
4. Л – Ба
5. ИЛ – некие
6. Л – Суханҳои доно

Ту ин гар дигаргуна донӣ, бигӯй,[1]
Ки аз дониш афзун шавад обрӯй».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Андеша кун,
К-аз андеша бофарр(у) гардад сухун.

Зи[2] гетӣ ҳар он, к-ӯ беозортар,
Чунон дон, ки маргаш зиёнкортар,

Ба марги бадон шод бошӣ, равост,
Чу зояд, тани марди бад[3] маргрост.

Аз ин судмандӣ бувад, з-он зиён,
Хирадро миёнҷӣ кун андар миён».

Чу бишнид румӣ, писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш.

Бихандиду бар шоҳ кард офарин,
Бад-ӯ гуфт: «Фархунда Эронзамин,

Ки тахти шаҳаншоҳ бинад ҳаме,
Чу Баҳром бар вай нишинад[4] ҳаме.

Ба дониш ҷаҳонро баландафсарӣ[5]
Ба мӯбад зи ҳар меҳтаре меҳтарӣ,[6]

Агар бож хоҳӣ зи Қайсар, равост,[7]
Ки дастури ту бар хирад[8] подшост»

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор.

Бурун шуд фиристода аз пеши шоҳ,
Шаб омад, баромад дирафши сиёҳ.[9]

1. Л – дорӣ,
2. Л – Ба
3. И – Агарчи тани мо ҳама
4. Л – мӯбад бар ӯ барнишинад
5. И – ки марди ҷаҳондори боафсарӣ.
6. Л – бартарӣ; И – хусравве бартарӣ.
7. И – сазост; Л – гирӣ зи Қайсар, сазост.
8. Л – дар ҷаҳон
9. и – б. 1802 нест.

Падид омад он чодари мушкбӯй,
Ба анбар биёлуд хуршед рӯй.

Шикебо набуд гунбади тезгард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард.

1805 Дирафше бизад чашмаи офтоб,
Сари шоҳи гетӣ даромад[1] зи хоб.

Дари бор букшод солори бор,
Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр.

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Фиристодаро пеши ӯ хостанд.[2]

Зи симину заррину аспу ситом,
Зи динор ганҷе, ки бурданд ном.[3]

Зи дебову[4] гавҳар, зи мушку абир
Фузун буд[5] аз андешаи марди пир.

## СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ ВА САРДОРОН АЗ ДОД

1810 Чу аз кори румӣ бипардохт шоҳ,
Дилаш гашт печон зи кори сипоҳ.[6]

Бифармуд, то мӯбади ройзан,
Бишуд бо яке номдор анҷуман.

Бубахшид рӯи замин сар ба сар
Бар он паҳлавонони пархошхар.

Дирам доду аспу нигину[7] кулоҳ,
Гаронмояро кишвару тоҷу[8] гоҳ.

---

1. Л – сабук шуд
2. И – б. 1807 нест.
3. И – Зи шамшери ҳиндиву заррин ниём, Л –Зи болои номиву зарринситом
4. Л – динору
5. л – гашт
6. И – Фиристодаро дод бедоршоҳ,
   Бипардахт аз он пас ба кори сипоҳ.
7. И – динору аспу
8. и – ганҷу

Пур аз ростӣ кард яксар ҷаҳон,
Аз ӯ[1] шодмона кеҳону меҳон.[2]

Ҳар он кас ки бедод буд, дур кард
Ба нододани чизу гуфтори сард.

В-аз он пас чунин гуфт бо мӯбадон,
Ки «Эй пурҳунар покдил бихрадон.

Меҳонро зи ҳар гуна доред ёд,
Зи кирдори шоҳони бедоду дод,

Басе дасти шоҳон ба бадҳо дароз,[3]
Ниҳон монда таншон ба[4] орому ноз.

Ҷаҳон аз бадандеш пурбим[5] буд,
Дили некмардон ба ду ним буд.

Ҳама даст бурда ба кори бадӣ,
Касеро набуд кӯшиши эзадӣ.[6]

Ба ҳар ҷой густурда ҷангол дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев.

Сари[7] некуиҳову дасти бадӣ,
Дари донишу кӯшиши бихрадӣ.[8]

Ҳама пок дар гардани подшост,
В-аз ӯ низ пайдо шавад кажжу рост,

Падар гар ба бедод ёзид даст,
Набуд поку донову яздонпараст,

---

1. Л – В-аз ӯ
2. И – меҳону кеҳон.
3. Л – зи бедору оз,
4. Л – Тиҳӣ монду ҳам тан зи
5. ИЛ – дар бим
6. ТПИЛМ – Ҳама роҳи девон гирифта ба даст,
   Дилу ҷони мардум зи андоза паст.
   Набуд бар зану бачча кас подшо,
   Пур аз ғам дили мардуми порсо*.
   
   * ИЛ – Танҳо б. 2 мавҷуд аст.
7. Л – Ҳама
8. Л – эзидӣ; И – кӯшишу дониши эзадӣ.

Мадоред кирдори ӯ бас шигифт,
Ки равшан дилаш занги оҳан гирифт.

Бубинед, то Ҷамму Ковусшоҳ
Чӣ карданд, к-аз дев ҷустанд роҳ?!

Падар ҳамчунон роҳи эшон биҷуст,
Ба оби хирад ҷони тира нашуст.

Ҳама зердастон-ш печон шуданд,
Фаровон зи тундиш беҷон шуданд.

Кунун рафту з-ӯ[1] номи бад монду[2] бас,
Ҳаме офарине наёбад зи кас.

Зи мо бод бар ҷони ӯ офарин,
Мабодо, ки печад равонаш зи кин.

Кунун мо[3] нишастем бар гоҳи ӯ,[4]
Ба мину кашад бегумон роҳи ӯ.[5]

Ҳамехоҳам аз Кирдгори ҷаҳон,
Ки нерӯ диҳад ошкору ниҳон,

Ки бо зердастон мудоро кунем,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунем,

Ки бо хок чун ҷуфт гардад[6] танам,
Нагирад ситамдидае доманам.

Шумо ҳамчунин чодари[7] ростӣ
Бипӯшед шуста дил[8] аз костӣ,

Ки ҷуз маргро кас зи модар назод
Зи деҳқону тозиву руминажод.[9]

1. Л – рафт, аз ӯ
2. И – рафт ӯ номи бад монд,
3. И – чун
4. Л – то нишастем абар гоҳи ӯй,
5. Л – ӯй.
6. Л – гирад
7. И – ҳамчунон домани
8. И - Бигиреду печед
9. И – мӯбаднажод.

Ба кирдори шер аст оҳанги ӯ,[1]
Напечад касе гардан аз чанги ӯ.[2]

Ҳамин шери даррандаро бишкарад,
Зи домаш тани аждаҳо нагзарад.

Кучо он сари[3] тоҷи шоҳаншаҳон,
Куҷо он бузургону фаррухмеҳон?!

Куҷо он саворону гарданкашон,
К-аз эшон набинам ба гетӣ нишон?!

Куҷо он паричеҳрагони ҷаҳон,
К-аз эшон будӣ шод ҷони меҳон.[4]?!

Ҳар он кас, ки рух зери чодар нуҳуфт,
Чунон дон, ки бо хок гаштаст ҷуфт.

Ҳама дасти покиву некӣ барем,
Ҷаҳонро ба кирдори[5] бад наспарем[6].

Ба Яздони доранда, к-ӯ дод фар,
Ба тоҷу ба тахту нажоду гуҳар,

Ки гар кордоре ба як мушт хок,
Зиён ҷӯяд андар баланду мағок.

Агар на бисӯзам[7] ба оташ танаш,
Кунам бар сари дор-бар гарданаш.[8]

В-агар баргузашта зи шаб чанд пос,
Бидуздад зи дарвеш дузде палос,

Ба товон-ш динор бахшам зи ганҷ,
Бишӯям дили ғамгусорон зи ранҷ.[9]

---

1. Л – ӯй,
2. Л – ӯй.
3. ИЛ – сару
4. И – б. 1841 нест.
5. Л – фармони
6. И – б. 1843 нест.
7. И – бисӯзам ҳамон гаҳ.
8. И – пироҳанаш.
9. И – б. 1847, 1848 нест.

В-агар гӯспанде баранд аз рама,
Ба тирашабу рӯзгори дама,

Яке аспи пурмоя товон диҳам,
Мабодо, ки бар вай сипосе ниҳам.

Чу бо душманам корзоре бувад,
В-аз он захм[1] хаста саворе бувад,

Фиристам-ш яксола ганҷе дирам,
Надорем фарзанди ӯро дижам.

Зи додор доред яксар сипос,
Ки ӯяст ҷовид некишинос.

Ба обу ба оташ маёзед[2] даст,
Магар ҳирбад марди оташпараст.[3]

Марезед ҳам хуни говони варз,[4]
Ки нанге бувад[5] гов куштан ба марз.

Зи пирӣ магар гов бекор гашт,
Ба чашми худованди худ хор гашт.

Набояд дигар[6] кушт гови раҳӣ,
Ки аз марз берун шавад[7] фарраҳӣ.

Ҳама рой бо марди доно занед,
Дили мардумони ҷавон[8] машканед.

Ба пирӣ ба мастӣ маёзед даст,
На некӯ бувад пири бодапараст.[9]

Аз андешаи дев бошед дур,
Гаҳи ҷанги душман маҷӯед сур.

---

1. Л – ҷанг; И – разм
2. И – Маёзед чира ба оташ ду
3. И – донопараст.
4. И – арз,
5. И – нанг аст аз
6. Л – зи бун; И – Бибояд ҳамон
7. И – барад
8. ИЛ – кӯдаки бепадар
9. ИЛ – б. 1859 нест.

Агар хоҳам аз зердастон хироҷ,
Зи доранда безораму тахти оҷ.

Агар бадкуниш буд падар Яздгирд,
Ба подоши ӯ[1] дод кардем гирд.

Бубахшад магар Кирдгораш гуноҳ,
Зи дӯзах ба мину намояд-ш роҳ.[2]

Гунаҳкори Яздон мабошед ҳеч,
Ба[3] пирӣ беҳ ояд[4] ба рафтан басеч.[5]

Чу хушнуд гардад зи мо додгар,
Ғами ҳастии рӯзи фардо мах(в)ар.

Ҳама дил зи кирдори мо[6] х(в)аш кунед,
Ба озодӣ оҳанги оташ кунед».[7]

Ҳама номдорон чу гуфтори шоҳ
Шуниданд, карданд некӯ нигоҳ.

Ҳама дида карданд яксар пуроб
Аз он шоҳи пурдонишу зудёб.

Хурӯшон бар ӯ офарин хонданд,
Варо подшоҳи замин хонданд.

## НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР НОМА БА НАЗДИКИ ШАНГУЛ ШОҲИ ҲИНД

Вазири хирадманд бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«Эй довари додрост,

1. ИЛ – он
2. ТПЗЛ – Касе, к-ӯ ҷавон аст, шодӣ кунед,
   Дили зердастони худ* машканед.
   * Л – мардумони ҷавон
3. Л – Чу
4. Л – дарояд
5. Л – бисеч.
6. Л – ӯ; И – гуфтори ӯ
7. И – б. 1864 – 1866 нест;
   ТПЗЛ – Дили зердастони мо шод бод,
   Сари саркашон аз ғам обод* бод.
   * Л - озод

Ҷаҳон аз бадандеш бебим гашт,
В-аз ин марзи мо ранҷу сахтӣ гузашт.

Магар номвар Шангули[1] ҳиндувон,
Ки аз дод печида дорад равон,

Зи Ҳиндустон то дари марзи Чин
Зи duздон пурошӯб[2] дорад замин,

Ба Эрон ҳаме даст ёзад ба бад,
Бад-ин кор тимор дорӣ, сазад.

Ту шоҳиву Шангул нигаҳбони Ҳинд,
Чаро бож хоҳад зи Чину зи Синд?

Бияндешу ин корро[3] бозҷӯй,
Набояд, ки нохубӣ ояд ба рӯй».

Чу бишнид шоҳ ин, пурандеша гашт,[4]
Ҷаҳон пеши ӯ чун яке беша гашт.[5]

Чунин гуфт, к-«Ин кор ман дар ниҳон
Бисозам, нагӯям ба кас дар ҷаҳон.

Ба танҳо бубинам сипоҳи варо,
Ҳам оину[6] шоҳиву гоҳи варо.

Шавам пеши ӯ чун фиристодагон,
Нагӯям ба Эрон, ба озодагон,

Ба Шангул, ту эй мӯбади покдин,
Яке нома бинвис пурмеҳру кин.[7]

Бишуд покдастури ӯ бо[8] дабир,
Ҷуз ӯ низ ҳар кас, ки буд ногузир.[9]

---

1. ИЛ – Шангул аз
2. И – duздӣ барошӯб
3. Л – Барандешу тадбири ин
4. Л – шуд; И – хусрав бар андеша шуд,
5. ИЛ – шуд.
6. Л – Ҳамон то зи; Л – Ҳамон расми
7. ИЛ – б. 1881 нест.
8. Л – покдастур бо ӯ
9. И – Бирафтанд дастур фаррухвазир.
   Ҳамон кас, ки бар доду донишпазир.

Бигуфтанд ҳар гунае[1] бешу кам,
Бибурданд қиртосу мушку қалам.

Яке нома фармуд пурпанду рой,
Пур аз хубиву[2] офарини Худой.

Сари нома кард аз нахуст офарин
Зи Яздон бар он кас, ки ҷуст офарин.

«Худованди ҳасту Худованди нест,
Ҳама чиз ҷуфт асту Эзад якест.

Зи чизе куҷо ӯ диҳад бандаро,
Парастандаву тоҷдорандаро

Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,
Фурӯзандаи кеҳтарону меҳон,

Ҳар он кас, ки ӯ шод шуд[3] аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад.[4]

Пушаймон нашуд, ҳар кӣ некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид,

Раҳонад хирадмандро[5] аз бало,
Мабодо касе бар бало мубтало.

Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад.

Бидонад тани хешро дар ниҳон,
Ба чашми хирад ҷуст бояд ҷаҳон.

Хирад афсари шаҳрёрон бувад,
Ҳамон зевари номдорон бувад,[6]

---

1. ИЛ – ҳар гуна аз
2. ИЛ – донишу
3. Ил – гашт
4. И – бистурад.
5. И – Ки дониш раҳонд туро
6. ТПИЛ – Бидонад баду нек марди хирад,
   Бикӯшад зи* доду** бипечад зи бад.
   * Л – ба ** И – ба некӯ

Ту андозаи худ надонӣ ҳаме,
Равонро ба хун дарнишонӣ ҳаме.

Агар тоҷдори замона манам,
Ба хубиву зиштӣ баҳона манам.

Ту шоҳӣ кунӣ, кам[1] бувад ростӣ,
Падид ояд аз ҳар сӯе костӣ.

На оини шоҳон бувад тохтан
Чунин бо бадандешагон сохтан,[2]

Ниёи ту моро парастанда буд,
Падар пеши шоҳони мо банда буд.

Кас[3] аз мо набуданд ҳамдостон,
Ки дер омадӣ божи Ҳиндустон.

Нигаҳ кун кунун рӯзи хоқони Чин,
Ки аз Чин биёмад ба Эронзамин.

Ба тороҷ дод, ончи оварда буд,
Бупечад аз он бад, ки худ карда буд.

Чунон ҳам ҳаме бинам оини ту,
Ҳамон бахшату фарраву дини ту.[4]

Маро сози ҷанг асту ҳам хоста,
Ҳамон лашкари[5] якдил ороста.

Туро бо далерони ман пой нест,
Ба Ҳинд-андарун лашкаророй нест.

Ту андар гумонӣ ба[6] нерӯи хеш,
Ҳаме пеши дарё барӣ ҷӯи хеш.

Фиристодам, инак, фиристодае,
Сухангӯву бодониш озодае.

1. ИЛ – кай
2. И – аз бадӣ гардан афрохтан.
3. ИЛ – Ки
4. И – б. 1900 – 1903 нест.
5. Л – Ҳама лашкарам
6. ИЛ – зи

Агар бож бифрист, агар ҷангро,
Биёроиву сахт кун тангро.

Зи мо бод бар ҷони он кас дуруд,
Ки доду хирад бошадаш тору пуд».

Чу мушк[1] аз насими ҳаво хушк гашт,
Нависанда ин[2] нома андарнавашт[3].

Ба унвон-ш бинвишт шоҳи меҳаст,[4]
Ҷаҳондор[5] Баҳроми яздонпараст,

Ки тоҷи кайӣ ёфт аз Яздгурд
Ба хурдодмоҳ-андарун рӯзи урд.

Сипаҳдори марзу нигаҳдори бум,
Ситонандаи божи Саҷлобу Рум.

Ба наздики Шангул сипаҳдори Ҳинд,
Зи дарёи Қаннуҷ то марзи Синд.

## РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА ҲИНДУСТОН БО НОМАИ ХУД

Чу бинҳод бар нома - бар-мӯҳр шоҳ,
Баророст бар сози нахчиргоҳ.

Зи лашкар ба розаш кас огоҳ не,
Ҷуз аз номдорон-ш ҳамроҳ не.

Биёмад бад-ин сон[6] ба Ҳиндустон,
Гузашт аз лаби[7] оби Ҷодуситон.

Чу наздики айвони[8] Шангул расид,
Дару пардаву[9] боргоҳаш бидид.

1. ИЛ – хат
2. Л – он
3. И – нома сабук дар
4. Л – Ба унвон-ш-бар номаи шоҳ баст
5. Л – Шаҳаншоҳ
6. И – шитобон
7. И – бари
8. И – аз роҳ б-айвони
9. И – пардаи

Баровардае дид[1] сар дар ҳаво,
Ба дар - бар фаровон силеҳу наво.

Саворону пилон ба дар-бар ба пой,
Хурӯшидани занг бо карраной.

Шигифтӣ бад-он боргаҳ - бар бимонд,
Дилашро[2] ба андеша андарнишонд.

Чунин гуфт бо пардадорони ӯй,
Парастандаву пойкорони[3] ӯй,

Ки аз назди пирӯз Баҳромшоҳ
Фиристода омад бар ин боргоҳ.

Ҳам андар замон рафт солори бор
Зи парда давон то бари[4] шаҳрёр.

Бифармуд, то парда бардоштанд,
Ба арҷаш[5] зи даргоҳ бугзоштанд.

Хиромон ҳаме рафт Баҳроми Гӯр,
Яке ҷой дид, осмонаш[6] булӯр.

Чу омад ба наздики Шангул фароз,
Варо дид бо тоҷ бар тахти ноз.

Ҳама пояи тахти заррин[7] булӯр,
Нишаста бар ӯ[8] шоҳи бофарру зӯр:

Изораш ҳама симу пайкар-ш зар,
Нишода ба ҳар ҷой чанде гуҳар.

Бародар-шро дид бар зери гоҳ,
Ниҳонда ба сар-бар зи гавҳар кулоҳ.

1. ИЛ – буд
2. И – хирадро
3. Л – ба пӯшандаву пойдорони
4. И – даргаҳ бари номвар
5. Л – арзаш
6. И – хона дид осмони
7. И – буд аз
8. И – бараш

Нишаста ба наздики ӯ раҳнамой,
Писар пеши тахт истода ба пой.[1]

Бари тахт шуд шоҳу бурдаш намоз,
Ҳама буд пешаш замоне дароз.

Забон тез букшоду гуфт: «Аз меҳ аст,
Ҷаҳондор Баҳроми яздонпараст

Яке нома дорам бари шоҳи Ҳинд,
Набишта хати паҳлавӣ бар паринд».

Чу овози Баҳром бишнид шоҳ,
Бифармуд заррин яке зергоҳ.

Бар он курсии зар-ш[2] биншонданд,
Зи даргоҳ ёрон-шро хонданд.

Чу биншаст, букшод лабро зи банд,
Чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёри баланд,

Забон баркушоям, чу фармон диҳӣ,
Ки бе ту мабодо меҳиву беҳӣ».

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки баргӯй ин,
Ки гӯянда ёбад зи чарх офарин.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи хусравнажод,
Ки чун ӯ ба гетӣ зи модар назод.

Меҳ аст он сарафроз падроми шахр,
Ки бо доди ӯ заҳр шуд пойзаҳр.

Бузургон ҳама бождори ваянд,
Ба нахчир шерон шикори ваянд.

Чу шамшер гирад[3] ба разм-андарун,
Биёбон шавад ҳамчу дарёи хун.

Ба бахшиш чу абре бувад навбаҳор,
Бувад пеши ӯ ганҷи динор хор.

1. И – б. 1930, 1931 нест.
2. ИЛ – заркурсиш
3. Л – хоҳад

Паёме расонам сӯи[1] шоҳи Ҳинд
Ҳамон паҳлавиномаи бар паринд.

## ПОСУХ ДОДАНИ ШАНГУЛ БА НОМАИ БАҲРОМ

Чу бишнид, шуд номаро хостор,
Шигифтӣ бимонд-андарун номдор.

Чу он нома бархонд фаррухдабир,[2]
Рухи тоҷвар гашт ҳамчун[3] зарир.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди чирасухун,[4]
Ба гуфтор маштобу тундӣ макун.

Сутургӣ намояд ҳаме шоҳи ту,
Чунон ҳам намояд ҳаме роҳи ту[5].

Касе[6] бож хоҳад зи Ҳиндустон,
Набошам зи гӯянда[7] ҳамдостон.

Ба лашкар ҳаме гӯяд ин гар[8] ба ганҷ,
В-агар шаҳру кишвар сипардан ба ранҷ

Куланганд шоҳону ман чун уқоб,
Ва ё хоку ман ҳамчу дарёи об.

Касе бо ситора накӯшад[9] ба ҷанг,
На бо осмон ҷуст кас ному нанг.

Ҳунар беҳтар аз гуфтани нобакор,
Ки гирад туро марди донанда хор.

На мардӣ, на дониш, на кишвар, на шаҳр,
Зи шоҳӣ шуморо забон аст баҳр.

1. И – фиристод зӣ
2. И – бархонд нома бар ӯ-бар дабир,
3. И – Бибуд рангу рӯяш ба сони
4. ИЛ – хирасухун,
5. И – б. 1949 нест.
6. И – Кас ар
7. И – хирадманд
8. Л – ё
9. И – набошад

Нуҳуфта ҳама обу ганҷи ман аст,
Ниёкон бад-он ҳеҷ нобурда даст.

Дигар ганҷи баргустувону зиреҳ,
Чу ганҷури мо баркушояд гиреҳ,

Ба пилон-ш бояд кашидан калид,
Агар жандапилаш тавонад кашид.

В-агар гирам аз теғу[1] ҷавшан шумор,
Ситора шавад пеши чашми ту хор.

Замин барнатобад сипоҳи маро,
Ҳамон жандапилону гоҳи маро.

Ҳазор ар[2] ба ҳиндӣ занӣ дар ҳазор,
Бувад кас, ки хонад маро шаҳрёр,

Ҳамон гавҳари кӯҳу дарё marост,
Ба ман дорад акнун ҷаҳон пушт рост.

Ҳамон[3] чашмаи анбару уду мушк,
Дигар риҳӣ[4] кофури ногашта хушк.

Дигар доруи мардуми дардманд,
Ба рӯи замин ҳар кӣ гардад нажанд.

Ҳама бум моро аз ин[5] сон пур аст,
Агар зарру сим аст, агар[6] гавҳар аст.

Чу ҳаштод шоҳанд бо тоҷи зар,
Ба фармони мо[7] танг баста камар.

Ҳамон бумро[8] кӯҳу дарёсту чоҳ,
Наёбад бар ин хок-бар[9] дев роҳ.

---

1. И – гирӣ аз гурзу
2. Л – Ҳазорон
3. И – Ҳама
4. И – ганҷи; Л – Дари ганҷи
5. И – бад-ин
6. Л – асту гар
7. Л – ман
8. И – Ҳама кишварам
9. И – буми ман

Зи Қаннуҷ то марзи Эронзамин[1],
В-аз ӯ то ба Сақлобу дарёи Чин[2]

Бузургон ҳама зердасти мананд,
Ба бечорагӣ дар парасти мананд.

Ба Ҳинду ба Чину Хутан посбон,
Наронанд ҷуз[3] номи ман[4] бар забон.

Ҳама тоҷи моро ситояндаанд,
Парастандагиро физояндаанд.

Ба мушкуи ман духти Фағфури Чин
Маро хонд андар ҷаҳон офарин.

Писар дорам аз вай яке шердил,
Ки бистонад аз кӯҳ ба шамшер дил.

Зи ҳангоми Ковус то Қайқубод
Аз ин буму бар кас накардаст ёд.

Ҳамон номбардор сесад[5] ҳазор,
Зи лашкар, ки хонад[6] маро шаҳрёр.

Зи пайвастагон чун[7] ҳазору дувист,
К-аз эшон касеро ба ман роҳ нест.

Ҳама зод бар зод хеши мананд,
Ки дар Ҳинд бар пой пеши мананд,

Ки дар беша шерон ба ҳангоми ҷанг
Аз овози[8] эшон бихоянд чанг.

Гар оин будӣ ҳеҷ озодаро,
Ки куштӣ ба тундӣ фиристодаро,

1. И – Сақлобу Чин,
2. И – он марз то Руму Эронзамин
3. И – Надорад магар
4. Л – Наронад ба ҷуз номи мо
5. И – Бувад номбардор понсад
6. И – Саворон, ки хоҳад
7. И – пайвастагонам
8. И – Дар оварди

Саратро ҷудо кардаме аз танат,
Шудӣ мӯягар бар ту пироҳанат».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй тоҷдор,
Агар меҳтарӣ, тухми тундӣ макор.[1]

Маро шоҳи ман гуфт,[2] к-ӯро бигӯй,
Агар бихрадӣ, роҳи девон маҷӯй.[3]

Зи даргаҳ ду доно[4] падидор кун,
Ки донӣ[5] варо комрон бар сухун.

Гар эдун, к-аш эшон ба рою хирад
Яке аз радони дарам бугзарад.

Маро низ бо марзи ту кор нест,
Ки наздики бихрад сухан хор нест.

Вагарна зи мардони ҷанговарон
Касе, к-ӯ гирояд ба гурзи гарон,

Гузин кун зи Ҳиндустон сад савор,
Ки бо як тани мо[6] кунад корзор,

Нахоҳем бож андар он[7] марзи ту,
Чу пайдо шавад мардиву[8] арзи ту».

## КУШТӢ ГИРИФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР БОРГОҲИ ШАНГУЛ ВА ҲУНАР НАМУДАН

Чу бишнид Шангул, ба Баҳром гуфт,
Ки «Ройи ту бо мардумӣ нест ҷуфт.

Замоне фуруд ою букшой банд,
Чӣ гӯӣ суханҳои носудманд?

1. ИЛ – коми кажжӣ махор.
2. И – гуфт Баҳром
3. ИЛ – Ки гар бихрадӣ, роҳи кажжӣ магӯй.
4. И – Зи море ду тан
5. ИЛ – дорӣ
6. И – даҳ тани ман
7. И – мо бож аз
8. И – Агар з-он ки пайдо шавад

Яке хуррам айвон бипардохтанд,
Ҳама ҳар чӣ боист, барсохтанд[1].

Биёсуд[2] Баҳром то ними рӯз,
Чу бар авҷ шуд тоҷи гетифурӯз,

Биёрост базме ба фармони шоҳ
Дар айвон парастандаи некхоҳ.

Чу дар пеши Шангул ниҳоданд[3] хон,
Касеро[4] бифармуд, к-«Ӯро бихон,

К-аз Эрон[5] фиристодаи хусрав аст,
Сухангӯву эдар ба кори[6] нав аст.[7]

Касеро, ки бо ӯст, ҳам з-он нишон,
Биёвар ба хони далерон нишон.

Бишуд тез Баҳрому бар хон нишаст,
Ба нон даст букшоду лабро бубаст.[8]

Чу нон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Навозандаи руду май хостанд.

Ҳаме бӯйи мушк омад аз хӯрданӣ,
Ҳамон зер зарбафти густурданӣ.

Бузургон чу аз бода хуррам шуданд,
Зи тимори нобуда беғам шуданд.

Ду танро бифармуд зӯрозмой,
Ба куштӣ, ки доранд бо дев пой.

Бирафтанд шоистамардони кор,
Бубастандашон бар миёнҳо изор.

1. И – Фиристодаро шод биншохтанд.
2. ИЛ – Баросуд
3. И – фиканданд
4. И – Якеро
5. И – Ки з-Эрон
6. Л – андар макони
7. И – Або ӯ далерони хусравпараст.
8. И – б. 1966, 1977 нест.

Ҳаме зӯр кард он бар ин, ин бар он,
Гурезону печон ду марди ҷавон.[1]

Чу Баҳром бардошт ҷоми булӯр,
Ба мағзаш набид андарафканд шӯр.

Ба Шангул чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Бифармой, то ман бубандам изор.

Чу бо зӯрмандӣ[2] ба куштӣ шавам,
На андар харобию[3] мастӣ шавам».

Бихандид Шангул, бад-ӯ[4] гуфт: «Хез,
Чу зер оварӣ, хуни эшон[5] бирез».

Чу бишнид Баҳром, бар пой хост,
Ба мардӣ хам овард болои рост.

Касеро, ки бигрифт аз эшон миён,
Чу шере, ки ёзад ба гӯри жаён[6],

Ҳаме бар замин зад чунон, к-устухон-ш[7]
Бикафту биполуд ранги рухон-ш.[8]

Бад-ӯ монда буд Шангул андар[9] шигифт,
Аз он бурзи болову он бурзи[10] кифт.

Ба ҳиндӣ ҳаме[11] номи Яздон бихонд,
Варо аз чиҳил мард[12] бартар нишонд.

---

1. Л – гарон.
2. ИЛ – зӯрмандон
3. Л – ҷавониву
4. И – варо
5. И – ӯро
6. Л – гарон;
   И – Чу шере, ки тозад ба гӯри жаён,
   Гирифт ӯ ба тундӣ якеро миён.
7. Л – к-устухон
8. Л – рухон;
   И – Чунон бар замин барзадаш, к-устухон
   Шикасту бигардид ранги рухон.
9. И – Шаҳи ҳиндувон монд з-ӯ дар
10. и – ёлу
11. И – бар ӯ
12. Л – меҳон чумла

Чу гаштанд маст аз майи хушгувор,
Бирафтанд аз айвони гавҳарнигор.

Чу гардун бипӯшид мушкинҳарир.
Зи хӯрдан биёсуд барнову пир.

Сӯи хоб кардан ниҳоданд сар
Чи шоҳу чи гурдони пархошхар[1].

Чу заррин шуд ин чодари мушкбӯй,
Фурӯзанда бар чарх бинмуд рӯй.

Шаҳи ҳиндувон борае барнишаст,[2]
Ба майдон хиромид[3] чавгон[4] ба даст.

Бибурданд бо шоҳ[5] тиру камон,
Ҳаме тохт бар орзу[6] як замон.

Ба Баҳром фармуд, то барнишаст
Камони каёнӣ гирифта ба даст.

Ба Шангул чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Зи Эрон басе ҳаст бо ман савор.

Ҳама тиру чавгон кунанд орзу,
Чӣ фармон диҳад шоҳи озодахӯ?»

Чунин[7] гуфт Шангул, ки тиру камон
Сутуни[8] саворӣ бувад бегумон.

Ту бо шоху ёлӣ, бияфроз даст,
Ба зеҳ кун камонрову букшой шаст.

Камонро ба зеҳ кард Баҳроми гурд,[9]
Инонро ба бӯри таковар супурд.[10]

---

1. ИЛ – б. 2015 нест.
2. И – бар саманде нишаст,
3. Л – гурозанд (а)
4. И – Каманди каёӣ гирифта
5. И – ҷавгону
6. И – Бар он к-озмояд варо
7. И – Бад-ӯ
8. Л – Нишони
9. Л – Баҳроми Гӯр,
10. Л – Барангехта он тавковар сутур.

Хаданге бипайвасту[1] букшод шаст,
Нишонда ба як чӯба,[2] барҳам[3] шикаст.

Гирифтанд яксар бад-ӯ офарин
Саворони майдону мардони кин.

## ГУМОН БУРДАНИ ШАНГУЛ БАР БАҲРОМ ВА БОЗДОШТАН ӮРО АЗ ЭРОН

Зи Баҳром Шангул шуд андар гумон,
Ки ин фарру ин зӯру[4] тиру камон

Намонад ҳаме ин фиристодаро,
На ҳиндӣ, на турку на озодаро.

Агар хеши шоҳ аст, агар меҳтар[5] аст.
Бародар-ш хонем[6] ҳам дар х(в)ар аст.

Бихандиду Баҳромро гуфт шоҳ,
Ки «Эй богуҳар пурҳунар[7] пешгоҳ.

Бародар туӣ шоҳро бегумон
Бар ин кӯшишу[8] зӯру тиру камон,

Ки фарри каён дориву зӯри шер,
Набошӣ магар номдоре далер».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй шоҳи Ҳинд,
Фиристодагонро макун ном синд.

На аз тухмаи Яздгирдам, на шоҳ,
Бародар-ш хонем,[9] бошад гуноҳ.

Аз Эрон яке марди бегонаам,
На донишпажӯҳам, на фарзонаам.

1. И – бурун карду; Л – Яке тир бигрифту
2. И – тир,
3. Л – дарҳам
4. Л – бурзу
5. И – Агар шаҳрёр аст ва гар чокар
6. И – В-агар хеши ӯяст
7. И – пурхирад номвар
8. И – бахшишу; Л – Бад-ин бахшишу
9. и – бародар махонам, ки

Маро бозгардон, ки дур аст роҳ.
Набояд, ки ёбад маро хашми шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Тундӣ макун,
Ки бо ту ҳанӯз аст моро сухун.[1]

Набояд-т кардан ба рафтан шитоб,
Ки рафтан ба зудӣ набошад савоб.

Бари мо бибошу дил ором гир,
Чу пухта нахоҳӣ, майи хом гир».

Пас он гоҳ дастурро пеш хонд,
Зи Баҳром бо ӯ сухан чанд ронд.

В-аз он пас ба фарзонаи хеш гуфт,
Ки бо ту сухан дорам андар нуҳуфт,[2]

Гар ин мард Баҳромро хеш нест,
Гар аз паҳлавонони ӯ беш нест.

Шигифт аст, ки дар дили марди род
Бар ин достонҳо нашояд ниҳод.

Ба чарбӣ бигӯяш, ки «Эдар биист,
Зи Қаннуҷ рафтан туро рӯй нест.[3]

Ту гӯӣ мар ӯро ҳаме бо фиреб,
Ки аз гуфти ман дар дил орад ниҳеб.

Ту гӯӣ мар ӯро, накӯтар бувад,
Ту он гӯй бо вай, ки дарх(в)ар бувад.

Бигӯяш бар он сон, ки бошад савоб,
Ки пеши шаҳи Ҳинд бифзудӣ об.

---

1. И – пас аз б. 2037 ин б. омада:
   Зи майдон чу баргашту омад ба роҳ,
   Фуруд омаду бозгашт аз сипоҳ.
   Ба дастур гуфт он гаҳе: «Хезу рав,
   Ба наздики он марди бегона шав».
2. И – б. 2039 – 2041 нест.
3. Л – б. 2041 – 2044 нест;
   И – Бигӯ, то бибошад бар ин ҷойгоҳ,
   Ки ӯро кунам паҳлавони сипоҳ.

Кунун гар бибошӣ ба наздики ӯй,
Нигаҳ дорӣ он ройи борики ӯй,

Ҳар он ҷо, ки хуштар бувад, марзи туст,
Ки пеши шаҳи ҳиндувон арзи туст.[1]

Ба ҷое ки бошад ҳамешабаҳор,
Насими гулон ояд аз ҷӯйбор.

Зи Қаннуҷ барнагзарад некбахт,
Ба соле ду бор аст бори дарахт.

Гуҳар ҳасту дебову ганҷи[2] дирам,
Чу бошад дирам, дил набошад дижам.[3]

Навозанда шоҳе, ки аз меҳри ту
Бихандад, чу бинад ҳаме чеҳри ту.

Аз ин гуна харчанд хоҳӣ, бигӯй,
Чу рӯй андарорӣ ту бо ӯ ба рӯй.[4]

Чу ин гуфта бошӣ, бипурсаш зи ном,
Ки аз ном гардад дилам шодком.

Магар[5] ром гардад бад-ин марзи мо,
Фузун гардад аз фарри ӯ арзи мо.

Варо зуд солори лашкар кунем,
Бад-ин марзи боарз мо сар кунем».

Биёмад ҷаҳондида дастури шоҳ,
Бигуфт ин ба Баҳрому бинмуд роҳ.

Зи Баҳром он гаҳ[6] бипурсид ном,
Ки бе ном посух набудаш[7] тамом.

---

1. И – б. 2045 – 2049 нест;
   Л – Мар он ҷо, ки хуштар вилоят турост,
   Сипаҳдориву божи мулкат турост.
2. ИЛ – динору ганҷу
3. л – дил набошад ба ғам.
4. Л – б. 2054
5. И – Гар ӯ
6. Л – аз он пас
7. Л – набудӣ

Чу бишнид Баҳром, ранги рухаш
Дигар шуд, ки то чун диҳад посухаш.

Ба фарҷом гуфт: «Эй сухангӯй мард,
Маро дар ду кишвар[1] макун рӯйзард.

Ман аз шоҳи Эрон бупечам[2] ба ганҷ,
Гар аз нестӣ чанд бошам ба ранҷ,

Ҷуз ин бошад ороиши дини мо,
Ҳамон гардишу роҳу оини мо.

Ҳар он кас, ки печад сар аз шоҳи хеш,
Ба бархостан гум кунад роҳи хеш,

Фузунӣ наҷуст, он ки будаш хирад,
Ки бар мо баду нек ҳам[3] бугзарад.

Худованди тоҷи Фаридун[4] куҷост,
Ки пушти замона бад-ӯ гашт[5] рост?

Куҷо он бузургони хусравнажод,
Ҷаҳондор[6] Кайхусраву Кайқубод?

Дигар он ки донӣ ту Баҳромро,
Ҷавони ҷаҳонҷӯи[7] худкомро,

Ки гар ман зи фармони ӯ бугзарам,
Ба мардӣ сар орад ҷаҳон бар сарам.

Намонад бару буми[8] Ҳиндустон,
Ба Эрон кашад[9] хоки Ҷодуситон.

Ҳамон беҳ, ки ман бозгардам ба дар,
Бубинад маро шоҳи пирӯзгар.

---

1. Л – гетӣ
2. Л – напечам
3. ИЛ – Баду нек бар мо ҳаме
4. ИЛ – тоҷ Офаридун
5. ИЛ – буд
6. И – Ҷаҳонҷӯй
7. И – Ҷаҳонҷӯи бедору
8. И – аз ин кина
9. И – кунад

Агар ном пурсӣ ту,[1] Барзуй ном,
Чунин хонадам шоҳу ҳам бобу мом.

Ҳама посухи ман ба Шангул расон,
Ки ман дер мондам ба шаҳри касон».[2]

Чу дастур бишнид, посух бибурд,
Шунида ҳама пеши ӯ баршумурд.

Зи посух пурожанг шуд рӯи шоҳ
Чунин гуфт, к-«Ӯ дур монад зи роҳ

Яке чора созам кунун[3] ман, ки рӯз
Сар орам бар ин гурди гетифурӯз.»[4]

## ҶАНГИ БАҲРОМ БО КАРГ ВА КУШТАНИ Ӯ КАРГРО

Яке карг буд андар он марзи шоҳ,
Зи болои ӯ баста бар бод роҳ.

Аз он беша бугрехтӣ шери нар,
Ҳам аз осмон каргаси тезпар.

Саросар ҳама марз аз ӯ дар хурӯш,[5]
Аз овози ӯ кар шуда тезгӯш.

Ба Баҳром гуфт: «Эй писандида мард,
Барояд ба дасти ту ин коркард?

Яке беша наздики шаҳри ман аст,
К-аз он беша андеша баҳри ман аст.

Яке карг дар вай ба сони наҳанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.[6]

Ба наздики он карг бояд шудан,
Ҳама чарми ӯро ба тир ожадан.

1. И – Гар аз ном пурсам,
2. И – б. 2073 нест.
3. Л – бар ӯ,
4. л – Сар ояд бад-ин марди лашкарфурӯз.
5. Л – Якояк ҳама Ҳинд аз ӯ пурхурӯш,
6. ИЛ – б. 2081, 2082 нест.

Магар з-ӯ баросояд ин буму бар,
Ба фарри ту, эй марди пирӯзгар.

Яке ҷоҳ бошад-т наздики ман,
Чу наздики он номдор анҷуман,

Ки ҷовид дар кишвари Ҳинду Чин
Кунад бар ту-бар ҳар касе[1] офарин».

Бад-ӯ гуфт Баҳроми покизарой,
Ки «Бо ман бибояд яке раҳнамой.

Чу бинам ба нерӯи Яздон танаш,
Бубинӣ ба хун ғарқа пироҳанаш».[2]

Бад-ӯ дод Шангул яке раҳнамой,
Ки ӯро нишеман бидонисту ҷой.

Ҳаме рафт бо некдил раҳнамун,
Бад-он бешаи карг дил пур зи хун.[3]

Ҳаме гуфт чанде зи ороми ӯ,
Зи болову паҳнову андоми ӯ.

Чу бинмуд, Баҳром баргашту рафт
Хиромон бад-он бешаи карг тафт.

Паси пушти ӯ чанд аз эрониён
Ба пайкори он карг баста миён.

Чу аз дур диданд хартуми ӯ,[4]
Зи ҳангаш ҳаме паст шуд буми ӯ.[5]

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас,[6] ки[7] шоҳо, макун,
Зи мардӣ ҳаме бугзаронӣ сухун.

1. Л – ҳар касе бар ту-бар
2. И – б. 2088 нест.
3. Л – гурги резандахун.
4. ИЛ – ӯй,
5. ИЛ – ӯй.
6. И – Бигуфтанд бо ӯ,
7. Л – ҳар касе гуфт:

Накардаст кас ҷанг бо кӯҳи Ганг,[1]
Агарчи далерӣ ту, шоҳо,[2] ба ҷанг.

Ба Шангул чунин гӯй, к-ин роҳ нест,
Бад-ин ҷанг дастурии шоҳ нест.

Ба фармон кунам ҷанг, агар шоҳи ман
Ҳаме бишнавад, биспарад ҷоҳи ман».[3]

Чунин дод посух, ки «Яздони пок
Маро гар ба Ҳиндустон дод хок,

Ба ҷойи дигар марги ман чун бувад,
К-аз андоза андеша[4] берун бувад»

Камонро ба зеҳ кард марди ҷавон,
Ту гуфтӣ ҳаме хор гирад[5] равон.

Биёмад давон то ба наздики карг,
Пур аз хашм сар, дил ниҳода ба марг.

Камони каёнӣ гирифта ба чанг,
Зи таркаш баровард тири хаданг.

Бизад,[6] тир борид ҳамчун тагарг,
Дамодам ҳаме,[7] то ғамӣ гашт карг.

Чу донист, к-ӯро сар омад замон,
Бароҳехт ханҷар ба ҷойи камон.

Сари каргро паст бубриду гуфт:
«Ба номи Худованди беёру ҷуфт,

Ки ӯ дод моро чунин[8] фарру зӯр,
Ба фармони ӯ тобад аз чарх ҳур».

1. ИЛ – кӯҳу санг,
2. Л – В-агарчи далеранд шоҳон; И – далеранд шоҳон
3. И – 2097, 2098 нест.
4. Л – Ки андоза з-андеша; И – Ки андеша з-андоза
5. Л – Ҳаме гирад аз вай; И – дорад.
6. Л – Ҳаме
7. Л – Бад-ин ҳамнишон,
8. ИЛ – чандин маро

Бифармуд, то гови[1] гардун баранд,[2]
Сари[3] карг аз он беша берун баранд.[4]

Бибурданд, чун дид Шангул зи дур,
Ба дебо биёрост айвони сур.

Чу бар тахт биншаст пурмоя шоҳ,
Нишонданд Баҳромро пеши гоҳ.[5]

Ҳаме кард ҳар кас бад-ӯ офарин,
Бузургони Ҳинду далерони[6] Чин.

Бирафтанд ҳар меҳтаре бо нисор,
Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй номдор,

Касеро сазои ту кирдор нест,
Куҷо гоҳи ту роҳи дидор нест.

Аз ӯ[7] шодмон Шангулу[8] гаҳ ба ғам,
Гаҳе тоза будӣ[9], замоне[10] дижам.

## КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО

Яке аждаҳо буд бар хушку об,
Ба дарё гаҳе гоҳ дар офтоб.

Ҳаме даркашидӣ ба дам жандапил,
В-аз ӯ хостӣ мавҷи дарёи Нил.[11]

Чунин гуфт Шангул ба ёрони хеш,
Бад-он тезҳуш роздорони хеш,

---

1. Л – гову; И – гову
2. И – баред,
3. И – Тани
4. И – баред.
5. И – Нишонд аз бари тахт Баҳромро,<br>Бихонданд ёрони худкомро.
6. Л – саворони; И – Далерони Ҳинду саворони
7. Л - шод Шангул гаҳу
8. И – Гаҳе
9. - тозарӯю
10. И – тозарухсору гаҳ
11. И –б. 2116 нест.

Ки ман з-ин фиристодаи шермард,
Гаҳе шодмонам, гаҳе пур зи дард.

Маро пушт будӣ, гар эдар будӣ,
Ба Қаннуҷ-бар лашкарам[1] сар будӣ.

Гар аз назди мо сӯи[2] Эрон шавад,
Зи Баҳром Қаннуҷ вайрон шавад.

Чу кеҳтар чунин бошаду меҳтар ӯй,
Намонад бад-ин марзи[3] мо рангу бӯй.

Ҳама шаб ҳаме кори ӯ сохтам,
Яке чораи дигар андохтам.

Фиристам-ш наздики[4] он аждаҳо,
К-аз ӯ бегумон ҳам наёбад[5] раҳо.

Набошам накӯҳида аз кори ӯ,[6]
Чу бо аждаҳо гардад ӯ ҷангҷӯ.[7]

Бигуфт ину Баҳромро пеш хонд,
Басе достони далерон[8] биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздони додофарин
Туро эдар овард аз Эронзамин,

Ки Ҳиндустонро бишӯӣ зи бад,
Чунон, к-аз раҳи номдорон сазад.

Яке кор пеш аст бо дарду ранҷ,
Ба оғоз ранҷу ба фарҷом ганҷ.

Чу ин карда бошӣ, замоне мапой,
Ба хушнудии ман бирав боз ҷой».

---

1. И – лашкарӣ
2. И – пеши мо ӯ ба
3. Л – бар ин буми
4. И – зӣ ҷанги
5. И – худ наёяд
6. ИЛ – ӯй,
7. Л – ӯ шавад ҷангҷӯй; И – худ шавад ҷангҷӯй,
8. И – далерӣ

Ба Шангул чунин посух овард шоҳ,
Ки аз роҳи ту бугзарам, нест роҳ.

Зи фармони ту нагзарам як замон,
Магар бад бувад гардиши осмон.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Моро[1] балост,
Ки бар[2] буми мо-бар[3] яке аждаҳост.

Ба хушкиву дарё[4] ҳаме бугзарад,
Наҳанги дамоҳанҷро[5] бишкарад.

Тавонӣ, магар чорае сохтан,
Аз ӯ кишвари Ҳинд пардохтан.

Ба Эрон барӣ божи Ҳиндустон,
Ҳама марз бошанд[6] ҳамдостон.

Басе[7] ҳадяи Ҳинд бо бож[8] низ,
Зи уду зи теғу[9] зи ҳар гуна чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй подшо,
Ба Ҳинд-андарун шоҳу[10] фармонраво,

Ба фармони доранда Яздони пок
Пайи аждаҳоро бибуррам зи хок.

Надонам, ки ӯро нишеман куҷост,
Бибояд намудан ба ман роҳи рост».

Фиристод Шангул яке роҳҷӯй,
Ки он аждаҳоро намояд бад-ӯй.

Ҳаме рафт бо номвар сӣ савор,
Зи Эрон бузургони ханҷаргузор.

1. Л – чандин; И – чанде
2. Л – Бар ин
3. И – Бар ин бум моро
4. И – таррӣ
5. И – дижогохро
6. И – гарданд
7. Л – Ҳамон
8. И – Ҳама ҳадя бо божи бисёр
9. И – мушку зи уду
10. ИЛ – шоҳи

Ҳаме тохт, то пеши дарё расид,
Ба торикӣ он аждаҳоро бидид.

Бидид он тану печишу хашми ӯй,
Ҳаме оташ афрӯхт аз чашми ӯй.

Бузургони Эрон хурӯшон шуданд,
Аз он аждаҳо тез ҷӯшон шуданд.

Ба Баҳром гуфтанд, к-«Эй шаҳрёр,
Ту инро чунон карги пешин мадор.

Бад-ин бад мадеҳ шаҳри Эрон ба бод,
Макун душманатро бад-ин бум шод».

Ба эрониён гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Ҷонро ба додор[1] бояд супурд.

Маро гар замона бад-ин аждаҳост,
Ба мардӣ фузунӣ нагирад, на[2] кост!

Камонро ба зеҳ карду бугзид тир,
Ки пайкон-шро дода буд заҳру шир.

Бар он аждаҳо тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.

Ба пӯлоди пайкон даҳонаш бидӯхт,
Ҳама ховар аз заҳри ӯ барфурӯхт.

Дигар чорчӯба бизад бар сараш,
Фурӯ рехт бо заҳр хун аз бараш.

Тани аждаҳо гашт аз он тир суст,
Ҳаме хокро хуну заҳраш бишуст.

Сабук теғи заҳробгун баркашид,
Ба тундӣ дили аждаҳоро дарид.[3]

Ба теғу табарзин бизад гарданаш,
Ба хок-андар афканд беҷон танаш.

1. И – танро ба доранда
2. И – нагардад фузун рафт
3. Л – аждаҳо бардарид; И- Саросар тани аждаҳо бардарид.

Ба гардун сараш назди[1] Шангул кашид,
Чу шоҳ ин сари[2] аждаҳоро бидид,

Баромад зи Ҳиндустон[3] офарин
Зи додор бар буми Эронзамин,

Ки зояд бар он хок чунин савор,
Ки бо аждаҳо созад ӯ корзор.

Бад-ин бурзи[4] болову ин шоху ёл,
Набошад ба ҷуз шаҳрёраш ҳамол.

## БА ЗАНӢ КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДУХТАРИ ШОҲИ ҲИНДУСТОНРО

Ҳама шоду Шангул диле пур зи дард,
Ҳаме дошт аз кори ӯ рӯй зард.

Шаб омад, биёвард фарзонаро,
Ҳамон мардуми хешу бегонаро.

Чунин гуфт, к-«Ин марди Баҳромшоҳ
Бад-ин шоху[5] ин зӯру[6] ин дастгоҳ

Набошад ҳаме эдар[7] аз[8] ҳеҷ рӯй,
Зи ҳар гуна омехтам рангу бӯй.

Гар аз назди мо ӯ ба Эрон шавад,
Ба наздики шоҳи далерон шавад,

Сипоҳи маро суст хонад ба кор,
Ба Ҳиндустон нест гӯяд савор.

Сарафроз гардад ҳаме[9] душманам,
Фиристодаро сар зи тан[10] барканам.

---

1. Л – танаш сӯи
2. Л – он тани
3. И – аз он ҳиндувон
4. М – бурзу
5. И – фарру
6. Л – бурзу ин шоҳу
7. И – ояд
8. Л – андар ӯ
9. Л – магар
10. И – бун

Ниҳонаш ҳаме кард хоҳам табоҳ,
Чӣ бинеду инро чӣ доред[1] роҳ?»

Бад-ӯ гуфт фарзона, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин гуна ранҷа[2] мадор.

Фиристодаи шаҳрёрон кушӣ,
Ба кажжӣ бувад роҳу бедонишӣ.[3]

Кас андеша з-ин гуна ҳаргиз накард,
Ба гирди чунин рой[4] ҳаргиз магард.

Бари меҳтарон[5] зиштномӣ бувад,
Сипаҳбад ба мардум гиромӣ бувад.[6]

Ҳамон гаҳ биёяд зи Эрон сипоҳ,
Яке тоҷдоре чу Баҳромшоҳ,[7]

Намонад зи мо кас бар ин буму руст,
Зи некӣ набояд туро даст шуст.

Раҳонандаи мост аз аждаҳо,
На куштан бувад ранҷи ӯро баҳо.

Бар ин буми мо[8] аждаҳо кушту карг,
Ба тан зиндагонӣ физояш, на марг».

Чу бишнид Шангул сухан[9], хира гашт,
Зи гуфтори фарзонагон[10] тира гашт.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Фиристод кас назди Баҳромшоҳ.[11]

---

1. И – гӯеду инро чӣ бинед
2. И – ро ғамгин
3. И – Зи бедонишӣ бошаду беҳушӣ.
4. И – гуфта
5. В-мардумон
6. ТПЗИ – Гар ин мардро сар ба гоз оварӣ,
   Бад-ин марз ранҷи дароз оварӣ.
7. И – Ҳамон гаҳ зи Эрон биёяд сипоҳ,
   Чу Баҳромшаҳ пеш – дар кинаҳоҳ.
8. И – Чу дар буми ту
9. И – сараш
10. И – доно дилаш
11. И – Пас аз б. 2177 ин б. омада:

Ба танҳо тани хеш беанҷуман,
На дастур буд пеш, на ройзан.

Ба Баҳром гуфт: «Эй дилорой мард,
Тавонгар шудӣ, гирди бешӣ магард.

Туро дод хоҳам ҳаме духтарам,
Зи гуфтор, кирдор бошад барам.

Чу ин карда бошам, бари ман биист,
К-аз эдар гузаштан туро рӯй нест.

Туро бар сипаҳ комгорӣ диҳам,
Ба Ҳиндустон шаҳрёрӣ диҳам».

Фурӯ монд Баҳрому андеша кард
Зи тахту нажоду зи[1] нангу набард.

Ба дил гуфт: «Бо ин сухан ҷанг[2] нест,
Чу Шангул хусур бошадам, нанг[3] нест.

Ва дигар, ки ҷонро биёбам аз ин,
Бубинам, магар хоки Эронзамин,[4]

Ки эдар бад-ин сон бимондем дер,
Даровехт бар доми рӯбоҳ шер».[5]

Ба Шангул чунин гуфт.[6] «Фармон кунам,
Зи гуфторат[7] ороиши ҷон[8] кунам.

---

Бад-ӯ гуфт: «Танҳо бад-ин боргоҳ,
Ҳаме ранҷа бояд шудан бе сипоҳ».
Хиромид Баҳрому ӯро бидид,
Бад-он тахту тоҷ офарин густарид.

1. И – зи Эрон
2. И – ман бар аз ин кор ҳам нанг
3. И – ҷанг
4. И – Агар на сар омад маро разму кин.
5. И – Баровехт бар дори рӯбоҳ шер,
Кунун чора бояд, бибудан далер.
Сазоворам ар бинам аз шоҳ бад,
Сипаҳбад фиристода созад зи х(в)ад.
Аз он кас, ки дидем, Шопури гурд
Аз ин кор кардан зи Қайсар чӣ бурд.
6. И – Чунин дод посух, ки
7. И – фармон-т
8. И – кунам.

Валекин зи духтар яке баргузин,
Ки чун бинамаш, хонамаш офарин».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шоҳи Ҳинд,
Биёрост айвон ба чинӣ паринд.[1]

Се духтар биёмад чу хуррамбаҳор,
Ба ороишу бӯю рангу нигор.[2]

Ба Баҳроми Гӯр он замон гуфт: «Рав,
Биёрой дилро ба дидори нав».

Бишуд тез Баҳрому айвон бидид,
Аз он моҳрӯён яке баргузид.

Чу хуррамбаҳоре Сапенуд ном,
Ҳама шарму нозу ҳама рою ком.

Бад-ӯ дод Шангул Сапенудро,
Чу сарви саҳӣ шамъи бедудро.

Яке ганҷи пурмоятар баргузид,
Бад-ин моҳрух дод Шангул калид.

Биёвард ёрони Баҳромро,
Саворони бозеби[3] худкомро.

Дирам доду динору ҳар гуна чиз,
Ҳамон[4] анбару уду кофур низ.[5]

Биёрост айвони гавҳарнигор,
Зи Қаннуҷ ҳар кас, ки буд номдор,

Хиромон бад-он боргоҳ[6] омаданд,
Ба шодӣ[7] ҳама назди шоҳ омаданд.

1. И – зи хаззу
2. И – б. 2190 нест.
3. ИЛ – бозебу
4. И – Ҳама
5. ТПЗ – Ҳам аз аспу зарринситому камар,
Касеро, ки шоистатар, тоҷи зар
Ҳам аз баҳри Баҳром пирӯза тоҷ,
Биёрост бо номвар тахти оҷ.
6. И – ҷашнгоҳ
7. Бузургон

Бибуданд як ҳафта бо май ба даст,
Ҳама шоду[1] хуррам ба ҷойи нишаст.

Сапенуд бо шоҳ Баҳроми Гӯр,
Чу май буд равшан ба[2] ҷоми булӯр.

## НОМАИ ФАҒФУРИ ЧИН БА БАҲРОМИ ГӮР ВА ПОСУХИ ОН

Чу з-ин[3] огаҳӣ шуд ба Фағфури Чин,
Ки бо фарр(у)[4] марде зи[5] Эронзамин

Ба наздики Шангул фиристода буд,
Ҳамоно, ки шоҳи таҳамзода буд.[6]

Бад-ӯ дод Шангул яке духтараш,
Ки бар моҳ сояд ҳаме афсараш.

Яке нома наздики Баҳромшоҳ
Набишт он ҷаҳондори[7] бодастгоҳ.

Ба унвон-бар аз шаҳрёри ҷаҳон,
Сари номдорону тоҷу[8] меҳон.

Ба назди фиристодаи порсӣ,
Ки омад ба[9] Қаннуҷ бо ёр сӣ.

Дигар гуфт, к – «Омад ба мо огаҳӣ
Зи ту номвар марди бофарраҳӣ.

Хирадмандиву мардиву ройи ту,
Фушурдан ба ҳар ҷой[10] бар пойи ту.

1. И – масту
2. И – Ҳаме буд равшан чу
3. И – Аз он
4. И – зеб
5. Л – бо фарр(у) марде аз
6. ТПЗ – Ба Ҳинд-андарун чанд кори бузург
Ба дасти ҳамон шермарди сутург
Баромад ба мардиву нерӯи бахт,
Назебад бар ӯ-бар магар тоҷу тахт.
7. И – Фиристод он марди
8. И – тоҷдорону оби
9. Л – зи
10. Л – ҷой

Куҷо каргу ин[1] номдор аждаҳо
Зи шамшери тезат наёбад[2] раҳо.

Ба ту дод духтар, ки пайванди мост,
Ки Ҳиндустон холи ӯро баҳост.[3]

Сари хештан[4] бурдӣ андар ҳаво
Ба пайванди ин шоҳи фармонраво.

Ба Эрон бузургист, з - ин[5] шоҳро,
Куҷо кеҳтараш афсари[6] моҳро.

Ба дастурии шоҳ раҳ баргирифт,
Ба Қаннуҷ шуд, моҳ дар бар гирифт.

Кунун ранҷ бардору эдар биёй,
Бад – ин марз чандон ки хоҳӣ, бипой.

Ба дидори ту чашм равшан кунам,[7]
Равонро зи ройи ту ҷавшан кунам.[8]

Чу хоҳӣ, к – аз эдар шавӣ боз ҷой,
Замоне нагӯям бари мо бипой.[9]

Равӣ[10] шоду ба хилъату[11] хоста,
Худу номдорон - т[12] ороста.

Туро омадан назди ман нанг нест,
Чу[13] бо шоҳи Эрон маро ҷанг нест.

Макун суст аз ин омадан ҳеҷ рой,
Чу хоҳӣ ки баргардӣ, эдар мапой».

1. Л – он
2. Л – наёмад
3. И – б. 2208 – 2210 нест.
4. Л – хешро
5. И – ин
6. И – Сазад тоҷи ӯ афсару
7. Л – кунем,
8. Л – кунем.
9. И – б. 2215, 2216 нест.
10. И – Бирав
11. И – Чу хоҳӣ, бирав шоду бо
12. ИЛ – номдорони
13. И – Ки

Чу нома биёмад ба Баҳроми Гӯр,
Ба дил- ш-андар афтод аз он нома шӯр.

Нависанда бархонду[1] посух навишт,[2]
Ба полизи кина дарахте бикишт.

Сари нома гуфт: «Ончи гуфтӣ, расид,
Ду чашми ту ҷуз кишвари Чин надид.

Ба унвон-бар аз шаҳрёри[3] ҷаҳон,
Навиштӣ сарафрозу тоҷи меҳон.

Ҷуз он аст, ки гуфтӣ саросар сухан,
Бузургӣ тӯро ман нахоҳам[4] куҳан.[5]

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр асту бас,
Ҷуз ӯ дар замона надонем[6] кас.

Ба мардиву диниш, ба фарру нажод,
Чун ӯ подшо кас надорад ба ёд.

Ҷаҳондори пирӯзгар хонамаш,
Зи шоҳон сарафрозтар донамаш.

Дигар он, ки гуфтӣ, ки ман кардаам,
Ба Ҳиндустон ранҷҳо бурдаам.

Ҳам аз ахтари шоҳ Баҳром буд,
Ки бофарру авранду боном буд.

Ҳунар назди эрониён асту бас,
Надоранд шери жаёнро ба кас.

Ҳама якдилонанду яздоншинос,
Ба некӣ надоранд аз ахтар сипос.

Дигар он ки духтар ба ман дод шоҳ,
Ба мардӣ гирифтам ман ин пешгоҳ.

---

1. И – Набисандаро хонду
2. И – набишт,
3. Л – подшоҳи
4. Л – нахоҳам
5. И – б. 223, 2224 нест.
6. И – Ҷӯз ӯро нахоҳем мо шоҳи

Яке подшоҳ аст[1] Шангул - бузург,
Ба мардӣ ҳаме ронад аз меш гург.

Чу бо ман сазо дид пайванди хеш,
Ба ман дод шоиста фарзанди хеш.

Дигар он, ки гуфтӣ, ки хез, андарой,
Ба ҳар некувӣ бошамат раҳнамой.

Маро шоҳи Эрон фиристад ба Ҳинд,
Ба Чин оям аз баҳри чинипаринд.

Набошад зи ман шоҳ ҳамдостон,
Ки ронам бар ин гуна-бар достон.[2]

Дигар он навиштӣ,[3] ки бо хоста,
Ба Эрон[4] фиристам – т ороста.

Маро кард Яздон аз он бениёз,
Ба чизи касон даст кардан дароз.

Зи Баҳром дорам ба бахшиш сипос,
Ниёиш кунам рӯзу дар шаб се пос.

Чаҳорум, ки чанде ситудӣ маро,
Ҳунар з – ончи буд, барфузудӣ маро.

Пазируфтам он аз ту, эй шоҳи Чин,
Бигӯям або шоҳи Эронзамин.

Зи Яздон туро бод чандон дуруд,
Ки онро надонад фалак тору пуд».

Бар он нома бинҳод мӯҳри[5] нигин,
Фиристод нома[6] бари шоҳи Чин.

1. И – шаҳрёр аст
2. ИЛ – он ки гуфтӣ.
3. И – б. 2234 – 2237 нест.
4. И – Аз ин ҷо
5. И – Бад – он нома бинҳод он гаҳ
6. И – з – он ҷо; Л – посух

## ГУРЕХТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ ҲИНДУСТОН БО ДУХТАРИ ШАНГУЛ

Чу Баҳром бо духти Шангул бисохт,
Зан ӯро ҳаме шоҳи гетӣ шинохт.

Шабу рӯз гирён шуд аз меҳри ӯй,[1]
Ниҳода ду чашм андар он чеҳри ӯй.[2]

Чу аз меҳри ӯ Шангул огоҳ шуд,
Зи бадҳо гумонеш кӯтоҳ шуд.

Нишастанд як рӯз шодон ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Сапенудро гуфт Баҳромшоҳ,
Ки «Донам, ки[3] ҳастӣ маро некхоҳ.

Ҳаме[4] роз хоҳам ҳаме бо ту гуфт,
Чунон кун, ки монад[5] сухан дар нуҳуфт.

Ҳаме рафт хоҳам зи Ҳиндустон,
Ту бошӣ бад – ин кор ҳамдостон.

Барам ман туро низ бо хештан,
Набояд, ки донад касе з – анҷуман.[6]

Ба Эрон маро кор аз ин меҳтар аст,
Ҳамам Кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

Ба рафтан гар эдун, ки рой оядат,
Ба хубӣ хирад раҳнамой оядат,

Ба ҳар ҷой номи ту бону бувад,
Падар пеши тахтат ба зону бувад».

Сапенуд гуфт: «Эй сарфароз мард,
Беҳӣ[7] ҷӯю аз роҳи дониш магард.

1. Л – буд аз меҳри ӯ,
2. Л – ӯ.
3. И – ту
4. ИЛМ – Яке
5. Л – монӣ
6. И – б. 2251, 2252 нест.
7. И – Хирад

Беҳини занон аз ҷаҳон он бувад,
К – аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад.

Агар пок ҷонам зи гуфтори ту
Бипечад, напечам сар аз кори ту».

Бад – ӯ гуфт Баҳром: «Пас чора кун,
В – аз ин роз макшой бар кас сухун».

Сапенуд гуфт: «Эй сазовори[1] тахт,
Бисозам, агар бошадам ёр[2] бахт.

Яке ҷашнгоҳ аст з – эдар на дур,
Ки созад падар- м андар он беша сур,

Ки доранд фаррух мар он ҷойро,
Нишонанд он ҷо буторойро.

Бувад то бад – он беша[3] фарсанг бист,
Ки пеши бут-андар бибояд гирист.

Бад – он ҷой нахчири гӯрон бувад,
Ба Қаннуҷ сури саворон бувад.

Шавад шоҳу лашкар бад – он ҷашнгоҳ,
Танеро набошад бад – он беша роҳ.

Агар рафт хоҳӣ, бад – он чора рав,
Ҳамеша куҳан бод ҷашну ту нав.[4]

Аз имрӯз бишкеб то панҷ рӯз,
Чу[5] пайдо шавад тоҷи[6] гетифурӯз.

Чу аз шаҳр берун шавад шаҳрёр,
Ба рафтан биёрою барсоз кор».[7]

---

1. ИЛ – сарафрози
2. И – Раҳ ин аст, гар бошадат нек
3. И – Ҷой
4. И – б. 2264 – 2266 нест.
5. Л – Ки
6. И – ҳури
7. ТПЗИЛ – Зи гуфтори зан гашт Баҳром шод,
Нахуфт андар андеша то бомдод.
Чу бинмуд хуршед бар чарх даст,
Шаби тира бори ғарибон бубаст.

Бад – он гуфт: «Барсозу бо кас магӯй,
Ниҳодем ҳар ду дар ин роҳ рӯй.»

Ҳаме буд то тоза шуд ҷашнгоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу бархост Шангул, ки ояд ба дашт
Занаш гуфт: «Барзуй бемор гашт.

Ба пӯзиш ҳаме гӯяд: «Эй шаҳрёр,
Дилатро ба ман ҳеҷ ранҷа мадор.

Чу нотандурустӣ бувад, ҷашнгоҳ
Дижам бошаду донад ин моя шоҳ».

Бад – ӯ гуфт Шангул, ки «Ин худ мабод,
Ки бемор бошад, кунад ҷашн ёд».

Зи Қаннуҷ шабгир Шангул бирафт,
Сӯи ҷашнгаҳ рӯй бинҳод тафт.

Чу шаб тира шуд, зан ба Баҳром гуфт,
Ки «Омад гаҳи рафтан, эй нек ҷуфт».

Бипӯшид хафтону худ барнишаст
Каманде ба фитрок, гурзе ба даст.

Ҳамон гаҳ Сапенудро барнишонд,
Ҳаме зери лаб номи Яздон бихонд.

Ҳаме ронд, то пеши дарё расид,
Ба раҳ бори бозоргонро бидид,

Ки бозоргонони Эрон буданд,
Ба обу ба хушкӣ далерон буданд.

Чу бозоргон рӯйи Баҳром дид,
Шаҳаншоҳ лабро ба дандон газид.

Нафармуд бурдан ба пешаш намоз,
Зи ёрон суханро ҳаме дошт роз.

---

Нишаст аз бари бора Баҳромшоҳ,
Ҳаме ронд бо сози нахчиргоҳ.

Ба бозоргон гуфт: «Лабро бубанд,
К – аз ин судмандему з – он богазанд.

Гар ин роз дар Ҳинд пайдо шавад,
Зи хун хоки Эрон чу дарё шавад».

Кушода буд он кор, к – ӯ лаб бубаст,
Лабон баста бояд, кушода ду даст.

Забони шуморо ба савганд сахт
Бубандем, то боз ёбем тахт,[1]

Ки «Мо ҳаргиз аз роҳи Баҳромшоҳ
Напечему дорем розаш нигоҳ».

Чу савганд шуд хӯрдаву сохта,
Дили шоҳ аз он ранҷ пардохта,

Бад – эшон чунин гуфт пас шаҳрёр,
Ки «Назди шумо рози ман зинҳор

Бидоред, бо ҷон баробар кунед,
Чу хоҳед, к – аз пандам афсар кунед.

Гар аз ман шавад тахт пардохта,
Сипоҳ ояд аз ҳар сӯе сохта.

На бозоргон монад эдар, на шоҳ,
На деҳқон, на лашкар, на тахту кулоҳ»[2].

Чу з – он гуна диданд гуфтори ӯй,
Бирафтанд гирёну[3] пур-об рӯй,

Ки «Ҷони бузургон фидои ту бод,
Ҷавониву шоҳӣ ридои ту бод.

Агар ганҷи рози ту пайдо шавад,
Зи хун кишвари мо чу дарё шавад,

---

1. ТПЗИЛ – Бигӯед, к – аз пок бартар Худой,
Буридему бастем бо дев пой.
2. И – б. 2288 – 2291 нест.
3. Л – ғалтону

Кӣ ёрад бад – ин гуна андеша кард,
Хирадро табар, ройро теша кард[1]?»

Чу бишнид шоҳ ин[2], гирифт офарин,
Бар он номдорони покизадин.[3]

Ҳаме тохт, то пеши дарё расид,
Мар эрониёнро ҳама хуфта дид.

Барангехт киштиву заврақ бисохт,
Ба заврақ Сапенудро дарнишохт.

Ба хушкӣ расиданд, чун рӯз гашт,
Гаҳи тобиши гетиафрӯз гашт.

## ТОХТАНИ ШАНГУЛ ПАСИ БАҲРОМИ ГӮР ВА ШИНОХТАНИ Ӯ

Саворе зи Қаннуҷ тозон бирафт
Ба огоҳ кардан бари шоҳ тафт.

Шунид ин сухан Шангул аз некхоҳ,
Чу оташ биёмад аз он ҷашнгоҳ.

Бад-ин гуна то пеши дарё расид,
Сапенуду Баҳроми ялро бидид.

Ғамӣ гашту бугзошт дарё ба хашм,
Ба фарзанд гуфт: «Эй бади шӯхчашм,

Ту бо ин фиребанда марди далер
Зи дарё гузаштӣ ба кирдори шер.

Ниҳонӣ зи ман сӯи Эрон шавӣ,[4]
Зи минуи[5] хуррам[6] ба вайрон шавӣ.[7]

1. ТПЗИЛ – Ҳаме рафт печон ба айвони хеш
Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.
Л – Магар бахтро гӯяд аз роҳ бард.
2. И – хусрав; Л – он.
3. И – бododу дин; Л – бофарру дин.
4. Л - Ки бе огаҳи ман ба Эрон шавед,
5. Л- Аз ин марзи
6. И- обод мину
7. Л- шавед.

Бубинӣ кунун захми жӯпини ман,
Чу ногоҳ рафтӣ зи болини ман.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Эй баднишон,
Чаро тохтӣ асп чун беҳушон!

Маро озмудӣ, ки дар корзор
Чунонам, ки бо бодаву майгусор.

Ту донӣ, ки аз ҳиндувон сад ҳазор[1]
Бувад пеши ман камтар аз як савор.

Чу ман бошаму номвар ёр сӣ,
Зиреҳдор бо ханҷари порсӣ,

Пур аз хун кунам дидаи ҳиндувон,
Намонам, ки бошад яке боравон».

Бидонист Шангул, ки ӯ рост гуфт,
Далериву мардӣ[2] нашояд нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки «Фарзандро
Бияфкандаму хешу пайвандро,

Зи дида гиромитарат доштам,
Ба сар-бар ҳаме афсарат доштам.

Туро додам онро, ки худ хостӣ,
Маро ростӣ буд, туро костӣ.

Ҷафо баргузидӣ ба ҷойи вафо
Вафоро ҷазо кай шунидӣ ҷафо?!

Чӣ гӯям туро, к-он фарзанд буд,
Ба андешаи[3] ман хирадманд буд.

Кунун чун диловарсаворе шудаст,
Гумонад, ки ӯ комгоре[4] шудаст.

1. И- ин ҳиндуи бешумор
2. И- Бузургиву гурдӣ
3. И-андеша бо
4. Л- шаҳриёре

Дили порсӣ бовафо кай бувад,
Чу оре кунад,[1] ройи ӯ най бувад.

Чунон баччаи шер будӣ дуруст,
Ки аз хун дили доягонаш бишуст.

Чу дандон бароварду шуд тезҷанг,
Ба Парвардгор омадаш ройи ҷанг».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Чун донияم,
Бадандешу бадсоз чун хонияm?

Ба рафтан набошад маро сарзаниш,
Нахонӣ[2] маро баддилу бадкуниш.

Шаҳаншоҳи Эрону Тӯрон манам,
Сипаҳдори пушти далерон манам.

Аз ин пас сазои ту некӣ кунам,
Сари бадсиголон зи тан барканам.

Ба Эрон ба ҷойи падар дорамат,
Ҳам аз божи кишвар наёзорамат.

Ҳамон духтарат шамъи Ховар бувад,
Сари бонувонро чу афсар шавад».[3]

Зи гуфтори ӯ монд Шангул шигифт,
Зи сар шораи ҳиндувон[4] баргирифт.

Бизад аспу аз пеши чандон сипоҳ
Биёмад ба пӯзиш ба наздики шоҳ.[5]

Шаҳаншоҳро шод дар бар гирифт,
В-аз он гуфтаҳо пӯзиш андаргирифт.

Ба дидор Баҳром шуд шодком,
Биёрост хону биёвард ҷом.

1. Л- ёрӣ кунӣ
2. И- Чӣ хонӣ
3. Ил-бувад
4. Л- хиндувӣ
5. И- б. 2330 нест

Баровард Баҳром роз аз нуҳуфт,
Суханҳои Эрон ба Шангул бигуфт.[1]

Ки кирдор[2] чун буду андеша чун,
Ки будам бад-ин достон[3] раҳнамун.

Мае чанд хӯрданду бархостанд,
Забонҳо зи[4] пӯзиш биёростанд.

## БОЗГАШТАНИ ШАНГУЛ БА ҲИНД ВА БАҲРОМ БА ЭРОН

Ду шоҳи буторову[5] яздонпараст
Вафоро бисуданд бо даст[6] даст,

К-«Аз ин пас дили ростӣ нашканем,
Ҳаме бехи кажжӣ зи бун барканем.

Вафодор бошем то ҷовидон,
Сухан бишнавем аз лаби бихрадон».

Сапенудро низ падруд кард,
Бари хеш тору бараш пуд кард.

Сабук пушт бар якдигар гоштанд,
Зи дил кина бар хок бугзоштанд.

Яке сӯи хушкӣ, дигар сӯи об
Бирафтанд шодондилу пуршитоб.

## ПАЗИРА ШУДАНИ ЭРОНИЁН ШОҲ БАҲРОМИ ГӮРРО

Чу огоҳӣ омад ба Эрон, ки шоҳ
Биёмад зи Қаннуҷ худ бо сипоҳ,

Бубастанд озин ба роҳу ба шаҳр,
Ҳаме ҳар кас аз ком бардошт баҳр.

1. И- б. 2332, 2333 нест.
2. И-гуфтор.
3. И-бар ин корҳо.
4. ИЛ-ба
5. ИЛ-буторои
6. И-ба савганд бурданд

Дирам рехтанд аз карон то карон,
Ҳамон[1] мушку динору ҳам заъфарон.[2]

Чу огоҳ шуд з-он сухан Яздгирд,
Сипоҳи парокандаро кард гирд.

Чу Нарсию чун[3] мӯбади мӯбадон
Пазира шудандаш ҳама бихрадон.

Чу Баҳромро дид фарзанди ӯй,
Пиёда бимолид бар хок рӯй.

Бародар-ш Нарсию мӯбад ҳамон
Пур аз гард рухсору дил шодмон.[4]

Пас он гаҳ[5] биёмад ба айвони хеш,
Ба Яздон супурда тану ҷони хеш.

Биёсуд,[6] чун гашт гетӣ сиёҳ,
Ба кирдори симинсипар гашт моҳ.

Чу пироҳани шаб бидаррид рӯз,
Падид омад он шамъи гетифурӯз,

Шаҳаншоҳ[7] бар тахти заррин нишаст,
Дари бор букшоду лабро бубаст.

Бирафтанд ҳар кас,[8] ки буд меҳтаре,
Хирадманду дар[9] подшоҳӣ саре.

---

1. Л-Ҳам аз: И-Ҳама
2. ТПМ- Ҳама кас ба шодӣ ниҳоданд рӯй,
   Забон шоҳгӯю равон шоҳҷӯй.
3. И-Нарсӣ або
4. ТПМ- Зи шодӣ дили мардуми рӯзгор
   Ҳаме тоза шуд чун гул андар баҳор,
   Ки омад шаҳаншаҳ сӯи тахти хеш,
   Ба дил хуррам аз фарру аз бахти хеш.
5. ИЛ-Чунон ҳам
6. ИЛ-Баросуд
7. И-Сипаҳдор
8. И-то ҳар
9. И-Ҳунарманду бар

Ҷаҳондор бар[1] тахт - бар пой хост,
Биёрост покиза гуфтори[2] рост.

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард.
Зи воми хирад гардан озод кард.

Чунин гуфт, к-«Аз Кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон

Битарседу[3] ӯро ситоиш кунед,
Шаби тира пешаш ниёиш кунед,

Ки ӯ дод пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди тобанда хуршеду[4] моҳ.

Ҳар он кас, ки хоҳад.ки ёбад биҳишт,
Магардед гирди баду кори зишт.

Чу доду диҳиш бошаду ростӣ,
Бупечад дил аз каҷживу костӣ.

Зи мо кас мабошед аз ин пас ба бим,
Агар кӯҳи зар дораду ганҷи сим.

Зи дилҳо ҳама тарс берун кунед,[5]
Ҳама некуиҳо ба афзун кунед.[6]

Кашоварз бо марди деҳқоннажод
Яке шуд бари мо ба ҳангоми дод.

Касеро ки мо тоҷ додему тахт,
Зи Яздон шиноседу аз доди бахт.

Бар ин низ агар хости Яздон бувад,
Дилам равшан аз бахт хандон бувад,

Бар ин некуиҳо физоиш кунам,
Сӯи некбахтӣ намоиш кунам.

1. ИЛ-аз
2. И-гуфтори покиза
3. Л-Бипурседу
4. И-гарданда хуршеду
5. И-кунем,
6. И-кунем.

Накӯшам ба огандани ганҷ ман,
Нахоҳам парокандани анҷуман.

Яке ганҷ хоҳам ниҳодан зи[1] дод,
Ки бошад равонам пас аз марг шод.

Гар аз лашкару кордорони ман,
Зи хешони ҷангисаворони ман

Касе ранҷҳо[2] диду бо ман[3] нагуфт,
Ҳаме дорад[4] он кажжӣ андар нуҳуфт,

Варо аз тани хеш бошад база,
База кай гузинад касе бе маза.

Манам пеши Яздон аз ӯ додхоҳ,
Ки дар чодари абр бинҳуфт моҳ,

Шуморо магар дигар аст орзуй[5]
Ки ҳар кас дигаргуна бошад ба хӯй.[6]

Бигӯед густох бо ман сухан,
Магар нав кунем орзуи куҳан.

Ҳама гӯш дореду фармон кунед,
Аз ин панд[7] ороиши ҷон кунед».

Бигуфт ину биншаст бар тахт шод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Буургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки «Бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Чу доно бувад шоҳу пирӯзбахт,
Бинозад бар ӯ кишвару тоҷу тахт.[8]

1. Л-ба
2. И-ранҷи тан.
3. Л-Ҳаме ранҷ бугзиду бо кас
4. Л – Ҳамедошт
5. Л - орзу
6. Л – хӯ.
7. И – Зи панди ман; Л – пандам
8. И – б. 2378 нест.

Туро донишу мардиву фаррахӣ
Фузун омад аз тахти шоҳаншаҳӣ,

Бузургиву ҳам гавҳару ҳам нажод,[1]
Чу ту шоҳ гетӣ надорад ба ёд.

Кунун офарини ту шуд бегузир,[2]
Ба мо ҳар кӣ ҳастем барнову пир.

Ҳам[3] озодии ту ба Яздон кунем,
Ҳамон[4] пеши озодмардон[5] кунем.

Бар ин тахти арзониён аст шоҳ
Ба доду ба пирӯзиву дастгоҳ.

Ҳаме мурдагонро барорӣ зи хок.
Ба доду ба бахшиш ба гуфтори пок.[6]

Худованди доранда ёри ту бод,
Сари ахтар андар канори ту бод!»

Бирафтанд бо ромиш аз пеши тахт.
Бузургони[7] фарзонаву[8] некбахт.

Нишаст он замон шоҳу лашкар бар асп,
Биёмад сӯи хони Озаргушасп.

Басе[9] зарру гавҳар ба дарвеш дод,
Ниёз он ки бинҳуфт, аз ӯ беш дод.

Парастандаи озари[10] Зардуҳушт
Ҳаме рафт бо божу барсам ба мушт.[11]

1. И – Ба мардонагиву ба ганҷу ба дод
2. ИЛ – ногузир,
3. И – Ки
4. Л – Дигар
5. И – В-агар пеши яздонпарастон
6. И – 2384 нест.
7. И – Бузургону
8. Л – фарзонаи
9. Л – Ҳаме
10. Л – оташи
11. Л – бож сӯи куништ.

Сапенудро пеши ӯ бурд шоҳ,
Биёмӯхташ дину оину роҳ.

Бишусташ ба дини беҳу оби пок.
В-аз ӯ дур шуд гарду жангору[1] хок.

Дари танги зиндонҳо боз кард,
Ба ҳар кас дирам додан оғоз кард.

## ОМАДАНИ ШАНГУЛ БО ҲАФТ ПОДШОҲ НАЗДИ БАҲРОМИ ГӮР

Пас огоҳ шуд Шангул аз кори шоҳ,
Зи духтар, ки буд шоҳро пешгоҳ.

Ба дидори Эрон будаш орзу
Бари духтару шоҳи озодахӯ.

Фиристод ҳиндӣ фиристодае,
Сухангӯй мардеву озодае.

Яке аҳди нав хост аз шаҳрёр,
Ки дорад ба хона-дарун ёдгор.

Ба наввӣ ҷаҳондор[2] аҳде навишт[3]
Чу хуршеди тобон ба боғи биҳишт.

Яке паҳлавӣ нома аз[4] хатти шоҳ
Фиристода оварду паймуд[5] роҳ.

Фиристода чун назди Шангул расид,
Сипаҳдори Қаннуҷ хатро бидид.

Зи Ҳиндустон сози рафтан гирифт,
Зи хешони чинӣ нуҳуфтан гирифт.

1. Л – зангори
2. И – сипаҳдор
3. И – набишт,
4. И – паҳлавӣ аҳд бар
5. ИЛ – бинмуд

Биёмад ба даргоҳи ӯ ҳафт[1] шоҳ,
Ки оянд бо шоҳ[2] Шангул ба роҳ.

Яке шоҳи Кобул, яке[3] Синдшоҳ,
Дигар Ҷӯгиёншоҳи бофарру гоҳ.

Дигар шоҳи Сандал, ки буд номдор,
Ҳамон шоҳи Ҷандал, гави комгор.[4]

Дигар шоҳи Кашмири бодастгоҳ,
Дигар Мӯлтоншоҳи бофарру ҷоҳ.[5]

Ҳама номҷӯю ҳама тоҷдор,[6]
Ҳама нек бо тавқу бо гӯшвор.[7]

Ҳама вижа бо гавҳару симу зар[8]
Яке чатри ҳиндӣ зи товуси нар.[9]

Ба дебо биёроста пушти пил,
Ҳаме тохт он лашкар аз чанд мил

Або ҳадяи шоҳу[10] чандон нисор,
Ки динор шуд хор бар шаҳрёр.[11]

Чунин шоҳ Шангул або ҳафт шоҳ
Ҳаме ронд манзил ба манзил ба роҳ.[12]

---

1. И – Бирафтанд дар хидматаш панҷ
2. И – буданд ҳамроҳи
3. И – дигар
4. И – Пас аз б. 2403 ин б. омада:
 Або борапилону кӯсу дарой.
 Паси пушти ҳар як дирафше ба пой.
5. И – б. 2404 нест.
6. И – комгор,
7. М – Ҳама пок бо тавқу бо гӯшвор.
8. ТПЗЛ – Або жандапилону зангу дарой,
 Яке чатр ҳар як ба сар-бар ба пой.
 Ҳама пок бо лашкару сози роҳ.
 Ҳама номдорони боиззу чоҳ.
9. Л – б. 2406 нест.
10. И – гавҳару зарру
11. И – номдор.
12. И – Ҳаме роид манзил ба манзил сипоҳ,
 Чу огоҳӣ омад ба фархунда шоҳ;
 Л – Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,
 Чу аз омаданшон шуд огоҳ шоҳ;

Чу аз омадаш огаҳӣ ёфт шоҳ,
Биёрост лашкар, бурун шуд зи роҳ.[1]

Бузургони ҳар шаҳр бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Биёмад шаҳаншоҳ то Наҳравон,
Хирадпиру бедору[2] давлатҷавон.

Ду шоҳи гаронмоя, ду нексоз[3]
Расиданд пас як ба дигар фароз.

Ба наздик-андар фуруд омаданд,
Або пӯзишу бо дуруд омаданд.

Гирифтанд ҳар[4] якдигарро[5] ба бар
Ду шоҳи сарафрози ботоҷу фар.[6]

Пиёда шуда лашкар аз ҳар ду рӯй,
Ҷаҳоне саросар[7] пур аз гуфтугӯй.

Ду шоҳи ду кишвар расида ба ҳам,
Ҳаме рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Ба зин барнишастанд ҳар ду савор,
Ҳамон пурҳунар лашкари номдор.[8]

Ба[9] айвонҳо тахти заррин ниҳод,
Бар ӯ ҷомҳо[10] хусравоин[11] ниҳод.

Яке[12] тирпартоб бар хон ниҳод,
Бар ӯ барраву мурғи бирён ниҳод.

ТПЗ – Чу наздики Эрон фароз омаданд,
Ба чандон гаронмоя соз омаданд!

1. ИЛ – б. 2410 нест.
2. Л – хушёру
3. Л – гаронмояи сарфароз.
4. И – мар
5. Л – мар ҳар якеро
6. И – гаронмояву пурҳунар.
7. И – зи шодӣ
8. И – 2417, 2418 нест.
9. И – Дар
10. И – Ба-дар ҷомаи
11. Л – ҷомҳои навоин
12. Л – Ба як

Чу нон хӯрда шуд, маҷлиси шоҳвор
Биёрост пурбӯю рангу нигор.[1]

Май овард бар хону ромишгарон,
Ҳама ҷома буд аз карон то карон.

Ҳама ҷоми бода саросар[2] булӯр,
Табақҳои заррину заррин хунур.[3]

Зи зар афсарон[4] бар сари майгусор,
Ба пой-андарун кафши гавҳарнигор.

Фурӯ монд з-он кох Шангул шигифт,
Ба май хӯрдан андеша андаргирифт,

Ки Эрон биҳиштест ё бӯстон,
Ҳаме бӯйи мушк ояд аз дӯстон.

Чунин гуфт бо шоҳи Эрон ба роз,[5]
Ки «Бо духтарам роҳи дидор соз».

Бифармуд, то ходимони сипоҳ
Падарро гузоранд наздики моҳ.

Ҳаме рафт бо ходимон номдор,[6]
Сарои дигар дида[7] чун навбаҳор,

Чу духтар-шро дид бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳода зи беҷода[8] тоҷ,

Биёмад падар, бар сараш бӯса[9] дод,
Рухонро[10] ба рухсори ӯ барниҳод.

Падар зор бигрист аз меҳри ӯй,
Ҳамон бар падар духтари хубрӯй.

---

1. Ил – б. 2421 нест.
2. Л – май буд яксар
3. Л – мушку бухур.
4. ИЛ – афсаре
5. И – пас шоҳ бо сарфароз,
6. И – шаҳриёр,
7. И – дид
8. И – Нишаста ба орому бо фарру
9. И – маху дасти ӯ бӯс
10. И – Ду рухро

Ҳаме даст барсуд Шангул ба даст,
Аз он коҳу айвону ҷойи нишаст.

Сапенудро гуфт: «Инат[1] биҳишт,
Бирастӣ зи кохи баду ҷойи[2] зишт».

Ҳамон ҳадяҳое, ки оварда буд,
Агар бадраву тоҷ, агар барда буд,

Бад-ӯ дод бо ҳадяи шаҳрёр,
Шуд он хуррамайвон чун навбаҳор.[3]

Ҳама гавҳару ҷомаву тоҷҳо,[4]
Кас онро[5] надонист кардан баҳо.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба наздики шоҳ
Ҳаме кард мард андар айвон нигоҳ.[6]

Бузургон чу хуррам шуданд аз набид,
Бишуд Шангулу хобгоҳе гузид.

Чу пайдо шуд он чодари мушкранг,
Ситора бар ӯ ҳамчу[7] пушти паланг.

Гузиданд майхорагон хоби х(в)аш,
Парастандагон даст карда ба каш.

Чунин то падид омад он зардҷом,
Ки хуршед хонӣ мар ӯро ба ном.

Бияндохт[8] он чодари ложвард,
Бигустурд бар дашт ёқути зард,

Ба нахчир шуд шоҳ[9] Баҳроми гурд,
Шаҳаншоҳи Ҳиндустонро[10] бибурд.

1. ИЛ – к-«инат
2. И – Буторои
3. Л – Чу боғи баҳор.
4. Л- тоҷ бо ҷомаҳо,
5. И – Ки мӯбад
6. Л- Зи шодӣ шуда ройи ӯ бодахоҳ.
7. Л- баромад
8. И – Бидаррид
9. И – нахчиргаҳ рафт
10. И – Шаҳи ҳиндувонро або худ

Сӯи дашти нахчир бо юзу боз,
Ҳамон чарғу шоҳини гарданфароз,

Ба нахчири гӯрону оҳу ба дашт
Ҳама як маҳе рӯзи эшон гузашт.

Замоне накарданд дилро дижам,
Надиданд аз эшон касе дарду ғам.

Сари моҳро рӯй бартофтанд,
Сӯи бодаву базм биштофтанд.[1]

Чунин шоҳ Шангул[2] ба нахчиру сур,
Замоне набуд аз ҷаҳондор[3] дур.

Ба майдону маҷлис ба базму ба гӯй
Напартофт як рӯз аз шоҳ рӯй.

## БОЗГАШТАНИ ШАНГУЛ АЗ ЭРОН БА ҲИНДУСТОН

Бар ин рӯзгоре баромад дароз,
Шаҳи ҳиндувон роҳро кард соз.[4]

Биёмад зи майдони тиру камон,
Бари духтари хеш рафт он замон,

Қалам хост он шоҳу қиртос хост,
Зи мушки сияҳ суда анқос хост.

Яке хатт бинвишт бар ҳиндувӣ,
Пур аз дод монандаи паҳлавӣ.[5]

Сари аҳд кард офарин аз нахуст,
Бар он к – ӯ ҷаҳон аз нажандӣ бишуст.

Бигустурд покиву ҳам ростӣ,
Сӯи дев шуд кажживу костӣ.

---

1. ИЛ – Б. 2446 – 2449 нест.
2. Л – ҳам ба гӯю
3. И – намебуд зи Баҳром
4. ИЛ – б. 2451, 2452 нест.
5. ТПЗ – Ки «Ман банда бар роҳи оину дин,
   На аз роҳи хашму на аз рӯи кин».

«Сапенудро ҷуфти Баҳромшоҳ
Супурдам бад – ин номвар пешгоҳ.

Шаҳаншоҳ то ҷовидон зинда бод,
Бузургон ҳама пеши ӯ банда бод[1].

Чу ман бугзарам з - ин сипанҷи сарой,
Ба Қаннуҷ Баҳром шоҳ аст рой.

Зи фармони он тоҷвар магзаред,
Тани мурдаро пеши оташ баред.

Супоред ганҷам ба Баҳромшоҳ,
Ҳамон кишвару коху тахту[2] кулоҳ»,[3]

Сапенудро дод маншури Ҳинд
Навишта хати ҳиндувӣ бар паринд.

Ба Эрон ҳаме буд Шангул ду[4] моҳ,
Фиристод пас меҳтаре[5] назди шоҳ.

Ба дастурии бозгаштан ба ҷой
Худу номдорони фархундарой.

Бад – он шуд шаҳаншоҳ[6] ҳамдостон,
Ки ӯ бозгардад ба Ҳиндустон.

Зи чизе, ки бошад ба Эронзамин,
Бифармуд, то кард мӯбад гузин.

Зи динор в – аз гавҳари симу зар,
Зи тахту зи тоҷу зи теғу[7] камар,

Зи дебову аз ҷомаи нобисуд,
Ки онро шумору карона набуд.

Бар андоза ёрон-шро ҳамчунин
Биёрост аспону дебои Чин.

1. И – б. 2460 нест.
2. И – босму гоҳу
3. Л – тоҷу гоҳу сипоҳ,
4. И – се
5. И – Расуле фиристод пас.
6. И – кор шуд шоҳ
7. Н – кулоҳу

Гусӣ кардашон шоду хушнуд шоҳ,
Се[1] манзил ҳаме ронд бо ӯ ба роҳ.

Набуд ҳам бар ин ҳадя ҳамдостон,
Алаф дод то марзи Ҳиндустон.

## БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХИРОҶ БА ДЕҲҚОНОН

Чу бозомад аз роҳ Баҳромшоҳ,
Ба ором биншаст бар пешгоҳ.

Зи маргу зи рӯзи бад андеша кард,
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Сарфароз мӯбад, ки будаш вазир.

Ҳаме хост, то ганҷҳо бингарад,
Зару гавҳару ҷомаҳо бишмарад,

Ки ӯро[2] ситорашумар гуфта буд,
Зи гуфтори эшон барошуфта буд,

Ки бошад туро зиндагонӣ се бист,
Чаҳорум зи маргат бибояд гирист.

Ҳаме гуфт, шодӣ кунам бист сол,
Ки дорам ба рафтан зи гетӣ ҳамол.

Дигар бист аз доду бахшиш ҷаҳон
Кунам рост дар[3] ошкору ниҳон.

Намонам, ки вайрон бувад гӯшае,
Биёбад зи ман ҳар касе тӯшае.

Севум бист бар пеши Яздон ба пой
Бибошам, магар бошадам раҳнамой.

1. Л – Ду.
2. Л – бо ӯ
3. ИЛ – бо

Ситорашумар шасту сесола гуфт,
Шумори се солаш буд андар нуҳуфт.

Зи гуфти ситорашумар дид ранҷ,
Агарчанд будаш ба харвор ганҷ.

Хунук марди беранҷу парҳезкор,
Бавижа касе, к – ӯ бувад шаҳрёр.[1]

Чу дастури шаҳ баргирифт он шумор,
Пурандеша омад бари шаҳрёр.

Бад – ӯ гуфт: «То бисту се сол низ,
Ҳамоно ниёзат наёяд ба чиз.

Зи хӯрду зи бахшиш гирифтам шумор
Дирамҳои ин лашкари номдор.

Фиристодае низ, к – ояд барат,
Зи шоҳону аз номвар кишварат,

Бар ин сол ганҷи ту оростаст,
Ки пур зарру сим асту пур хостаст».

Чу бишнид Баҳром, андеша кард,
Зи дониш ғами норасида нах(в)ард.

Бад – ӯ гуфт: «Кӯтоҳ шуд доварӣ,
Ки гетӣ се рӯз аст, чун бингарӣ.

Чу дӣ рафту фардо наёмад ҳанӯз,
Набошем аз андеша имрӯз кӯз.

Чу бахшиданӣ бошаду тахту тоҷ,[2]
Зи гетӣ нахоҳем аз ин пас[3] хироҷ».

Бифармуд пас, то хироҷи ҷаҳон,
Нахоҳанд низ аз кеҳону меҳон.

Ба ҳар шаҳр марде падидор кард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард,

1. И – б. 2485 нест.
2. Л – бошад ин тахти оҷ,
3. Л – Нахоҳем аз ин пас зи гетӣ

Бад – он то начӯянд пайкори бад,
Наёяд зи пайкор чуз кори бад.

Зи ганч ончи боистшон хӯрданӣ,
Зи пӯшиданӣ ё зи густурданӣ,

Бад – ин пурхирад мӯбадон дод гуфт,
Ки «Неку бад аз ман набояд нуҳуфт.

Миёни суханҳо миёнҷӣ бувед,
Махоҳед чизе гувонҷӣ бувед.

Маро аз баду нек огаҳ кунед,
Зи бадҳо гумонем кӯтаҳ кунед.

Пароканда шуд мӯбад андар[1] ҷаҳон,
Намонд эч кину бад андар[2] ниҳон.

Бад – он бихрадон корҳо баста шуд,
Зи ҳар кишваре нома пайваста шуд,

Ки аз доду бекораву хоста
Хирад шуд ба мағз-андарун коста.

Зи бас ҷангу хун рехтан дар ҷаҳон,
Ҷавонон надонанд[3] арҷи меҳон.

Дил оганда гардад[4] ҷавонро ба чиз,
Наяндешад аз мӯбаду шоҳ[5] низ».[6]

Бар ин гуна чун нома пайваста шуд,
Зи хун рехтан шоҳ дилхаста шуд.

Зи ҳар кишваре[7] кордоре гузид
Пур аз доду[8] дониш чунон чун сазид.

---

1. И – ин сухан дар
2. И – Баду нек чизе намонад
3. ИЛ – бидонанд
4. И – чун шуд
5. И – аз шоҳу мӯбад ба
6. ТПЗИ – Зи бешӣ ба кажжӣ ниҳоданд рӯй,
   Пур аз ранҷ гаштанду пархошҷӯй.
   Кашоварзу деҳқону бекормард,
   Ҳама разм ҷӯянду нангу набард.
7. Л – гӯшае
8. И – Або рою

Ҳам аз ганҷ шуд[1] пӯшишу хӯрдашон,
Зи бахшидану низ[2] густурдашон,

Ки шаш моҳ девон биёростӣ,
В – аз он зердастон дирам хостӣ.

Ниҳодӣ бар он сим номи хироҷ,
Ба девон ситонанда бо фарру тоҷ.

Ба шаш моҳ бистад, ба шаш боз дод,
Набудӣ ситонанда з – он сим шод.

Бад – он чора то марди бекор хун
Нарезад, набошад ба бад раҳнамун.

В – аз он пас навиштанд корогаҳон,
Ки аз дод шуд эманӣ аз ҷаҳон,

Ки ҳар к- аш дирам буд, хироҷаш набуд,
Ба сар – ш-андарун довариҳо фузуд.

Зи бешӣ[3] ба кажжӣ[4] ниҳоданд рӯй,
Пурозор[5] гаштанду пархошҷӯй.[6]

Чу ин нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил-ш[7] андарафтод аз он[8] кор шӯр.

Зи ҳар кишваре марзбонон гузид,
Пур аз дод дилшон чунон чун сазид.

Бифармуд, к-онро, ки резанд хун,
Гар оранд кажжӣ ба дод-андарун,

Биронед фармони Яздон бад-ӯй,
Бад-он то шавад ҳар касе чораҷӯй.[9]

1. Л – буд
2. Л – боз
3. Л – пурӣ
4. И – кундӣ ба тезӣ
5. Л- Пур аз ранҷ
6. И – пайкорҷӯй.
7. И – дил
8. И – з-он
9. ТПЗИЛ – Зи* даргоҳ яксола рӯзӣ бидод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

* Л - Ба

Баромад бар ин - бар басе рӯзгор,
Яке нома фармуд пас шаҳрёр

Сӯи ростгӯёну[1] корогаҳон,
Куҷо ӯ[2] пароканда буд дар ҷаҳон,

Ки «Андар ҷаҳон чист носудманд,
Ки орад бад-ин подшоҳӣ газанд?».

Навиштанд посух, ки «Аз доди шоҳ
Нагардад касе гирди оину роҳ.

Бишуд рою андешаи кишту варз,
Ки мардум зи варзиш ҳаме гирад арз,[3]

Пароканда бинем говони кор,
Гиё руста аз кишту аз киштзор.[4]»

Чунин дод посух, ки «То ним рӯз,
Ки боло кашад меҳри[5] гетифурӯз,

Набояд баросудан аз кишту варз,
Касе к – аш кашоварзӣ ӯрост арз.[6]

Дигар нимаро хобу осоиш аст,
В – агар хӯрдану кому ороиш аст,[7]

Касе, к-ӯ надорад ҳаме тухму гов,
Ту бо ӯ ба тундиву зуфтӣ маков.

Ба хубӣ[8] наво кун ту ӯро зи ганҷ,
Кас аз нестӣ то набошад ба ранҷ,

---

1. И – корҷӯёну
2. И – Куҷошон
3. ИЛ – Ба ҳар сӯ гиё русту бекор марз.
4. Л- дар дашту дар марғзор.
5. Л – гирад чархи
6. Л – Набояд кас осуда аз кори варз,
Ки мардум зи варзиш ҳамегирад арз.
7. ТПМ – Касе к-ӯ биёсояд аз кишту варз,
Зи беварзмардум маҷӯед арз,
Ки бекории ӯ зи бедонишист,
Ба бедонишон - бар бибояд гирист.
8. Л-чарбӣ

Гар эдун, ки бошад зиён аз ҳаво,
Набошад касе бар ҳаво подшо.

Чу ҷое бипӯшад заминро малах,
Барад сабзии киштмандон ба шах,

Ту аз ганҷ товони он боздеҳ,
Ба кишвар зи фармуда овоз деҳ,

В-агар нобарӯманд роҳе[1] бувад,
В-агар бар замин гӯргоҳе[2] бувад,

Ки нокишта бошад ба гирди[3] ҷаҳон,
Зи марзи фурӯмоягону[4] меҳон.

Аз ин ҳар чӣ[5] гуфтам, махоҳед чиз,
В-агар кас ситонад аз он як пашиз.[6]

Касе к-ӯ бар ин[7] пойкори ман аст,
Агар[8] вижа парвардгори ман аст,

Кунам зинда дар гӯр ҷое, ки ҳаст,
Мабодаш нишему мабодаш нишаст».

Ниҳоданд бар нома- бар мӯҳри шоҳ,
Ҳаюне барафканд ҳар сӯ ба роҳ.[9]

## ХОНДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ЛӮРИЁНРО АЗ ҲИНДУСТОН

В-аз он пас ба ҳар мӯбаде нома кард,
Касеро,[10] ки дарвеш буд, ҷома кард.

Бипурсидашон, гуфт: «Беранҷ кист,
Ба ҳар ҷой дарвешу беганҷ кист?

1. Л-бар замин варзгоҳе
2. Л- Магар з-он барӯманд роҳе
3. И- монад ба рӯи
4. И-Замини фурӯмоягони
5. И- кӣ.
6. Л-б.2539 нест.
7. Л-Касеро, ки вай
8. Л-В-агар
9. И-б.2542 нест.
10. Л – Ба ҷое,

Зи кори ҷаҳон яксар огаҳ кунед,
Диламро сӯи равшанӣ раҳ кунед».

Биёмад – ш посух зи ҳам мӯбаде,
Зи ҳар номдореву[1] ҳар бихраде,

Ки обод бинем рӯи замин,
Ба ҳар ҷой пайваста гашт[2] офарин.

Магар марди дарвеш, к – аз шаҳрёр
Бинолад ҳаме в – аз бади рӯзгор,

Ки чун май гусорад тавонгар ҳаме,
Ба сар-бар зи гул дорад афсар ҳаме.

Бар овози ромишгарон май х(в)арад,[3]
Чу мо мардумонро ба кас нашмарад.[4]

Тиҳидаст беруду гул май х(в)аранд,[5]
Тавонгар ҳамон ҷону дил парваранд».[6]

Бихандид аз он нома бисёр шоҳ,
Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ.

Ба наздики Шангул фиристод кас,
Чунин гуфт, к – «Эй шоҳи фарёдрас,

Аз он лӯриён баргузин даҳ ҳазор
Нару мода бар захми барбат савор».[7]

Чу лӯрӣ биёмад ба наздики[8] шоҳ,
Бифармуд, то баркушоданд роҳ.

---

1. И – кордореву
2. И – шуд
3. Л – хӯред,
4. Л – Машмаред; И – Тавонгар надорад ҳамоно хирад.
5. Л – хӯрад,
6. Л – Ҳамоно надорад хирад»;
   И – Хӯрад марди дарвеш беноюю руд,
   Ситам худ ҳамин аст, бо оби руд,
7. ТПЗ – Чу нома ба наздики Шангул расид,
   Сар аз фахр бар чархи кайвон кашид.
   Ҳамон гоҳ Шангул гузин кард зуд
   Зи лӯрӣ, куҷо шоҳ фармуда буд.
8. И – баромад ба даргоҳи

Ба ҳар як яке гов доду харе,
Зи лӯрӣ ҳаме хост барзигаре.

Ҳамон низ харвори гандум ҳазор,
Бад – эшон супурд, он ки буд пойкор,[1]

Бад – он, то биварзад ба гову ба хар,
Зи гандум кунад тухму орад ба сар.

Кунад пеши дарвеш ромишгарӣ
Варо ройгонӣ[2] кунад кеҳтарӣ.[3]

Бишуд лӯриву гову гандум бих(в)ард,
Биёмад сари сола рухсора зард.

Бад – ӯ гуфт шоҳ: «Ин на кори ту буд
Парокандани тухму кишту друд.

Харе монд, акнун буна барниҳед,
Бисозед рӯду бирешим[4] диҳед».[5]

Кунун лӯрӣ аз пок гуфтори ӯй
Ҳаме гардад андар ҷаҳон чораҷӯй.

Сагу гург ҳамсояву ҳомроҳ,
Ба дуздӣ шабу рӯз пӯён ба роҳ.

## СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРИ БАҲРОМИ ГӮР

Бад – ин сон ҳаме хӯрд шасту се сол,
Кас андар замона набудаш ҳамол,

Сари соли нав пеши ӯ шуд вазир,
Хирадманд мӯбад, ки будаш дабир,

1. И – ончи омад ба кор.
2. Л – В – ар озодагонро
3. И – б. 2559 нест.
4. И – Бирешим бисозеду захма
5. И – Пас аз б. 2562 ин б. омада:
   Ҳамасола гардед гирди ҷаҳон,
   Накӯҳида назди кеҳону меҳон.

Ки шуд ганҷи шохи бузургон тиҳӣ,
Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ?

«Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ба моли хироҷӣ ба мо нангарад».[1]

Чунин дод посух, ки «Бешӣ масоз,
Ки гаштем аз ин сохтан бениёз.

Ҷаҳонро бад – он бозҳил, к – офарид,
В – аз ӯ омад ин чархи гардон[2] падид.

Ҳаме бугзарад чарху Яздон ба ҷой,
Ба некӣ марову туро раҳнамой».

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ
Биёмад ба даргоҳ бемар сипоҳ.

Гурӯҳе, ки боист карданд гирд,
Бари шоҳ шуд пури ӯ Яздгирд.

Ба пеши бузургон бад – ӯ дод тоҷ,
Ҳамон тавқи боёраву тахти оҷ[3].

Парастидани Эзад омад-ш рой,
Бияндохт тоҷу бипардохт ҷой.

Гирифташ зи кирдори гетӣ шитоб,
Чу шаб тира шуд,[4] кард оҳанги хоб.

Чу бинмуд даст офтоб аз нишеб,
Дили мӯбади шоҳ шуд пурниҳеб,

Ки шоҳи ҷаҳон барнахезад ҳаме,
Магар к-аз каронон гурезад ҳаме.

Биёмад ба назди падар Яздгурд,
Чу дидаш каф андар даҳонаш, фусурд.

---

1. Л – соле хироҷе ба мо биспурад.
2. И – ин офариниш.
3. И – б. 2573, 2574 нест.
4. И - Шаби тирагун

Варо дид пажмурда ранги рухон,
Ба дебои зарбафт – бар дода ҷон.

Чунин асту ин буд, то буд рӯз,
Ту дилро ба ози фузунӣ масӯз.

Битарсад дили сангу оҳан зи марг,
Ҳам эдар туро сохта нест барг,

Беозориву мардумӣ боядат,
Гузашта чу хоҳӣ, ки нагзоядат.

Бишуд шоҳ Баҳроми боёлу гурз,
Набошад бар айвон чунон дасту бурз.[1]

Набуду набошад чун ӯ низ шоҳ,
Худоё, равонаш бишӯй аз гуноҳ.

Ба мину равонаш пур аз нур дор,
Ҳамасола ҷонаш зи бад дур дор!

Чиҳил рӯз сӯги падар дошт шоҳ,
Бипӯшид лашкар кабуду сиёҳ.

Чу дар дахма рафт он шаҳаншоҳи гурд,
Ту гуфтӣ, ки бахшиш зи гетӣ бибурд.

Набинад чу ӯ шоҳ хуршеду моҳ,
На зӯҳра, на кайвон, на тахту кулоҳ.

Дареғ он кайӣ фарру он чеҳру бурз,
Дареғ он баланд ахтару дасту гурз.

Бад – ӯ буд ороста тахту тоҷ,
Зи Руму зи Чин бистад ӯ сову боҷ.

Чунон шуд, ки дарвеши бенону об
Чӣ суд омадаш мардиву ҷангу тоб.

1. Л – пас аз б. 2584 ин б. омада:
Ҳаме нав кунам бахшишу доди ӯй,
Мабодо, ки гирам ба бад ёди ӯй.

Чу камтӯша бо ӯ ба рафтан якест,
Ҳам эдун бар ӯ доғу дард андакест.

Чӣ бояд ҳаме подшоҳиву ноз,
Чу дар подшоҳӣ намонӣ дароз?!

Хунук марди дарвеши бодину ҳуш,
Фаровон ҷаҳонаш бимолид гӯш,

Ки чун бугзарад з – ин ҷаҳон, номи нек
Бимонад аз ӯ ҳам саранҷоми нек.

Бад – он гетӣ ӯро бувад баҳрае,
Ба наздики Яздон бувад шӯҳрае.

На чун ман бувад хору баргаштабахт,
Ба дӯзах фиристода ноком рахт.

На уммеди уқбо, на дунё ба даст,
Саросема аз ҳар ду бар сони маст.[1]

Кунун гар кунад мағзам андеша гирд,
Бигӯям ҷаҳон ҷустани Яздгирд.

1. ИЛ – б. 2599 нест.

# ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРД ПИСАРИ БАҲРОМИ ГӮР

***Ҳаждаҳ сол буд***

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Чу шуд подшо бар ҷаҳон Яздгирд,
Сипоҳи парокандаро кард гирд.

Нишастанд пас мӯбадону радон,
Бузургону солорфаш бихрадон,[1]

Ҷаҳонҷӯй бар тахти заррин нишаст,
Дари ранҷу дасти бадиро бубаст.

Нахустин чунин гуфт, к-«Ӯ аз[2] гуноҳ
Баросуд, эмин шуд аз кинахоҳ.

Ҳар он кас, ки дил тира дорад зи рашк,
Мар он дардро дев бошад пизишк,

Ки рашк оварад озу гурму ниёз,
Дижогоҳ деве бувад кинасоз.

Мар он чиз, к-онат наёяд писанд,
Макун ҳеҷ касро бад-он дардманд.

Мудоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари дониш афсар бувад.

Ба ҷойи касе гар ту некӣ кунӣ,
Мазан бар сараш, то дилаш нашканӣ.

Чу некикуниш бошиву бурдбор,
Набошӣ ба чашми хирадманд хор.

Агар бахти пирӯз ёрӣ диҳад,
Маро бар ҷаҳон комгорӣ диҳад,

Яке дафтаре созам аз ростӣ,
Ки напзирад он кажживу костӣ».

1. И-б 2 нест.
2. Л-к.-Он к-аз

Ҳаме дошт якчанд гетӣ ба дод,
Замона бад-ӯ[1] шоду ӯ низ шод.

Ба ҳар сӯ фиристод бемар сипоҳ,
Ҳаме дошт гетӣ зи душман нигоҳ.

Даҳу ҳашт бугзашт сол аз бараш,
Бинолид, чун тира гашт афсараш.

Бузургону донандагонро бихонд,
Бари тахти заррин ба зону нишонд.

Чунин гуфт, к-«Ин чархи нопойдор
На парварда донад, на парвардгор.

Ба тоҷи гаронмоягон нангарад,
Шикоре ки ёбад, ҳаме бишкарад.

Кунун рӯзи ман бар сар омад ҳаме,
Ба нерӯ шикаст андар омад ҳаме.

Супурдам ба Ҳурмуз кулоҳу нигин,
Ҳама лашкару ганҷи Эронзамин.

Ҳама гӯш дореду фармон кунед,
Зи фармони[2] мо[3] ромиши ҷон кунед.

Агарчанд Пирӯзи бофарру ёл,
Зи Ҳурмуз фузун аст чанде[4] ба сол,

Зи Ҳурмуз ҳаме ёбам оҳистагӣ,
Хирадмандиву шарму шоистагӣ».

Бигуфт ину як ҳафта з-он пас бизист,
Бирафту бар ӯ тахт чанде гирист.

Агар сад бимонӣ, агар бисту панҷ,
Бибояд-т рафтан зи ҷои сипанҷ.

Ҳар он чиз, к-ояд ҳаме дар шумор,
Сазад, гар нахонӣ варо пойдор.

1. И-аз ӯ
2. Л-паймони
3. И-гуфтори ӯ
4. Л-чандин

# ПОДШОҲИИ ҲУРМУЗ
# ПИСАРИ ЯЗДГИРД

***Як солу як моҳ буд***

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҲУРМУЗ ВА СИТАДАНИ ТОҶИ Ӯ БАРОДАРАШ ПИРӮЗ

Чу Ҳурмуз баромад ба тахти падар,
Ба сар барниҳод он кайӣ тоҷи зар.

Ту Пирӯзро вижа гуфтӣ зи[1] хашм,
Ҳаме оби рашк[2] андаромад ба чашм.

Сӯи шоҳи Ҳайтол шуд ногаҳон
Або лашкару ганҷу чанде меҳон.

Чағонишаҳе буд, Фағониш ном
Ҷаҳонҷӯю болашкару ганҷу ком.[3]

Фағонишро гуфт, к-«Эй некхоҳ,
Ду фарзанд будем зебои гоҳ.

Падар тоҷи шоҳӣ ба кеҳтар супурд,
Чу бедодгар буд, супурду[4] бимурд.

Чу лашкар диҳӣ мар маро[5] ганҷ ҳаст,
Силеҳу бузургиву[6] нерӯи даст».

Чағонӣ бад-ӯ гуфт, к-«Оре, равост,
Ҷаҳондорро ҳам писар подшост.

Ба паймон супорам сипоҳе туро,
Намоям сӯи дод роҳе туро,

Ки бошад маро Тирмизу Висагирд,
Ки худ аҳд ин дорам аз Яздгирд».

1. ИЛ-ба
2. И-зард
3. И-б. 4 нест.
4. Л-бибуду
5. И- маро гар ту лашкар диҳӣ
6. И- Бузургиву гурдиву

Бад-ӯ гуфт Пирӯз, к-«Оре, ту рост,
Фузун з-он ҳама подшоҳӣ туроcт».

Бад-ӯ дод шамшерзан сӣ ҳазор
Зи ҳайтолиён лашкаре номдор.

Сипоҳе биёвард Пирӯзшоҳ,
Ки аз гард торик шуд чархи[1] моҳ.

Баровехт бо Ҳурмузи шаҳрёр,
Фаровон набардошт он корзор.

Саранҷом Ҳурмуз гирифтор шуд,
Ҳама тоҷҳо пеши ӯ хор шуд.

Чу Пирӯз рӯи бародар бидид,
Дилаш[2] меҳру пайванди ӯ баргузид.

Бишуд тез, бигрифт[3] дасташ ба даст,
Бифармуд, то борагӣ барнишаст.

Фиристод бозаш[4] ба айвони хеш,
Бар ӯ хонд он аҳду паймони хеш.

Бад-ӯ гуфт Ҳурмуз, ки «Яздон сипос,
Ки доно бувад марди яздоншинос,

Ки аз ман бародар ситад тоҷу тахт,
Ки Пирӯзро бод пирӯз бахт».[5]

1. Л- чарху; И-хуру
2. Л-Ҳама
3. Л-бибсуд
4. И-ӯро
5. И-б. 20 нест.

# ПОДШОҲИИ ПИРӮЗ - ПИСАРИ ЯЗДГИРД

***Ёздаҳ солу чаҳор моҳ буд***

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ПИРӮЗ ВА ХУШКӢ ҲАФТ СОЛ АФТОДАН БАР ЗАМИНИ ЭРОН

Зи Ҳурмуз чу Пирӯз дилшод шуд,
Равонаш зи андеша озод шуд,[1]

Биёмад, ба тахти кайӣ барнишаст,
Чунон чун бувад шоҳи яздонпараст.

Нахустин чунин гуфт бо меҳтарон,
Ки «Эй пурҳунар богуҳар сарварон,[2]

Ҳаме хоҳам аз довари бениёз,
Ки бошад маро зиндагонӣ дароз,

Ки кеҳтар ба кеҳ дораму меҳ ба меҳ,
Фаровонхирад бошаму рӯзбеҳ,

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

Сутуни хирад доду бахшоиш аст,
Дари бахшиш ӯро чу ороиш аст.

Забон чарбу гӯяндагӣ фарри ӯст,
Далериву мардонагӣ парри ӯст.[3]

Ҳар он номвар, к-ӯ надорад хирад,
Зи тахти бузургӣ куҷо бар хӯрад?!

Хирадманд ҳам низ ҷовид нест,
Фаре бартар аз фарри Ҷамшед нест.

Чу тоҷаш ба моҳ- андар омад, бимурд,
Нишасти кайӣ дигареро супурд.

---

1. И-б. 21 нест.
2. И- Чунин гуфт бо номвар кеҳтарон,
   Ки «Эй пурҳунар кеҳтару меҳтарон.
3. Л-б. 7, 8 нест;

Намонда бар ин хок ҷовид кас,
Зи ҳар бад ба Яздон паноҳеду бас».

Ҳаме буд як сол бедоду панд,
Хирадманду аз[1] ҳар баде бегазанд.

Зи тангӣ ба ҷӯй об чун мушк шуд,
Дигар сол рӯи ҳаво хушк шуд.

Се дигар ҳамон буду чорум[2] ҳамон,
Зи хушкӣ набуд эч[3] кас шодмон.

Ҳаворо даҳон хушк чун хок шуд,
Ба ҷӯй- андарун об тарёк шуд.

Зи бас мурдани мардуму чорпой
Паеро набуд бар замин низ ҷой.

Шаҳаншоҳи Эрон чу дид он шигифт,
Хироҷу газет аз ҷаҳон баргирифт.

Ба ҳар шаҳр, к-анбор будаш ниҳон,
Бубахшид бар кеҳтарону меҳон.

Хурӯше даромад[4] зи даргоҳи шоҳ,
Ки Эй номдорони бодастгоҳ,

Ғала ҳарчи доред, бипроканед,[5]
Зи динори Пирӯз ганҷ оганед.

Ҳар он кас, ки дорад ниҳонӣ ғала,
В-агар гову гар гӯсфанди яла,

Ба нархе фурӯшад, ки ӯро ҳавост,
Ки аз хӯрдани ҷонҳо[6] бенавост.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Фиристод тозон яке номае,

1. Л-в-аз
2. Л-ҳамону чаҳорум
3. ИЛ-ҳеҷ
4. Ил-баромад
5. Л- Зи хурд ончи доред, бипроганед,
6. И-одамӣ: Л-ҷонвар

Ки анборҳо баркушоянд[1] боз,
Ба гетӣ- бар[2] он кас, ки ҳасташ ниёз.

Касе, к-ӯ бимирад зи ноёфти нон,
Зи барнову аз пирмарду занон,[3]

Бирезам зи тан хуни анбордор,
Ки ӯ кори Яздон гирифтаст хор.[4]

Бифармуд, то хона бугзоштанд,
Ба дашт омаданд, даст бардоштанд.

Ҳаме б-осмон андар омад хурӯш
Зи бас мӯяву зориву дарду[5] ҷӯш.

Зи кӯҳу зи ҳомуну аз дашту ғор
Зи Яздон ҳаме хостӣ зинҳор.

Бар ин гуна то ҳафт[6] сол аз ҷаҳон
Надиданд сабзӣ кеҳону меҳон.

Ба ҳаштум биёмад[7] маҳи фарвадин,
Баромад яке абри боофарин.

Ҳаме дурр(у) борид[8] дар хоки хушк,
Ҳаме омад аз бӯстон бӯи мушк.

Пур аз жола аз чанги гулбун[9] қадаҳ,
Ҳаме тофт аз чарх қавси қузаҳ.

Замона бираст аз бади бадгумон,
Ба ҳар ҷой бар зеҳ[10] ниҳода камон.

---

1. ИЛ- дар кушоянд
2. И- Зи гетӣ ҳар
3. И- Зи хурду бузургу зи пиру ҷавон,
4. ТПЗ – Миёнаш бибуррам ба шамшери тез,
   Барангезам аз ҷони ӯ растахез.
5. И- гиряву нолаву бонгу
6. И-бар ҳашт
7. И-Нӯҳум чун баромад
8. И-дур биборид
9. Л-Шуда жола бар гул чу мул дар
10. И- бе зеҳ

## ҶАНГИ ПИРӮЗ БО ТӮРОНИЁН

Чу Пирӯз аз он рӯзи тангӣ бираст,
Ба ором бар тахти шоҳӣ нишаст.

Яке шорсон кард Пирӯз, Ром —
Бифармуд, к-ӯро ниҳоданд ном.

Ҷаҳондори гӯянда гуфт: «Ин Рай аст,
Ки ороми шоҳони фаррухпай аст».

Дигар кард Бодони Пирӯз ном,
Ҳама ҷои шодиву[1] орому ком,[2]

Ки акнун-ш хонӣ ҳаме Ардабайл,*[3]
Ки Қайсар бад-ӯ дорад аз дод майл.

Чу ин бумҳо яксар обод кард,
Дили мардуми пурхирад шод кард.

Дирам дод, то[4] лашкари номдор
Сӯи ҷанги туркон баророст кор.

Бад-он ҷанг Ҳурмуз будаш пешрав,
Ҳаме рафт бо корсозони нав.

Қубод аз паси пушти Пирӯзшоҳ
Ҳаме ронд чун бод лашкар ба роҳ,

Ки Пирӯзро покфарзанд буд,
Хирадманду шохе барӯманд буд.

Балош аз бари тахт биншаст шод,
Ки кеҳтарписар буд бофарру дод.

Яке порсе буд, бас номдор,
Ки Сархоб-ш хондӣ ҳаме шаҳрёр.[5]

Бифармуд Пирӯз, к-«Эдар бибош
Чу дастури покиза пеши Балош».

1. Л- Хандида ба ҳар ҷой
2. И-б. 39 нест.
3. Ардабил
4. И-бо.
5. Л-б. 43-47 нест.

Сипаҳро сӯи ҷанги туркон[1] кашид,
Ҳаме тоҷу тахти бузургон кашид.

Ҳаме ронд бо лашкару ганҷу соз,
Ки пайкор ҷӯянд бо Хушнавоз.

Нишоне, ки Баҳроми ял карда буд,
Зи пастӣ баландӣ баровarda буд.

Навишта яке аҳди шоҳаншаҳон,
Ки аз турку эрониён дар ҷаҳон

Касе з-ин нишон ҳеҷ барнагзарад,
На аз рӯд берун ба пай наспарад.

Чу Пирӯзи шеравжан он ҷо расид,
Нишонкардаи шоҳи Эрон бидид,

Чунин гуфт яксар ба гарданкашон,
Ки «бар пеши туркон бар ин ҳамнишон

Манора барорам ба шамшеру ганҷ,
Зи Ҳайтол то кас набошад ба ранҷ.

Чу бошад манора ба пеши Тарак,
Бузургон ба пеши ман оранд чак.

Бигӯям, ки ин кард Баҳроми Гӯр,
Ба мардиву доноиву фарру зӯр,

Намонам ба ҷое пайи Хушнавоз,
Ба Ҳайтол турк аз нишебу фароз».

## НОМАИ ХУШНАВОЗ БА ПИРӮЗ

Чу бишнид фарзанди хоқон, ки шоҳ
Зи Ҷайҳун гузар кард худ бо сипоҳ,

Ҳаме бишканад аҳди Баҳроми Гӯр,
Бар ин буму бар тоза шуд ҷангу шӯр.

Дабири ҷаҳондидаро Хушнавоз
Бифармуд, то шуд бари ӯ фароз.

---

1. И-марзи Тӯрон

Яке нома бинвишт бо офарин
Зи додор бар шаҳрёри замин.

Чунин гуфт, к-«Аз аҳди шоҳони дод
Ба гурдӣ нахонам-т хусравнажод.

На ин буд расми ниёкони ту,
Гузида ҷаҳондору[1] покони ту.

Чу паймони озодагон бишканӣ,
Нишони бузургон[2] ба хок афканӣ.

Маро низ паймон бибояд шикаст
Ба ночора[3] бурдан ба шамшер даст».

Ба нома зи ҳар кораш огоҳ кард,
Басе ҳадя бо нома ҳамроҳ кард.

Саворе сарояндаи сарфароз,
Ҳаме рафт бо номаи Хушнавоз.

Чу он нома бархонд Пирӯзшоҳ,[4]
Барошуфт аз он[5] номвар пешгоҳ.

Фиристодаро гуфт: «Бархезу рав,
Ба наздики он марди бемоя шав.[6]

Бигӯяш, ки то пеши рӯди Тарак,[7]
Шуморо фиристод Баҳром чак.[8]

Кунун то лаби рӯди Ҷайҳун турост,
Баландиву пастиву ҳомун турост.

Ман инак биёрам сипоҳе гарон,
Сарафроз гурдону ҷанговарон,[9]

1. Л- сарафроз
2. И-Ки аҳди ниёгон
3. Л-бечора
4. И-мӯбад ба шоҳ
5. И-бо
6. И-номвар бозшав.
7. бузург
8. Л- шоҳи сутург.
9. Им – Бузургони Эрону ҷанговарон
Ман акнун сипоҳе биёрам гарон.

Намонам ҳаме[1] сояи Хушнавоз,
Ки бошад ба рӯи замин-бар дароз».[2]

Фиристода омад ба кирдори гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.[3]

Чу гуфтор бишниду нома бихонд,
Сипоҳи парокандаро барнишонд.

Биёвард лашкар ба дашти набард,
Ҳамон[4] аҳдро бар сари найза кард,

Ки бистад ниёяш зи Баҳромшоҳ,
Ки Ҷайҳун миёнҷист моро ба роҳ.

Яке марди бинодили чарбгӯй,
Зи лашкар гузин кард бо обрӯй.

Бад-ӯ гуфт: «Наздики Пирӯз рав,
Ба чарбӣ сухан гӯву посух шунав.

Бигӯяш, ки «аҳди ниёи туро,
Баландахтару раҳнамои туро.

Ҳаме бар сари найза пеши сипоҳ
Биёрам чу хуршеди тобон ба роҳ.

Бад-он то ҳар он кас, ки дорад хирад,
Ба маншури[5] он додгар бингарад.

Маро офарин бар ту нафрин бувад,
Ҳамон номи ту шоҳи бедин бувад.

На Яздон писандат, на яздонпараст,
На андар ҷаҳон мардуми зердаст,

Ки бедод ҷӯяд касе дар[6] ҷаҳон,
Бупечад[7] сар аз аҳди шоҳаншаҳон,

1. Магар; И-куҷо. Ҳаме гуфт якчанд бо Хушнавоз,
2. И-Аз он шоҳи гарданкашу сарфароз; Л-Аз ин кор моро дил андар гудоз.
3. Ил-б. 76 нест.
4. И-Мар он
5. И-Сӯи аҳди
6. И- кас андар
7. И- Битобад

Ба доду ба мардӣ чу Баҳромшоҳ
Касе низ нанҳод бар сар кулоҳ.

Бар ин-бар ҷаҳондор Яздон гувост,
Ки ӯро гуво хостӣ[1], носазост.

Ки бедод ҷӯӣ ҳаме ҷанги ман,
Чунин бо сипаҳ кард оҳанги ман.

Набошӣ дар ин ҷанг пирӯзгар,
Наёбӣ ҳамон з-ахтари нек бар.

Аз ин пас нахоҳам фиристод кас,
Бад-ин ҷанг Яздон маро ёр бас».

Фиристода бо нома омад чу гард,
Суханҳо ба Пирӯз-бар[2] ёд кард.

Чу бархонд он номаи Хушнавоз,
Пур аз хашм шуд шоҳи гарданфароз.

Фиристодаро гуфт: «Чандон сухан
Нагӯяд, ҷаҳондида марди куҳан.

Гар аз Чоч як пай ниҳӣ пеши рӯд,
Ба нӯки синонат фиристам дуруд».

Фиристода омад бари[3] Хушнавоз,
Фаровон сухан гуфт бо ӯ[4] ба роз,

Ки «наздики Пирӯз тарси Худой
Надидам, набудаш касе раҳнамой.

Ҳама кинаву ҷанг ҷӯяд ҳаме,
Ба фармони Яздон напӯяд ҳаме!»

Чу бишнид аз ӯ он сухан Хушнавоз,
Ба Яздон паноҳиду бурдаш намоз,

1. Л-хостан
2. Л- Суханҳои Пирӯзро
3. И-баргашт зӣ
4. И-Мар ӯро бигуфт он суханҳо

Чунин гуфт, к-«Эй довари додпок,
Туӣ офаринандаи боду[1] хок,

Ту донӣ, ки Пирӯзи бедодгар
Зи Баҳром бартар[2] надорад ҳунар.[3]

Суханҳои бедод гӯяд ҳаме,
Бузургӣ ба шамшер ҷӯяд ҳаме.

Пайи ӯ зи рӯи замин баргусил
На нерӯш бодо, на дониш, на дил!»[4]

Ба гирди сипаҳ[5] - дар яке канда кард,
Сарашро бипӯшиду оганда[6] кард.

Каманде фурӯ бурда болои ӯ,
Сараш бист раш буд ба паҳнои ӯ.

Чу ин карда шуд, номи Яздон бихонд,
Зи шаҳри[7] Самарқанд лашкар биронд.

## АФТОДАНИ ПИРӮЗ БА ЧОҲ ВА КУШТА ШУДАН

Аз ин рӯй пурбим дил[8] Хушнавоз
Чунин то бари канда омад фароз,[9]

В-аз он рӯй саргашта Пирӯзшоҳ,
Ҳаме тохт бо хормоя сипоҳ.

Баромад зи ҳар ду сипаҳ бӯқу кӯс,
Ҳаво шуд зи гарди сипаҳ обнӯс.

---

1. И-обу
2. Л-бешӣ
3. И-Баҳрому Ҳурмуз бидорад гузар.
4. И-б. 103, 104 нест.
5. И- сипоҳ ӯ
6. И- Сипаҳро ба гирдаш пароканда
7. Л-пеши
8. Л-Чу наздики он канда шуд
9. И- б. 108 нест; Л-Ҳаме гуфт бо довари пок роз.

Чунон тирборон шуд аз ҳар ду рӯй,
Ки чун об хун андаромад ба ҷӯй.[1]

Чу омад ба наздикии Хушнавоз,
Сипаҳдори туркон аз ӯ гашт боз.

Инонро бупечиду бинмуд пушт,
Паси ӯ сипоҳ андаромад дурушт.[2]

Барангехта бора Пирӯзшоҳ,
Ҳаме тофт бо хормоя сипоҳ.

Ба канда дарафтод бо чанд мард,
Бузургону[3] шерони рӯзи набард.

Чу Нарсӣ бародар-шу[4] фаррух Қубод,
Бузургону шоҳони фаррухнажод,

Бар ин сон нагун шуд сари ҳафт шоҳ,
Ҳама номдорони зарринкулоҳ.[5]

В-аз он ҷойгаҳ шоддил Хушнавоз
Ба наздикии канда омад фароз,

Баровард аз он канда, ҳар кас ки зист,
Ҳаме тахт бар бахти эшон гирист.

Шикаста сару пушти Пирӯзшоҳ,
Сари номдорони ботоҷу гоҳ.

Зи шоҳон набуд зинда кас ҷуз Қубод,
Шуд он лашкару подшоҳӣ ба бод.

Ҳаме ронд бо коми дил Хушнавоз,
Сарафроз бо лашкари размсоз.

1. ТПЗЛ – Ҳамон гоҳ чун гард* Пирӯзшоҳ,
Ҳаме ронд бо гурзу румӣ кулоҳ.
* Л- В-аз он рӯй чун бод.
2. И-б. 110-113 нест.
3. И- Далерону
4. Л-Хурӯше баромад зи
5. ТПЗМ – Бузургону пайкорҷӯён ҳамон
Касеро, ки бар канда омад замон.

Ба тороҷ дод он сипоҳу буна,
На кас майсара дид, на маймана.

Аз эрониён чанд бурданд асир,
Чи афканда бар хоки тира ба тир.

Набояд, ки бошад ҷаҳонҷӯй зуфт,
Дили зуфт бо хоки тира-ст ҷуфт.

Чунин ояд ин чархи нопойдор,
Чи бо зердасту чи бо шаҳрёр.

Бипечонад онро, ки худ парварад,
Агар беҳуш аст, ар сутуни хирад.

Намонад бар ин хок ҷовид кас,
Туро тӯша аз ростӣ боду бас.

Чу бугзашт бар канда-бар Хушнавоз,
Сипоҳаш шуд аз хоста бениёз.

Ба оҳан бубастанд пойи Қубод,
Зи тахту нажодаш накарданд ёд.[1]

Чу огоҳӣ омад ба эронсипоҳ
Аз он кандаву разми Пирӯзшоҳ,

Хурӯше баромад зи кишвар бадард
Аз он шаҳрёрони озодмард.

Чу андар замон ин[2] сухан гашт фош,
Фуруд омад аз тахти заррин Балош.

Ҳама мӯи шоҳона аз сар[3] биканд,
Ҳаме рехт бар тахт хоки нажанд.[4]

1. И-б. 130 нест.
2. Л-ҷаҳон он
3. Л- гӯшти бозу ба дандон
4. И-б 133, 134 нест.

Сипоҳиву шаҳрӣ ба[1] Эрон ба[2] дард,
Зану марду кӯдак ҳаме мӯя кард.

Ҳама канда мӯю[3] ҳама хаста рӯй,
Ҳама шоҳгӯю ҳама шоҳҷӯй.[4]

Нишаста ҳама бо ғаму андуҳон,
Дар андешаҳо[5] кеҳтарону меҳон,[6]

Ки то чун биронанд аз Эронзамин,
Гурозанда бинанд аз он дашти кин.

1. И-аз
2. Л-зи
3. И-Зану марду кӯдак
4. И- шоҳҷӯю ҳама шоҳгӯй
5. Л-Ба андеша он
6. И-б. 137 нест.

# ПОДШОҲИИ БАЛОШ
# ПИСАРИ ПИРӮЗ

***Панҷ солу як моҳу шаш рӯз буд***

## АНДАРЗ КАРДАНИ БАЛОШ ЭРОНИЁНРО

Чу биншаст бо сӯг моҳе Балош,
Сараш пур зи гарду рухаш пурхарош,

Сипоҳ омаду мӯбади мӯбадон,
Ҳар он кас, ки буд аз раду бихрадон,

Фаровон бигуфтанд бо ӯ зи панд,
Суханҳо, ки будӣ[1] варо судманд.

Бар он тахти шоҳиш[2] биншонданд,
Басе зарру гавҳар[3] барафшонданд.

Чу биншаст бар гоҳ, гуфт: «Эй радон!
Биҷӯед ройи дили бихрадон.

Шуморо бузургист наздики ман,
Чу равшан шавад кори[4] торики ман.

Ба гетӣ ҳар он кас, ки некӣ кунед,
Бикӯшед, то ройи мо[5] нашканед.[6]

Ҳар он кас, ки бад бошаду бадсигол,
Ки хоҳад шудан шоҳи[7] худро ҳамол,

Нахустин ба пандаш тавонгар кунем,[8]
Чу напзирад, аз хунаш афсар кунем.[9]

Ҳар он гаҳ к-аз ин[10] лашкари дарпараст
Бинолад бари мо яке зердаст,

---

1. И-будаш
2. И-заррин-ш
3. И-Забарҷад ба тоҷаш
4. Л-ройи
5. Л-ӯ
6. Л-б. 7 нест.
7. Л-ҳаме кори
8. Л- кунед,
9. Л-кунед.
10. И-к-ӯ аз ин

Дили марди бедодгар бишканем,
Ҳаме[1] беху шохаш зи бун барканем.[2]

Мабошед густох бо подшо,
Бавижа касе, к-ӯ бувад порсо,

Ки ӯ гоҳ заҳр асту гаҳ пойзаҳр,
Ту ҷӯянда тарёк аз заҳр баҳр.[3]

Зи гетӣ ту хушнудии шоҳ ҷӯй,
Машав пеши тахташ магар[4] тозарӯй.

Чу хашм оварад шоҳ, пӯзиш гузин,
Ҳаме хон ба бедоду дод офарин.

Ҳар он гаҳ ки гӯӣ, ки «Доно шудам,
Ба ҳар донише-бар тавоно шудам».

Чунон дон, ки нодонтарӣ он замон,
Машав бар тани хеш-бар бадгумон,

Агар кор бандед панди маро,
Сухан гуфтани судманди маро,

Зи шоҳони донанда ёбед ганҷ,
Касеро зи дониш надидам ба ранҷ».[5]

Бар ӯ меҳтарон офарин хонданд,
Зи доноии ӯ фурӯ монданд.[6]

Бирафтанд хушнуд аз айвони ӯй,
Ба Яздон супурда тану ҷони ӯй.

Пур аз меҳр дилҳо, забон пурсано,
Ки ҷовид бод инчунин подшо!

---

1. ИЛ-Ҳама
2. И- бифканем.
3. И- аз ҳар ду ҷӯянда тарёк
4. И- Марав пеши тахташ ба ҷуз
5. И-б. 19 нест
6. ТПЗ – Бигуфтанд як бо дигар он сипоҳ,
Ки «З-ин шоҳ рахшанда шуд тоҷгоҳ,
Зи дидори ӯ чашми бад дур бод,
Тани бадсиголон-ш ранҷур бод».

## НОМА НАВИШТАНИ СУФАРОЙ БА ХУШНАВОЗ

Бад-он гаҳ ки Пирӯз шуд сӯи ҷанг,
Яке паҳлавон ҷуст борою санг,

Ки бошад нигаҳбони тахту кулоҳ,
Балоши ҷавонро шавад[1] некхоҳ.

Бад-он кор шоиста шуд[2] Суфарой
Яке моявар буд покизарой.

Ҷаҳондида аз шаҳри Шероз буд,
Сипаҳбаддилу гарданафроз буд.

Ҳам ӯ марзбон буд ба Кобулситон,
Ба Бусту ба Ғазнину Зобулситон.

Чу огоҳӣ омад сӯи Суфарой
Зи Пирӯзи берою бераҳнамой,[3]

Зи мижгон сиришкаш ба рух барчакид,
Ҳама ҷомаи паҳлавӣ бардарид.

Зи сар баргирифтанд гурдон кулоҳ,
Ба моҳе[4] нишастанд бо[5] сӯги шоҳ.

Ҳаме гуфт бар кинаи шаҳрёр
Балоши ҷавон чун бувад хостор.

Бидонист, к-он кор бесуд гашт,
Сари тоҷи шоҳӣ пур аз дуд гашт.[6]

Сипоҳи парокандаро гирд кард,
Бизад кӯсу аз дашт бархост гард.

Фароз омадаш теғзан сад ҳазор,
Ҳама размҷӯю ҳама кинадор.[7]

1. ИЛ- бувад
2. Л-буд
3. И- бедонишу раҳнамой,
4. Л-Ба мотам
5. И-Пур аз ғам нишастанд пур аз
6. И-б. 32 нест.
7. И- номдор.

Дирам доду он лашкар обод кард,
Дили мардуми кинавар шод кард.

Фиристодае хост ширинзабон,
Хирадманду бедору равшанравон.

Яке нома бинвишт пурдоғу дард,
Ду дида пур аз хуну[1] рухсора зард.[2]

Ба нома-дарун пандҳо кард ёд
Зи Ҷамшеду Кайхусраву Кайқубод.

В-аз он пас фиристод назди[3] Балош,
Ки «Шоҳо, ту аз марг[4] ғамгин мабош,

Ки ин дард ҳар кас бихоҳад чашид,[5]
Шикебоиву ном[6] бояд гузид.

Зи бод омада бозгардад ба дам,
Яке дод хонад-ш,[7] дигар ситам.

Кунун ман ба дастурии шаҳрёр
Басечам бад-ин кинавар корзор,

Ки аз кинаи хуни Пирӯзшоҳ
Бинолад зи чархи фалак ҳуру моҳ.

Фиристода з-ин рӯй бардошт пой,
В-аз он рӯй гирён бишуд Суфарой.[8]

Биёрост лашкар чу парри тазарв,
Биёмад зи Зобулситон сӯи Марв.

Яке мард бугзид бедордил,
Ки оҳиста дорад ба гуфтор дил.

1. И-пуробу ду
2. Л-б. 37 нест
3. И-Фиристодаро гуфт: «Гӯ бо
4. И- аз марги Хусрав ту
5. И- кашид,
6. И-сабр
7. Л-хонадшу
8. И-б. 43, 44 нест.

Нависандаи номаро гуфт: «Хез,
Ки омад сари хомаро растахез.[1]

Яке нома бинвис зӣ Хушнавоз,
Ки «Эй бехирад рӯбаҳи девсоз,

Гунаҳгор кардӣ ба Яздон танат,
Шавад мӯягар бар ту пироҳанат.

Кӣ кард, ончи кардӣ ту, эй бевафо,
Бубинӣ кунун рӯзи теғи ҷафо!

Бикуштӣ ҷаҳондорро[2] бегуноҳ
Набери[3] ҷаҳондор[4] Баҳромшоҳ.

Яке кини нав сохтӣ дар ҷаҳон,
Ки он кина ҳаргиз нагардад ниҳон.

Чаро пеши ӯ чун саги чоплус
Нарафтӣ, чу бархост овои кӯс?[5]

Ниёи ту з-ин хонадон[6] зинда буд,
Падар пеши Баҳром чун банда буд,

Ман инак ба Марв омадам кинаҷӯй,
Намонам зи ҳайтолиён рангу бӯй.

Асирону он хоста ҳар чӣ ҳаст,
К-аз ин размгаҳ омадастат ба даст,

Ҳама бозхоҳам ба шамшери кин,
Ба Марв оварам хоки Тӯронзамин.

Намонам ҷаҳонро ба фарзанди ту,
На парвардаву[7] хешу пайванди ту.

1. Л-б. 46 нест.
2. Л- шаҳаншохро; И-ту Пирӯзро
3. Л- Набера
4. И-ҷаҳонҷӯй
5. И-надодӣ бар он хок бӯс?
6. Л-ҷойгаҳ
7. И-Бисӯзам ҳама

Ба фармони Яздон бибуррам сарат,
Зи хун ҳамчу дарё кунам кишварат.[1]

Шавӣ зери пойи сипоҳам[2] табоҳ,
Ба Яздон[3] равонаш бувад додхоҳ».

Фиристода бо номаи Суфарой
Биёмад чу шери диловар зи ҷой.

Чу ошуфта омад бари Хушнавоз,
Бишуд пеши тахту набурдаш намоз.[4]

Бад-ӯ дод пас номаи Суфарой,
Сарафрози лашкар бипардахт ҷой.[5]

Нависандаи номаро доду гуфт,
Ки «Пинҳон бигӯй, он чи хуб асту зуфт».

Ба меҳтар чунин гуфт марди дабир,
Ки «Ин нома пуртеғу гурз асту тир».

Шикаста шуд он марди ҷангозмой,
Аз он пурсухан номаи Суфарой.

Ҳам андар замон зуд посух навишт,
Сухан ҳар чи буд андарун[6] хубу зишт!

Нахустин чунин гуфт, к-«Аз Кирдгор
Битарсему аз гардиши рӯзгор,

Ки ҳар кас, ки будаст[7] яздонпараст,
Наёвард бар[8] аҳди шоҳон шикаст.

---

1. ТПЗИЛ – На кин бошад ин*, чанд гӯям дароз,
Ки аз хуни Пирӯз чун Хушнавоз.
* Л-Яке бошад ар
2. И- Шавад зери хоки сияҳ дар; Л-Шавад зери хок аз пайи ман.
3. И- Зи дӯзах
4. И- Сипаҳдор баршуд сӯи Хушнавоз,
Фуруд омаду бурд пешаш намоз.
5. И-б. 63 нест.
6. Л- андар ӯ
7. И-ӯ буд
8. И-дар

Фиристодамаш номае пандманд,[1]
Дигар[2] аҳди он шаҳрёри баланд.

Бар ӯ хор буд, он чи гуфтам[3] сухан,
На андешаи рӯзгори куҳан.

Чу ӯ кинавар гашту ман чораҷӯй,
Сипаҳро чу рӯй андаромад ба рӯй.

Ба Пирӯз-бар ахтар ошуфта шуд,
На бар коми мо шоҳи ту кушта шуд.

Чу бишкаст паймони шоҳони дод,[4]
Набуд аз ҷавониш як рӯз[5] шод,

Наёмад писанди ҷаҳонофарин,
Ту гуфтӣ, ки бигрифт пояш замин.

Ҳар он кас, ки аҳди ниё бишканад,
Сари ростиро ба пай[6] афканад,

Чу Пирӯз бошад ба дашти набард,
Шикаста ба канда- дарун[7] пур зи гард.

Гар ой, туро он ҳам оростаст,
На ганҷу на ҷанговарам костаст».

Фиристода бо нома тозон зи ҷой
Ба як ҳафта омад сӯи Суфарой.

Чу бархонд он номаро паҳлавон,
Ба дашном букшод гӯё забон.[8]

Зи майдон хурӯшидани говдум
Шуниданду овози рӯинахум.

1. Л-судманд,
2. И-Або
3. И-гуфта
4. И-Ҳамон аҳди он шаҳрёрони
5. И- паймон зи шоҳони род,
6. И-Ҷавониву аз тахт
7. Л-пой; И-хок
8. И- Фитода ба гирд -андарун.

Ба Кашмеҳан овард чандон сипоҳ,
Ки хуршед бар чарх гум кард роҳ.

Бар ин ҳамнишин рӯд бугзоштанд,
Ҳама роҳро хона пиндоштанд.

## РАЗМИ СУФАРОЙ БО ХУШНАВОЗ

Чу огоҳӣ омад бари[1] Хушнавоз,
Ба дашт омаду ҷангро кард соз.

Ба Байканд шуд, размгоҳе гузид,
Ки чархи равон рӯи ҳомун надид.

В-аз ин рӯй пуркина дил[2] Суфарой,
Ба кирдори бод андаромад зи ҷой.

Чу шаб тира шуд, паҳлавони сипоҳ
Ба пилони осуда барбаст роҳ.

Талоя ҳаме гашт бар ҳар ду рӯй,
Ҷаҳон шуд пур овози пархошҷӯй.

Ғави посбонону бонги ҷарас
Ҳаме омад аз дуру аз[3] пешу пас.

Чунин то падид омад он теғи[4] шед,
Дару дашт шуд чун[5] булӯри сапед.

Ду лашкар ҳаме размро сохтанд,
Дарафши бузургӣ[6] барафрохтанд.

Аз овози гурдони пархошхар
Бидаррид мар аждаҳоро ҷигар.

Ҳаво думми[7] каргас шуд аз парри тир,
Замин шуд зи хуни сарон обгир.

1. Л-сӯи
2. И-покизадил
3. Л-дур в-аз
4. И-аз чарх
5. И-Ҷаҳон гашт ҳамчун
6. И-Синонро ба гардан
7. Л-парри

Ба ҳар сӯ ки диди̅, тале кушта буд,
Киро аз ялон рӯз баргашта буд.

Биҷунбид аз[1] қалбгаҳ Суфарой,
Сипоҳ андаромад ба тунди̅[2] зи ҷой.

В-аз он рӯй бо теғи кин Хушнавоз
Биҷунбиду омад ба тунди̅[3] фароз.

Бидид он, ки шуд рӯзгораш дурушт,
Инонро бупечиду бинмуд пушт.[4]

Чу боди дамон аз пасаш Суфарой
Ҳаме тохт бо найзаи ҷонгазой.[5]

Басе кард аз он номдорон асир,
Басе кушта шуд[6] ҳам ба шамшеру тир.

Ҳаме тохт, пеши куҳандиж расид,
Ба раҳ-бар басе куштаву хаста дид.

Зи боло нигаҳ кард пас Хушнавоз
Сипаҳро зи ҳомун нишебу[7] фароз.[8]

Ҳама роҳ[9] пуркуштаву хоста
Шуду[10] дашт чун боғи ороста.[11]

Силеҳу камарҳову аспу раҳи̅,
Ситому синону кулоҳи меҳи̅.

---

1. Л-бар
2. Л-танги̅
3. И-ба як раҳ
4. ТПИЛМ – Яке чӯб зад бар сараш Суфарой,
   Ки гуфти̅, ки гардун баромад* зи ҷой.
   Биҷаст аз бари** чӯбзан Хушнавоз,
   Ба шеб- андар андохт асп аз фароз***
   * Л-Сипоҳ андаромад ба ҳар сӯ ** Л-кафи *** И-б 2 мавҷуд;
   ИМ – Биҷаст аз кафи Суфаро Хушнавоз,
   Ба шеб- андар омад сари бар фароз.
5. Л- саргизой
6. И-омад
7. Л-нишеб аз
8. И-б 100, 101 нест.
9. И-дашт
10. Л-Шуд он
11. И-Замин ҳамчу гардун баророста.

Ҳаме бурд ҳар кас сӯи Суфарой,
Тале[1] гашт чун кӯҳи Албурз ҷой.

Бубахшид яксар ҳама бар сипоҳ,
Накард ончунон чизи туркон нигоҳ.

Ба лашкар чунин гуфт, к-«Имрӯз кор
Ба коми дили мо буд аз рӯзгор.

Чу хуршед бинмояд аз чарх даст,
Бар ин дашт хира набояд нишаст.

Ба кини шаҳаншоҳи Эрон шавем,
Бар ин диж ба кирдори шерон шавем»,[2]

Ҳама[3] лашкараш даст бар бар заданд,
Ҳаме[4] ҳар касе ройи дигар заданд.

Бар ин ҳамнишон то зи хамми сипеҳр
Падид омад он зевари тоҷи меҳр,[5]

Табира баромад зи пардасарой,
Нишаст аз бари борагӣ[6] Суфарой.

Фиристодае омад аз Хушнавоз
Ба наздики солори гарданфароз,

Ки аз ҷангу пайкору хун рехтан
Набошад ҷуз аз ранҷу овехтан.

Ду марди хирадманди гурди ҷавон,
Ба дӯзах фиристем ҳар ду равон.

Агар бозҷӯӣ раҳи бихрадӣ,
Бидонӣ, ки ин кор буд эзадӣ.

На бар бод шуд кушта Пирӯзшоҳ,
К-аз ахтар сар омад бар ӯ солу моҳ.

1. И-Тане
2. И-б. 108 нест.
3. Л-Бад-ин
4. И-Бар он
5. И-б. 110 нест.
6. Л-бора - бар

Гунаҳгор шуд з-он, ки бишкаст аҳд,
Гузин кард ҳанзал, бияндохт шаҳд.

Кунун буданӣ бар сари[1] мо гузашт,
Хунук он, ки гирди дуруштӣ нагашт.

Асирону он хоста ҳар чи буд,[2]
Зару симу аз гавҳари нобисуд,[3]

Зи аспу силеҳу зи тоҷу зи тахт,
Ки бар дашт бугзашт Пирӯз рахт,[4]

Фиристам ҳама назди[5] солори шоҳ,
Чи аз вижаганҷу чи чизи[6] сипоҳ,

Ки[7] пирӯзгар сӯи Эрон шавӣ,
Ба наздики шоҳи далерон шавӣ.

Набошад маро сӯи Эрон басеҷ,
Ту аз аҳди Баҳром гардан мапеч.

Шаҳаншоҳ гетӣ бубахшид рост,
Маро Турку Чин асту Эрон туроост».

Чу бишнид пайғоми ӯ Суфарой,
Биёвард лашкар ба пардасарой.

Фиристодаро гуфт: «Пеши сипоҳ
Бигӯй он чи бишнидӣ аз размхоҳ».

Биёмад фиристодаи Хушнавоз,
Бигуфт, он чи буд ошкорову роз.

Чунин гуфт бо лашкараш Суфарой,
Ки «Акнун бар ин дар чӣ бинед рой?»[8]

1. И-буд, бар
2. И-аспони ороста,
3. И-зевару гавҳару хоста,
4. И- Зи тавқу зи тоҷу зи бора, зи рахт,
Ки бугзашт Пирӯзи гумбудабахт.
5. И-пеши
6. И- Чу наздики пурмоягони
7. И- Ту
8. ИЛ-б. 128 нест

Чунин гуфт лашкар, ки «Фармон туроcт,
Бад-ин оштӣ[1] рою паймон туроcт.

Ба Эрон[2] надонад касе аз ту беҳ,
Ба мо-бар туӣ шоҳу солору меҳ»[3].

Чунин гуфт бо саркашон[4] Суфарой,
Ки «Имрӯз моро ҷуз ин нест[5] рой,

К-аз эшон аз ин пас нахоҳем ҷанг,[6]
Ба Эрон барем ин сипаҳ бедиранг,[7]

Ки[8] дар дасти эшон бувад Кайқубод,
Чу фарзанди пирӯзи[9] хусравнажод.

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Зи лашкар бузургони[10] барнову пир.

Агар ҷанг созем бо Хушнавоз,
Шавад кор бесуд бар мо дароз.

Кушанд он ки доранд[11] аз Эрон асир
Қубоди ҷаҳонҷӯю чун Ардашер.

Агар нестӣ дар миёна Қубод,
Зи мӯбад накардӣ дилу мағз ёд.

Гар ӯро зи туркон бад ояд ба рӯй,
Намонад ба Эрон ҷуз аз гуфтугӯй.

Яке нанг бошад, ки то растахез
Шавад дар миёни далерон ҷиҳез.

Фиристодаро нағз посух диҳем,
Бад-ин оштӣ ройи фаррух ниҳем.

---

1. И-Бар ин орзу
2. И-Зи гурдон
3. И-ту шоҳиву солормеҳ».
4. И-Й-лашкар он
5. Л-аст
6. И-начӯем аз ин беш кин,
7. И-б-офарин,
8. И-Чу
9. И-Гави номвар шоҳи
10. И-гурдон басе низ
11. Л-Кушад он ки дорад

Магар боз бинем рӯи Қубод,
Ки бе ӯ сари подшоҳӣ мабод!

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Касеро, ки доранд барнову пир,

Сипоҳаш ҳама хонданд офарин,
Ки «ин аст паймону оини дин».

Фиристодаро хонд пас паҳлавон,
Сухан гуфт бо ӯ ба ширин забон.

Чунин гуфт, к-«Ин эзадӣ буду бас,
Ҷаҳон бад сиголад, нагӯяд ба кас.

Бузургони Эрон, ки гаштанд асир,
Қубод аст бо мӯбади Ардашер.

Дигар ҳар кӣ доранд бар пой банд,
Фиристед[1] то зӣ манаш арҷманд.

Дигар хоста ҳар чӣ доред низ,
Зи динору тоҷу зи[2] ҳар гуна чиз,

Якояк фиристед наздики ман,
Ба пеши бузургони он анҷуман.

Ба тороҷу куштан наёзем даст,
Ки мо бениёзему яздонпараст.

Зи Ҷайҳун ба рӯзи даҳум бугзарем,
В-аз он пас ҳаме хокро наспарем.

Ҳама ҳар чӣ гуфтам туро, гӯш дор,
Чу рафтӣ якояк бар ӯ баршумор».

Фиристода ҳам бар замон[3] гашт боз,
Биёмад гурозон сӯи[4] Хушнавоз.

1. Л-Фиристӣ ба назди
2. Л-динор в-аз тоҷу
3. Л-дар замон
4. Л-бари

Бигуфт, он чи бишниду ӯ гашт шод,
Ҳамон гоҳ бардошт банд аз Қубод.

Ҳам аз мӯбади мӯбадон Ардашер
Касеро, ки буданд[1] аз Эрон асир,

Ҳама хоста сарбасар гирд кард,
Куҷо ёфт аз хоки дашти набард

Ҳамон тахт бо тоҷи Пирӯзшоҳ
Ҳар он чӣ пароканда буд дар[2] сипоҳ,

Фиристод яксар сӯи[3] Суфарой,
Ба дасти яке марди покизарой.

## БОЗГАШТАНИ ҚУБОД БА ЭРОНЗАМИН

Чу лашкар бидиданд рӯи Қубод,
Зи дидори ӯ анҷуман гашт шод.

Ҳамон мӯбади мӯбадон Ардашер,
Асирон, ки буданд барнову пир.

Бузургон ҳама хайма бугзоштанд,
Ҳама даст бар осмон доштанд,

Ки пури шаҳаншоҳро бегазанд
Бididанд, бо ҳар кӣ буд арҷманд.

Ҳамон гаҳ фурӯ ҳишт пардасарой,
Сипаҳбад ба асп андаровард пой.

Зи Ҷайҳун гузар кард пирӯзу шод,
Або мӯбадон мӯбаду Кайқубод.

Чу огоҳӣ омад ба Эронзамин
Аз он некпай[4] меҳтари б-офарин,

Ҳам аз ҷангу пайкор бо Хушнавоз,
Зи ройи чунон марди найрангсоз,

1. Л-доранд
2. Л-Чӣ чизи парокандаи он
3. Л-бари
4. Л-некдил

Ки аз ҷанг баргашт пирӯзу шод,
Кушода шуд аз банд пойи Қубод,

Ҳамин мӯбади мӯбадон Ардашер,
Касеро, ки бурданд[1] аз Эрон асир,

Биёварду акнун зи Ҷайҳун гузашт,
В-аз[2] Эрон сипоҳ аст бар обу дашт.

Хурӯше баромад аз Эрон, ки гӯш,
Ту гуфтӣ, ҳаме кар шавад аз[3] хурӯш.

Бузургони фарзона бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Балош он замон тахти заррин ниҳод,
Ки бо паҳлавон барнишонад[4] Қубод.

Чу омад ба шаҳр- андарун Суфарой,
Бузургон бирафтанд яксар зи ҷой.

Пазира шуданро биёрост шоҳ,
Ҳаме рафт бо он ки будаш сипоҳ.

Балош он замон дид рӯи Қубод,
Раҳо гашта аз банд пирӯзу шод.

Мар ӯро сабук шоҳ дар бар гирифт,
Зи Ҳайтолу Чин даст бар сар гирифт.

Зи роҳ-андар айвони шоҳ омаданд,
Халидадилу кинахоҳ омаданд.

Бифармуд, то хон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ҳаме буд ҷашне на бар орзӯй,
Зи тимори Пирӯзи озодхӯй.

1. Л-буданд
2. Л-Аз
3. Л-з-он
4. Л-паҳлавонон нишинад

Ҳама чомагӯ Суфароро ситуд,
Ба барбат ҳаме разми Турон суруд.

Меҳонро ҳама чашм бар Суфарой,
Аз ӯ гашта шоду бад-ӯ тозарой.

Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ гашта[1] боз,
Касеро, ки буд кинаи Хушнавоз,

Бад-он паҳлавон дил ҳаме шод кард,
Равонро аз андеша озод кард.[2]

Бибуд Суфарой аз ҷаҳон беҳамол,
Ҳаме рафт аз ин гуна то чор сол.

Набудӣ ҷуз он чиз, к-ӯ хостӣ,
Ҷаҳонро ба ройи худ оростӣ.

Чу фармони ӯ дар ҷаҳон гашт фош,
Ба чарбӣ бипардахт[3] гоҳ аз Балош.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳӣ наронӣ ҳаме,
Бадонро зи некон надонӣ ҳаме.

Ҳаме[4] подшоҳӣ ба бозӣ кунӣ,
Зи кажживу аз бениёзӣ кунӣ.

Ҷубод аз ту дар кор донотар аст,
Бад-ин подшоҳӣ тавонотар аст».

Ба айвони хеш андаромад Балош,
Наёраст[5] гуфтан, ки эдар мабош.

Ҳаме гуфт: «Беранҷ тахт ин бувад,
Ки бе кӯшишу дарду нафрин бувад.

1. Л-гашт
2. И-б. 135-183 нест.
3. Л-бипардохт
4. И-Ҳама
5. И-Нашоист

# ПОДШОҲИИ ҚУБОДИ ПИРӮЗ

***Чиҳил сол буд***

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҚУБОД ВА АНДАРЗ КАРДАН БА МЕҲОН

Чу бар тахт биншаст фаррух Қубод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Сӯи Тайсафун шуд зи шаҳри Ситахр,
Ки гарданкашонро бад-он[1] буд фахр.

Чу бар тахти пирӯза биншаст, гуфт,
Ки «Аз ман мадоред чизе нуҳуфт.

Шуморо сӯи ман кушодаст роҳ,
Ба рӯзи сапеду шабони сиёҳ.

Бузург он касе, к-ӯ ба гуфтори рост
Забонро биёросту кажжӣ нахост.

Чу бахшоиш орад ба хашм[2]- андарун,
Сари ростон хонадаш раҳнамун.

Ниҳад тахти хушнудӣ андар ҷаҳон,
Биёбад ба дод офарини меҳон.[3]

Дили хеш агар дур дорӣ[4] зи кин,
Меҳону кеҳонат[5] кунанд офарин.

Ҳар он гаҳ ки шуд подшо каж(у)гӯй,[6]
Зи кажжӣ шавад зуд пайкорҷӯй.[7]

Суханро бибояд шунидан нахуст,
Чу доно бувад, посух орӣ[8] дуруст.

1. Л-бад-ӯ
2. И-кор
3. И-б. 7 нест.
4. И-шоҳ гар дур бошад
5. И-Кеҳону меҳонаш
6. И-озгӯй
7. И-Наёмад ба ҷуз оби тира ба ҷӯй.
8. - орад

Чу донанда мардум[1] бувад озвар,
Ҳаме[2] дониши ӯ[3] наёяд ба бар.

Ҳар он гаҳ ки доно бувад пуршитоб,
Чи дониш мар ӯро, чи дар шӯра об.

Чунон ҳам, ки ёбад дили лашкарӣ,
Ҳаме дар накӯҳиш кунад кеҳтарӣ.

Тавонгар кучо сахт бошад ба чиз,
Фурӯмоятар шуд зи дарвеш низ.[4]

Чу дарвеши нодон кунад бартарӣ,
Ба девонагӣ монад ин доварӣ.

Чу айби тани хеш донад касе,
Зи айби касон барнагӯяд басе.

Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунӣ, тан ба хорӣ бувад,

Чу хурсанд гаштӣ ба доди Худой,
Тавонгар шавӣ якдилу покрой.

Гар озода дорӣ танатро зи ранҷ,
Тани марди беоз беҳтар зи ганҷ.[5]

Ҳам онро, ки бахшиш бувад, тӯша бурд,
Бимирад-ш тан, ном ҳаргиз намурд.

Ҳама сарбасар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред».

Ҳама меҳтарон офарин хонданд,
Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд,

Ҷавон буд, солаш се панҷу яке,
Зи шоҳӣ варо баҳра буд андаке.

1. И-фарзонамардум
2. И-Ҳама
3. Л-дониш ӯро
4. Л-б 14 нест.
5. И-б. 19 нест.

Ҳаме ронд кори ҷаҳон Суфарой,
Қубод андар Эрон набуд кадхудой.

Ҳама кори ӯ паҳлавон рондӣ,
Касеро бари шоҳ наншондӣ.

На мӯбад буд ӯро, на фармон, на рой,[1]
Ҷаҳон пур зи дастурии Суфарой.[2]

## БАДГУМОН КАРДАНИ ЭРОНИЁН ҚУБОДРО АЗ СУФАРОЙ ВА КУШТАНИ Ӯ СУФАРОЙРО

Чунон буд, то бисту яксола гашт,
Ба ҷом- андарун бода чун лола[3] гашт.

Биёмад бари тоҷвар Суфарой
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.

Сипаҳбад худу[4] лашкараш соз кард,
Бизад кӯсу оҳанги Шероз кард.

Ҳаме рафт шодон сӯи шаҳри хеш,
Зи ҳар ком[5] бардошта баҳри хеш.

Ҳама Порс ӯро шуда чун раҳӣ,
Ҳама буд ҷуз тоҷи[6] шоҳаншаҳӣ.

Бар он буд, ки «Ман шоҳ биншондам,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хондам.

Гар аз ман касе зишт гӯяд бад-ӯй,
Варо сард гӯяд, биронад зи рӯй».

Ҳаме бож ҷустӣ зи ҳар кишваре,
Зи ҳар номдореву ҳар меҳтаре.

---

1. Л-мар ӯро, на фармону рой,
2. ИМ – На кишвар буд ӯро, на фармону рой,
   Ҷаҳон зери дастурии Суфарой.
3. ИЛ- жола
4. Л-бишуд,
5. И-кор
6. Л-номи: И-тахти

Чу огоҳӣ омад сӯи Кайқубод[1]
Зи Шерозу аз кори бедоду дод,

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ҷуз ном[2] шоҳ
Надорад аз Эрон, на[3] ганҷу[4] сипоҳ.

На фармон-ш бошад ба чизе, на рой,
Ҷаҳон шуд ҳама бандаи Суфарой.

Ҳар он кас, ки буд роздори Қубод,
Бар ӯ ин суханҳо[5] ҳаме кард ёд,

Ки «Аз подшоҳӣ ба номе басанд
Чаро кардӣ, эй шаҳрёри баланд?

Зи ганҷи ту огандатар ганҷи ӯ,
Бибояд гусист аз ҷаҳон ранҷи ӯ.

Ҳама Порс чун бандаи ӯ шуданд,
Бузургон парастандаи ӯ шуданд».

Зи гуфтор бад шуд дили Кайқубод,
Зи ранҷаш ба дил-бар накард эч ёд.

Ҳаме гуфт агар[6] ман фиристам сипоҳ
Сари ӯ бигардад, шавад размхоҳ.[7]

Чун ӯ душмане карда бошам ба ганҷ,
Аз ӯ дид бояд басе дарду ранҷ.

Кунад ҳар касе ёди кирдори ӯй,
Ниҳонӣ надонанд бозори ӯй.

Надорам дар Эрон ҳаме размхоҳ,
К-аз эдар шавад пеши ӯ бо сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт фарзона: «М-андеш аз ин,
Ки ӯ шаҳрёре шавад б-офарин.

1. И- ба сӯи Қубод
2. И-тоҷ
3. Л-Зи Эрон зи
4. И-Зи Эрону ганҷу
5. Л-суханро
6. И-гар
7. И-Наёяд ба фармон, шавад кинахоҳ.

Туро бандагонанду солор ҳаст,
Ки соянд бо чархи гарданда даст.

Чу Шопури Розӣ биёяд[1] зи ҷой,
Бидаррад дили бадкуниш Суфарой».

Шунид ин сухан шоҳ, нерӯ гирифт,
Ҳунарҳо бишуст аз дил, оҳу гирифт.[2]

Ҳамон гаҳ ҷаҳондидае Кайқубод
Бифармуд, то барнишинад чу бод.

Ба наздики Шопури Розӣ шавад,
Бар овози нахчирбозӣ[3] шавад.

Ҳам андар замон барнишонад варо,
Зи Рай сӯи даргоҳ хонад варо.

Дуаспа фиристода омад ба Рай,
Чу боди хазонӣ ба фармони Кай.

Чу дидаш, бипурсид солори бор,
В-аз ӯ бистад он номаи шаҳрёр.

Биёмад,[4] ба Шопури Розӣ супурд,
Савори сарафрозро[5] пеш бурд,

Чу бархонд он номаи Кайқубод,
Бихандид Шопури Меҳракнажод,

Ки бар Суфаро душман андар ҷаҳон
Набудӣ ҷуз ӯ ошкору ниҳон.

Чу бишнид, фармонбаронро бихонд,
Сӯи Тайсафун тез[6] лашкар биронд.

Чу овард лашкар ба наздики шоҳ,
Ҳам андарзамон баркушоданд роҳ.

1. И-биҷунбад
2. И-б. 50 нест
3. ИЛ-нахчиру бозӣ
4. И-Дарун шуд,
5. И-Фиристодаи шоҳро
6. И-зуд

Чу дидаш ҷаҳондор, бинвохташ,
Бари тахти пирӯза биншохташ.

Бад-ӯ гуфт: «Аз ин тоҷ бебаҳраам,
Ба беҳуда андар[1] ҷаҳон шӯҳраам,

Ҳама Суфаророст бахр аз меҳӣ,
Ҳаме ном бинам зи шоҳаншаҳӣ.

Аз ин доду бедод дар гарданам
Ба фарҷом рӯзе бупечад танам.

Ба Эрон бародар будӣ кадхудой,
Беҳ астӣ зи бедодгар Суфарой».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин кор ранҷа[2] мадор.

Яке нома бояд навиштан дурушт,
Туро фарру ному нажод аст пушт.

Бигӯӣ, ки аз тоҷи шоҳаншаҳӣ
Маро баҳра ранҷ асту ганҷи[3] тиҳӣ.

Туӣ божхоҳу манам бо гуноҳ,
Нахоҳам, ки хонӣ маро низ шоҳ.

Фиристодам инак яке паҳлавон,
Зи кирдори ту чанд бошам навон?

Чу нома бад-ин гуна бошад бад-ӯй,[4]
Чу ман бошаму лашкаре ҷангҷӯй,[5]

Намонам, ки барҳам занад низ чашм,
Нагӯям, сухан пеши ӯ ҷуз ба хашм».

Нависандаи номаро хонданд,
Ба наздики Шопур биншонданд.

1. Л-беҳудагӣ дар
2. И-ғамгин
3. Л-ганҷе
4. И-бар ӯй
5. И-душману лашкаре кинаҷӯй.

Бигуфт он суханҳо, ки бо шоҳ гуфт,
Шуд он килки печанда бо бод ҷуфт.[1]

Чу бар нома-бар мӯҳр бинҳод шоҳ,
Биёвард Шопур лашкар ба роҳ.

Гузин кард пас, ҳар кӣ буд номдор,
Пароканда аз лашкари шаҳрёр.

Худу номдорони пархошҷӯй,
Сӯи шаҳри Шероз бинҳод рӯй.

Чу огоҳ шуд з-он сухан Суфарой,
Ҳамон гаҳ биёвард[2] лашкар зи ҷой.

Пазира шудаш бо сипоҳи гарон,
Гузидасаворону ҷавшанварон.[3]

Расиданд пас як ба дигар фароз,
Фуруд омаданд он ду гарданфароз.

Чу биншаст Шопур бо Суфарой,
Фаровон заданд аз баду нек рой.

Бад-ӯ дод пас номаи шаҳрёр,
Сухан рафт[4] ҳар гуна душхору[5] хор.

Чу бархонд он номаро паҳлавон,
Бипажмурду шуд тангу тира равон.

Чу ӯ нома бархонд, Шопур гуфт,
Ки «акнун суханро набояд нуҳуфт.

Туро банд фармуд шоҳи[6] ҷаҳон,
Фаровон бинолид пеши меҳон.

1. И- Бад-он сон суханҳо, ки Шопур гуфт,
Набишту бупечид андар нуҳуфт.
2. И- Биёвард чун бод
3. И- Ҳамон гаҳ ба парда-дарун шуд давон,
Або ӯ бузургону фаррух гавон
4. Л-ҳаме рафт
5. И-душвору
6. И-Зи навмедии шаҳрёри

Бар он[1] сон, ки бархондӣ номаро,
Ту донӣ шаҳаншоҳи[2] худкомаро».

Чунин дод посух бад-ӯ паҳлавон,
Ки «Донад маро шаҳрёри ҷаҳон.

Аз[3] он ранҷу сахтӣ, ки бурдам зи шоҳ,
Ки рафтам ба Зобулситон бо сипоҳ.

Ба мардӣ раҳонидам ӯро зи[4] банд,
Намондам, ки ояд ба рӯяш[5] газанд.

Маро дастҳо буд[6] наздики шоҳ,
Ҳамон назди гурдони эронсипоҳ.[7]

Гар эдун, ки банд аст подоши ман,
Туро ранҷа кардан[8] ба пархоши ман,

Нахоҳам замон аз ту, поям бубанд,
Надорад маро банди ӯ мустаманд.

Зи Яздону аз лашкараш нест шарм,
Ки ман чанд полудаам хуни гарм.

Бад-он гаҳ куҷо шоҳ дар банд буд,
Ба Яздон маро сахт савганд буд,

Ки дастам набинад магар дасти[9] теғ,
Ба разм[10] офтоб андарорам ба меғ.

Магар сар диҳам, ё сари Хушнавоз,
Ба мардӣ зи тахт андарорам ба гоз.

Кунун банд фармуд, бандам сазост,
Суханҳои носудмандам ҷазост.

---

1. И-ин
2. И-сипаҳдори
3. Л-Ки
4. И-Раҳонидам ӯро зи зиндону банд.
5. И-ба кас бар Л-бар ӯ бар
6. И-пойгоҳест
7. И-пурмоягони сипоҳ
8. И-роҳ додан
9. И-ба ҷуз гурзу
10. Л-ҷанг

Зи фармони ӯ ҳеҷ гуна магард,
Ту пероя дон банд бар пойи мард».

Чу бишнид Шопур, пояш бубаст,
Бизад нойи рӯину худ барнишаст.

Биёвардаш аз Порс пеши Қубод,
Қубод аз гузашта накард эч ёд.

Бифармуд, к-ӯро ба зиндон баранд,
Ба наздики ноҳушмандон баранд.

Зи Шероз фармуд, то ҳар чи буд,
Зи ранҷу зи ганҷу зи кишту дуруд,

Биёранд яксар сӯи Тайсафун,
Супорад ба ганҷури ӯ раҳнамун,

Чу як ҳафта бугзашт, ҳар гуна рой
Ҳаме ронд бо мӯбад аз Суфарой.

Чунин гуфт пас шоҳро раҳнамун,
Ки «ёранд бо ӯ ҳама Тайсафун.

Ҳамон лашкару зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони[1] мо,[2]

Гар ӯ андар Эрон бимонад дуруст,
Зи шоҳӣ бибояд туро даст шуст.

Бадандеши шоҳи ҷаҳон кушта беҳ,
Сари бахти бадхоҳ баргашта беҳ».

Чу бишнид меҳтар зи мӯбад сухан,
Ба нав тохту безор гашт аз куҳан.

Бифармуд пас, то-ш беҷон кунанд,
Бар ӯ-бар дили дуда печон кунанд.

1. Л-деҳқон в-аз дизпарастони
2. И-б. 100-106 нест.

## БАНД КАРДАНИ ЭРОНИЁН ҚУБОДРО ВА БАР ТАХТ НИШОНДАНИ ҶОМОСП БАРОДАРАШРО

Чу огоҳӣ омад ба[1] эрониён,
Ки он пилтанро сар омад замон.[2]

Хурӯше баромад зи Эрон ба[3] дард,
Зану марду кӯдак ҳама[4] мӯя кард.

Ба нафрин забонҳои эрониён
Биёлуду бархост роз аз миён.

Барошуфт Эрону бархост гард,
Ҳаме ҳар касе кард сози набард.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки тахти Қубод
Агар Суфаро шуд, ба Эрон мабод!

Сипоҳиву шаҳрӣ ҳама шуд яке,
Набурданд номи Қубод андаке.

Бирафтанд яксар ба айвони[5] шоҳ,
Зи бадгӯй пурдарду фарёдхоҳ.

Касе, к-ӯ бари шоҳ бадгӯй буд,
Бар андешаи бад балоҷӯй буд,

Бикуштанду бурданд аз айвон кашон,
Зи Ҷомосп ҷустанд аз он пас[6] нишон,

Ки кеҳтар бародар буду сарфароз,
Қубодаш ҳаме парваридӣ ба ноз.

Варо баргузиданду биншонданд,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд.

Ба оҳан бубастанд пойи Қубод,
Зи фарру нажодаш накарданд ёд.

1. И-огоҳ гаштанд
2. И-зиён
3. И-аз Эрон баромад зи
4. Л-ҳаме
5. И-даргоҳи
6. Л-чанде

Яке пур буд Суфароро гузин,
Хирадманду покизаву[1] б-офарин.[2]

Ҷавоне беозору Размеҳр ном,
Ки аз номи ӯ буд падар шодком.

Супурданд баста бад-ӯ шоҳро,
Бад-он гуна бадройи[3] бадхоҳро,

Ки он меҳрубон кинаи Суфарой
Бихоҳад ба дард аз ҷаҳонкадхудой.

Беозор Размеҳри яздонпараст
Насудӣ ба бад бо ҷаҳондор даст.

Парастиш ҳаме кард пеши Қубод
В-аз он кин накард эч бар шоҳ ёд.

Ҷаҳондор аз ӯ[4] монд андар шигифт,
В-аз ӯ бахшиши мардумӣ[5] баргирифт.

Ҳаме кард пӯзиш, ки бадхоҳи ман
Пурошӯб кард ахтару моҳи ман,

Гар эдун, ки ёбам раҳоӣ зи банд,
Туро бошам аз ҳар баде[6] судманд.

Зи дил пок бардорам озори ту,
Кунам чашм равшан ба дидори ту.

Бад-ӯ гуфт Размеҳр, к-«эй шаҳрёр,
Равонро бад-ин бора[7] ранҷа мадор.

Падар гар накард, он чи боист кард,
Зи маргаш писар гурму тимор х(в)ард.

Туро ман ба сони яке бандаам,
Ба пеши ту-андар парастандаам,

1. Л-покизаи
2. И-покдин.
3. Л-бадроҳу; И-то кушад хасми
4. И-Ҷаҳонҷӯй з-ӯ
5. И-Ба размеҳр – бар офарин
6. И- андар ҷаҳон
7. И-кор

Чу гӯӣ, ба савганд паймон кунам,
Ки ҳаргиз вафои туро нашканам».[1]

## ГУРЕХТАНИ ҚУБОД ВА ПАНОҲ ГИРИФТАН НАЗДИ ҲАЙТОЛИЁН

Аз ӯ эминӣ ёфт ҷони Қубод,
Зи гуфтори он пурхирад гашт шод.

Аз он пас бар ӯ роз букшоду гуфт,
Ки «Андеша аз ту нахоҳам нуҳуфт.

Кушода-ст бар панҷ тан рози ман,
Ҷуз ин нашнавад як тан овози[2] ман.

Бихонемашону кушоем роз,
Агармон бад-он мардум ояд ниёз.

Агар банд бардорӣ аз пойи ман,
Чунон дон, ки бар хӯрдӣ аз ройи ман».

Чу бишнид Размеҳри покизарой,
Сабук бандро баргирифташ зи пой.[3]

Шаби тира аз шаҳр берун шуданд,
Зи дидори душман ба ҳомун шуданд.

Сӯи марзи Ҳайтол карданд рӯй
Аз андешагон хаставу роҳҷӯй.

Бар ин гуна саргашта ин ҳафт мард
Ба Аҳвоз рафтанд тозон чу гард.

Расиданд пӯён ба пурмоя деҳ,
Ба деҳ-дар яке номбардор меҳ.

Бад-он хони деҳқон фуруд омаданд,
Бибуданду якбора дам барзаданд.

1. ТПЗЛ – Чу Размеҳр гуфт ину Хусрав шунид,
Дили шоҳ аз хуррамӣ бардамид.
2. И- Ки ҳастанд ёру ҳамовози
3. И-б. 140-142 нест.

Яке духтаре дошт деҳқон чу моҳ,
Зи мушки сияҳ бар сараш-бар кулоҳ.

Ҷаҳонҷӯй чун рӯи духтар бидид,
Зи мағзи ҷавон шуд хирад нопадид.

Ҳамон гаҳ биёмад, ба Размеҳр гуфт,
Ки «Бо ту сухан дорам андар нуҳуфт.

Бирав,[1] рози ман пеши деҳқон бигӯй,
Магар ҷуфти ман гардад ин моҳрӯй».[2]

Бишуд тезу розаш ба деҳқон бигуфт,
Ки «Гар духтари хубро нест ҷуфт,

Яке пок анбозаш орам ба ҷой,
Ки гардӣ ба Аҳвоз-бар кадхудой»,

Гаронмоя деҳқон ба Размеҳр гуфт,
Ки «Ин духтари хубро нест ҷуфт.[3]

Агар ҳаст шоиста, фармон турост,
Мар инро бад-он деҳ, ки ӯро ҳавост».

Биёмад хирадманд назди Қубод,
Чунин[4] гуфт, к-«Ин моҳ ҷуфти ту бод.

Писандидаву[5] ногаҳон дидияш,
Бар он сон, ки дидӣ, писандидияш».

Қубод он парирӯйро пеш хонд,
Ба зонуи кундовараш барнишонд.

Або ӯ як ангуштарӣ буду бас,
Ки арзи нигинаш надонист кас.

Бад-ӯ доду гуфт: «Ин нигинро бидор,
Бувад рӯз, к-инро шавам хостор».

1. Л-Бишав,
2. Л-хубрӯй.
3. Л-б. 153, 154 нест.
4. И-Бад-ӯ
5. И-Пазируфтиву

Дар он деҳ ба як ҳафта аз баҳри моҳ
Ҳаме буду ҳаштум биёмад ба роҳ.

Бари шоҳи ҳайтолиён[1] шуд Қубод,
Гузашта суханҳо бар ӯ кард ёд.

Бигуфт, он чи карданд эрониён,
Бадиро бубастанд яксар миён.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Аз бади Хушнавоз
Ҳамоно бад-ин рӯзат омад ниёз.

Ба паймон супорам туро лашкаре,
Аз он ҳар яке бар сарон афсаре,[2]

Ки гар боз ёбӣ ту ганҷу кулоҳ,
Чағонӣ маро бошаду ганҷу гоҳ.

Маро бошад он марзу Эрон туро,[3]
Зи карда набошад пушаймон туро».[4]

Забардастро гуфт хандон Қубод,
К- «Аз ин марз ҳар кас[5] нагирем ёд.

Чу хоҳӣ, фиристам-т бемар[6] сипоҳ,
Чағонӣ кӣ[7] бошад, ки дорам нигоҳ?»

Ба шоҳи ҷаҳондор додаш рама,
Силеҳу саворони лашкар ҳама.[8]

Пазируфт шамшерзан сӣ[9] ҳазор,
Ҳама номдорони гурду савор.[10]

---

1. Л-шоҳи Ҳайтол
2. И-Або ҳар гурӯҳеву ҳар меҳтаре,
3. И-фармони ман,
4. И-Нигаҳдории аҳди паймони ман».
5. И-ганҷу
6. Л-Бар он бум ҳаргиз
7. Л-Чӣ
8. ИЛ-б. 170 нест;
   ТПЗ – Чу карданд аҳд он ду гарданфароз,
   Дари ганҷ бикшоду динор соз.
9. И-Бад-ӯ дод шамшерзан чил
10. И-номдор аз дари корзор.

Зи ҳайтолиён сӯи Аҳвоз шуд,
Саросар ҷаҳон з-ӯ пуровоз шуд.

## БОЗГАШТАНИ ҚУБОД АЗ ҲАЙТОЛ ВА ЗОДАНИ КИСРОИ НӮШИНРАВОН ВА БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ҚУБОД

Чу наздикии хони деҳқон расид,
Ҳама кӯй[1] мардум пароканда дид.

Ҳама мужда бурданд назди Қубод,
Ки «Ин пур бар шоҳ фархунда бод!

Писар зод ҷуфти ту дар шаб яке,
Ки аз моҳ пайдо набуд андаке».

Чу бишнид, дар хона шуд шодком,
Ҳамон гоҳ Кисрош карданд[2] ном.

Зи деҳқон бипурсид он гаҳ[3] Қубод,
Ки «Эй некбахт[4], аз кӣ дорӣ нажод?»

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз Офаридуни гурд,
Ки аз тухми[5] Заҳҳок шоҳӣ бибурд,

Падар гуфтам ину ниё ҳамчунин,
Ки бо Офаридун кунем офарин».

Зи гуфтори ӯ шодтар шуд Қубод,
Зи рӯзе, ки тоҷи кайӣ барниҳод.

Иморӣ бисечиду омад ба роҳ,
Нишаста бар ӯ-андарун ҷуфти шоҳ.

Биёвард лашкар сӯи Тайсафун,
Дил аз дарди[6] эрониён пур зи хун.

1. И- кӯча
2. И-Мар он хурдро хонд Кисро ба
3. И- пурсид фаррух
4. И- номвар
5. Л-тахти
6. И-Дилу ҷони

Ба Эрон ҳама солхӯрда радон,
Нишастанд бо номвар бихрадон,

Ки «Ин кор гардад ба мо-бар дароз,
Миёни ду шоҳ он[1] ду гарданфароз.

Зи Руму зи Чин лашкар[2] ояд кунун,
Бирезанд аз ин марз[3] бисёр хун.[4]

«Бибояд хиромид пеши Қубод,
Магар к-он суханҳо нагирад ба ёд.

Биёрем Ҷомоспи даҳсоларо,
Ки бо дурр ҳамто кунад жоларо.

Магар мо зи торочу хун рехтан
Ба як сӯ гурезему овехтан».

Бирафтанд яксар бари Кайқубод,
Бигуфтанд, к-«эй шоҳи хусравнажод,[5]

Гар[6] аз ту дили мардумон хаста шуд,
Ба шӯхӣ-дурун[7] дидаҳо шуста шуд.

Кунун комрон шав бар он ч-ат[8] ҳавост,
Ки шоҳи ҷаҳон бар ҷаҳон подшост».

Пиёда ҳама пеши ӯ-дар давон
Бирафтанд пурхоку тира равон,

Гуноҳи бузургон бубахшид шоҳ,
Зи хун рехтан кард пӯзиш паноҳ.

Бубахшуд[9] Ҷомоспро ҳамчунин,
Бузургон бар ӯ хонданд офарин.[10]

1. Л-шоху
2. И-Турку ки Чин мардум
3. И- бехуда
4. ТПЗИ – Яке гуфт аз он ҷумла, к-«эй меҳтарон
   Сарафрозу гурдону ҷанговарон.
5. И-б. 187-189 нест.
6. Л-Ки
7. Л-дилу
8. Л-комрон ту бад-он к-ат
9. Л- Бубахшид
10. И-б. 192-194 нест.

Биёмад, ба тахти кайӣ барнишаст,
Варо гашт Ҷомосп меҳтарпараст.

Ҳама кори он подшоҳии хеш
Ба Размеҳр биспурду биншонд[1] пеш.

Варо гашт он шоҳӣ ороста,
Ҷаҳон гашт пурдоду пурхоста.[2]

Бар ин гуна то гашт Кисро бузург,
Яке кӯдаке шуд далеру сутург.

Ба фарҳангиён дод фарзандро,
Чунон тозашоҳи барӯмандро.

Ҳама кори Эрону Тӯрон бисохт,
Ба гардун кулоҳи меҳӣ барфарохт.

В-аз он пас биёвард лашкар ба Рум,
Шуд он бора ӯро чу як мӯҳра мум.[3]

Ҳаме кард аз он буму бар хорсон,
Аз ӯ хост зинҳори ду шорсон.

Яке Ҳандиёву яке[4] Форикин,
Биёмухташон Занду бинҳод дин.

Ниҳод андар он марз оташкада,
Бузургиву[5] Наврӯзу ҷашни Сада.

Мадоин пай афканд[6] ҷойи Каён,
Пароканд[7] бисёр суду зиён.

Зи Аҳвоз то Порс як шорсон[8]
Бикарду биёвард беморсон.[9]

1. Л-овард
2. И-б. 196, 197 нест.
3. И-б. 200-201 нест
4. ИЛ – дигар
5. И-Ҳамон меҳри
6. И-Ба ҳар ҷой афканда
7. И-Пароканда
8. Л-шорситон
9. Л-баровард беморситон

Арон хонд он шорсонро[1] Қубод,
Ки тозӣ кунун ном Ҳулвон ниҳод.[2]

Кушоданд ҳар ҷой руде пуроб,[3]
Замин шуд[4] ҳама[5] ҷои орому хоб.

## ПАЗИРУФТАНИ ҚУБОД ДИНИ МАЗДАК

Биёмад яке мард, Маздак ба ном,
Сухангӯю бодонишу рою ком.

Гаронмоя мардеву донишфурӯш,
Қубоди диловар[6] бад-ӯ дод гӯш.

Ба назди шаҳаншоҳ дастур гашт,
Нигаҳдори он ганҷу ганҷур гашт.

Зи хушкӣ хӯриш танг шуд дар ҷаҳон
Миёни меҳону миёни кеҳон.

Зи рӯи ҳаво абр шуд нопадид,
Ба Эрон[7] касе барфу борон надид.

Меҳони ҷаҳон бар дари Кайқубод,
Ҳаме ҳар кас аз обу нон кард ёд.

Бад-эшон чунин гуфт Маздак, ки «шоҳ
Намояд шуморо ба уммед роҳ».

Давон худ биёмад бари шаҳрёр,
Чунин[8] гуфт, к-«эй шоҳи парҳезгор,[9]

---

1. Л-шорситонро
2. И-пас аз б. 207 ин б. омада;
   Кушуданд ҳар гуна оби равон,
   Ҳаме тоза гашт аз ҳавояш равон.
3. И-Ҳаме рафт ҳар гӯша ҷӯе зи об,
4. И-Заминаш
5. Л-пур аз.
6. И-ситуда.
7. И-соле
8. И-Бад-ӯ,
9. И-беҳрӯзгор,

Ман акнун[1] сухан пурсам аз ту яке,
Гар эдун, ки посух диҳӣ андаке».

Қубоди сароянда гуфташ: «Бигӯй,
Ба ман тоза кун аз сухан[2] обрӯй»[3].

Бад-ӯ гуфт: «Он[4] кас, ки мораш газид,
Ҳаме аз танаш ҷон бихоҳад парид.

Яке дигареро бувад пойзаҳр,
Газида наёбад зи тарёк баҳр.

Сазои чунин мард гӯӣ, ки чист,
Ки тарёк дорад дирамсанг бист?»[5]

Чунин дод посух варо[6] шаҳрёр,
Ки «Хунист ин марди тарёкдор.

Ба хуни газида бибояд-ш кушт,
Ба даргоҳ чун хасмаш орад ба мушт».

Чу бишнид, бархост аз пеши шоҳ,
Биёмад ба наздики фарёдхоҳ.

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Аз шаҳрёр
Сухан кардам аз ҳар даре хостор.

Бибошед то бомдоди пагоҳ,
Намоям шуморо сӯи дод роҳ».

Бирафтанду шабгир боз омаданд,
Сухан дар дилу пургудоз[7] омаданд.

Чу Маздак зи дур ин гавонро бидид,
Зи даргаҳ сӯи шоҳи Эрон давид.[8]

1. Л-Ба гетӣ; И-Зи гетӣ
2. Л-дар ҷаҳон
3. И- Сухан, ҳар чӣ дорӣ, ба мо роҳ ҷӯй».
4. Л-к-он
5. И- пас аз б. 221 ин б. омада:
   Чӣ бошад, бигӯ, эй сари анҷуман,
   Сазад, гар бирезанд хунаш зи тан.
6. И-бад-ӯ
7. И-Шаҳудадили баргудоз
8. Л-кашид.

Чунин[1] гуфт, к-«Эй шоҳи пирӯзгар,[2]
Сухангӯю бедору бозӯру фар,[3]

Сухан гуфтаму посухаш додиям,
Ба посух дари баста букшодиям.

Гар эдун, ки дастур бошад,[4] кунун
Бигӯям сухан пешат, эй[5] раҳнамун».

Бад-ӯ гуфт: «Баргӯю лабро мабанд,
Ки гуфтор бошад маро судманд».

Чунин гуфт, к-«Эй номвар шаҳрёр,
Касеро[6] ба банде бубанд устувор.

Ба бечорагӣ ҷон ба ноне супурд,
Хӯриш бозгиранд аз ӯ, то бимурд.

Мукофоти он кас, ки нон дошт ӯ,
Мар ин бастаро хор бугзошт ӯ,

Чӣ бошад, бигӯяд маро[7] подшо,
Гар ин мард доно буду порсо?».

Чунин дод посух, ки «Мискин танаш,
Ки нокарда хун аст[8] дар гарданаш».

Чу бишнид Маздак, замин бӯса дод,
Хиромон биёмад зи пеши Қубод.

Ба даргоҳи ӯ шуд, ба анбӯҳ гуфт,
Ки ҷое, ки гандум бувад дар нуҳуфт,

Шаведу ҳама баҳра з-ӯ баргиред,
Баҳо гар бигиранд, деҳ биспаред.[9]

1. И-Бад ӯ
2. И-бедорбахт; Л-пирӯзбахт,
3. И- донову зебои тахт; Л-зебои тахт,
4. Л-бошӣ,
5. Л-то бувад
6. И- Якеро
7. Л- магар
8. ИЛ – хунест нокарда
9. И-б. 239-240 нест.

Ба тороҷ дод, он ки будаш ба шаҳр,
Бад-он, то якояк биёбанд баҳр.

Давиданд ҳар кас, ки буд гурсуна,
Ба тороҷи гандум шуданд аз буна.

Чи анбори шаҳрӣ, ки они Қубод,
Ба як дона гандум набуданд шод.

Чу диданд, рафтанд корогаҳон
Ба наздики бедор шоҳи ҷаҳон,

Ки «Тороҷ карданд анбори шоҳ,
Ба Маздак ҳаме бозгардад гуноҳ».

Қубод он сухангӯйро пеш хонд,
Зи тороҷи анбор чанде биронд,

Чунин дод посух: «Анӯша бадӣ,[1]
Хирадро ба гуфтор тӯша бадӣ![2]

Сухан ҳар чӣ бишнидам аз шаҳрёр,
Бигуфтам ба эрониён[3] хор-хор.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфтам аз мору заҳр
В-аз он кас, ки тарёк дорад ба шаҳр.

Бад-ин банда посух чунин дод шоҳ,
Зи тарёкдору зи тарёкхоҳ,

Ки «Гар моркушта бимирад ба заҳр,
Наёбад аз он мард тарёк баҳр.[4]

Агар хуни ин марди тарёкдор
Бирезад касе, нест бо ӯ шумор.[5]

Чу шуд гурсуна, нон бувад пойзаҳр,
Ба серӣ нахоҳад зи тарёк баҳр.

---

1. И- бизӣ,
2. И-Равонро ба дидор тӯша бизӣ.
3. Л-бозориён
4. Л-б. 250, 251 нест.
5. ТПИ - Бихоҳанд хунаш аз он марди зифт,
Ки кори шаҳӣ хурд натвон гирифт.

Агар додгар бошӣ, эй шаҳрёр,
Дар анбор гандум наёяд ба кор.[1]

Шикам гурсуна чанд мардум бимурд,
Ки анбор осуда ҷонаш бибурд».

Зи гуфтори ӯ[2] тангдил шуд Қубод,
Бишуд тез мағзаш[3] зи гуфтори дод.

В-аз он пас бипурсиду посух шунид,
Дилу ҷони ӯ пур зи гуфтор дид.[4]

Зи чизе, ки гуфтанд пайғамбарон,
Ҳамон додгар мӯбадону[5] сарон,

Зи гуфтори Маздак ҳаме[6] кажж(у) гашт,
Суханҳо зи андоза андаргузашт.

Бар ӯ[7] анҷуман шуд фаровон сипоҳ,
Басе кас ба бероҳӣ омад[8] зи роҳ.

Ҳаме гуфт ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.

Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.

Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб[9] низ.

Зану хонаву чиз[10] бахшиданист,
Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.

Ман инро кунам рост бо дини пок,
Шавад вижа пайдо баланд аз мағок.

1. И-б. 252-254 нест.
2. И-Агарчанд аз он
3. И- бо ӯ
4. И-б. 257 нест.
5. И-хусравону
6. И-ҳама
7. И-Бад-ӯ
8. И-Ба ин роҳ омад ҳама кас
9. ИЛ – тавонгар ҳаром аст
10. И- молу фарзанд

Ҳар он кас, ки ӯ ҷуз бар ин[1] дин бувад,
Аз Эзад бар он роҳ[2] нафрин бувад.

Ҳаме гашт[3] дарвеш бо ӯ яке,
Агар пир буданд, агар[4] кӯдаке.

Аз ин[5] бистадӣ чиз, додӣ бад-он,
Фурӯ монданд андар он бихрадон.[6]

Чу бишнид, дар дини ӯ шуд Қубод,
Зи гетӣ ба гуфтори ӯ буд шод.

Варо ром биншонд бар дасти рост,
Надонист лашкар, ки мӯбад куҷост.

Бари ӯ шуд он кас, ки дарвеш буд,
В-агар нонаш аз кӯшиши хеш буд.

Ба гирди ҷаҳон тоза шуд дини ӯй,
Наёраст ҷустан касе кини ӯй.[7]

Тавонгар ҳаме сар зи некӣ бигошт,
Супурдӣ ба дарвеш, чизе ки дошт.

## ОВЕХТАНИ КИСРО МАЗДАКРО ВА КУШТАН ӮРО

Чунон буд, ки як рӯз Маздак пагоҳ
Зи хона биёмад ба наздики шоҳ,

Чунин гуфт, к-«Аз динпарастони мо,
Ҳам аз покдил зердастони мо.

Фаровон зи гетӣ сарон бар даранд,
Фуруд оварамшон, агар бугзаранд».

Зи Маздак шунид ин суханҳо Қубод,
Ба солор фармуд, то бор дод.

1. И-бад-ин
2. И-Зи яздон бар он дев
3. Л-Бибуд ҳар кӣ
4. И-в-агар
5. И-ӯ
6. И-монд аз кори ӯ мӯбадон.
7. И-б. 271, 272 нест.

Чунин гуфт Маздак ба пурмоя шоҳ,
Ки «Ин ҷой танг асту чандон сипоҳ.

Ҳамоно нагунҷанд дар пеши шоҳ,
Ба ҳомун хиромад, кунадшон нигоҳ».

Бифармуд, то тахт берун баранд,
Зи айвони шоҳӣ ба ҳомун баранд.

Ба дашт омад аз маздакӣ се[1] ҳазор,
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.

Чунин гуфт Маздак ба шоҳи замин,
Ки «Эй бартар аз донишу офарин,

Чунон дон, ки Кисро на бар дини мост,
Зи дин сар кашидан варо кай равост?

Яке дастхатташ бибояд ситад,
Ки сар боз гардонад аз роҳи бад.

Бупечонд аз ростӣ панҷ чиз,
Ки доно бар ин панҷ нафзуд низ,

Куҷо рашку кин асту хашму ниёз,
Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.

Ту гар чира бошӣ бар ин панҷ дев,
Падид оядат роҳи кайҳонхидев.

Аз ин панҷ моро зану хостаст,
Ки дини беҳӣ дар ҷаҳон костаст.

Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.

Бад-ин ду бувад рашку озу ниёз,
Ки бо хашму кин андарояд ба роз.

Ҳаме дев печад сари бихрадон,
Бибояд ниҳод ин ду андар миён».

1. ИЛ – сад

Чу ин гуфта буд,[1] дасти Кисро гирифт,
Бад-ӯ монда буд шоҳи Эрон шигифт.

Аз ӯ номвар даст бистад ба хашм,
Ба тундӣ зи Маздак битобид чашм.

Ба Маздак чунин гуфт хандон Қубод,
Ки «Аз кини Кисро чӣ дорӣ ба ёд?»

Чунин гуфт Маздак, ки «Ӯ[2] роҳи рост
Ниҳонӣ надорад, на бар[3] дини мост».

Ҳамон гаҳ зи Кисро бипурсид шоҳ,
Ки «Аз дини беҳ бугзарӣ, нест[4] роҳ?»

Бад-ӯ гуфт Кисро: «Чу ёбам замон,
Бигӯям, ки кажж аст яксар гумон,

Чу пайдо шавад[5] кажживу костӣ,
Дурафшон шавад[6] пеши ту[7] ростӣ».

Бад-ӯ гуфт Маздак: «Замон чанд рӯз
Ҳаме хоҳӣ аз шоҳи гетифурӯз?»

Варо[8] гуфт Кисро: «Замон панҷ моҳ,
Шашумро ҳама бозгӯям ба шоҳ».

Бад-ин барниҳоданду гаштанд боз,
Ба айвон шуд он шоҳи гарданфароз.

Фиристод Кисро ба ҳар ҷой кас,
Ки донандае диду фарёдрас.

Кас омад сӯи хурраи Ардашер,
Ки ояд ба даргоҳи Ҳурмузи пир.

---
1. Л-шуд,
2. И-Ба шоҳи ҷаҳон гуфт, к-ӯ
3. И- Надорад ба дил-дар, на дар
4. ИЛ- чист
5. И- кунам
6. И-Дурахшон кунам
7. Л-ман
8. И- Бад-ӯ

В-аз[1] Истахр Меҳродари[2] порсӣ
Биёмад ба даргоҳ бо ёрсӣ.

Нишастанд донишпажӯҳон ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна бар бешу кам.

Ба Кисро супурданд яксар сухан,
Хирадманд донандагони куҳан.

Чу бишнид Кисро, ба назди Қубод
Биёмад, зи Маздак ҳаме кард[3] ёд,

Ки «Акнун фароз омад он рӯзгор,
Ки дини беҳеро кунам хостор.

Гар эдун, ки ӯро бувад ростӣ,
Шавад[4] дини Зардушт дар[5] костӣ.

Пазирам ман ин пок дини варо,
Зи ҷон баргузинам гузини варо.

Чу роҳи Фаридун шавад нодуруст,
Набояд ба гетӣ ҳаме Занду Уст.

Сухан гуфтани Маздак ояд ба ҷой,
Набояд ба гетӣ ҷуз ӯ раҳнамой.

В-ар[6] эдун, ки ӯ кажжӣ гӯяд ҳаме,
Раҳи покяздон наҷӯяд[7] ҳаме,

Ту безор гард аз раҳу дини ӯй,
Бинеҳ дур нохуррам оини ӯй.

Ба ман деҳ ваю он[8] ки дар дини ӯст,
Мабодо якеро аз ин[9] мағзу пӯст».

1. И-Зи
2. ИЛ-Меҳрозари
3. Л-басе кард
4. Л-Бувад
5. Л-бар
6. Л-Гар
7. Л-нагӯяд
8. Л-ваю-в-он
9. Л-ба тан

Гуво кард Размеҳру Харродро,
Фароҳину Бандую Беҳзодро.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба айвони хеш,
Нигаҳ кард[1] он рост паймони хеш.

Чу[2] шабгир хуршед бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори дарёи[3] оҷ.

Ҳаме ронд[4] фарзанди шоҳи ҷаҳон,
Сухангӯй бо мӯбадону[5] меҳон.

Баробар ба айвони шоҳ омаданд,
Сухангӯву ҷӯяндароҳ омаданд.

Дилорой мӯбад сӯи Кайқубод
Биёмад, суханро дар андаркушод.

Чунин гуфт мӯбад[6] ба пеши гурӯҳ,
Ба Маздак, ки «Эй марди донишпажӯҳ,

Яке дини нав сохтӣ дар[7] ҷаҳон,
Ниҳодӣ зану хоста дар миён.

Чӣ донад писар, к-аш кӣ бошад падар,
Падар ҳамчунин чун шиносад писар?

Чу мардум баробар бувад дар ҷаҳон,
Набошанд пайдо кеҳону меҳон.

Кӣ бошад, ки ҷӯяд дари кеҳтарӣ,
Чӣ гуна тавон сохтан меҳтарӣ?

Кӣ бошад марову туро коргар,
Чу мардум ҷудо монад аз беҳ батар?

1. Л-дошт
2. И-Ба
3. И-тобанда
4. И-Ҳаме рафт
5. И-бихрадону
6. И-Кисро
7. Л-бар

Касе, к-ӯ мурад, ҷою чизаш[1] кирост,
Чӣ шуд шоҳ бо коргар ҳар ду[2] рост?

Ҷаҳон з-ин сухан пок вайрон шавад,
Набояд, ки ин бад ба Эрон шавад,

Ҳама кадхудоянду муздур кист,
Ҳама ганҷдоранд, ганҷур кист?

Зи диноварон ин сухан кас нагуфт,
Ту девонагӣ доштӣ дар[3] нуҳуфт,

Ҳаме мардумонро ба дӯзах барӣ,
Ҳаме кори бадро ба бад нашмарӣ».

Чу бишнид гуфтори мӯбад Қубод,
Барошуфту андар[4] сухан дод дод.

Гаронмоя Кисро варо ёр гашт,
Дили марди бедин пурозор гашт.

Пуровоз гашт[5] анҷуман сарбасар,
Ки «Маздак мабодо бари тоҷвар!

Ҳаме дорад ӯ дини Яздон табоҳ
Мабодо бад-ин номвар боргоҳ[6]

Аз он дин ҷаҳондор безор гашт[7],
Зи карда сараш[8] пур зи тимор гашт.[9]

Ба Кисро супурдаш ҳамон гоҳ шоҳ,
Або ҳар кӣ ӯ дошт он дину роҳ,

Бар он роҳ буд номвар се[10] ҳазор,
Ба фарзанд гуфт он замон шаҳрёр,

---

1. И-чизу молаш
2. И-мӯбаду банда; И-Ки шуд коргарбанда бо шоҳ
3. И-дорӣ андар
4. Л-ҳам
5. Л-шуд
6. И-пешгоҳ.
7. И-Ҷаҳонҷӯй безор шуд; Л-шуд,
8. И-дилаш
9. ИЛ- шуд.
10. И-бар маздакӣ шуд

Ки «Бо ин сухан[1] ҳар чӣ хоҳӣ, бикун,
В-аз ин пас[2] зи Маздак магардон сухун».

Ба даргоҳи[3] Кисро яке боғ буд,
Ки девори ӯ бартар аз роғ буд.

Ҳаме[4] гирд бар гирди он канда кард,
Мар ин мардумонро пароканда кард.

Бикуштандашон ҳам ба сони дарахт,
Забар пою сар зер оганда сахт.

Ба Маздак чунин гуфт Кисро, ки «Рав,
Ба наздики боғи гаронмоя шав,

Ки тухме, ки киштӣ бад-ин рӯзгор,
Туро дод, эй ноҳашивор бор.[5]

Дарахтон бубинӣ, ки он кас надид,
На аз кордонони пешин шунид».

Бишуд Маздаку боғ букшод дар,
Ки бинад магар бар чаман[6] борвар.

Ҳамон гаҳ ки дид, аз танаш рафт ҳуш,
Баромад баногоҳ аз ӯ як хурӯш.

Яке дор фармуд Кисро баланд,
Фурӯ ҳишта аз дор печон каманд.

Нагунбахтро зинда бар дор кард,
Сари марди бедин[7] нагунсор кард,

В-аз он пас бикушташ ба борони тир,
Ту гар боҳушӣ, роҳи Маздак магир![8]

1. Л-сарон; И-Або он сагон
2. И-Або ман
3. Л-майдони
4. Л-Ҳама
5. И-б. 345 нест.
6. И-Магар ба чаман бинад ӯ
7. И-баддин
8. ТПМ – Шунидам дигаргуна аз бихраде,
Ҷаҳондидае пиргашта раде,
Ки ин Маздак аз шоҳ духтар-ш хост,
Ҳамон шоҳиву тоҷу афсар-ш хост.

Бузургон шуданд эмин аз хоста,
Зану зодаву ганҷи[1] ороста,

Ҳаме буд бо шарм чанде Қубод,
Зи нафрини Маздак ҳаме кард ёд,

Ба дарвеш бахшид бисёр чиз,
Бар оташкада хилъат афканд низ.

Зи Кисро чунон шод шуд шаҳрёр,
Ки шоҳаш ҳаме гавҳар овард бор.

К-аз он пас ҳама рой бо ӯ задӣ,
Сухан ҳар чӣ гуфтӣ, падар бишнадӣ.

## ВАЛИАҲД КАРДАНИ ҚУБОД КИСРОРО ВА БУЗУРГОН НОМИ НӮШЕРВОН ДОДАН ӮРО

Зи шоҳиш чун сол бугзашт чил,
Ғами рӯзи марг андаромад ба дил.

Яке нома бинвишт пас бар ҳарир,
Бад-он хатти шоистаи дилпазир.

Нахуст офарин кард бар додгар,[2]
Ки ӯ дод дину хирад, ҳам ҳунар.[3]

Бибошад ҳаме бегумон, ҳар чӣ гуфт,
Чи бар ошкоро, чи андар нуҳуфт,

Сари подшоҳишро кас надид,
Нашуд хор ҳар кас, ки ӯро гузид.

«Ҳар он кас, ки бинед хатти Қубод,[4]
Ба ҷуз панди доно магиред ёд.

Ба Кисро супурдам сазовор тахт,
Пас аз марги мо ӯ бувад некбахт.

---

Бифармуд, то қир бугдохтанд,
Нагунсор дар қираш андохтанд.

1. Л-боғи; И-хонаву кохи
2. И-Кирдгор
3. И-К-аз ӯ дид неку бади рӯзгор.
4. И-бинад хатти Кайқубод,

Ки Яздон аз он пур хушнуд бод,
Дили бадсиголаш пур аз дуд бод.

Бад-ин мӯҳр ҷустем аз мӯбадон,
Чи аз зердастону фаррух радон.

Зи гуфтори ӯ ҳеҷ мапроканед,
Аз ӯ шод бошеду ганҷ оганед».

Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Бари мӯбади Ромбарзин ниҳод.

Ба ҳаштод шуд солиёни Қубод,
Набуд рӯзи пирӣ ҳам аз марг шод.

Ба гетӣ-дар аз марг хушнуд кист,
Ки фарҷоми кораш кӣ донад, ки чист?

Намонду[1] ҷаҳон мурдарӣ монд аз ӯй,
Шуд он ранҷу[2] осониву рангу бӯй.

Зи гирд овваридан кӣ ёбад беҳӣ,
Ки мерафт[3] бояд ба дасти тиҳӣ[4]

Танашро ба дебо биёростанд,
Гулу мушку кофуру май хостанд.

Яке дахма карданд шоҳаншаҳӣ,
Яке[5] тахти заррину тоҷи меҳӣ.

Ниҳоданд бар тахти зар шоҳро,
Бубастанд то ҷовидон роҳро.

Аз он пас надиданд чеҳри Қубод,
Ба гетӣ гузар кард гуфтӣ чу бод.

Чӣ бошӣ ту эмин зи гардуни пир,
Ки фарҷом анҷомадат ногузир?[6]

1. Л-Бимурду
2. Л-ганҷу
3. Л- Ҳамерафт
4. И-б. 371 нест.
5. И-Дар ӯ
6. И-б. 375, 376 нест.

Чу мӯбад бипардохт аз сӯги шоҳ,
Ниҳод он кайинома бар пешгоҳ.

Ба Эрон бузургон або[1] мӯбадон
Ба гирд омаду номвар бихрадон.[2]

Бар он анҷуман нома бархонданд,
Валиаҳдро шод биншонданд.

Чу Кисро нишаст аз бари гоҳи нав
Ҳаме хонданди варо шоҳи нав.

Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин,
Ба фармони ӯ шуд замону замин,

Ҷаҳон тоза гашт аз сари тоҷи ӯй,[3]
Або гург меш об хӯрдӣ ба ҷӯй,[4]

Ки ин шоҳ бар гоҳ ҷовид бод,
Фараш бартар аз фарри[5] Ҷамшед бод.

Зи бас хубиву доду оини ӯй,
В-аз он номвар донишу дини ӯй[6]

Варо ном карданд Нӯшинравон,
Ки чеҳраш ҷавон буду давлат ҷавон.

Ба сар шуд кунун номаи Кайқубод,
Зи Кисро барам з-ин сипас ному ёд.

## АЗ ПИРӢ НОЛИДАНИ САРОЯНДА

Ало, эй дилорой, сарви баланд,
Чӣ будат, ки гаштӣ чунин мустаманд?

---

1. К-або
2. И-б. 378 нест.
3. ТПМ – Ҳам эдун ба оини фаррух падар,
   Або ҷоҳу бо обу бо зебу фар.
4. Л-шуд аз сару тоҷи ӯ.
5. Л-ӯ;
   ТПМ – Аз он тахти рахшанда шодон шуданд,
   Ҳама кас бар ӯ офарин хонданд.
6. И-б. 380-384 нест; Л-б. 383. 384 нест.

Бад-он шодмониву он фарру зеб
Чаро буд[1] дили равшанат пурниҳеб?

Чунин гуфт пурсандаро сарвбун,
Ки шодон будам, то нагаштам куҳун,

Чунин суст гаштам зи нерӯи шаст,
Бипарҳезу бо ӯ масов эч даст.

Дами аждаҳо дораду чанги шер,
Бихояд касеро, ки ояд ба зер.

Ҳамовози раъд асту ҳамзӯри карг,
Ба як даст ранҷу ба як даст марг.

Зи сарви дилорой чанбар кунад,
Суманбаргро ранги анбар кунад.

Гули арғувонро кунад заъфарон,
Пас аз заъфарон ранҷҳои гарон.[2]

Шавад бастаи банд пойи[3] наванд,
В-аз ӯ хор гардад тани арҷманд.

Маро дурри хушшоб сустӣ гирифт,
Ҳамон сарви озод пастӣ гирифт.

Хурӯшон шуд он[4] наргисони дижам,
Ҳаме гирад аз сустиву ранҷ нам.[5]

Дили шоду беғам пур аз дард гашт,
Чунин рӯзи мо ноҷавонмард гашт.

Бад-он гаҳ ки мардум бувад сери[6] шир,
Шитоб оварад маргу хонанд-ш[7] пир.

Чилу ҳашт шуд аҳди Нӯшинравон,
Ту бар шаст рафтӣ, намонӣ ҷавон.

---

1. Л-шуд
2. Л-б. 394 нест.
3. Л-баста ин тундпои
4. Л-ин
5. Л-ранҷи ӯ пушт ҳам.
6. Л-хурад сер
7. Л-хонад-ш

Саранҷом ҷӯй аз ҳама кори хеш,
Ба тимори бешӣ макун дил-т реш.[1]

Шигифтӣ ба гетӣ чу Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.

Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу санг аз ӯст,

Кунун адли Кисрой пеш оварем,
Зи дафтар ба гуфтори хеш оварем.

1. Л-б. 401 нест; И-ба ҷои б. 387-201 ин б. омада:
Ба номи Худованди хуршеду моҳ.,
Ки дилро ба номаш хирад дод роҳ,
Худованди ҳастиву ҳам ростӣ,
Нахоҳад зи ту кажживу костӣ.
Худованди кайвону баҳрому шед,
В-аз ӯям навиду в-аз ӯям умед.
Аз ӯ гашт хуршед пайдо замон,
Пайи мӯр ҳастӣ бар ӯ- бар нишон,
Ситудан мар ӯро надонам ҳаме,
Аз андеша ҷон барфишонам ҳаме.
Зи гарданда хуршед то тирахок,
Сари гавҳарон оташу оби пок.
Ками ӯ физояндаву бениёз,
Ту дар подшоҳиш нозу гудоз.
Зи дастуру ганҷуру аз тоҷу тахт,
Зи камминву бешиву аз ному бахт
Ҳам ӯ бениёз асту мо бандаем,
Ба фармону рояш сар афкандаем,
Чу ҷону хирад бегумон кардаанд,
Сипеҳру ситора баровардаанд.
Чунин омад аз гунбади тезгард,
Гаҳе шодмонӣ диҳад, гоҳ дард.
Ҷуз ӯро мадон Кирдгори баланд,
К-аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ мустаманд.
Шабу рӯз, гардонсипеҳр офарид.
Хӯру хобу тундиву меҳр офарид,
Ба хушкӣ чу пилу ба дарё наҳанг,
Хирадманди бинодилу марди санг.
Зи ҳукме, ки ӯ кард, барнагзарад,
В-агар фарқи кайвон ҳаме биспарад.

# ПОДШОҲИИ КИСРОИ НӮШИНРАВОН

***Чилу ҳашт сол буд***

## АНДАРЗ КАРДАНИ НӮШИНРАВОН САРДОРОНИ ЭРОНРО

Чу Кисро нишаст аз бари тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Бузургони гетӣ шуданд анҷуман,
Чу биншаст солор бо ройзан.[1]

Сари номдорон забон баркушод,
Зи дидори некидиҳиш кард ёд.

Чунин гуфт, к-«аз Кирдгори сипеҳр
Дили мо пур аз офарин боду меҳр,

К-аз[2] ӯяст неку баду нангу[3] ном,
Аз ӯ мустамандем,[4] аз ӯ шодком.

Ба фармони ӯ тобад аз чарх ҳур
Аз ӯяст фарру бад-ӯяст зӯр.

Зи рою зи фармони ӯ нагзарем,
Нафас ҷуз ба фармони ӯ нашмарем.[5]

Ба тахти меҳӣ-бар ҳар он кас, ки дод
Кунад, дар дил ӯ бошад аз дод шод.

Ҳар он кас, ки андешаи бад кунад,
Ба фарҷом бад бо тани х(в)ад кунад.

Аз андешаи дил кас огоҳ нест,
Бад-ин тангӣ-андар маро роҳ нест.

1. Л-б. 2 нест.
2. И-Аз
3. Л-кому
4. Л-мустаманду
5. И-б. нест.

Зи мо ҳар чӣ хоҳед,[1] посух диҳем,
Ба хоҳишгарон рӯзи[2] фаррух ниҳем.

Агар подшоро бувад пеша дод,
Шавад,[3] бегумон, ҳар кас аз дод шод.[4]

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Кӣ донад,[5] ки фардо чӣ гардад[6] замон?

Гулистон, ки имрӯз бошад бабор,
Ту фардо чинӣ гул, наёяд ба кор.

Бад-он гаҳ ки ёбӣ танат зӯрманд,
Зи беморӣ андешу дарду газанд.

Паси зиндагӣ ёд кун рӯзи марг,
Чунонем бо марг чун боду барг.

Ҳар он гаҳ ки дар кор сустӣ кунӣ,
Ҳаме ройи нотандурустӣ кунӣ.

Чу чира шавад бар дили мард рашк,
Яке дардманде бувад бепизишк.

В-агар бар хирад чира гардад ҳаво,
Нахоҳад ба девонагӣ-бар гуво.

Дигар марди бекору бисёргӯй,
Намонад ба назди касаш[7] обрӯй,

Ба кажжӣ туро роҳ ториктар,
Сӯи ростӣ роҳ бориктар.

Ба коре, ки ту пешдастӣ кунӣ,
Бад ояд, ки кундиву сустӣ кунӣ.

Агар ҷуфт гардад забон бо дурӯғ,
Нагирад зи тахти сипеҳрӣ фурӯғ.

---

1. И-пурсанд,
2. И-посух ҳама ройи
3. ИЛ-Кунад
4. И-ёд.
5. И-Чӣ донӣ
6. И-созад
7. Л-Намонад-ш назди касе

Сухан кажж гуфтан зи бечорагист,
Ба бечорагон-бар бибояд гирист.

Чу бархезад аз хоб шоҳ аз нахуст,
Зи душман бувад эмину тандуруст.

Хирадманду аз хӯрданӣ бениёз,
Фузунӣ бар ин дарду ранҷ асту оз.

Агар шоҳ бododу бахшоиш аст,
Ҷаҳон пур зи хубиву ороиш[1] аст.

В-агар кажжӣ орад ба роҳ-андарун,
Кабасташ бувад хӯрдану об хун.

Ҳар он кас, ки ҳаст андар ин анҷуман,
Шунид ин баровардa[2] овози ман,

Бидонеду сартосар огаҳ бувед,
Ҳамасола бо бахт ҳамраҳ бувед,

Ки мо тоҷдорон басе дидаем,
Ба доду хирад роҳ бугзидаем.[3]

Валекин зи дастур бояд шунид,
Баду нек бе ӯ[4] наёяд падид.

Ҳар он кас, ки ояд бад-ин боргоҳ,
Ба боиста коре наёбанд роҳ,

Набошам зи дастур ҳамдостон,
Ки бар ман бипӯшад чунин достон.

Ба даргоҳ-бар кордонони ман,
Зи лашкар набардасаворони ман,

Чу рӯзӣ бар эшон надорем танг,
Нигаҳ кард бояд ба ному[5] ба нанг.

1. ИЛ-осоиш
2. И-Ҳама гӯш доред
3. И-рой парвардаем.
4. Л-Некро з-ӯ
5. Л-Ба некӯ

Ҳама мардумӣ бояду ростӣ,
Набояд ба додан-дарун костӣ.

Ҳар он кас, ки бошад зи эрониён,
Бубандад бар ин боргаҳ-бар миён.

Биёбад зи мо ганҷу гуфтори нарм,
Чу бошад парастанда борою шарм.

Чу бедод гирад касе зердаст,
Набошад хирадманду эзадпараст.[1]

Мукофот ёбад бад-он бад, ки кард,[2]
Набояд ғами ноҷавонмард х(в)ард.

Шумо дил ба фармони Яздони пок
Бидореду аз[3] мо мадоред бок,

Ки ӯяст бар подшо подшо,
Ҷаҳондору пирӯзу фармонраво.

Фурӯзандаи тоҷу хуршеду моҳ,
Намоянда моро сӯи дод роҳ.

Ҷаҳондору бар доварон довар аст,
Аз андешаи ҳар касе бартар аст.

Замону замин[4] офариду сипеҳр,
Биёрост ҷону дили мо ба меҳр.[5]

Нигаҳдори тоҷ асту тахти баланд,
Туро бар парастиш бувад ёрманд.[6]

---

1. И-яздонпараст; Л-б. 38-40 нест.
2. Л-бояд бад-он коркард,
3. Л-в-аз
4. Л-Макону замон
5. И- Макону замону сипеҳр офарид,
Биёрост ҷонрову меҳр офарид.
6. ТПМ – Агар додгар низ бошем, аз ӯст,
Чу бахшандаи чиз бошем, аз ӯст.
Ҳама кардаи ӯ бувад ҳар чӣ ҳаст
Ғаму шодмониву болову паст.

Шуморо дил аз меҳри мо барфурӯхт,
Дилу чашми[1] душман ба фармон бидӯхт.[2]

Ҳама тандурустӣ ба фармони ӯст,
Ҳама некувӣ[3] зери паймони ӯст.

Зи хошок[4] то ҳафт чархи баланд,
Ҳамон оташу обу хоки нажанд

Ба ҳастии Яздон гувоӣ диҳанд,
Равони туро ошноӣ диҳанд.

Ситоиш ҳама зери фармони ӯст,
Парастиш ҳама зери паймони ӯст».

Чу Нӯшинравон ин сухан баргирифт,
Ҷаҳоне аз ӯ монда андар шигифт.

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Бар ӯ офарине нав оростанд.

## БАХШИДАНИ КИСРО ПОДШОҲИРО БА ЧАҲОР БАҲР ВА ТАДБИР КАРДАН ХИРОҶРО

Шаҳаншоҳ донандагонро бихонд,
Суханҳои гетӣ саросар биронд.

Ҷаҳонро бубахшид бар чор баҳр,
В-аз ӯ номзад кард обод шаҳр.

Нахустин Хуросон аз он ёд кард,
Дили номдорон бад-ӯ шод кард.

Дигар баҳра з-ӯ Қум буду Исфаҳон,
Ниҳоди бузургону ҷои меҳон.

В-аз он баҳрае[5] Озарободагон,
Ки бахшиш ниҳоданд озодагон.

1. И-ҷони
2. ИЛ-бисӯхт.
3. И- ростӣ
4. Л-аз ин хок
5. И-сайӯм баҳра з-ӯ

В-аз Армения то дари Ардабил,
Бипаймуд бинодилу[1] буми Гил.

Севум Порсу[2] Аҳвозу марзи Хазар,
Зи Ховар варо[3] буд то Бохтар.

Чаҳорум[4] Ироқ омаду буми Рум,
Чунин подшоҳиву ободбум.

В-аз ин марзҳо ҳар кӣ дарвеш буд,
Ниёзаш ба ранҷи тани хеш буд,

Бубахшид оганда ганҷе бар ин,
Ҷаҳоне бар ӯ хонданд офарин.

Зи шоҳон ҳар он кас, ки буд пеш аз ӯй,[5]
Агар кам будаш ҷоҳ,[6] агар беш аз ӯй,[7]

Биҷустанд баҳра зи кишту друд,
Нарастаст кас пеш аз ин нобисуд,

Сеяк буд то чоряк баҳри шоҳ,
Қубод омаду даҳяк овард роҳ.

Зи даҳяк бар он буд, ки камтар кунад,
Бикӯшад, ки кеҳтар чу меҳтар кунад.

Замона надодаш бар он-бар диранг,
Ба дарё бас эмин машав аз наҳанг.

Чу Кисро нишаст аз бари тахти оҷ,
Бубахшид бар ҷои даҳяк хироҷ.

Шуданд анҷуман бихрадону радон,
Бузургону бедордил мӯбадон.

Ҳама подшоҳӣ шуданд анҷуман,
Заминро бубахшиду барзад расан.

1. Л-бино бар ӯ
2. И-Чаҳорӯм чу
3. И-аз ӯ
4. И-Ба панҷум
5. И-ӯ,
6. И-гоҳ,
7. И-ӯ.

Газете ниҳоданд бар як дирам,
Гар эдун, ки деҳқон нагардад дижам.

Касеро кучо тухм, ё чорпой,
Ба ҳангоми варзиш набудӣ ба ҷой,

Зи ганҷи шаҳаншоҳ бардоштӣ,
Зи киштан замин хор нагзоштӣ.

Ба нокишта-андар набудӣ сухан,
Пароканда шуд расмҳои куҳан.

Газети рази борвар шаш дирам,
Ба хурмоситон бар ҳамин зад рақам.

Зи зайтуну аз гавзу аз[1] мевадор,
Ки ҳар[2] меҳргон шох будӣ бабор,

Зи даҳ бун дирам як[3] расидӣ ба ганҷ,
Набудӣ ҷуз ин низ то соли ранҷ.

В-аз ин хӯрданиҳои хурдодмоҳ
Накардӣ ба бож-андарун кас нигоҳ.

Касе, к-аш дирам буду деҳқон набуд,
Надидӣ ғаму ранҷи кишту дуруд.[4]

Бар андоза аз даҳ дирам то чаҳор
Ба соле аз ӯ бистадӣ кордор.[5]

Касе бар кадевар[6] накардӣ ситам,
Ба соле ба се баҳра буд[7] ин дирам.

Гузоранда бурдӣ ба девони шоҳ
Аз ин бож баҳре ба ҳар чор моҳ.

1. Л-зайтун в-аз кавзу ҳар
2. Л-дар
3. Л-дираме
4. И-б. 80, 81 нест.
5. И-шаҳриёр.
6. Л-касе-бар
7. Л-се баҳра будӣ

Дабиру[1] парастандаи шаҳрёр,
Набудӣ ба девон касе бешумор.[2]

Газету хироҷ он чи буд, ном бурд,
Ба се[3] рӯз нома ба мӯбад супурд.

Яке он ки бар дасти ганҷур буд,
Нигаҳбони он нома дастур буд.

Дигар, то фиристад ба ҳар кишваре
Ба ҳар кордореву ҳар меҳтаре.[4]

Се дигар, ки наздики мӯбад баранд,
Газети сару божҳо бишмаранд.

Ба фармони ӯ буд, коре ки буд,
Зи божу[5] хироҷу зи кишту дуруд.

Пароканда корогаҳон дар ҷаҳон,
Ки то неку бад з-ӯ намонад ниҳон.

Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод кард,
Ба ҳар ҷой вайронӣ[6] обод кард.

Бихуфтанд бар дашт хурду бузург,
Ба обишхӯр омад ҳаме мешу гург.

## НОМА НАВИШТАНИ НӮШИНРАВОН БА КОРДОРОНИ ХЕШ

Яке нома фармуд бар паҳлавӣ,
Писанд оядат, чун зи ман бишнавӣ.

Нахустин сари нома гуфт: «Аз меҳ аст
Шаҳаншоҳ Кисрои яздонпараст.[7]

1. И-Дабири
2. И- з-ин шумор.
3. И-шаш
4. И-б. 87, 88 нест.
5. И-тоҷу
6. ИЛ-вайрона
7. ТПЛМ - Ки буд* рӯзи Баҳроми пурдодмоҳ.
Ки Яздон бидодаш ҳаме** тоҷу гоҳ.
* бар. ** Яздон-ш дод аз ҷаҳон

Барӯманд шох аз дарахти Қубод,
Ки тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод.

Сӯи кордорони божу хироҷ,
Парастандаи сояи фарру тоҷ.[1]

Беандоза аз мо шуморо дуруд,
Ҳунар бо нажод ар бувад,[2] барфузуд.

Нахустин сухан чун кушоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунем.

Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори гетӣ[3] сипос.

Бидонад, ки ҳаст ӯ зи мо бениёз,
Ба наздики ӯ ошкор аст роз.

Касеро кучо сарфарозӣ диҳад,
Нахустин дараш бениёзӣ диҳад.[4]

Маро дод фармуду худ довар аст,
Зи ҳар бартарӣ ҷовидон бартар аст.

Ба Яздон расӣ, шоҳу кеҳтар якест,
Касеро ҷуз аз бандагӣ кор нест.

Зи жарфи[5] замин то ба чархи баланд,
Зи хуршед[6] то тирахоки нажанд

Паи мӯр бар хештан-бар гувост,
Ки мо бандагонему ӯ подшост.

Нафармуд моро ба ҷуз ростӣ,
Ки дев оварад кажживу костӣ.

---

1. ТПЗ - Аз ӯ вижа* obод ҳар буму бар,
Ки Яздони додовараш** дод фар.
* Л-бар. ** Яздон-ш дод аз ҷаҳон
2. Л- он ки буд,
3. Л-кайҳон
4. И-б. 102 нест.
5. И-қаъри
6. Л-хошок

Агар баҳри ман з-ин ҷаҳони фарох[1]
Набудӣ ҷуз аз боғу майдону кох,[2]

Наҷустӣ дили ман ҷуз аз доду меҳр,
Кушодан ба ҳар кор бедор[3] чеҳр.

Кунун рӯи буми замин сарбасар,
Зи Ховар бар ӯ то дари Бохтар.

Ба шоҳӣ маро дод Яздони пок
Зи хуршеди рахшанда то тирахок.

Набояд, ки ҷуз доду меҳр оварем,
Дигар чин ба коре ба чеҳр оварем.

Шубоне камандешу дашти[4] бузург,
Ҳаме гӯсфанде намонад зи гург.

Набояд, ки бар зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони мо,

Ба хушкӣ ба хоку ба киштӣ бар об,
Ба рахшанда рӯзу ба ҳангоми хоб,

Зи бозоргонон, ки бар тарру хушк
Дирам дораду дурри хушшобу мушк,

Набояд, ки худ ҷуз ба доду ба меҳр
Бар эшон битобад зи хамми сипеҳр.

Бад-ин гуна рафт ин нажоду гуҳар,
Писар тоҷ ёбад ҳаме аз падар.

Ба ҷуз доду хубӣ набуд дар ҷаҳон,
Яке буд бо ошкоро ниҳон.

Ниҳодем рӯи заминро хироҷ
Дарахту газет аз пайи тахту тоҷ.

1. И-сарои сипанҷ
2. И- боғу девони ганҷ
3. Л-кори бедод
4. ИЛ- даште

Чу ин нома оранд назди шумо,
Ки фархунда бод урмузди шумо.

Касе, к-ӯ бар ин як дирам бугзарад,
Ба бедод-бар як нафас бишмарад.

Ба Яздон, ки ӯ дод дайҳиму[1] фарр,
Агар на, миёнаш бибуррам ба[2] арр.

Бад-ин низ бодафраи Кирдгор
Биёбад, чу тухми бад орад ба бор.

Ҳамин расму ин нома бинҳед пеш,
Магардед аз ин фаррух оину кеш.

Ба ҳар чор моҳе яке баҳра з-ин
Бихоҳед, бо доду бо офарин.

Ба ҷое, ки бошад зиёни малах,
В-агар таффи хуршед тобад ба шах,

В-агар барфу боди сипеҳри баланд
Бад-он киштмандон расонад газанд,

Ҳамон гар наборад ба Наврӯз нам,
Зи хушкӣ бувад[3] дашти хуррам дижам,

Махоҳед бож андар он буму руст,
Гар[4] абри баҳораш ба борон нашуст.

Зи тухми пароканда в-аз музди ранҷ,
Бубахшед корандагонро зи ганҷ.

Замине, ки ӯро худованд нест,
Бимурду варо хешу пайванд нест,

Мабодо, ки он[5] бум вайрон шавад,[6]
Ки дар сояи шоҳи Эрон бувад,

1. И-оину
2. И-Ки буррам миёнаш ба бурранда
3. Л-шавад
4. ИЛ-Ки
5. Л- Набояд, ки ин
6. Л-бувад.

Ки бадхоҳ бар ганҷ нанг оварад,
Ки чунин баҳона ба ҷанг оварад,

Ки вайрон бувад бум дар фарри ман,
Натобад бар ӯ сояи парри ман,

Зи ганҷ он чи бояд, мадоред боз
Ки кардаст Яздон аз он бениёз.[1]

Касеро, ки бошад бад-ин пойкор,
Агар гирад ин кори душвор хор,

Кунам зинда бар дор ҷое, ки ҳаст,
Агар сарфароз аст, агар зердаст.

Бузургон, ки шоҳони пешин буданд,
Аз ин кор бар дигар оин буданд.

Баду нек бо кордорон будӣ,
Ҷаҳон пеши аспи саворон будӣ.

Хирадро ҳаме хира бифрефтанд,
Аз афзудани ганҷ нашкефтанд.

Маро ганҷ додаст деҳқон сипоҳ,
Нахоҳам ба динор кардан нигоҳ.

Шумори ҷаҳон бозҷустан ба дод,
Нигаҳ доштӣ арҷи марди нажод.

Гиромитар аз ҷанги бадхоҳи ман,
Кӣ ҷӯяд ҳаме кишвару гоҳи ман.

Сипаҳбад, ки мардум фурӯшад ба зар,
Наёбад бад-ин боргаҳ-бар гузар.

Касеро бувад арҷ аз ин боргоҳ,
Ки бододу меҳр асту борасму роҳ.

Чу бедордил кордорони ман
Ба девони[2] мӯбад шаванд[3] анҷуман,

1. Л-б 135, 136 нест.
2. И-Ба наздики
3. Л-бувад

Падид ояд аз гуфти як тан дурӯғ,
Аз он пас нагирад бари мо фурӯғ.

Ба бедодгар-бар маро меҳр нест,
Палангу ҷафопеша мардум якест.

Ҳар он кас, ки ӯ роҳи Яздон бичуст,
Ба оби хирад ҷони тира бишуст,

Бар ин боргоҳаш баландӣ бувад,
Бари мӯбадон арҷмандӣ бувад.[1]

Ба наздики Яздон зи тухме ки кишт,
Биёбад ба подош хуррамбиҳишт,

Ки мо бениёзем аз ин хоста,
Ки гардад ба нафрин равон коста.

Чу аз[2] гӯшти дарвеш бошад х(в)ариш,
Зи чармаш бувад бегумон парвариш.

Паланге[3] беҳ аз шаҳрёре[4] чунин,
Ки на шарм дорад, на оини[*5] дин.

Кушодаст бар мо дари ростӣ,
Чӣ кӯбем хира дари костӣ?

Ниҳонӣ бад-ӯ дод додан бар ӯй,
Бад-он то расад назди мо гуфтугӯй.

Ба наздики Яздон бувад нописанд,
Набошад бад-ин боргаҳ арҷманд.

Зи Яздону аз мо бад-он кас дуруд,
Ки аз меҳру додаш бувад тору пуд!

Агар додгар бошӣ, эй шаҳрёр,
Бимонад ба гетӣ яке ёдгор,[6]

1. И-б. 151 нест.
2. Л-Киро
3. Л-Пашизе
4. Л-шаҳрёри
5. М-оину
6. ТПЗ – Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори кайҳон сипос

Ки ҷовид ҳар кас кунад офарин,
Бар он шоҳ, к-обод шуд з-ӯ замин.

## ДОСТОНИ БОБАК МӮБАДИ КИСРО ВА АРЗИ СИПОҲ ДОДАНАШ

Зи шоҳон, ки ботахту[1] афсар буданд,
Ба ганҷу ба лашкар тавонгар буданд,

Набуд додгартар зи Нӯширавон,[2]
Ки ҷовид бодо равонаш ҷавон!

На з-ӯ пурҳунартар ба мардонагӣ,
Ба тахту ба дайҳиму[3] фарзонагӣ.

Варо мӯбаде буд, Бобак ба ном,
Ҳашивору бинодилу шодком.

Бад-ӯ дод девони арзи сипоҳ,
Бифармуд, то пеши даргоҳи шоҳ

Биёрост ҷойи баланду фарох,
Сараш бартар аз теғи даргоҳи[4] кох.

Бигустурд фарше бар ӯ шоҳвор,
Нишастанд, ҳар кас ки будаш ба кор.

Зи девони[5] Бобак баромад хурӯш,
Ниҳоданд ҷумла[6] бар овоз гӯш,

Ки «Эй номдорони ҷангозмой,
Саросар[7] ба асп анданоред пой.

Хиромед яксар ба даргоҳи шоҳ,
Ба сар барниҳода зи оҳан кулоҳ».

1. И-тоҷу
2. Л-Нӯшинравон,
3. И-ба тоҷу ба
4. И-айвону
5. И-даргоҳи
6. И-гурдон; Л-яксар
7. Л-якояк

Зиреҳдору бо гурзаи говсор,
Касе к-ӯ дирам хоҳад аз шаҳрёр.

Биёмад ба девони Бобак сипоҳ,
Ҳаво шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Чу Бобак сипаҳро ҳама бингарид,
Дирафшу сари тоҷи Кисро надид.

Зи девон[1] ба асп андаровард пой,
Бифармудашон бозгаштан ба ҷой.

Ба ин чанд бугзашт[2] гардонсипеҳр,
Чу хуршеди тобанда бинмуд чеҳр,

Хурӯше даромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Эй гурздорони эронсипоҳ,

Ҳама бо силеҳу камону каманд
Ба даргоҳи[3] Бобак шавед арҷманд».

Бирафтанд бо найзаву хӯду кабр,
Ҳаме гарди лашкар баромад ба абр.

Нигаҳ кард Бобак ба гарди сипоҳ
Чу пайдо набуд фарру авранди шоҳ,

Чунин гуфт, к-«Имрӯз бо меҳру дод
Ҳама бозгардед пирӯзу шод!».

Ба рӯзе се дигар баромад хурӯш,
Ки «Эй номдорони бофарру ҳуш,

Мабодо, ки аз лашкар он[4] як савор
На бо таргу бо ҷавшани корзор.

Биёяд, бад-ин боргаҳ бугзарад,
Ба девон араз номи ӯ бингарад.

1. Л-Аз айвон
2. Л-низ бигзашт чанде
3. Л-девони
4. Л-лашкарӣ

Ҳар он кас, ки ҳаст ӯ ба тоҷ арҷманд,
Ба фарру бузургиву тахти баланд,

Бидонед, к-ин арз озарм нест,
Сухан бар муҳобову бо шарм нест».

Шаҳаншоҳ Кисро чу бинҳод гӯш,
Зи девони Бобак шунид он хурӯш,

Бихандиду хафтону миғфар бихост,
Дирафши бузургӣ барафрошт рост.

Ба девони Бобак хиромид шоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи оҳан кулоҳ.[1]

Фурӯ ҳишта аз тарги румӣ зиреҳ,
Зада бар зиреҳ-бар фаровон гиреҳ.

Яке гурзаи говпайкар ба чанг,
Зада бар камар чор тири ханданг,

Ба бозу камону ба зин-бар каманд,
Миёнро ба зарринкамар карда банд.

Барангехт аспу бияфшорд[2] рон,
Ба гардан баровaрда гурзи гарон.

Инонро чапу рост лахте бисуд,
Силеҳу саворӣ[3] ба Бобак намуд.

Нигаҳ кард Бобак, писанд омадаш,
Шаҳаншоҳро фарҳаманд[4] омадаш,

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша бадӣ,
Равонро ба фарҳанг[5] тӯша бадӣ!

Биёростӣ рӯи кишвар[6] ба дод,
Бад-ин гуна дод аз ту дорем ёд.

1. И-б. 172-189 нест.
2. ИЛ-бияфшурд
3. И-савориву гурдӣ
4. Л-фарраманд
5. И- дидор
6. И-гетӣ

Далерӣ буд аз банда ин гуфтугӯй,
Сазад, гар напечӣ ту аз дод рӯй.

Инонро яке бозпечӣ ба рост,
Чунон к-аз хирадмандии ту сазост».

Дигарбора Кисро барангехт асп
Чапу рост бар сони Озаргушасп.

Нигаҳ кард Бобак бад-ӯ, хира монд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Саворе ҳазору яке ду ҳазор
Набудӣ касеро гузар бар чаҳор.

Дирамме фузун кард рӯзӣ ба шоҳ,
Ба девон хурӯш омад аз боргоҳ,

Ки «Аспи сари ҷангҷӯён биёр
Савори ҷаҳон, номвар шаҳрёр».

Фаровон бихандид Нӯширавон,[1]
Ки «Давлат ҷавон буду хусрав ҷавон».

Чу бархост Бобак зи девони шоҳ,
Биёмад бари номвар пешгоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёри бузург,
Ки[2] имрӯз ман банда гаштам сутург.

Ҳама дар дилам ростӣ буду дод,
Дуруштӣ нагирад зи ман шоҳ ёд.

Дуруштӣ намояд, ки[3] бошад дуруст,
Анӯша касе, к-ӯ дуруштӣ наҷуст»[4].

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй ҳашивор мард,
Ту ҳаргиз зи роҳи дурустӣ магард.

1. Л-Нӯшинравон
2. Л-К-аз
3. Л-набошад, чу
4. Л-дурустӣ биҷуст».

Тани хешро гар муҳобо кунӣ,
Дили ростиро ҳаме бишканӣ.

Бад-ин арзи ту пеши[1] ман беш гашт,
Дилам сӯи андешаи хеш гашт,

Ки то[2] дар сафи коргоҳи набард
Чӣ гуна барорем з-овард[3] гард».

Чунин дод посух ба пурмоя[4] шоҳ,
Ки «Чун ту набинад нигину кулоҳ.

Чу дасту инони ту, эй шаҳрёр,
Ба Эрон[5] надидаст пайкарнигор.

Ба коми ту гардад[6] сипеҳри баланд,
Дилат шод боду дилат[7] бегазанд!»

Ба мӯбад чунин гуфт Нӯшинравон,
Ки «Бо доди мо пир гардад ҷавон.

Ба гетӣ набояд, ки аз шаҳрёр
Бимонад ҷуз аз ростӣ ёдгор.

Чаро бояд ин ранҷу ин ози ганҷ
Равон бастан андар сарои сипанҷ?[8]

Чу эдар нахоҳӣ ҳаме орамид,
Бибояд чариду бибояд чамид.

Пурандеша будам ба кори ҷаҳон,
Суханро ҳаме доштам дар ниҳон,

Ки то тоҷи шоҳӣ маро душман аст,
Ҳама гирд бар гирдам Оҳарман аст.

1. И-Бад-он арҷу назди; Л-Бад-он арҷи ту назди
2. Л-мо
3. Л- аз овард
4. И-посух овард Бобак ба
5. Л-айвон
6. Л-бодо
7. Л-танат
8. Л-б. 219 нест

Ба дил гуфтам, ар ман зи ҳар сӯ сипоҳ
Бихоҳам зи ҳар кишваре размхоҳ.

Нагардад силоҳ анҷуман ҷуз ба ганҷ
Ба ман баҳр ояд аз он ганҷ ранҷ.

Агар бад ба дарвеш хоҳад расид,
Аз ин орзу дил бибояд бурид![1]

Ҳаме рондам бо дили хеш роз,
Чу андеша пеши хирад шуд дароз,[2]

Сӯи паҳлавонону сӯи радон,
Ҳамон назди бедордил бихрадон,

Навиштам ба ҳар кишваре номае
Ба ҳар номдореву худкомае,

Ки ҳар кас, ки доранд ҳушу хирад,
Ҳаме кеҳтариро писар[3] парварад.

Ба майдон фиристед бо сози ҷанг,
Биҷӯянд наздики мо ному нанг.

Набояд, ки андар фарозу нишеб
Надонанд ҷангу[4] инону рикеб.

Ба гурзу ба шамшеру тиру камон
Бидонанд кӯшид бо бадгумон.

Ҷавон бе ҳунар сахт нох(в)аш бувад,
В-агарчанд фарзанди Ораш бувад.

Араз шуд зи дар сӯи ҳар кишваре,
Дирам бурд наздики ҳар меҳтаре.

Чиҳил рӯз будӣ аразро диранг,
Бирафтӣ ҷаҳонҷӯй бо сози ҷанг

1. Л-кашид!
2. Л-фароз,
3. ИЛ-ба сар
4. И-битобанд ҷангӣ

Ба девон[1] динор бардоштӣ,
Бад-ин хуррамӣ рӯз бугзоштӣ.

Кунун лоҷарам рӯи гетӣ ба мард
Биёростам, то ки орад набард.

Маро сози лашкар зи шоҳони пеш
Фузун асту ҳам донишу рои беш».[2]

Суханҳо чу бишнид мӯбад зи шоҳ,
Ҳаме[3] офарин хонд бар тоҷу гоҳ.

## ДАР ДОДУ ФАРҲАНГИ НӮШИНРАВОН

Чу хуршед бинмуд тобанда чеҳр,
Дари боғ букшод гардонсипеҳр.

Падид омад он тӯдаи шанбалид,
Ду[4] зулфи шаби тира шуд нопадид.

Нишаст аз бари тахт Нӯшинравон,
Ба дил доду хуррам, ба[5] давлат[6] ҷавон.[7]

Ҷаҳоне ба даргоҳ бинҳод[8] рӯй,
Ҳар он кас, ки буд дар ҷаҳон дод ҷӯй.[9]

Ба овоз гуфт он замон шаҳрёр,[10]
Ки «ҷуз покяздон мадоред ёр,

Ки доранда ӯяст у ҳам раҳнамой,
Ки ӯ даст гирад ба ҳар ду сарой.

1. И-девону
2. И-б. 238 нест.
3. И-басе.
4. И-Чу
5. Л-Диле шоду хандону
6. Хуҷаста дилафрӯз шоду
7. ТПЛМ – Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Ҳар кас, ки ҷӯяд сӯи дод роҳ,
Биёяд ба даргоҳи Нӯшинравон,
Хуҷаста дилафрӯз шоҳи ҷаҳон*».
* Л-ҷавон.
8. – даргаҳ ниҳоданд
9. Л-замин роҳҷӯй;
10. –ҷангҷӯй.

Мабошед тарсон ба[1] тахту кулоҳ,
Кушодаст бар ҳар кас ин боргоҳ.

Ҳар он кас, ки ояд ба рӯзу ба шаб,
Зи гуфтор баста мадоред лаб.

Агар май гусорем бо анҷуман,
Гар оҳиста бошем бо ройзан,

Ба чавгону бар дашти нахчиргоҳ
Бари мо шуморо кушодаст роҳ.

Ба хобу ба бедориву ранҷу ноз
Аз ин боргаҳ кас надоред боз.

Магар орзуҳо ҳама ёфта
Махуспанд як тан зи ман тофта.

Бад-он гаҳ шавад шод равшан дилам,
Ки ранҷи ситамдидае[2] бугсилам.

Мабодо, ки аз кордорони ман,
Гар аз лашкару пешкорони ман

Бихуспад касе бо дили дардманд,
Ки аз дарди ӯ бар[3] ман ояд газанд.

Сухан гарчи андак бувад дар ниҳон,
Бипурсад зи ман Кирдгори ҷаҳон.

Зи божу хироҷ он куҷо мондааст,
Ки мӯбад ба девони мо рондааст,

Нахоҳанд низ аз шумо зарру сим,
Махуспед аз ин пас дил аз ман ба бим».

Баромад зи айвон яке офарин
Зи хуршед то тира рӯи замин,

Ки Нушинравон бод бо фарраҳӣ
Ҳамасола бо тоҷи[4] шоҳаншаҳӣ.

1. ИЛ- зи.
2. Л-ситамдидагон
3. И-бо
4. И-Ҳама сол бо тахти

Мабодо зи ту тахт пардахту гоҳ,
Ҳам ин номвар хусравонӣ кулоҳ!

Бирафтанд бо шодиву хуррамӣ,
Чу боғи Ирам гашт рӯи замӣ.

Ба гетӣ надидӣ касеро дижам,
Зи абр андаромад ба ҳангом нам.

Ҷаҳон шуд ба кирдори хуррам[1] биҳишт,
Ҳаме абр дар бӯстон лола кишт.

Дару дашту полез шуд чун чароғ,
Чу хуршед шуд боғу чун моҳ роғ.

Пас огоҳ[2] омад ба Руму ба Ҳинд,
Ки шуд рӯи Эрон чу румипаринд.[3]

Заминро ба кирдори тобандамоҳ
Ба доду ба лашкар биёрост шоҳ.

Касе он сипаҳро надонад[4] шумор
Ба гетӣ, магар номвар[5] шаҳрёр.

Ҳама бо дили[6] шоду бо сози ҷанг,
Ҳама гетиафрӯз бо ному нанг.

Дили шоҳи ҳар кишваре хира гашт,
Зи Нӯшинравоншон[7] равон тира гашт.

Надиданд бо хештан тови ӯй,
Сабук шуд ба дил бож бо сови ӯй.

Ҳама кеҳтариро биёростанд,
Басе бардаву бадраҳо хостанд.

---

1. Л-боғи
2. Л-огоҳӣ.
3. И-б. 265 нест.
4. И- Надонист кас он сипаҳро
5. И-Ки гирд омада буд бари
6. ИЛ- диле
7. И- Нӯшинравоншон
   ТПЗИЛ – Фиристода омад зи Ҳинду зи Чин,
   Ҳама шоҳро хонданд офарин.

Ба заррин амуду ба заррин кулоҳ
Фиристодагон баргирифтанд роҳ.

Ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон омаданд,
Або[1] сову божи гарон[2] омаданд.

Биҳиште шуд ороста боргоҳ
Зи бас бадраву бардаву борхоҳ.

Бар ин низ бугзашт чандин, сипеҳр
Ҳаме рафт бо шоҳи Эрон ба меҳр.[3]

## БАРГАШТАНИ НӮШИНРАВОН ГИРДИ ПОДШОҲИИ ХЕШ

Хирадманд Кисро чунон кард рой,
К-аз он марз лахте биҷунбад зи ҷой.

Бигардад яке гирди хуррам ҷаҳон,
Кушода кунад корҳои[4] ниҳон.

Бизад кӯсу аз ҷой лашкар биронд,
Ҳаме моҳу хуршед аз ӯ хира монд.[5]

Зи бас пайкари лашкару симу зар,
Камарҳои заррину заррин сипар,

Ту гуфтӣ ба кор-андарун зар намонд,
Ҳамон дурри хушшобу гавҳар намонд.

Таносон ба сӯи[6] Хуросон кашид,
Сипаҳро бар оини[7] Сосон кашид.

Ба ҳар буми[8] ободд, к-ӯ баргузашт,
Саропардаву хаймаҳо зад ба дашт.

Чу бархостӣ нолаи карраной,
Мунодигаре пеш кардӣ[9] ба пой,

---

1. Л-Чу бо; И-Ки бо
2. ИЛ-меҳон
3. И-б. 275 нест.
4. И-розҳои
5. И-хира бимонд.
6. И-зи
7. И-Бар оину бар расми
8. И-буму
9. И-карда

Ки «Эй зердастони шоҳи ҷаҳон
Кӣ дорад газанде зи мо дар ниҳон?

Махуспед ноэмин аз шаҳрёр,
Мадоред аз андеша ҷонро низор.[1]

Аз ин гуна лашкар ба Гургон кашид,
Ҳаме тоҷу тахти бузургон кашид.

Чунон дон, ки каммӣ наёяд зи дод,
Ҳунар бояд аз шоҳу рою нажод.

Зи Гургон ба Сориву Омул шуданд,
Ба ҳангоми овози[2] булбул шуданд.

Дару дашт яксар ҳаме[3] беша буд,
Дили шоҳи Эрон пурандеша буд.

Зи ҳомун ба кӯҳе баромад баланд,
Яке тозие барнишаста саманд.

Сари кӯҳу он бешаҳо бингарид,
Гули сунбулу обу нахчир дид.

Чунин гуфт, к-«Эй довари[4] кирдгор,
Ҷаҳондору пирӯзу парвардгор,

Туӣ офаринандаи ҳуру моҳ,
Кушояндаву ҳам намояндароҳ.

Ҷаҳон офаридӣ бад-ин хуррамӣ,
Ки аз осмон нест пайдо замӣ.

Касе, к-ӯ ҷуз аз ту парастад ҳаме,
Равонро ба дӯзах фиристад ҳаме.

Азэро Фаридуни яздонпараст
Бад-ин гӯша[5] бархост ҷои нишаст»[6]

1. Л-ба зор.
2. Л-овои
3. Л-пур аз
4. ИЛ-равшани
5. Л-Бар ин кӯҳ
6. ТПЗ – Басе хуб ҷой асту бас дилпазир,
Ки обаш гулоб асту хокаш абир.

Бад-ӯ гуфт гӯянда: «Эй додгар,
Гар эдар зи туркон набудӣ гузар,

Аз ин моявар ҷою ин фаррахӣ
Дили мо набудӣ зи ромиш тиҳӣ.

Наёрем гардан барафрохтан
Зи бас куштану ғорату тохтан.

Намонанд бисёру андак ба ҷой,
Зи паррандаву мардуму чорпой.

Газанде ки ояд бар эронсипоҳ,
Зи кишвар ба кишвар ҷуз ин нест роҳ.

Басе пеш аз ин кӯшишу разм буд,
Гузар туркро роҳи Хоразм буд.

Кунун чун зи деҳқону бозоргон[1]
Бурун оварад, сар диҳад ройгон.[2]

Сипоҳ оваридӣ бад-ин ҷойгоҳ,
Бигардон бад аз мову барбанд роҳ.[3]

Накоҳад ҳаме ганҷ, к-афзоиш аст,
Ба мо-бар кунун ҷойи бахшоиш аст».

Сиришк аз ду дида биборид шоҳ,
Чу бишнид гуфтори[4] фарёдхоҳ.

Ба дастур гуфт он замон шаҳрёр,
Ки «Пеш омад ин кори душхор хор.

Нашояд, к-аз ин пас чамему[5] чарем
В-агар хештан тоҷро парварем.

Ҷаҳондор напсандад аз мо ситам,
Ки бошем шодону деҳқон дижам.

1. И- озодагон
2. И- Зи Руму Раю Озарободагон
3. Л-б. 304 нест.
4. И-овози
5. И-ҷаҳему

Чунин кӯҳу ин даштҳои фарох
Ҳама аз дари боғу майдону[1] кох.

Пур аз гову нахчиру оби[2] равон,
Зи дидан ҳаме тоза[3] гардад равон.

Намонем, к-ин бум[4] вайрон кунанд,[5]
Ҳамон ғорати[6] шаҳри Эрон кунанд.[7]

Зи шоҳиву аз рою фарзонагӣ
Нашояд чунин ҳам зи мардонагӣ.[8]

Нахонанд бар мо касе[9] офарин,
Чу вайрон бувад рӯи Эронзамин».

Ба дастур фармуд, к-аз Ҳинду Рум,
Куҷо ном бошад ба[10] обод бум,

Зи ҳар кишваре мардуме жарфбин,
Ки устод ёбӣ бад-ин,[11] баргузин.

Яке бора аз об баркаш баланд,
Бунаш паҳну болои ӯ даҳ каманд.

Ба сангу ба гаҷ бояд аз жарфи[12] об
Бароварда то чашмаи офтоб.

Ҳамоно к-аз ин гуна созем[13] банд,
Зи душман[14] ба Эрон наёяд газанд.

Набояд, ки бошад касе з-ин ба ранҷ,
Бидеҳ, ҳар чи хоҳанду букшой ганҷ.

1. Л-айвону
2. И-обу нахчиру рӯди
3. И-хира.
4. Л-кас бум
5. Л-кунад,
6. Л-ғорат аз
7. Л-кунад.
8. Л-девонагӣ.
9. И-гурдон маро
10. И-донӣ аз
11. И- донӣ бар ин,
12. ИЛ-қаъри
13. И-Ҳамон то ки созем з-ин гуна
14. И- Тӯрон

Кашоварзу[1] деҳқону марди нажод
Набояд, ки озор ёбад зи бод.

Яке пирмӯбад[2] бад-он кор кард,
Биёбон ҳама пеш девор кард.

Даре барниҳоданд аз оҳан бузург,
Рама яксар эмин шуд аз ранҷи[3] гург.

Ҳама рӯи кишвар нигаҳбон нишонд,
Чу эмин шуд, аз дашт лашкар биронд.

## САЗО ДОДАНИ КИСРО АЛОНОН ВА БАЛУҶИЁН ВА ГЕЛОНИЁНРО

Зи дарё ба роҳи Алонон кашид,
Яке марзи вайрони бекор дид.

Ба озодагон гуфт: «Нанг аст аз ин,
Ки вайрон бувад рӯи Эронзамин.

Набояд, ки бошем ҳамдостон,
Ки душман занад з-ин нишон достон».

Зи лашкар фиристодае[4] баргузид,
Сухангӯву доно чунон чун сазид.

Бад-ӯ гуфт: «Шабгир аз эдар бипӯй,
Бад-ин марзбонону лашкар бигӯй.

Шунидам зи гуфтори корогаҳон
Сухан чанд[5] рафт[6] ошкору ниҳон,

Ки гуфтед моро зи Кисро чӣ бок,
Чи Эрон бари мо, чи як мушт хок.

Кунун мо ба назди шумо омадем,
Саропардаву гоҳу хайма задем.

1. ИЛ-Кашоварз,
2. И-пири доно
3. ИЛ-бими
4. И-гаронмояе
5. Л-ҳарчи
6. И-ҳарчи ҳаст

Биёбон фарох асту кӯҳаш баланд,
Сипоҳ аз дари тиру гурзу каманд.[1]

Дару ғор ҷойи камини шумост,
Бару бум, кӯҳу замини шумост.

Ҳаме[2] ҷангҷӯёни бегонаем,
Сипоҳу сипаҳбад на з-ин хонаем».

Фиристода омад, бигуфт ин сухун,
Ки солори Эрон чӣ афканд бун.[3]

Сипоҳи алонӣ шуданд анҷуман,
Бузургону фарзонаву ройзан.

Сипоҳе ки-шон тохтан пеша буд,
В-аз озодмардӣ кам андеша буд,

В-аз эшон будӣ марзи[4] Эрон ба бим,
Намондӣ ба кас ҷомаву зарру сим.

Зану мард бо кӯдаку чорпой,
Ба ҳомун расидӣ, намондӣ ба ҷой.

Фиристода пайғоми шоҳи ҷаҳон
Бад-эшон бигуфт ошкору ниҳон.

Рухи номдорон аз он тира гашт,
Дил аз гуфти Нӯшинравон хира гашт.

Бузургони эшону[5] кундоварон,
Бирафтанд бо сову божи гарон.[6]

Ҳамон[7] бардаву ҷомаву симу зар,
Гаронмоя аспони бисёрмар,

В-аз эшон ҳар он кас, ки пирон буданд,
Сухангӯву донишпазирон буданд,

1. Л-б. 333 нест.
2. И-Ки мо
3. Л-б. 336 нест.
4. Л-шахри
5. И-он марзу
6. И- наздики шоҳу сарон.
7. И-Або

Ҳама пеши Нӯшинравон омаданд,
Зи кори гузашта навон омаданд.[1]

Хирад чун бувад бо диловар ба роз,
Ба шарму ба пӯзиш наёяд ниёз.

Чу пеши саропардаи шаҳрёр,
Расиданд бо ҳадяву бо нисор,

Хурӯшону ғалтон ба хок-андарун,
Ҳама дида пур з-обу дил пур зи хун.[2]

Бар эшон бубахшуд бедор шоҳ,
Бубахшид яксар гузашта гуноҳ.

Бифармуд, к-«Ин ҳар чӣ вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст,

Яке шорсоне[3] бароранд зуд,
Бад-ӯ андарун ҷои кишту дуруд.

Яке борае гирдаш-андар баланд,
Бад-он, то зи душман наёяд[4] газанд».

Бигуфтанд бо номвар шаҳрёр,
Ки «Мо бандагонем богӯшвор,

Барорем аз ин сон, ки фармуд шоҳ,
Яке бораву номвар ҷойгоҳ».

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ лашкар биронд,
Ба Ҳиндустон рафту чандон[5] бимонд.

Ба фармон ҳама пеши ӯ омаданд,
Ба ҷон ҳар касе чораҷӯ омаданд.

Зи дарёи Ҳиндустон то ду мил
Дирам буд бо ҳадяву аспу пил.[6]

1. И-б. 345, 346 нест.
2. И-349 нест.
3. Л-шорстоне
4. Л-набошад зи душман
5. ИЛ-чанде
6. И-б. 357, 358 нест.

Бузургон ҳама пеши[1] шоҳ омаданд,
Зидудадилу некхоҳ омаданд.

Бипурсид Кисрову бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

Диле шод баргашт аз он ҷойгоҳ,
Ҷаҳон шуд пур аз аспу пилу сипоҳ.[2]

Ҳаме рафту[3] огоҳӣ омад ба шоҳ,
Ки гашт аз балуҷӣ ҷаҳоне табоҳ.[4]

Зи бас куштану ғорату тохтан,
Заминро ба об-андар андохтан.

Ба Гелон табоҳӣ фузун аст аз ин,
Зи нафрин пароканда гашт офарин.

Дили шоҳ Нӯшинравон шуд ғамӣ,
Баромехт андӯҳ бо хуррамӣ.

Ба эрониён гуфт: «Алонону Ҳинд
Шуд аз бими шамшери мо чун паринд.

Басанда набошем бо шаҳри хеш,
Ҳаме шер ҷӯем печон зи меш».

Бад-ӯ гуфт гӯянда, к-«Эй шаҳрёр,
Ба полиз гул нест бе ранҷи хор.

Ҳамон марз, то буд, бо ранҷ буд,
Зи баҳри парокандани ганҷ буд.

Зи кори балуҷ арҷманд Ардашер
Бикӯшид бо кордонони пир.

Набуд[5] судмандӣ зи афсуну ранг,
На аз банду ранҷу на пайкору ҷанг.

1. И-наздики
2. И-б. 361 нест.
3. И-В-аз он пас чу
4. И- сиёҳ.
5. И-Варо

Агарчанд буд он сухан ногузир,
Бипӯшид бар хештан[1] Ардашер,

Зи гуфтори деҳқон барошуфт шоҳ,
Ба сӯи балуҷ андаромад зи роҳ.

Чу омад ба наздики он барзкӯҳ,
Бигардид гирд-андараш бо гурӯҳ.

Бар он гуна[2] гирд андаромад сипоҳ,
Ки бастанд аз анбӯҳ бар бод[3] роҳ.

Ҳама домани кӯҳ то рӯи шах
Сипаҳ буд бар сони мӯру малах.

Мунодигаре гирди лашкар бигашт,
Хурӯше баромад зи кӯҳу зи[4] дашт,

Ки «Аз кӯчиён ҳар ки ёбед х(в)ард[5]
В-агар теғдорону мардони мард,[6]

В-агар анҷуман бошад ар андаке,
Набояд, ки ёбад раҳои яке».

Чу огоҳ шуд лашкар аз хашми шоҳ,
Савору пиёда бубастанд роҳ.

Аз эшон фаровону андак намонд,
Зану марди ҷангию кӯдак намонд.

Саросар ба шамшер бугзоштанд,
Ситам кардани кӯч бардоштанд.

Бибуд эмин аз ранҷи эшон ҷаҳон,
Балуҷе намонд ошкору ниҳон,

Чунон шуд, ки бар кӯҳи эшон гала
Будӣ бенигаҳбону карда яла.

1. И-чашму дил
2. Л-Бад-он кӯҳ
3. Л-бар мору бар мӯр; И-бар боду бар пашша
4. Л-Хурӯш омад аз ғору ҳомуну
5. Л-Ҳар чӣ бошанд мард,
6. Л-гурди набард,

Шубон худ[1] набудӣ паси гӯспанд
Ба ҳомуну бар теғи кӯҳи баланд.

Ҳама ранҷҳо хор бугзоштанд,
Дару кӯҳро хона пиндоштанд.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Гелон кашид,
Чу ранҷ омад аз Гелу Дайлам падид.

Зи дарё сипаҳ буд то теғи кӯҳ,
Ҳаво пурдирафшу[2] замин пургурӯҳ.

Чунин гуфт, к-«Эдар зи хурду бузург
Набояд, ки монад пайи шеру гург!»

Пароканд[3] бар гирди Гелон сипоҳ,
Бишуд[4] равшаноӣ зи хуршеду моҳ.

Чунон шуд зи куштан ҳама буму руст,
Ки аз хун ҳама рӯи кишвар бишуст.

Зи бас куштану ғорату сӯхтан
Хурӯш омаду[5] нолаи марду зан.[6]

Бубастанд яксар ҳама дасти хеш,
Занон аз пасу кӯдаки хурд пеш.

Зи Гелон ҳар он кас, ки ҷангӣ буданд,
Ҳашивору борою сангӣ буданд,

Хурӯшон бари шаҳрёр омаданд,
Даридабару хоксор омаданд.

Шуданд андар он боргоҳ анҷуман,
Ҳама дастҳо баставу хаста тан,

Ки «Мо бозгаштем аз он бадкуниш,
Магар шоҳ гардад зи нохуш маниш.

1. Л-Шубоне
2. И-хурӯшу
3. Л-Пароканда
4. Л-Ки шуд
5. И-омад аз
6. ТПЗ – Зи кушта ба ҳар сӯ яке тӯда буд,
Гиёҳо ба мағзи сар олуда буд.

В-агар шоҳро дил зи Гелон бихаст,
Бибуррем сарҳо зи танҳо ба даст.

Дили шоҳ хушнуд гардад магар
Чу бинад бурида яке тӯда[1] сар».

Чу чандон хурӯш омад аз боргоҳ,
В-аз он гуна овоз бишнид шоҳ.

Бар эшон бубахшид[2] шоҳи ҷаҳон,
Гузашта шуд андар дили ӯ ниҳон.

Наво хост аз Гилу Дайлам дусад,
К-аз он пас нагирад касе роҳи бад.

Яке паҳлавон назди эшон бимонд,
Чу боиста шуд кор, лашкар биронд.

## ФАРЁД ХОСТАНИ МУНЗАРИ ТОЗӢ АЗ БЕДОД КАРДАНИ ҚАЙСАРИ РУМ

Зи Гелон ба роҳи Мадоин кашид,
Шумору канори сипаҳро надид.

Ба раҳ-бар яке лашкари бекарон
Падид омад аз дур найзаварон.

Саворе биёмад ба кирдори гард,
К-аз ин лашкари гашн будноймард.

Пиёда шуд аз аспу букшод лаб,
Чунин гуфт, к-«ин Мунзар аст аз араб».

Чу Мунзар биёмад ба наздики шоҳ,
Ҳама меҳтарон баркушоданд роҳ.

Бипурсид аз ӯ шоҳу шодӣ намуд,
Зи дидори ӯ равшаноӣ фузуд.

Ҷаҳондида Мунзар забон баркушод,
Зи Руму зи Қайсар сухан кард[3] ёд.

1. И- зи танҳо ҷудо карда
2. И-Бад-эшон бубахшуд; Л-бубахшуд
3. Л-ҳаме кард

Бад-ӯ гуфт: «Гар[1] шоҳи Эрон туӣ,
Нигаҳдору пушти[2] далерон туӣ,[3]

Чаро румиён шаҳрёрӣ кунанд,
Ба дашти саворон саворӣ кунанд?!

Агар шоҳ бар тахт Қайсар бувад,
Сазад, гар сарафроз бесар бувад.

Чу дастур бошад гаронмоя шоҳ,
Набинад чу мо низ фарёдхоҳ.

Саворони даштӣ чу румисавор[4]
Биёбанд[5], ҷавшан наёяд[6] ба кор».

Зи гуфтори Мунзар барошуфт шоҳ,
Ки Қайсар ҳаме[7] барфарозад кулоҳ.

Зи лашкар забоноваре[8] баргузид,
Ки гуфтори Кисро[9] бидонад[10] шунид.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар бирав то ба Рум,
Маёсой ҳеҷ андар обод[11] бум.

Ба Қайсар бигӯй, ар надорӣ хирад,
Зи ройи ту мағзи ту кайфар барад.

Агар шери ҷангӣ битозад ба гӯр,
Кабобаш кунад шеру ҳам оби шӯр.

Зи Мунзар ту гар дод ёбӣ, бас аст,
Ки ӯро нишаст аз бари каргас[12] аст,

1. Л-чун
2. Нигаҳдори дашти
3. И-б. 410, 411 нест.
4. Л-румӣ чу даштисавор.
5. Л-Биёянду
6. Л-наёяд
7. И-чаро
8. И-фиристодае
9. И- Қайсар
10. Л-Қайсар тавонад
11. И-ободу
12. Л-Ҳар кас

Чапи хеш пайдо кун аз дасти рост,
Чу пайдо кунӣ,[1] марз ҷӯӣ равост.

Чу бахшандаи буму кишвар манам,
Ба гетӣ сарафрозу меҳтар манам.

Ҳаме он кунам кор, к-аз ман сазад,
Намонам, ки боде бар ӯ барвазад.

Чу бо тозиён даст ёзӣ ба кин,[2]
Яке дар ниҳон хештанро бубин.[3]

Ва дигар, ки он подшоҳӣ маронт,
Дари гов то бурҷи моҳӣ маронт.

Агар ман сипоҳе фиристам ба Рум,
Туро теғи пӯлод гардад чу мум».

Фиристода аз пеши Нӯшинравон[4]
Биёмад ба кирдори боди дамон.[5]

Бари Қайсар омад, паёмаш бидод,
Бупечид бемоя Қайсар зи дод.

Надод эч посух варо ҷуз фиреб,
Ҳаме дур дид аз баландӣ нишеб.

Чунин гуфт, к-«Аз Мунзари камхирад
Сухан бовар он кун, ки андархӯрад.

Агар хира Мунзар бинолад ҳаме,
Бар ин гуна ранҷиш биболад ҳаме,

Гар эдун, ки аз дашти найзаварон
Бинолад[6] касе аз карон то карон,

Замин он ки болост, паҳно кунам,
В-аз[7] он дашти беоб дарё кунам».

1. И-Аз он пас агар
2. Л-хун,
3. Л-хештанро ту танҳо кунун.
4. И- Нӯширвон
5. И-Давон; Л-оби равон.
6. И-Биҷунбад
7. Л-Бар

Фиристода бишниду омад чу гард,[1]
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.[2]

Барошуфт Кисро, ба дастур гуфт,
Ки «бо мағзи Қайсар хирад нест ҷуфт.

Ман ӯро намоям, ки фармон кирост,
Ҷаҳон ҷустану ҷангу паймон кирост!

Зи бешиву[3] он гардад афрохтан,
В-аз он куштану[4] ғорату тохтан

Пушаймонӣ афзун хӯрад, з-он ки маст
Ба шаб зери оташ кунад ҳар ду даст».

Бифармуд, то баркашиданд пой,
Сипоҳ андаромад ба[5] ҳар сӯ зи[6] ҷой.

Зи даргоҳ бархост овои кӯс,
Замин қиргун гашту кӯҳ[7] обнӯс.

Гузин кард аз он лашкари номдор,
Савoрони шамшерзан сӣ[8] ҳазор.

Ба Мунзар супурд он сипоҳи гарон,
Бифармуд, к-аз дашти найзаварон

Сипоҳе бар аз ҷангҷӯён ба Рум,
Ки оташ бароранд аз он марзу бум,

Ки ҳарчанд ман шаҳрёри туам,
Бад-ин гуна-бар моядори туам.

Зи Руму зи румӣ мадор эч бок,
Чи румӣ бари ман, чи як мушт хок[9]

1. И-бод,
2. И-Суханҳои Қайсар ҳама кард ёд.
3. ИЛ-аз
4. ИЛ-ин кӯшишу
5. ИЛ-зи
6. ИЛ-ба
7. ИЛ-шуд, ҳаво
8. Л-сад
9. И-б. 445, 446 нест; Л-б. 440 нест.

Фиристодае[1] мо кунун чарбгӯй
Фиристем бо нома[2] наздики ӯй,

Магар худ биёяд-т з-ин пас газанд,
Ба Қайсар бувад Рум моро писанд.

## НОМА ФИРИСТОДАНИ НӮШИНРАВОН НАЗДИКИ ҚАЙСАРИ РУМ ВА ПОСУХИ Ӯ

Нависандае[3] хост аз боргоҳ,
Ба Қайсар яке нома фармуд шоҳ.

Зи Нӯшинравон шоҳи фаррухнажод,
Ҷаҳонгиру[4] зиндакуни Кайқубод

Ба наздики Қайсар сарафрози Рум,
Нигаҳбони он марзи ободбум

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Гаронмоягӣ ҷуз ба Яздон наҷуст.

Худованди гарданда хуршеду моҳ,
Худованди[5] пирӯзиву дастгоҳ,

Ки берун шуд аз ройи гардонсипеҳр,
Агар ҷанг ҷӯяд, агар доду меҳр.

Ту гар Қайсари Румро меҳтарӣ,
Макун ҳеҷ[6] бо тозиён доварӣ.

В-агар меш ҷӯӣ зи чанголи гург,
Ту донӣ, к-аз ӯ ранҷ бинӣ бузург.

В-агар сӯи Мунзар фиристӣ сипоҳ,
Намонам ба ту лашкару ганҷу[7] гоҳ.

1. ИЛ-Фиристодаеро
2. Л-Аз Эрон фиристем
3. И-Набисандае
4. Л-Ҷаҳонгири
5. ИЛ-К-аз ӯяст
6. Л-беш; И-низ
7. Л-тоҷу

Агар зердасте бувад[1] пурманиш,
Ба шамшер ёбад зи мо сарзаниш.

Ту з-он марз як раш мапаймой пой,
Чу хоҳӣ, ки паймон бимонад ба ҷой.[2]

В-агар бугзарӣ э-ин сухан, бугзарам,
Сару гоҳи ту зери пай биспарам.

Дуруди Худованди дайҳиму зӯр
Бад-он ки наҷӯяд ба бедод шӯр.

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Саворе гузиданд аз он боргоҳ.

Чунон чун бибоист чиразабон,
Ҷаҳондидаву[3] гурду равшанравон.

## РАСИДАНИ НОМАИ НӮШИНРАВОН НАЗДИ ҚАЙСАР ВА ФИРИСТОДАНИ ҚАЙСАР ПОСУХИ ОН

Фиристода бо номаи шаҳрёр[4]
Биёмад бари Қайсари номдор.[5]

Бар ӯ офарин карду нома бидод,
Ҳама ройи Кисро бад-ӯ[6] кард ёд.

Суханҳош[7] бишниду нома бихонд,
Бупечиду андар шигифтӣ бимонд.

Зи гуфтори Кисро сарафроз мард
Бурӯ пур зи чин карду рухсора зард.

Нависандаро[8] хонду[9] посух набишт,[10]
Падидор кард андар ӯ хубу зишт.

1. Л-шавад
2. Л-бимонад бачой.
3. Л-Ҷаҳондидае
4. И-Фиристода бо номаи номдор
5. И-шаҳриёр.
6. И-Суханҳои Кисро бар ӯ
7. И- Суханҳо чу.
8. И-Нависандаро
9. Л-Нависандае хосту
10. Л-навишт.

Сари нома чун гашт зангӣ чу[1] қор,
Нахуст офарин кард бар Кирдгор.

Нигорандаи баркашидасипеҳр,
К-аз ӯяст пархошу орому меҳр,

Ба гетӣ якеро кунад тоҷвар,
В-аз ӯ беҳ яке пеши ӯ бо камар.

Агар худ сипеҳри равон зери туст,
Сари муштарӣ зери шамшери туст,

Ба девон нигаҳ кун, ки руминажод
Ба тухми каён бож ҳаргиз надод.

Ту гар шаҳрёрӣ, на ман кеҳтарам,
Ҳамон босару афсару лашкарам.

Чӣ боист пазруфт чандин фусӯс
Зи бими пайи пилу овои кӯс.

Бихоҳам кунун аз шумо божу сов,
Кӣ дорад ба пархош бо Рум тов?

Сикандар шунидӣ, ба Эрон чӣ кард,
Зи мо буд он шоҳи озодмард.

Нуҳуфта нашуд теғи искандарӣ,
Чӣ созӣ ба мо-бар чунин доварӣ?[2]

Ба тороҷ бурданд якчанд чиз,
Кунун[3] он ситам барнагирем низ.

Зи дашти саворони найзаварон,
Барорем гард аз карон то карон.

На хуршед Нӯшинравон[4] офарид,
В-агар бистад аз чархи гардон калид,

1. И-мушкин зи; Л-зи
2. И-б. 477, 478 нест.
3. Л-Гузашт
4. И-Нӯширвон

Ки касро нахонад меҳе аз меҳон,
Ҳама коми худ ёбад ӯ дар ҷаҳон.

Фиристодаро ҳеҷ посух надод,
Зи тундӣ[1] зи Кисро наёмад-ш ёд.

Чу мӯҳр аз бари мушк[2] бинҳод, гуфт,
Ки «Бо ту Масеҳу салиб аст ҷуфт».

Фиристода бо ӯ назад ҳеҷ дам,
Дижам дид посух, биёмад дижам.

Биёмад бари шоҳи Эрон чу бод,[3]
Суханҳои Қайсар ҳаме кард ёд.[4]

## ЛАШКАР КАШИДАНИ НӮШИНРАВОН БА ҶАНГИ ҚАЙСАРИ РУМ

Чу бархонд он номаро шаҳрёр,
Барошуфт бо гардиши рӯзгор.

Ҳама мӯбадону радонро бихонд,
В-аз он нома чанде суханҳо биронд,

Се рӯз андар он буд бо ройзан,
Чи бо паҳлавонони лашкаршикан.

Чаҳорум бар он рост шуд ройи шоҳ,
Ки ронад сӯи ҷанги Қайсар сипоҳ.

Баромад зи дар нолаи говдум,
Хурӯшидани кӯсу рӯина хум.

Ба оромиш-андар набудаш диранг,
Ҳаме аз пайи ростӣ ҷуст ҷанг.

Сипаҳ баргирифту буна барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.

---

1. Л-тундии
2. Л-нома
3. ИЛ-гард,
4. ИЛ-ҳама ёд кард

Яке гард баршуд, ки гуфтӣ сипеҳр
Ба дарёи қир-андар андуд[1] чеҳр.

Бипӯшид рӯи заминро ба наъл,
Ҳаво[2] яксар аз парниён гашт лаъл,

Набуд бар замин пашшаро ҷойгоҳ,
На андар ҳаво бодро монд роҳ.

Зи ҷӯши саворону аз гарди пил
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил,

Ҷаҳондор бо ковиёнӣ дурафш
Ҳаме рафт бо тоҷу заррина кафш,

Ҳаме бар шуд овозашон бар ду мил,
Ба пеши сипоҳ-андарун кӯсу пил.

Паси пушту пеш-андар озодагон
Бишуд тез то Озарободагон.

Чу чашмаш баромад ба[3] Озаргушасп,
Пиёда шуд аз дуру бугзошт[4] асп.

Зи дастури покиза барсам биҷуст,
Ду рухро ба оби ду дида бишуст.

Ба бож[5] андаромад ба оташкада,
Ниҳоданд гоҳе ба[6] зар озада.

Ниҳода бар ӯ номаи Занду Уст,
Ба овоз бархонд мӯбад дуруст.

Раду ҳирбад пеш ғалтон ба хок,
Ҳама домани куртаҳо карда чок.

1. И-овард
2. И-Ҷаҳон
3. И-зи
4. И-ба пеш андару дошт
5. Л-роз
6. Л-курсии

Бузургон ҳама гавҳар афшонданд,
Ба замзам ҳама офарин хонданд.[1]

Чу наздиктар шуд, ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

В-аз ӯ хост пирӯзиву дастгоҳ,
Намудан дилашро сӯи дод роҳ.

Парастандагонро бубахшид чиз,
Ба ҷое, ки дарвеш диданд[2] низ.

Яке хайма зад пеши оташкада,
Кашиданд лашкар зи ҳар сӯ рада.

Дабири хирадмандро пеш хонд,
Суханҳои боиста бо ӯ[3] биронд.

Яке нома фармуд бо офарин
Сӯи марзбонони Эронзамин,

Ки тарсанда бошеду бедор бед,
Ҷаҳонро зи душман нигаҳдор бед.

Куноранг бо паҳлавон ҳар кӣ ҳаст,
Ҳама дод ҷӯед бо зердаст.[4]

Бидоред, чандон ки бояд, сипоҳ,
Бад-он то наёбад бадандеш роҳ.

Дирафши маро то набинад касе,
Набояд, ки эмин бихуспад басе.

Аз оташкада чун бишуд сӯи Рум,
Пароканда шуд з-ӯ хабар гирди бум.

Ба пеш омад он кас, ки фармон гузид,
Зи гурдон бару бум шуд нопадид.

---

1. И- Бузургон бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама зарру гавҳар барафшонданд.
2. И-буданд
3. Л-чанде
4. И-б. 514 нест.

Ҷаҳонҷӯй бо ҳадяву бо нисор
Фаровон баромад бари шаҳрёр.

Ба ҳар буму бар, к-ӯ фуруд омадӣ,
Зи ҳар сӯ паёму дуруд омадӣ.

Зи гетӣ ба ҳар сӯ,[1] ки лашкар кашид,
Ҷуз аз базму нахчир чизе[2] надид.

Чунон буд, ки ҳар шаб зи гурдон ҳазор
Ба базм омадандӣ бари шаҳрёр.

Чу наздик шуд, размро соз кард,
Сипаҳро дирам додан оғоз кард.

Сипаҳдор Шерӯи Баҳром буд,
Ки дар ҷанг бороюю ором буд.

Чапи лашкарашро ба Фарҳод[3] дод,
Басе пандҳо бар дилаш кард ёд.[4]

Чу истод Пирӯз бар[5] маймана,
Гушаспи ҷаҳонҷӯй пеши буна.

Ба қалб андаровард Меҳрон ба пой,
Ки бар кинагаҳ доштӣ дил ба ҷой.

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Басе панду андарзи некӯ биронд.

Талоя ба Ҳурмузди Харрод дод,
Басе гуфт бо ӯ ба бедоду[6] дод.

Ба ҳар сӯ бирафтанд корогаҳон,
Бад-он то намонад сухан дар ниҳон.

Чунин гуфт, к-«Аз[7] лашкари бекарон,
Зи пурмоягону зи кундоварон,

1. И-Ба ҳар буму шаҳре
2. И-шодӣ
3. И-Баҳром
4. И-Дилашро ба неку бад ором дод.
5. Л-бар зин абар,
6. Л-Равону дилаш бо хирад ёд; И-пандҳо бар дилаш ёд
7. Л-к-ин

Агар як тан аз роҳи ман бугзарад,
Дами хеш бе ройи ман бишмарад.

Ба дарвешмардум расонанд[1] ранҷ,
В-агар бар бузургон, ки доранд ганҷ.

В-агар[2] киштманде бикӯбад ба пой,
В-агар пеши лашкар биҷунбад зи ҷой,

Гар оҳанг бар мевадоре кунанд,[3]
В-агар нописандида коре кунанд,[4]

Ба Яздон, ки ӯ дод дайҳиму зӯр,
Худованди кайвону баҳрому ҳур,

Агар на миёншон бибуррам ба теғ,
В-агар чун ситора барояд ба меғ.

Ба пеши сипаҳ бар талоя манам,
Ҷаҳонҷӯву дар қалб моя манам.

Нигаҳбони пилу сипоҳу буна
Гаҳе бар чапам,[5] гоҳ бар маймана.

Ба хушкӣ равам,[6] гар ба дарёи об,
Наҷӯям ба разм- андар орому хоб».[7]

Мунодигаре, номи ӯ Шерзод
Гирифт он суханҳои Кисро ба ёд.

Биёмад дамон, гирди лашкар бигашт,
Ба ҳар хаймаву хиргаҳе баргузашт.

Хурӯшид, к-«Эй бекарона сипоҳ,
Чунин аст фармони бедоршоҳ,

1. Л-расонед
2. И-Агар
3. Л-кунед,
4. Л-кунед; И-б. 535 нест.
5. Л-майсара
6. Л-бувам,
7. И-б. 539, 540 нест.

Ки гар[1] ҷуз ба меҳру ба доду хирад
Касе сӯи хоки сияҳ бингарад,[2]

Бар он[3] тирахокаш бирезанд хун,
Чу ояд зи фармони Яздон бурун».

Ба панди мунодӣ нашуд шоҳ ром
Ба рӯзи сапеду шаби тирафом.

Ҳаме гирди лашкар бигаштӣ ба роҳ,
Ҳаме доштӣ неку бадро нигоҳ.

Зи кори ҷаҳон огаҳӣ доштӣ,
Баду некро хор нагзоштӣ.

Зи лашкар касе, к-ӯ бимурдӣ ба роҳ,
Варо дахма кардӣ бад-он ҷойгоҳ.

В-агар бозмондӣ аз ӯ симу зар,
Каманду[4] кулоҳу камону[5] камар,

Баду нек бо мурда будӣ ба хок,
Набудӣ беҳ аз мардум андар мағок.

Ҷаҳоне аз ӯ монда андар шигифт,
Ки Нӯшинравон он бузургӣ гирифт.[6]

Ба ҳар ҷойгоҳе, ки ҷанг омадӣ,
Варо рою ҳушу диранг омадӣ,

Фиристодае хостӣ ростгӯй,
Ки рафтӣ бари душмани чораҷӯй.

Агар ёфтандӣ сӯи дод роҳ,
Накардӣ ситам он хирадманд шоҳ.

1. И-мо
2. Л-б. 543, 544 нест.
3. Л-Ки бар
4. Л-Зи ҷома,
5. Л-каманду
6. И-б. 552 нест.

В-агар ҷанг ҷустӣ, ба ҷанг омадӣ,
Ба хашми[1] диловар наҳанг[2] омадӣ.

Ба тороҷ додӣ ҳама буму руст,
Ҷаҳонро ба доду ба шамшер ҷуст.

Ба кирдори хуршед шуд[3] ройи шоҳ,
Ки бар тарру хушкӣ битобад ба[4] роҳ.

Надорад зи кас равшаноӣ дареғ,
Чу бугзорад[5] аз чархи гарданда меғ,

Ҳамаш хоку регу ҳамаш рангу бӯй,[6]
Ҳамаш дурри хушшобу ҳам оби ҷӯй.

Фурӯғи баландӣ напӯшад[7] зи кас,
Дилафрӯз, бахшанда[8] ӯясту бас.

Шаҳаншоҳро моя з-ӯ буду[9] фар,
Ҷаҳонро ҳама дошт[10] дар зери пар.

Варо ҷангу бахшиш чу бозӣ будӣ,
Азеро бад-он сарфарозӣ[11] будӣ.

Агар пилу шер омадандиш пеш,
Набардоштӣ ҷанг як рӯз беш.

Сипоҳе, ки бо хӯду ҳафтони[12] ҷанг
Ба пеши сипоҳ омадӣ бедиранг,

Агар кушта будӣ, в-агар баста хор,[13]
Ба зиндони пирӯзгар шаҳрёр.

1. И-чашми
2. И-паланг
3. Л-буд
4. Л-битобид
5. Л-бугрезад
6. Л-хоки тира, ҳамаш хоки кӯй.
7. Л-начӯяд
8. Л-Дилафрӯз рахшанда
9. Л-Шаҳаншоҳ бо доду бо рою
10. Л-ҳаме дошт
11. Л-В-аз эрониён бениёзӣ
12. Л-хафтону
13. Л-агар баста зор,

## ДИЖҲО ГИРИФТАНИ НӮШИНРАВОН ДАР БУМИ РУМ

Чунин то биёмад бад-он шорсон,
Ки Шӯроб буд номи он корсон.[1]

Баровардае дид сар дар[2] ҳаво,
Пур аз мардуму сози ҷангу наво.

Зи хоро пай афканда дар жарфи[3] об,
Кашида сари бора андар саҳоб.

Ба гирди ҳисор андаромад сипоҳ,
Надиданд ҷое ба даргоҳ роҳ.[4]

Бар ӯ сохт аз чор сӯ манҷаниқ,
Ба пой омад он бораи ҷосалиқ.

Баромад зи ҳар сӯи диж растахез,
Надиданд ҷое гузору гурез.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Шуд он бораи диж ба кирдори дашт.

Хурӯши саворону гарди сипоҳ
Ҳаме дуду оташ баромад ба моҳ.

Ҳама ҳисн бетан, сару пой буд,
Тани бесароншон дигар ҷой буд,

Ғави зинҳору[5] хурӯши занон
Баромад зи[6] захми табиразанон.

Аз эшон ҳар он кас, ки пурмоя буд,
Бимурдиву ганҷаш гаронмоя[7] буд,

1. ТПЗ – Аз Эрон чу Гуштосп омад ба Рум,
Гирифт андар он шаҳри Шӯроб бум.
2. Л-бар
3. Л-қаъри
4. Л-даргоҳи шоҳ.
5. Л-Чу зинҳору бонги
6. Л-чу
7. Л-Ба ганҷу ба мардӣ гаронсоя

Бубастанду бар пил карданд бор,
Хурӯш омаду нолаи зинҳор.

Набахшуд бар кас ба ҳангоми разм,
На бар ганҷу динор ҳангоми базм.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Ба раҳ-бар диже дигар омад падид,

Ки дар банди ӯ ганҷи Қайсар будӣ,
Нигаҳбони он диж тавонгар будӣ,

Ки Ороиши Рум буд номи ӯй,
Зи Кисро бад омад ба фарҷоми ӯй,

Бад-он диж нигаҳ кард бедоршоҳ,
Ҳанӯз андарун норасида сипоҳ,

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ҳаво чун тагарги баҳорон кунанд.

Ба мардӣ сарон бораро бистаданд,
Ба шаҳру ба диж оташ андарзаданд.[1]

Яке ҷонвар худ зи[2] лашкар намонд,
Бад-он бум-бар[3] хору ховар намонд,

Ҳама ганҷи Қайсар ба тороҷ дод,
Сипаҳро ҳама бадраву тоҷ дод.

Баровард аз он шорсон растахез,
Ҳама баргирифтанд роҳи гурез.

Хурӯш омад аз кӯдаку марду зан,
Ҳама пиру барно шуданд анҷуман.

Ба пеши гаронмоя шоҳ омаданд,
Ғиревону фарёдхоҳ омаданд,

Ки дастуру ганҷуру ганҷ они туст,
Ба Рум-андарун разму ранҷ они туст.

---

1. Л-б. 584 нест.
2. Л-тоҷварро ба
3. Л-буму бар

Ба ҷон вижа зинҳорхоҳи туем,
Парастори фарри кулоҳи туем.

Бифармуд, то кас накуштанд низ,
Бар эшон бубахшид бисёр чиз.

## РАЗМ КАРДАНИ НӮШИНРАВОН БО ФАРФУРИЮСИ РУМӢ ВА ГИРИФТАНИ ҚОЛИНИЮС ВА АНТОКИЯ

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андаркашид,
Аз Ороиши Рум бартар кашид.

Кас омад, бигуфт ин, ки Қайсар сипоҳ
Фиристоду инак, ки омад зи роҳ.

Чу бишнид, к-омад сипоҳи гарон,
Ҳама найзадорону ҷавшанварон,

Ба лашкар бигуфт, он чи бишнид шоҳ,
Бад-он то басечида бошад сипоҳ.

Бирафтанд чун кӯҳи оҳан зи ҷой,
Хурӯш омаду нолаи карраной.[1]

Наванде зи гуфтори корогаҳон
Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон,

Ки Қайсар сипоҳе фиристод пеш,
Аз он номдорону гурдони хеш.

Ба пеш- андарун паҳлавони сутург,[2]
Сипоҳӣ ҳама размҷӯён чу гург.

Саворе сарафроз бо бӯқу кӯс
Ба румиш хонанд Фарфуриюс.

Чу ин гуфта шуд пеши бедор шоҳ,
Падид омад аз дур гарди сипоҳ.

Бихандид аз ӯ шаҳрёри ҷаҳон,
Бад-ӯ гуфт, к-«Ин нест аз мо ниҳон,

1. Л-карраной.
2. Л-бузург,

Ки мо пеш аз ин ҷангро сохтем,
Аз андеша ҳаргиз напардохтем».

Кайи тоҷвар бар лаб оварда каф,
Бифармуд, то баркашиданд саф.

Сипоҳе биёмад ба пеши сипоҳ,
Ки шуд танг аз гард бар бод[1] роҳ.

Шуда номвар лашкари анҷуман
Ялони сарафрози шамшерзан.

Ҳама ҷангро танг баста миён,
Бузургону фарзонагону каён.

Ба хун об[2] дода ҳама теғро,
Бад-он теғи бурранда мар[3] меғро.

Сипаҳро набуд бештар з-он диранг,
Ки нахчир гирад зи боло паланг.

Ба ҳар сӯ зи румӣ тале кушта буд,[4]
В-агар хаста аз ҷанг баргашта буд.[5]

Бишуд хаста аз ҷанг[6] Фарфуриюс,
Дарида дирафшу нагунсор кӯс.

Саворони Эрон ба сони паланг
Чунон ҳам ҳаме рафт бо сози чанг,

Паси румиён-дар ҳаме тохтанд,
Дару дашт аз эшон бипардохтанд.

Чунон ҳам ҳаме рафт бо сози ҷанг
Ҳама найзаву гурзу ханҷар ба чанг.

Сипаҳро ба ҳомуне андаркашид,
Баровардае дид, к-омад[7] падид.

1. Л-барбаст бар боду бар гард
2. Л-хуноб
3. Л-буррандае
4. Л-шуд.
5. Л-шуд,
6. Л-Ҳазимат сипаҳ, хаста
7. Л-дигар омад

Диже буд бо лашкару бӯқу кӯс,
Кучо хондандиш Қолиниюс.

Сари бора бартар зи парри[1] уқоб,
Яке кандае карда гирдаш[2] пуроб.

Яке шорсон гирдаш-андар фарох,
Ба айвону майдони полезу кох.

Зи румӣ сипоҳи бузург андар ӯй,
Ҳама номдорони пархошчӯй.

Ду фарсанг пеш-андарун буд шоҳ,
Сияҳ гашта гетӣ зи гарди сипоҳ.

Зи дарвозаҳо ҷанг барсохтанд,
Ҳаме тиру қорура андохтанд.

Бад-он шорсон-дар нигаҳ кард шоҳ,
Ҳаме ҳар замоне[3] фузун шуд сипоҳ.

Хурӯше баромад зи Қолиниюс,
К-аз[4] он наъра андак шуд овози[5] кӯс.

Чу хуршеди тобанда баргашт зард,
Зи гарданда як нима шуд ложвард.

Аз он бораи диж намонд андаке,
Ҳама шорсон бо замин шуд яке.

Хурӯше баромад зи даргоҳи шоҳ,
Ки «Эй номдорони эронсипоҳ,

Ҳама пок аз ин шаҳр берун шавед,
Ба торикӣ-андар ба ҳомун шавед.

Агар ҳеҷ бонги зану марди пир,
В-агар ғорату куштану[6] дору гир,

1. Л-бораи ӯ надидӣ
2. Л-гирдаш андар
3. Л-замон худ.
4. Л-Аз
5. Л-овои
6. Л-шӯришу

Ба гӯши ман ояд ба торикшаб,
Ки букшояд аз ранҷ як тан ду лаб,

Ҳам андар замон он ки фарёд аз ӯст,
Пур аз коҳ бинедаш[1] оганда пӯст».

Чу барзад зи харчанг теғ офтоб,
Бифарсуд жангу биполуд хоб.

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Аз он диж в-аз он шорсон марду зан
Ба даргоҳи Кисро шуданд анҷуман,

Ки эдар зи ҷангӣ саворе намонд,
Бад-ин шорсон номдоре намонд.

Ҳама хаставу кушта шуд бегуноҳ,
Гаҳ омад, ки бахшоиш ояд зи шоҳ.

Зану кӯдаки хурд бо марди пир
На хуб ояд аз дод бурдан асир.

Чунон шуд дижу бораи шорсон,
К-аз ин худ набинӣ ҷуз аз хорсон.

Чу Қайсар гунаҳгор шуд, мо кием,
Ба Қолиниюс-андарун бар чием?

Бар он румиён-бар бубахшуд шоҳ,
Гунаҳгор шуд раста бо бегуноҳ.

Басе хоста пеши эшон бимонд,
В-аз он ҷойгаҳ тез[2] лашкар биронд.

Ҳар он кас, ки дид аз дари корзор,
Бубастанду бар пил[3] карданд бор,

Аз Антокия-дар хабар шуд зи шоҳ,
Ки бо пилу лашкар баромад зи роҳ.

1. Л-биниш
2. Л-низ
3. Л-Бубустанд бар пилу

Сипоҳе дар ин шаҳр буд бекарон,
Далерони румиву кундоварон,

Се рӯз андар он шоҳро шуд диранг,
Бад-он то набошад ба бедод[1] ҷанг.

Чаҳорум сипоҳ андаромад зи[2] кӯҳ,
Далерони Эрон гурӯҳогурӯҳ.

Бирафтанд яксар саворони Рум
Зи баҳри зану кӯдаку ганҷу бум.

Се ҷанги гарон карда шуд дар ду рӯз,
Се дигар[3] чу бифрӯхт гетифурӯз,

Кушода шуд он марзи ободбум,
Саворе надиданд ҷангӣ зи Рум.

Ба шаҳр андаромад саросар сипоҳ,
Паеро[4] набуд бар замин низ[5] роҳ.

Бузургон, ки бо тахту афсар буданд,
Ҳам он кас, ки ганҷури Қайсар буданд,

Ба шоҳи ҷаҳондор доданд ганҷ,
Ба ҷанг омадаш ганҷ, чун дид[6] ранҷ.

В-аз эшон ҳар он кас, ки ҷангӣ буданд,
Ниҳоданд бар пушти пилон баланд.[7]

Асирону он ганҷи Қайсар зи роҳ
Ба сӯи Мадоин фиристод шоҳ.

---

1. Л-падидор
2. Л-чу
3. Л-Чаҳорум
4. Л-Касеро
5. Л-ҳеҷ
6. Л-нодида
7. Л-Ба пеши саф- андар дирангӣ буданд; Л-Пас аз б. 654 ин б. омада:
   Абар пушти пилон-ш бар ҷой кард,
   Ҳама меҳтарон банд бар пой кард.

## ОБОД КАРДАНИ НӮШИНРАВОН ШАҲР БА МОНАНДИ АНТОКИЯ ВА НИШОНДАН ДАР ИН АСИРОНИ РУМИРО

Бигардид бар гирди он шаҳр шоҳ,
Замин дид рахшонтар аз чархи[1] моҳ.

Зи боғу зи[2] майдону оби равон
Ҳаме тоза шуд пиргашта ҷавон.

Чунин гуфт бо мӯбадон шаҳрёр,
Ки «Антокия-ст ин в-агар[3] навбаҳор?

Касе, к-ӯ надидаст хуррамбиҳишт,
Зи мушкаш ҳама хоку заррина[4] ҳишт.

Дарахтон[5] зи ёқуту обаш[6] гулоб,
Заминаш сипеҳр, осмон офтоб,

Нигаҳ кард, бояд бад-ин тозабум,
Ки обод бодо ҳама буми Рум».

Яке шаҳр фармуд Нӯшинравон,
Бад-ӯ[7]- андарун обҳои равон.

Ба кирдори Антокия чун чароғ
Пур аз гулшану коху майдону боғ.

Бузургони равшандилу[8] шодком
Варо Зеби Хусрав ниҳоданд ном,

Чи шуд Зеби Хусрав чу хуррамбаҳор,
Биҳиште пур аз рангу бӯю нигор,

Асирон, к-аз он шаҳрҳо баста буд,
Ба банди гарон буд, ё хаста буд,

1. Л-чарху
2. Л-Басе боғу
3. Л-агар
4. Л-мушк андар ӯ хоку аз зар-ш
5. Л-Дарахташ
6. Л-бораш
7. Л-Бад-ӯй
8. Л-равшандили

Бифармуд, то банд бардоштанд,
Бад-ин шаҳри нав шод бугзоштанд.

Чунин гуфт, к-«Ин нав бароварда ҷой,
Ҳаме[1] гулшану бӯстону сарой

Бигардем, то ҳар касеро ба ком,
Яке ҷой бошад сазовори ном».[2]

Бубахшид бар ҳар касе хоста,
Замин чун биҳиште шуд ороста.

Зи бас барзану кӯю бозоргоҳ,
Ту гуфтӣ, намондаст бар бод роҳ.

Биёмад яке пурсухан кафшгар,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи бедодгар,

Ба Қолиниюс андарун хони ман,
Яке туд буд пеши болони ман.

Аз ин Зеби Хусрав маро суд нест,
Ки бар пеши даргоҳи[3] ман туд нест».

Бифармуд то бар дари шӯрбахт
Бикиштанд шодоб чанде дарахт.

Яке марди тарсо гузин кард шоҳ,
Бад-ӯ дод фармону ганҷу сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-ин Зеби Хусрав турост,
Ғарибону ин хонаи нав турост.

Ба сони дарахти барӯманд бош,
Падар бош, гоҳе чу[4] фарзанд бош.

Ба бахшиш биёрою зуфтӣ макун,
Ба андоза бояд ба[5] ҳар дар сахун».

1. Л-Ҳама
2. И-б. 557-669 нест аз байни саҳ 785, 786 як варақ афтода.
3. Л-пеши дари кохи
4. И-гаҳ, гоҳ
5. ИЛ-зи

В-аз Антокия шоҳ лашкар биронд,
Ҷаҳондида тарсо нигаҳбон бимонд.

## ОШТӢ ҶУСТАНИ ҚАЙСАРИ РУМ АЗ НӮШИНРАВОН

Пас огоҳӣ овард Фарфуриюс,
Бигуфт, он чи омад ба Қолиниюс,

Ба Қайсар чунин гуфт,[1] к-«Омад сипоҳ,
Ҷаҳондида[2] Кисрову пилону гоҳ.

Сипоҳ аст чандон, ки дарёву кӯҳ
Ҳаме гардад аз гарди эшон[3] сутӯҳ».

Бупечид Қайсар зи гуфтори хеш,
Бузургони фарзонаро хонд пеш.

Зи Нӯшинравон шуд дилаш пурҳарос,
Ҳаме рой зад рӯзу шаб дар се пос.

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «Ин рой нест,
Ки бо разми[4] Кисро туро пой нест.

Бароранд аз ин марзи обод хок,
Шавад гирдаи қайсарон дар мағок.

Забони сарояндаву ройи суст,
Ба ҷуз ранҷи ин подшоҳӣ наҷуст».

## ПАЙҒОМИ ҚАЙСАР НАЗДИ НӮШИРВОН БО БОЖУ СОВ

Чу бишнид Қайсар, дилаш хира гашт,
Зи Нӯширавон[5] ройи ӯ тира гашт.

1. И-бигуфто
2. Л-Ҷаҳондор; И-Ҷаҳонҷӯй
3. Л-аспон
4. Л-ҷанги
5. Л –Нӯшинравон

Гузин кард аз он файласуфони Рум,[1]
Сухангӯю бодонишу покбум.[2]

Ба ҷой омад аз мӯбадон шаст мард,
Зидуда равону хирадро зи гард.

Паямбар[3] фиристод наздики шоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу Меҳроси донанда шуд[4] пешрав,
Гаве дар хирад пиру дар сол нав.

Зи ҳар чиз ганҷе ба пеш-андарун,
Шумораш гузар кард бар[5] чанду чун.

Басе лобаву панду некӯ сухан,
Пушаймон зи гуфторҳои[6] куҳан.

Фиристод бо сову божи[7] гарон,
Гаравгон зи хешону кундоварон.[8]

Чу Меҳрос наздики[9] Кисро расид,
Ба румӣ яке[10] офарин густарид.

Ту гуфтӣ, ки аз тезиву ростӣ,
Ситора барорад ҳаме з-остӣ.[11]

Ба Кисро чунин гуфт, к-«Эй шаҳрёр,[12]
Ҷаҳонро бад-ин арҷмандӣ мадор,

---

1. И-марзи ободбум,
2. И-Ҳар он кас, ки донандае буд ба Рум.
3. ИЛ –Паёме
4. ИЛ-донандашон
5. И-аз
6. И-кирдорҳои
7. Л-бас божу сови
8. ТПИЛМ - Чу Меҳрос гуфтори* Қайсар шунид,
   Падид омад он банди бадро калид.
   Расиданд** наздики Нӯшинравон***
   Чу алмос карда забону**** равон*****
   *И-пағвоми. ** И-Биёмад ба **** И-Нӯширвон, ****И-забони ***** Л-Танҳо байти дуюм мавҷуд аст.
9. И-наздикии тахти
10. И-румизабон
11. Л-б. 698 нест.
12. И-номдор,

Ба румӣ ту акнуну Эрон тиҳист
Ҳама марз беарзу бефарраҳист.

Ҳар он гаҳ ки Қайсар набошад ба Рум,
Насанҷад ба як пашша ин марзу бум.

Ҳама судмандӣ зи мардум бувад,
Чу ӯ гум шавад, некуӣ[1] гум бувад.

Гар ин растахез аз пайи хостаст,
Ки озарму дониш бар ӯ[2] костаст,

Биёвардам инак[3] ҳама ганҷи Рум,
Ки равшанравон беҳтар аз ганҷу бум».

Чу бишнид аз ӯ ин сухан шаҳрёр,
Дилаш гашт хуррам чу боғи баҳор.

Бипазруфт аз ӯ, ҳар[4] чӣ оварда буд,
Агар бадраи зар, агар[5] барда буд.

Фиристодагонро ситоиш гирифт,
Бар он некуиҳо физоиш[6] гирифт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди равшанхирад,
Набурдӣ касе, к-ӯ сухан[7] парварад.

Агар зарр(у) гардад ҳама хоки Рум,
Ту сангитарӣ з-ин сарафроз бум».

Ниҳоданд бар Рум-бар божу сов,
Пароканда динор даҳ[8] чарми гов,

Ки ҳар сол Қайсар бари шаҳрёр
Фиристад або ҳадяву бо нисор.

1. И-мардумӣ
2. Л-бад-ин
3. И-акнун
4. Л-он
5. И-Дигар бадраву ҷомаву
6. И-Бад-он некуӣ – бар ниёиш
7. ИЛ-Набарда касе, к-ӯ хирад
8. Л-сад

Нагардад сипоҳаш бо гирди Яман,
Нахоҳанд чизе аз он анҷуман.[1]

Фиристодаро хилъат оростанд,
Кулоҳу нигину камар хостанд.[2]

В-аз он ҷойгаҳ нолаи говдум
Шуниданду овози рӯинахум

Ҷаҳондори бедор лашкар биронд,
Ба Шом омаду рӯзгоре бимонд.

Биёвард чандон[3] силеҳу сипоҳ,
Ҳам аз бадраву бардаву[4] тоҷу гоҳ,

Ки пушти заминро ҳаме дод хам,
Зи пилону аз ганҷҳои[5] дирам.

В-аз он марз чун рафтан омад-ш рой,
Ба Шерӯи Баҳром биспурд ҷой.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин божи Қайсар бихоҳ,
Макун ҳеҷ сустӣ ба рӯзу ба моҳ».

Бибӯсид Шерӯй рӯи Замин,
Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин,

Ки «Пирӯзгар бошу бедорбахт,
Магар дод зард ин каёнӣ дарахт!

Табира баромад зи даргоҳи шоҳ,
Сӯи Арман[6] омад дирафшу сипоҳ.

1. И-б. 711, 712 нест.
2. И-б. 711-713 нест.
3. И-чанде
4. И-Ҳама бардаву бадраву
5. И-бадраҳои
6. ИЛ-Озар

## ДОСТОНИ НӮШЗОД ПИСАРИ НӮШИНРАВОН ВА ЗАНЕ ТАРСО

Ҷаҳондор Кисро[1] чу хуршед буд,
Ҷаҳонро аз ӯ биму уммед буд.

Бад-ин сон равад офтоби сипеҳр,
Ба як даст шамшеру як даст меҳр.

На бахшоиш орад ба ҳангоми хашм,
На хашм оядаш гоҳи[2] бахшиш ба чашм.

Чунин буд ин шоҳи хусравнажод,[3]
Биёроста буд ҷаҳонро[4] ба дод.

Агар шоҳ дидӣ, агар зердаст,
В-агар покдил марди яздонпараст,

Чунон дон, ки чора набошад зи ҷуфт,
Зи пӯшидану хӯрду ҷои нуҳуфт.

Агар порсо[5] бошаду ройзан,
Яке ганҷ бошад пароканда зан,

Бавижа, ки бошад ба боло баланд,
Фурӯ ҳишта то пой мушкин каманд.

Хирадманду ҳушёру борою[6] шарм,
Сухан гуфтани чарбу овози[7] нарм.

Бар ин сон зане дошт пурмоя шоҳ,
Ба болой сарву ба дидор моҳ.

Ба дини Масеҳо буд он моҳрӯй,
Зи дидори ӯ шаҳр пургуфтугӯй.[8]

1. И-Ҷаҳонгир хусрав
2. Л-рӯзи
3. И-оини он покзод,
4. И-Баророста рӯи гетӣ
5. Л-подшоҳ
6. Л-бодонишу
7. Л-гуфтанаш хубу овои
8. И-б. 733 нест.

Яке кӯдак омад-ш[1] хуршедчеҳр,
Зи Ноҳид[2] тобандатар бар сипеҳр.[3]

Варо номвар хондӣ[4] Нӯшзод,
Наҷастӣ зи ноз аз бараш[5] тундбод.

Биболид бар сони сарви саҳӣ,
Ҳунарманду зебои шоҳаншаҳӣ.

Чу дӯзах бидонисту роҳи биҳишт,
Узайру[6] Масеҳу раҳи Зардуҳишт,

Наёмад ҳаме Занду Усташ дуруст,
Ду рухро ба оби Масеҳо бишуст.

Зи дини падар кеши модар гирифт,
Замона бад-ӯ монда андар шигифт.

Чунон тангдил гашт аз ӯ шаҳрёр,[7]
Ки аз гул наёмад ҷуз аз[8] хор бор.

Дари коху фархунда айвони ӯй
Бубастанду карданд зиндони ӯй.

Нишастангаҳаш Ҷунди шопур[9] буд,
Зи Эрону аз Бохтар[10] дур буд.

Басе баставу пургазандон буданд,
Бад-ин шаҳр бо ӯ ба зиндон буданд.

Бад-он гаҳ ки боз омад аз Рум шоҳ,
Бинолид аз он ҷунбишу ранҷи роҳ.

---

1. И-овард
2. И-хуршед
3. И-пас аз б. 734 ин б. омада:
   Ба дидор моҳу ба болой соч,
   Сазовори дайҳиму аврангу тоҷ.
4. И-хонд Нӯширвон,
5. И-Нахастӣ бар он хубрух
6. Л-Азизу
7. И-Аз ин тангдил гашт дайҳимдор,
8. И-ба ҷуз
9. ИЛ—Кундшопур
10. Л-Ки аз шодиву тохтан

Чунон шуд зи сустӣ, ки аз тан бимонд,
Зи ранҷи тан аз бор додан бимонд.

Касе бурд зӣ Нӯшзод огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳондори бедор Кисро бимурд,
Замона замин дигареро супурд.

Зи марги падар шод шуд Нӯшзод,
Ки ҳаргиз варо ном Нӯшӣ мабод!

Касе, к-ӯ зи марги шаҳи додгар
Шавад шодмон, тира дорад гуҳар.[1]

Бад-ин достон зад яке марди пир,
Ки гар шодӣ аз марги ман ту, мамир.

Чу донӣ, ки аз марг худ чора нест,
Чи аз пеш бошад, чи пастар, якест.

Зи марг он набошад равон коста,
Ки бо Эзадаш кор пироста.[2]

Писар, к-ӯ зи роҳи падар бугзарад,
Ситамгора хонемаш, ар[3] бехирад.[4]

Агар бехи ҳанзал бувад тарру хушк,
Нашояд, ки бор оварад бӯи[5] мушк.

Чаро гашт, бояд ҳаме з-он сиришт,
Ки полезбонаш ба оғоз кишт.

Агар майл дорад ҳаме сӯи хок,[6]
Бибуррад зи хуршеду аз оби пок.[7]

1. И-б. 747-749 нест. Л-б. 749 нест.
2. ИЛ-б. 751, 752 нест.
3. Л-аз
4. И-бошад, надорад хирад.
5. И-шоҳ
6. Л-пок.
7. Л-в-аз боду хок.

На з-ӯ бор бояд, ки монад,[1] на барг,
Зи хокаш бувад зиндагониву марг.

Яке достон кардам аз Нӯшзод,
Нигаҳ кун, ки то[2] сар напечӣ зи дод.

Агар чархро ҳеч мидро будӣ,
Ҳамоно, ки мидрош Кисро будӣ.

Писар сар чаро печад аз роҳи ӯй,
Нишасти кайӣ ҷустану[3] гоҳи ӯй.

Зи ман бишнав ин достон сарбасар,
Бигӯям туро, эй писар, дарбадар.

Чу гуфтори деҳқон биёростам,
Бад-ин хештанро нишон[4] хостам,

Ки монад зи ман ёдгоре чунин,
Бар ӯ офарин, к-ӯ кунад офарин.

Пас аз марг бар[5] ман, ки гӯяндаам,
Бад-ин номи[6] ҷовид ҷӯяндаам.[7]

Чунин гуфт гӯяндаи порсӣ,
Ки бугзашт сол-андараш чор сӣ,

Ки «Ҳар кас ки бар додгар душман аст,
На мардумнажод аст, к-Оҳарман аст!»

## БЕМОР ШУДАНИ НӮШИНРАВОН ВА ФИТНА БАРПО ЗАДАНИ НӮШЗОД

Ҳам аз Нӯшзод омад ин достон,
Ки ёд омад аз гуфтаи бостон.

1. Л-монад, ки бошад
2. Л-магар
3. Л-Нишастан ҳаме ҷуст бар
4. Л-хубӣ достон
5. Л-марги ман,
6. Л-нома
7. И-б. 764 нест

Чу бишнид фарзанди Кисро, ки тахт
Бипардахт аз он хусравонӣ дарахт.

Дари кох букшод фарзанди шоҳ,
Бар ӯ анҷуман шуд зи ҳар сӯ[1] сипоҳ.

Касе, к-ӯ зи банди хирад ҷаста[2] буд,
Ба зиндони Нӯшинравон баста буд.

Зи девонагон бандҳо баргирифт,
Ҳама шаҳр з-ӯ даст бар сар гирифт.

Ба шаҳр-андарун ҳар кӣ тарсо буданд,
Агар ҷосалиқ, ар сакубо буданд,

Басе[3] анҷуман кард бар хештан
Саворони гарданкаши теғзан.

Ҳаме дод модар варо хоста,
Ки аз шоҳ буд ганҷаш ороста.[4]

Фароз омадандаш тане сӣ[5] ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Ҳамон шаҳрҳое, ки буд гирди ӯй,
Гирифту баромад аз ӯ гуфтугӯй.

Яке нома бинвишт наздики хеш
Ба Қайсар зи ин ройи торики хеш,

Ки бар Ҷундшопур меҳтар[6] туӣ,
Ҳамовозу ҳамкешу ҳамсар туӣ.[7]

Ҳама шаҳр з-ӯ пургунаҳгор шуд,
Сари бахти баргашта бедор шуд.

---

1. И-фаровон
2. Л-падар хаста
3. И-Ҳама
4. ИЛ-б. 774 нест.
5. И-сад
6. ИЛ-б. 776 нест;
   ТПМ - Зи Аҳвозу Шуштар ситад божу сов,
   Або ӯ набуд мардро ҳеҷ тов.
7. ТПЗ – Ҳама шаҳри Эрон туро шуд чу Рум,
   Чи Эрону Озар, чи ободбум.

Хабар з-ин ба шаҳри Мадоин расид,
Ки омад зи фарзанди Кисро падид.

Нигаҳбони марзи Мадоин зи роҳ
Саворе барафканд наздики шоҳ.

Сухан ҳар чӣ бишнид, бо ӯ бигуфт,
Чунин огаҳӣ он чи буд дар нуҳуфт.

Фиристода бар сони оби равон
Биёмад ба наздики Нӯшинравон.

Бигуфт, он чи бишниду нома бидод,
Суханҳо, ки пайдо шуд аз Нӯшзод.[1]

Аз ӯ шоҳ бишниду нома бихонд,[2]
Ғамӣ гашт аз он[3] кору хира бимонд.[4]

Ҷаҳондор бо мӯбади сарфароз
Нишасту сухан гуфт чанде ба роз.

Чу гашт ин сухан бар дилаш ҷойгир,
Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир![5]

## НОМАИ НӮШИНРАВОН БА РОМБАРЗИН, НИГАҲБОНИ МАРЗИ МАДОИН, ДАР БОРАИ ГИРИФТОР КАРДАНИ НӮШЗОД

Яке нома бинвишт пурдоғу дард,
Пурожанг рух, лаб пур аз боди сард.

Нахустин бар он офарин густарид,
Ки чарху замону замин офарид.

Нигорандаи ҳуру кайвону моҳ
Фурӯзандаи фарру дайҳиму гоҳ.

Зи хошоки ночиз то пушти пил,
Зи гарди дами мӯр то рӯди Нил,

1. Л-б. 783, 784 нест.
2. Л-хира бимонд,
3. И-Ғамин гашт в-он
4. Л-кор, нома бихонд.
5. И-б. 787 нест.

Агарчанд ба м-ёни сандон раванд,
Ҳама зери фармони Яздон раванд.

На фармони ӯро карона падид,
На з-ӯ подшоҳӣ бихоҳад бурид.

Бидонистам ин номаи нописанд,
Ки омад зи фарзанд чандин газанд.

В-аз он[1] пургуноҳони зиндоншикан,
Ки гаштанд бо Нӯшзод[2] анҷуман.

Чунин рӯз гар чашм дорад касе,
Сазад, гар намонад ба гетӣ басе,

Ки ҷуз маргро кас зи модарназод,
Зи Кисро ба оғоз то Нӯшзод.

Пайи пашшаву мӯр то шеру[3] карг
Раҳо нест аз чангу минқори марг.

Замин гар кушода кунад рози хеш,
Намояд саранҷому оғози хеш.

Канораш пур аз тоҷдорон бувад,
Бараш пур зи хуни саворон бувад.

Пур аз марди доно бувад доманаш,
Пур аз хубрух[4] чоки пероҳанаш,

Чи афсар ниҳӣ бар сарат-бар, чи тарг,
Бар ӯ бугзарад парру пайкони марг.

Сухан он ки эдар намонад касе,
Ба марги писар шод набвад басе.[5]

Гурӯҳе, ки ёранд бо Нӯшзод,
Ки ҷуз марги Кисро нагиранд ёд,

1. И – ин
2. И-наздики ӯ
3. И-Тани пашшаву пил то мӯру
4. И-моҳрух
5. И-б. 803 нест; 799-803 нест.

Агар худ гузар ёбад[1] аз рӯзи бад,[2]
Ба марги касон[3] шод бошад,[4] сазад,

Ва дигар, ки аз марги шоҳони дод
Нагирад касе ёд ҷуз баднажод.

Сари Нӯшзод ар зи мо бозгашт,
Чунин дев бо ӯ ҳамовоз гашт.

Набошад бар ӯ пойдор ин сухун,
Барафрӯхт, чун хост омад ба бун.[5]

Набоист, к-аз назди мо пойгоҳ
Бад-ин огаҳӣ хира гардад табоҳ.

Агар тахт гаштӣ зи Кисро тиҳӣ,
Ҳам ӯро будӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ.

Чунин буд худ дархури кеши ӯй,
Сазовори ҷони бадандеши ӯй.

Аз ин бар дил андешаву бок нест,
В-агар[6] кеши фарзанди мо пок нест.

В-аз он хоста, к-ӯ[7] табаҳ кард низ,
Ҳаме бар дили мо насанҷад ба чиз.[8]

Ҳар он кас, ки бо ӯ ба ҳам сохтанд,
В-аз озарми мо дил бипардохтанд,

Бадандешу бадкору[9] бадгавҳаранд,
Бад-ин зердастӣ[10] на андар х(в)аранд.

---

1. Л-ёбӣ
2. И-Касе, к-ӯ гузар ёбад аз марг х(в)ад,
3. ИЛ-касе
4. Л-бошӣ
5. Л-б. 808 нест;
   ТПМ – Ҳаме то сари ман бувад тоҷдор
   Чу ман кас набошад ҷаҳоншаҳрёр.
6. ИЛ-Агар
7. И-гар
8. И-пашиз.
9. И-бадсозу
10. И-подшоҳӣ

Аз ин даст хор аст бар мо[1] сухун,
Зи кирдори эшон ту дил[2] бад макун.

Маро тарсу бок аз ҷаҳондовар аст,
Ки аз дониши бартарон бартар аст.

Мабодо,[3] ки шуд ҷони мо носипос
Ба наздики Яздони некишинос.

Маро дод пирӯзиву фарраҳӣ,
Фузуниву[4] дайҳими[5] шоҳаншаҳӣ.

Сазои диҳиш гар ниёиш буди,
Маро бар фузунӣ физоиш будӣ.

На аз пушти ман рафт як қатра об,
Ба ҷои дигар ёфт ороми хоб.

Чу бедор шуд, душман омад маро,
Битарсам, ки ранҷ аз ман[6] омад маро.

Агар гоҳи хашми ҷаҳондор нест,
Маро аз чунин кор тимор нест.[7]

Ҳамон кас, ки бо ӯ шуданд анҷуман,
Ҳама зору хоранд бар чашми ман.

Аз он нома, к-аз Қайсар омад бад-ӯй,
Ҳаме оби тира даромад ба ҷӯй.

Аз он, к-ӯ ҳамовозу ҳамкеши ӯст,
Гумон буд,[8] ки Қайсар ба тан хеши ӯст.

1. И-бо ман; Л-моро
2. И-Ту дилро зи кирдорашон
3. Л-Набояд
4. И-Бузургиву
5. Л-дайҳиму
6. Л-тан
7. ТПМ – Ҳанӯз ар маро ёрӣ аз бахт ҳаст,
   Аз ин кор бар ман наёяд шикаст.
8. Л-Гумонам

Касеро, ки кӯтоҳ бошад хирад,
Ба[1] дини[2] ниёкони худ нангарад.[3]

Писар он бувад беҳ, ки дини падар
Бигирад, наёзад ба кини падар.[4]

Гар ин[5] бехирад сар бупечад зи дод,
Ба дашноми ӯ лаб набояд кушод,

Ки дашноми ӯ вижа дашноми мост,
Ки ӯ аз паю хуну андоми мост.[6]

Ту лашкар биёрою барсоз ҷанг,
Мадоро кун андар миёну диранг.

В-ар эдун, ки танг андарояд сухун,
Ба чанг ояд ӯ, ҳеҷ тундӣ макун.

Гирифтан-ш беҳтар зи куштан бувад,
Магар-ш аз гунаҳ бозгаштан бувад.

Ба оне, ки аз сарви озод руст,
Ба оби хирад боядат хок шуст.

В-агар хор гирад тани арҷманд,
Ба пастӣ ниҳад рӯй сарви баланд.[7]

Сараш баргирояд[8] зи болини ноз,
Мадор эч аз ӯ гурзу шамшер боз.

Гиромӣ чу[9] хорӣ кунад орзуй,[10]
Нашояд ҷудо кардан ӯро зи хӯй.[11]

---

1. Л-Зи
2. И-Зи роҳи
3. ИЛ-бугзарад.
4. ИЛ-б. 828 нест.
5. ИЛ-он
6. И-б. 830 нест.
7. Л-б. 834, 835 нест.
8. Л-гар гирояд
9. Л-ки
10. Л-орзу,
11. Л-хӯ.

Яке арҷманде бувад гашта хор,
Ки[1] бо шоҳи гетӣ кунад корзор.

Ту аз куштани ӯ мадор эч бок,
Чу хуни сари хеш ҷӯяд ба хок.

Сӯи кеши Қайсар шитобад ҳаме,
Зи дайҳими мо сар битобад ҳаме.

Азизе шавад[2] зору хору нажанд,
Гузида табоҳӣ[3] зи чархи баланд.

Бад-ин достон зад яке Меҳрнӯш,
Парастори боҳушу[4] пашминапӯш,

Ки ҳар к-ӯ ба марги падар гашт шод,
Варо ромиши[5] зиндагонӣ мабод.

Ту бе тирагӣ рӯшноӣ маҷӯй,
Ки бо оташ об андарояд ба ҷӯй.

На осоние дид бе ранҷ кас,
Ки расми замона бар ин асту бас.[6]

Ту бо чархи гардон макун дӯстӣ,
Ки гаҳ мағз ёбиву гаҳ пӯсте.

Чӣ ҷӯӣ зи кирдори ӯ рангу бӯй,
Бихоҳад, рабудан чу бинмуд рӯй?

Бад-он гаҳ бувад, ранҷу биму газанд
Ки гардуни гардон барорад баланд.

Сипоҳе, ки ҳастанд бо Нӯшзод,
Куҷо сар бипечанд чандин зи дод.

Ту онро ҷуз аз боду бозӣ мадон,
Газофи ҷаҳон бину розӣ мадон.

---

1. ИЛ-Чу
2. ИЛ-бувад
3. Л-сиёҳӣ
4. И-бо кори
5. ИЛ-ромишу
6. И-б. 840 нест.

Ҳар он кас, ки тарсост бо лашкараш,
Ҳаме аз пайи кеш печад сараш.

Чунин аст кеши Масеҳо, ки дам
Занӣ тезу гардад касе з-он дижам,

На бар рою роҳи Масеҳо бувад,
Ба фарҷом хасмаш чалипо бувад.

Ва дигар, киянд аз парокандагон,
Бадомӯзу бадхоҳу ковандагон.

Аз эшон якеро ба дил тарс нест,
Дами бод бо ройи эшон якест.

Ба ҷанг ар гирифта шавад Нӯшзод,
Бар ӯ ин суханҳо макун эч ёд.[1]

Набояд, ки озор ёбад танаш,
Шавад он замон рахна пироҳанаш,[2]

Ки пӯшидарӯёни мо дар ҷаҳон[3]
Сар оранд бар хештан дар ниҳон.[4]

Ҳам айвони ӯ беҳ, ки зиндон бувад,[5]
Ҳар он кас, ки ӯро ба фармон бувад.[6]

Дари ганҷ яксар бад-ӯ- дармабанд,
В-агарчи чунин хор гашт арҷманд.

Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,
Зи афканданӣ, ҳам зи густурданӣ,

Бар ӯ ҳеҷ тангӣ набояд ба чиз,
Ҷуз ин[7] он суханҳо наярзад ба низ.

---

1. ТПМ – В-агар дил зи норостӣ бугсилад,
Набояд, ки ҷонаш ба ғам бархалад.
2. ИЛ-б. 857 нест.
3. Л-ӯ дар ниҳон
4. Л-бар ҷаҳон.
5. Л-зиндони ӯй,
6. Л-Бувад в-он, ки бурданд фармони ӯй.
7. И-Ки чиз

В-аз ин марзбонони эрониён,[1]
Ҳар он кас, ки бастанд бо ӯ миён,

Чу пирӯз гардӣ, мапечон сухун,
Миёншон ба ханҷар ба ду ним кун.

Ҳар он[2] кас, ки ӯ[3] душмани подшост,
Ба коми наҳангаш[4] супорӣ, равост.

Ҷуз он ҳар чи моро[5] ба дил душман аст,
Зи тухми ҷафопеша Оҳарман аст.

Зи мо некуиҳо нагиранд ёд,
Туро озмоиш бас аз Нӯшзод.

Ҳама пеши мо порсоён буданд,
Зи бодафраи мо ҳаросон буданд.

Зи наззора ҳар[6] кас, ки дашном дод,
Забонаш бичунбид бар Нӯшзод.

Бад-он вижа дашномҳо хостанд,
Ба ҳангом бад гуфтан оростанд.

Мабош андар ин низ ҳамдостон,
Ки бадхоҳ ронад чунин достон.

Гар ӯ беҳунар шуд, ҳам аз пушти мост,
Дили мо бар ин достон[7]-бар гувост.

Забони касе, к-ӯ ба бад кард ёд,
В-аз ӯ буд бедод бар Нӯшзод.[8]

Ҳама доғ кун бар сари анҷуман,
Мабодаш забону мабодаш даҳан.

1. И-марз то кишвари Румиён,
2. И-Ки ҳар кас, ки ар
3. Л-Ки ҳар
4. И-наҳангон
5. И-бо мо
6. Л-ҳар он
7. Л-бад-ин ростӣ
8. И-б. 870-873 нест.

Касе, к-ӯ бичӯяд ҳаме рӯзгор,
Ки то паст гардад тани шаҳрёр,

Ба кор оварад кажжии[1] душманӣ,
Бадандешиву кеши оҳарманӣ.

Бад-ин подшоҳӣ набошад, равост,
Ки фарри писар афсари чеҳри мост.

## ҶАНГ СОХТАНИ РОМБАРЗИН БО НӮШЗОД ВА ПАНД ДОДАНИ ПИРӮЗ НӮШЗОДРО

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ,
Фиристода баргашта пӯён[2] ба роҳ.

Чу аз раҳ сӯи Ромбарзин расид,
Бигуфт, он чи аз шоҳ Кисро шунид.

Чу ин гуфта шуд, нома ӯро[3] бидод,
Ба фармон, ки фармуд бо Нӯшзод,

Сипаҳ кардану ҷангро сохтан,
В-аз озарми ӯ мағз пардохтан.

Чу он нома бархонд марди куҳан,[4]
Шунид аз фиристода чанде сухан.[5]

Бад-он гаҳ ки хезад хурӯши хурӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Сипоҳе бузург аз Мадоин бирафт,
Бишуд Ромбарзин бари[6] ҷанг тафт.

Пас огоҳӣ омад сӯи Нӯшзод,
Сипоҳ анҷуман карду рӯзӣ бидод.

1. Л-кажживу
2. И-баргашту омад
3. Л-номаи ӯ
4. Л-фаррухдабир,
5. Л-он фиристодаи тезвир.
6. ИЛ-сӯи

Ҳама чосаликону[1] батрики Рум,
Ки буд андар он марзи ободбум,

Сипаҳдор Шаммос пеш-андарун,
Сипоҳӣ ҳаме[2] даст шуста ба хун.

Баромад хурӯш аз дари Нӯшзод,
Биҷунбид лашкар чу дарё зи бод.

Ба ҳомун кашиданд яксар зи шаҳр,
Пур аз ҷанг сар, дил пур аз кину заҳр.

Чу гарди сипаҳ Ромбарзин бидид,
Бизад нойи рӯину саф баркашид.

Зи гарди саворону хуни сарон,
Гироидани гурзҳои гарон

Дили санги хоро ҳаме бардарид,
Касе рӯи хуршеди тобон надид.

Ба қалби сипоҳ-андарун Нӯшзод
Яке тарги румӣ ба сар барниҳод.

Сипоҳе буд[3] аз ҷосаликони Рум,
Ки пайдо набуд аз пайи наъл бум,

Ту гуфтӣ, магар хок ҷӯшон шудаст,
Ҳаво бар сари ӯ хурӯшон шудаст.

Зиреҳдор гурде баромад далер,
Кучо номи ӯ буд Пирӯзи Шер.

Хурӯшид, к-«Эй номвар Нӯшзод,
Сазад, гар напечӣ саратро зи дод.

Макун разм бо лашкари шаҳрёр,
Ки гардӣ пушаймон аз ин корзор.[4]

1. ИЛ-ҷосаликону
2. ИЛ-ҳама
3. И-пур
4. ИЛ-б. 898 нест

Бигаштӣ зи дини каюмаррасӣ,
Ҳам аз роҳи Ҳушангу Таҳмурасӣ.

Масеҳи фиребанда худ кушта шуд,
Чу аз дини Яздон сараш гашта шуд.

Зи диноварон дини он кас маҷӯй,
Ки ӯ кори худро надонист рӯй.

Агар фарри Яздон бад-ӯ тофтӣ,
Ҷуҳуде бар ӯ даст кай ёфтӣ?!

Падар-т он ҷаҳондори[1] озодмард,
Шунидӣ, ки бо Руму Қайсар чӣ кард?

Ту бо ӯ кунун ҷанг созӣ ҳаме,
Сарат б-осмон барфарозӣ ҳаме.

Бад-ин чеҳри чун моҳу ин фарру бурз,
Бад-ин шоху ин ёлу ин дасту гурз,

Набинам хирад ҳеҷ наздики ту,
Чунин хира шуд ҷони[2] торики ту.

Падар зиндаву пур ҷӯёи гоҳ,
Чӣ гуна бувад, нест оину роҳ?

Гар ӯ бугзарад тоҷ ҷӯӣ, равост,
Кунун разми ӯ ҷустан аз ту хатост.[3]

Дареғ ин сару тоҷу ному нажод,
Ки акнун ҳаме[4] дод хоҳӣ ба бод.

Ту бо шоҳ Кисро басанда наӣ,
Агар шеру бабри даманда наӣ.

Чу дасту инони ту, эй шаҳрёр,
Бар айвони шоҳон надидам нигор.

1. И- ҷаҳонгири.
2. И-ройи
3. ИЛ-б. 907 нест.
4. И-ба хира

Чу пою рикобу бару ёли ту,
Чунин шӯриши ҷангу кӯполи ту.

Нигоранда чунин нигоре надид,
Замона чу ту шаҳрёре надид.

Бад-ин кӯдакӣ ҷони Кисро масӯз,
Макун тира ин тоҷи гетифирӯз.[1]

Пиёда шав, аз шоҳ зинҳор хоҳ,
Ба хок афкан ин гурзу румӣ кулоҳ.

Агар дур аз эдар яке боди сард
Нишонад ба рӯи ту-бар тирагард,

Дили шаҳрёр аз ту бирён шавад,
Зи рӯи ту хуршед гирён шавад,

Ба гетӣ ҳама тухми зуфтӣ макор,
Ситеза на хуб ояд аз шаҳрёр.

Гар аз роҳи ман сар ба як сӯ барӣ,
Ба тундӣ гароиву кундоварӣ,

Басе панди Пирӯз ёд оядат,
Басе аз ҷигар сардбод оядат»[2].

Чунин дод посух варо Нӯшзод,
Ки-«Эй пири фартути сар пур зи бод,

Зи лашкар чу ман зинҳорӣ махоҳ,
Сарафрози гурдону фарзанди шоҳ,[3]

Маро дини Кисро набояд ҳаме,
Дилам сӯи модар гирояд ҳаме,

Ки дини Масеҳо шуд оини ӯй,
Нагардам ман аз фарраву дини ӯй,

---

1. ТП - Ки ҳарчанд фарзанд душман бувад,
Чу шуд кушта, бобаш ба шеван бувад.
2. И-б. 919, 920 нест.
3. И-б, 922 нест.

Масеҳои диндор агар кушта шуд,
На фарри ҷаҳондор аз ӯ гашта шуд.

Сӯи покяздон бишуд боз пок,
Баландӣ гузид ӯ аз ин тирахок.

Агар ман шавам кушта бас бок нест,
Ки заҳрест, к-аш ҳеҷ тарёк нест».[1]

## РАЗМИ РОМБАРЗИН БО НӮШЗОД ВА КУШТА ШУДАНИ НӮШЗОД

Бигуфт ин сухан пеши Пирӯзи пир,
Бипӯшид рӯи ҳаво парри[2] тир.

Бирафтанд гурдони лашкар зи ҷой,
Хурӯш омад аз кӯсу аз[3] карраной.

Чу оташ сипаҳбад барангехт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.

Чапи лашкари шоҳи Эрон бибурд,
Ба пеши сипаҳ барнамонд[4] эч гурд.

Фаровон зи гурдони[5] лашкар[6] бикушт,
Аз он кор[7] шуд Ромбарзин дурушт.

Бифармуд, то тирборон кунанд,
Ҳаво чун тагарги баҳорон кунанд.[8]

Ба гирд-андарун хаста шуд Нӯшзод,
Басе кард аз он панди Пирӯз ёд.

Биёмад, ба қалби сипаҳ шуд чу гард,
Тан аз тир хаста, рух аз дард зард.

1. Л-б. 927 нест.
2. Л-ҳаворо ба
3. Л-омаду нолаи
4. ИЛ-дарнамонд
5. И-шерони
6. Л-лашкар-ш гурдон
7. И-гоҳ
8. ТП – Баромад деҳу дор аз ҳар ду сӯй
Зи гурдони ҷангии пархошҷӯй.

Чунин гуфт пеши далерони Рум,
Ки «Ҷанги падар хору зор асту шум».

Бинолиду гирён суҳуфро бихонд,
Сухан ҳар чӣ будаш ба дил-дар, биронд.

Бад-ӯ[1] гуфт, к-«Ин рӯзгори дижам
Зи ман бар ман овард чандин ситам.

Кунун чун ба хок андаромад сарам,
Саворе барафкан сӯи модарам.

Бигӯяш, ки рафт аз[2] ҷаҳон Нӯшзод,
Саромад бар ӯ рӯзи бедоду дод,

Ту аз ман магар дил надорӣ ба ранҷ,
Ки ин аст расми сарои сипанҷ.

Маро баҳра ин буд аз ин тирарӯз,
Дилам чун будӣ шоду гетифурӯз.

Назояд ба ҷуз маргро ҷонвар,
Агар мурд хоҳӣ, ғами ман мах(в)ар.

Дили ман зи куштан пур аз дуд нест,
Падар бадтар аз ман, ки хушнуд нест.

Макун дахмаву тахту ранҷи дароз,
Ба расми Масеҳо яке гӯр соз.

На кофур бояд, на мушку абир,
Ки ман з-ин ҷаҳон хаста гаштам ба тир.

Бигуфт ину лабҳо ба ҳам барниҳод,
Шуд он номвар шердил[3] Нӯшзод.

Чу огоҳ шуд лашкар аз марги шоҳ,
Пароканда гаштанд ҳар сӯ сипоҳ.

1. И-Чунин
2. ИЛ- шуд з-ин
3. И-тоҷвар

Чу бишнид, к-ӯ кушта шуд, паҳлавон
Ғиревон ба болини ӯ шуд давон.[1]

Аз он размгаҳ кас нагаштанд низ,
Набуданд шоду набурданд чиз.

Варо кушта диданду афканда хор,
Сакубои румӣ сараш бар канор.[2]

Ҳама размгаҳ гашт аз ӯ[3] пурхурӯш,
Дили Ромбарзин пур аз дарду ҷӯш.

Зи усқуф бипурсид, к-«Аз Нӯшзод
В-аз андарзҳояш чӣ дорӣ ба ёд?»

Чунин дод посух, ки «Ҷуз модараш
Бараҳна набояд, ки бинад сараш.

Тани хеш чун дид хаста ба тир,
Сутудон нафармуду мушку абир.

Ба расми Масеҳо кунун модараш
Кафан созаду гӯру пӯшад сараш.[4]

На афсар, на дебои румӣ, на тахт,
Чу аз бандагон дид торик бахт.

Кунун ҷони ӯ бо Масеҳо якест,
Ҳамон аст, к-ин[5] кушта[6] бар дор нест.

Масеҳӣ ба шаҳр-андарун ҳар кӣ буд,
Намонд эч тарсо ба[7] рух[8] ношахуд.

Хурӯш омад аз шаҳру ҳар марду зан
Ки буданд, яксар шуданд анҷуман,

1. И-равон.
2. Л-б 951 нест.
3. Л-гашта з-ӯ
4. Л- гӯр, пӯшад бараш.
5. Л-к-ӯ
6. И-к-ӯ мурда
7. Л-тарсову
8. И-Бимонданд рухсорагон

Ки шуд[1] шаҳрёре[2] далеру ҷавон,
Дилу дидаи шоҳ Нӯшинравон.[3]

Ба тобут аз он дашт бардоштанд,
Се фарсанг бар даст бугзоштанд[4].

Чу огоҳ шуд з-он сухан модараш,
Ба хок андаромад сару[5] афсараш.

Зи парда баромад бараҳна ба роҳ,
Бар ӯ анҷуман гашта бозоргоҳ.

Саропардае[6] гирдаш-андар заданд,
Ҷаҳоне ҳама[7] хок бар сар заданд.[8]

---

1. Л-буд
2. И-Тани шаҳрёри
3. И-Нӯширвон.
4. ТПЗ – Аз он пас ду астар ба зер-андараш
   Ҳаме бурд то пеши он модараш.
5. И-сари
6. И-Яке хайма
7. И-Ҳама шаҳр бар
8. И-Пас аз б. 970 инҳо омада:
   Чу тобут бар шаҳр наздик шуд,
   Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд.
   Зи парда бараҳна дар он модараш,
   Биёмад, пур аз хок фарқу сараш.
   Ба финдиқ ҳаме барги гулро бихаст,
   Ба мӯи бурида миёнро бубаст.
   Хурӯшон баромад бари марди соҷ,
   Ҳаме гуфт зорӣ худованди тоҷ.
   Барафканданат тан, барафканда бод,
   Ба чанголи шерон танаш канда бод!
   Бари симрангат ба оҳан кӣ хаст,
   Ки бодаш бурида ба шамшер даст!
   Сазад, гар бад-ин даҳр нафрин кунам,
   Ман аз дарди ту хок болин кунам!
   Нахоҳад ҷаҳон бе ту модар кунун,
   Ҳам акнун чу ту ғарқа гардад ба хун,
   Зи ходим яке теғ бистад чу об.
   Ки дарзад ҷигаргоҳи худ дар шитоб,
   Парастандагон зуд даровехтанд.
   Яке растахезе баровехтанд.
   Зи бас зориву тоб бетӯш гашт,
   Ба хок андарафтоду беҳуш гашт.
   Бирафтанд тобут аз астар ба зер,
   Бузургон бар ӯ- бар гиристанд дер.
   Ба расми Масеҳову оини Рум
   Ниҳоданд сандуқ дар хоки шум.

Ҳама Ҷундшопур[1] гирён шуданд,
Зи дарди дили шоҳ бирён шуданд.

Чӣ печӣ ҳаме хира дар банди оз,
Чу[2] донӣ, ки эдар намонӣ дароз?!

Гузар ҷӯю чандин ҷаҳонро[3] маҷӯй,
Гулаш заҳр дорад, ба хира мабӯй.[4]

Магардон сар аз дину аз ростӣ,
Ки хашми Худо[5] оварад костӣ.[6]

Чу эмин шавӣ, дил зи ғам бозкаш,
Мазан бар дилат-бар зи тимор таш.

Гарат ҳаст ҷоме, майи зард хоҳ,
Ба дил хуррамиро мадон аз гуноҳ.

Нишоту тараб ҷӯю мастӣ макун,
Газофа мапиндор мағзи сухун.

В-агар дар дилат ҳеҷ меҳри Алист,
Туро рӯзи маҳшар ба хоҳиш валист.[7]

Дили шаҳрёри ҷаҳон шод бод,
Ҳама гуфтаи ман варо ёд бод.

---

Ба хокаш супурданду шуд Нӯшзод,
Зи бод омаду ногаҳон шуд ба бод.

1. ИЛ – Кундшопур
2. Л – Чӣ
3. И – созу чандии баҳона
4. И – Гули заҳр хира ба гетӣ мапӯй; Л – ба сабзӣ мапӯй.
5. И – Худой
6. ТПЗ – Чунин гуфт диновари тозиён,
Ки «Хашми падар ҷонат орад зиён.
Падар, к-аз писар ҳеч нохушнад аст,
Бидон, к-он писар тухму бори бад аст.
Маёзор ҳаргиз равони падар,
Агарчанд аз ӯ ранҷат ояд ба сар».
7. Л – пеши Эзид ба хоҳишгарист;
ТПЗ – Ҳаворо мадеҳ чирагӣ бар хирад,
Чунон кун ту ҳар кор, к-андархурад.
Ба дониш ҳамеша нигаҳ дор дин,
Ки бар ҷонат аз дин бувад офарин.
Ба мину бад-ӯ раста гардему бас,
Дари растагорӣ ҷуз ӯ нест кас.
Агар дар дилат з-ӯ бувад ҳеҷ зеғ,
Бидон, к-ӯ биҳишт аз ту дорад дареғ.

Ҷаҳондор Маҳмуд ҷӯёи ҳамд,
К-аз ӯ дар ҳама дил бувад ҷои ҳамд,

Сари тоҷи ӯ шуд сутуни сипеҳр,
Ҳамеша зи фарраш фурӯзанда меҳр.[1]

## ХОБ ДИДАНИ НӮШИНРАВОН ВА БА ДАРГОҲ ОМАДАНИ БУЗАРҶМЕҲР

Кунун дар суханҳои Бузарҷмеҳр
Яке тозатар баркушоем чеҳр.[2]

Нигар, хобро беҳуда нашмарӣ,
Яке баҳра донаш зи пайғамбарӣ.

Бавижа, ки шоҳи ҷаҳон бинадаш,
Равони дурахшанда бугзинадаш.

Ситора занад рой бо чархи[3] моҳ,
Суханҳо пароканда гардад ба роҳ.

Равонҳои равшан бубинад ба хоб,
Ҳама буданиҳо чу оташ дар об.

Шабе хуфта буд шоҳ Нӯшинравон,[4]
Хирадпиру бедору[5] давлатҷавон.

Чунон дид дар хоб, к-аз пеши тахт
Бирустӣ яке хусравонӣ дарахт.

Шаҳаншоҳро дил биёростӣ,
Маю руду ромишгарон хостӣ.

Або вай бар он гоҳи орому[6] ноз,
Нишастӣ яке тездандон гуроз.

---

1. Л – б. 979–982 нест;
   ТП – Ҳамон чун шунид ин суханҳои ман,
   Ба некӣ маро бод аз ӯ нози тан.
2. И –б. 983 нест.
3. ИЛ – чарху
4. И –Нӯширвон,
5. И – бинову
6. И – Бар он тахт бо ӯ ба шодиву

Нишастиву май хӯрдан оростӣ,
Май аз ҷоми Нӯшинравон[1] хостӣ.

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи гов,
Зи ҳар сӯ баромад хурӯши чаков.[2]

Нишаст аз бари тахт хусрав[3] дижам,
Аз он хоб гашта дилаш пур зи ғам.

Гузорандаи хобро хонданд,
Радонро бари гоҳ биншонданд.

Бигуфт, он куҷо дид дар хоб шоҳ,
Бад-он мӯбадони намояндароҳ.

Гузорандаи хоб посух надод,
К-аз он[4] достонаш набуд эч ёд.

Ба нодонӣ он кас, ки хасту[5] шавад,
Зи воми[6] накӯҳиш ба як сӯ шавад.

Зи донанда чун шоҳ посух наёфт,
Пурандеша[7] дил сӯи чора шитофт.

Фиристод бар ҳар сӯе мӯбаде,
Ҷаҳонҷӯю бедордил бихраде.

Яке бадра бо ҳар яке бор кард,
Ба баргаштан уммеди бисёр кард,

Ба ҳар бадрае-дар дирам[8] даҳ ҳазор,
Бад-он то кунанд аз ҷаҳон хостор.

Гузорандаи хоб доно касе,
Ба ҳар донише роҳ ҷуста[9] басе,

1. И – Нӯширвон
2. Л– Чу хуршеди рахшанда бинмуд рӯй,
   Ҷаҳон гашт яксар пур аз гуфтугӯй.
3. ИЛ – Кисро
4. Л – ин
5. Л –хашну
6. И – доми; Л – Забони
7. И – Барандеша; Л – Ба андеша
8. И – як бидод аз
9. И –ҷустӣ

Ки бугзорад ӯ[1] хоби шоҳи ҷаҳон,
Нуҳуфта барорад зи[2] банди ниҳон.

Яке бадра оганда ӯро диҳанд,
Сипосе зи[3] шоҳи ҷаҳон барниҳанд.

Ба ҳар сӯ бишуд мӯбаде[4] кордон,
Саворе ҳашивору[5] бисёрдон.

Яке аз радон номаш Озодсарв,
Зи даргоҳи Кисро биёмад ба Марв.

Баромад[6] ҳаме гирди Марву биҷуст,
Яке мӯбаде дид бо Занду Уст.

Ҳаме[7] кӯдаконро биёмӯхт Занд
Ба тундиву хашму ба[8] бонги баланд.

Яке кӯдаке меҳтар андар бараш,[9]
Пижӯҳандаи Занду Усто[10] сараш.

Ҳаме хондандиш Бузарҷмеҳр,
Ниҳода бар он дафтар аз меҳр[11] чеҳр.[12]

Инонро бупечид мӯбад зи роҳ,
Биёмад, бипурсид аз он хоби шоҳ.

Нависанда[13] гуфт: «Ин на кори ман аст,
Зи[14] ҳар донише Занд ёри ман аст.

---

1. И –он.
2. И – надорад, бубинад
3. ИЛ – ба
4. И –сӯй шуд мӯбади
5. И – хашивори
6. Л – Биёмад
7. И – Ҳама
8. И – Ба хашмеву тундиву
9. И – кӯдаки меҳтаре бар дараш,
10. Л – Пажӯханда бар Занду Вусто
11. И – Бад-он дафтар аз меҳр бинҳод
12. ТПМ – Ба дониш беҳ аз баччагон омад ӯ,
Зи тухми пажӯҳандагон омад ӯ.
13. И – Набисанда
14. И – Ба

Биёмӯзам ин кӯдаконро ҳаме,
Бурун з-ин наёрам задан худ даме».[1]

Зи мӯбад чу бишнид Бузарҷмеҳр,
Бар ӯ дод гӯшу барафрохт чеҳр.

Ба устод гуфт: «Ин шикори ман аст,
Гузоридани хоб кори ман аст».

Яке бонг барзад бар ӯ марди Уст,
Ки ту дафтари хеш кардӣ дуруст?

Гарон хобҳо чун гузориш кунӣ,
Шикамгурсна чун гувориш кунӣ?![2]

Фиристода гуфт: «Эй хирадманд мард,
Магар донад ӯ, гирди хорӣ магард.[3]

Магар бахти ин кӯдак афрӯхтаст,
Зи ту не, ки аз давлат омӯхтаст.

Ғамӣ[4] шуд зи Бузарҷмехр устод,
«Бигӯ он чӣ дорӣ,[5] - бад-ӯ гуфт,– ёд».

«Нагӯям ман ин, - гуфт, - ҷуз пеши шоҳ,
Бад-он гаҳ ки биншонадам пеши гоҳ»,

Бидодаш фиристода аспу дирам,
Дигар ҳар чӣ боисташ[6] аз бешу кам.

Бирафтанд ҳар ду баробар зи Марв,
Хиромон чу дар зери гулбун[7] тазарв.

Чунон ҳам гурозону гӯён зи шоҳ,
Зи фармону аз фарру аз тоҷу гоҳ.

1. ИЛ –б. 1014 нест.
2. И –б. 1016–1018 нест; Л – б, 1018 нест;
   ТПЗИ – Ки бо бод гардан барафрохтӣ,
   Гузоридани хобро сохтӣ.
3. ТП – Чӣ донӣ ту аз гардиши рӯзгор,
   Ки аз мард ҷома наёяд ба кор.
4. И – Ғамин
5. И – Бикун ҳар чӣ донӣ,
6. И – Ҳар он ч-аш бибоист
7. И – зери гул - андар

Расиданд ҷое, куҷо об буд,
Чу ҳангомаи[1] хӯрдану хоб буд,

Ба зери дарахте фуруд омаданд,
Чу чизе бихӯрданд, дам барзаданд.

Бихуфт андар он соя Бузарҷмеҳр,
Яке чодар андаркашида ба чеҳр.

Ҳанӯз он гаронмоя бедор буд,
Ки бо ӯ[2] ба роҳ-андарун ёр буд.[3]

Нигаҳ кард, пешаш яке мор дид,
Ки он чодар аз хуфта андаркашид.[4]

Зи сар то ба пояш бибӯид сахт,
Шуд аз пеши ӯ сӯи барги дарахт.

Чу мори сиёҳ бар сари дор шуд,
Сари кӯдак аз хоб бедор шуд.

Чу он аждаҳо шӯриши ӯ бидид,[5]
Бар он шохи борик шуд нопадид.

Фиристода андар шигифтӣ бимонд,
Фаровон бар ӯ номи Яздон бихонд.

Ба дил гуфт, к-ин кӯдаки ҳушманд
Ба ҷое расад дар бузургӣ[6] баланд.

## ГУЗОРДАНИ БУЗАРҶМЕҲР ХОБИ КИСРОРО

В-аз он беша пӯён ба роҳ омаданд,
Хиромон ба наздики шоҳ омаданд.

Фиристода аз пеши кӯдак бирафт,
Бари тахт[7] Кисро хиромид тафт.

---

1. И – Ҳам аз комаи
2. Л – вай
3. ТПМ – Аз андешаи дил наёмад-ш хоб,
   Аз он кӯдаки донишӣ дил ба тоб.
4. И – чодари хуфта пурбор дид.
5. И – шунид,
6. ИЛ – баландӣ
7. И – Ба наздики

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ Нӯшинравон,
Туӣ хуфта, бедор бахти[1] ҷавон.

Бирафтам зи даргоҳи шоҳӣ ба Марв,
Бигаштам чу андар гулистон тазарв.

Зи фарҳангиён кӯдаке ёфтам,
Биёвардаму тез биштофтам».

Бигуфт он сухан, к-аз лаби вай шунид,
Зи мори сияҳ он шигифтӣ, ки дид.

Ҷаҳондор[2] Кисро варо пеш хонд,
В-аз он хоб чанде суханҳо биронд.

Чу бишнид кӯдак зи Нӯшинравон,
Сараш пурсухан гашту гӯё забон.[3]

Чунин дод посух, ки «Дар хони ту
Миёни бутони шабистони ту

Яке марди барност, ки[4] хештан
Ба ороиши ҷома кардаст зан.

Зи бегона пардахт кун ҷойгоҳ,
Бад-ин ройи мо то наёбанд роҳ.

Бифармой, то пеши ту бугзаранд,
Пайи хештан бар замин бишмаранд.[5]

Бипурсем аз он носазои далер,
Ки чун андаромад ба болини шер.[6]

Зи бегона айвон-ш пардахт кард,
Дари кохи шоҳаншаҳӣ сахт кард.

Занони шабистони он шаҳрёр,
Бирафтанд пурбӯю рангу нигор.

---

1. И – Ки бодот ҳамвора давлат
2. И – Сипаҳдор
3. Л – б. 1043 нест.
4. Л – к-аз
5. И – биспаранд.
6. ТПЗ– Ниҳони ту бо Кирдгори ҷаҳон
Бувад рост, то хуб дидӣ ниҳон.

Суманбӯй хубони бонозу шарм
Ҳама пеши Кисро бирафтанд нарм.[1]

Надиданд аз ин сон касе дар миён,
Барошуфт Кисро чу шери жиён.

Гузоранда гуфт: «Ин на андарх(в)ар аст,
Ғуломе миёни занон-андар аст.[2]

Бараҳна дигарбора бугзорашон,
Ба жарфӣ нигаҳ дор бозорашон».

Бифармуд пас ходимонро, ки зуд
Бутонро саросар биёрад чу дуд.[3]

Чунин гуфт: «Рафтан ба афзун кунед,
Рух аз чодари шарм берун кунед.[4]

Дигарбора бар пеш бигзоштанд,
Гузорандаро чира[5] пиндоштанд.

Ғуломе падид омад андар миён
Ба болои сарву ба чеҳри[6] каён.

Танаш ларз-ларзон ба кирдори бед,
Дил аз ҷони ширин шуда[7] ноумед.

Канизак бад-он ҳуҷра ҳафтод буд,
Ки ҳар як ба тан сарви озод буд.

Яке духтари меҳтари Чоҷ буд,
Ба болой сарву ба рух оҷ буд.

---

1. И –б. 1049–1051; Л. – гарм.
2. ТПМ– Агар хобат, эй шоҳ, дидӣ дуруст,
Набояд гузориш зи ҳар гуна ҷуст.
3. И –б. 1055 нест.
4. Л –б. 1056 нест.
5. ИЛ – Ҳаме хобро хира
6. Л – зи тухми
7. И – шудаш

Ғуломи[1] суманпайкару[2] мушкбӯй.
Ба хони падар меҳрубон шуд[3] бад-ӯй.[4]

Ба сони яке банда бар пеши ӯ,
Ба ҳар ҷо, ки рафтӣ, будӣ хеши ӯ.[5]

Бипурсид аз ӯ шоҳ, к- «Ин мард кист,
Касе, к-ӯ чунин банда парвард, кист?

Чунин пургазанде[6] далеру ҷавон,
Миёни шабистони Нӯшинравон».[7]

Чунин гуфт зан, к- «Ӯ зи ман кеҳтар аст,
Ҷавон асту бо ман зи як модар аст.

Падармон ҷудо, модари мо якест,
Аз ӯ бар тани ман зи бад роҳ нест.[8]

Чунин[9] ҷома пӯшид, к-аз шарми шоҳ
Наёрист кардан ба рӯяш нигоҳ».

Баҳона чунин кард он моҳрӯй
Зи биму ниҳеби шаҳи меҳрҷӯй.

Бидонист, к-он гуфтани ӯст каж,
Дилаш з-оташи ғам баровард фаж.[10]

Бурӯ[11] пур зи чин кард Нӯшинравон,[12]
Шигифт омадаш кори ҳар ду ҷавон,

1. И – Ғуломе
2. Л – суманпайкари
3. ИЛ – буд
4. И – Пас аз б. 1062 ин б. омада:
   Канизак варо бо худ оварда буд,
   Чунин чарбдастӣ баровarда буд.
5. ИЛ –б. 1063 нест.
6. Л – баргузидӣ
7. И –б. 1065 нест.
8. ИЛ –б 1067 нест
9. И –Ҳамин
10. ТПЗИЛ – Бад-ӯ шоҳ гуфт: «Эй саги хоксор!
    Биёлуда аз ту нажоду табор,
    Бародар, ки аз ман напӯшид рӯй,
    Зи шарми ту буд, ин баҳона маҷӯй!
11. И – Ба рӯ
12. И – гашт Нӯширвон,

Барошуфт, аз он пас ба дажхим гуфт,
Ки «Ин ҳар дуро хок бояд нуҳуфт».

Кушанда бибурд он ҷавонро давон
Паси пардаи шоҳ Нӯшинравон.

Баровехтшон дар шабистони шоҳ,
Бад-он то дигар кас наҷӯяд гуноҳ.[1]

Гузорандаи хобро бадра дод,
Зи аспу зи пӯшиш дилаш кард шод.[2]

Фурӯ монд аз он дониши ӯ шигифт,
Зи гуфтораш андешаҳо[3] баргирифт.

Набиштанд номаш ба девони шоҳ,
Бари мӯбадони намояндароҳ.

Фурӯзанда шуд кори Бузарҷмеҳр.
Бад ӯ чеҳр бинмуд гардонсипеҳр.

Ҳама рӯз рӯзаш фузун буд бахт,
Бад-ӯ шодмон буд дили шоҳ сахт.

Дили шоҳ Кисро пур аз дод буд,
Ба дониш дилу мағзаш обод буд.

Ба даргоҳ-дар мӯбадон доштӣ,
Зи ҳар донише бихрадон доштӣ,

Ҳамеша сухангӯи ҳафтод мард,
Ба даргоҳ будӣ ба хобу ба х(в)ард.

Ҳар он гаҳ ки пардахта гаштӣ зи кор,
Зи доду диҳиш в-аз маю корзор,

Зи ҳар мӯбаде нав сухан хостӣ,
Дили худ[4] ба дониш биёростӣ.

1. Л – Нагунсору пурхуну тан пургуноҳ; И – Нагунсор пурхуну дил пургуноҳ.
2. ИЛ – пӯшиданӣ баҳра дод.
3. Л – андозаҳо
4. ИЛ – Дилашро

Бад-он гоҳ[1] нав буд Бузарҷмеҳр,
Сарояндаву зираку хубчеҳр.

Чунон буд,[2] к-аз он номвар мӯбадон,
Ситорашиносону ҳам бихрадон

Ҳаме дониш омӯхту андаргузашт,[3]
Бар он файласуфон сарафроз гашт.

Ба рози ситора чу ӯ кас набуд,
Зи роҳи пизишкӣ зи кас пас набуд.

Ба тадбиру ороишу ройи нек,
Аз ӯ буд гуфтор ҳар ҷой нек.[4]

## БАЗМИ НӮШИНРАВОН БО МӮБАДОН ВА ПАНД ГУФТАНИ БУЗАРҶМЕҲР

Чунон буд, ки як рӯз бинҳод хон,
Бифармуд, к-«Ин мӯбадонро бихон,

Ки бошанд донову донишпазир,
Сарояндаву боҳушу ёдгир.

Бирафтанд бедордил мӯбадон,
Зи ҳар донише розҷуста радон.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми май хостанд,
Ба май ҷони равшан биёростанд.[5]

Ба донандагон шоҳи бедор гуфт,
Ки «Дониш кушода кунед аз нуҳуфт.

Ҳар он кас, ки дорад ба дил донише,
Бигӯяд, маро з-ӯ бувад ромише».

1. Л – гаҳ ки
2. ИЛ–шуд,
3. Л– Ба дониш бар эшон ҳама баргузашт.
4. Л – б. 1088. 1089 нест.
5. И –б. 1090–1093 нест.
   ТПЗ – На чандон, ки ёбад накӯҳиш хирад,
   Бале, андмоя, ки ҷон парварад.

Аз эшон ҳар он кас, ки доно буданд,
Ба гуфтан далеру тавоно буданд,

Забон баркушоданд бар шаҳрёр,
Чу ӯ буд донандаро хостор.

Чу Бузарҷмеҳр он суханҳо шунид,
Ба дониш нигаҳ кардани шоҳ дид,

Яке офарин карду бар пой хост,
Чунин гуфт, к- «эй довари доду[1] рост,

Замин бандаи тахти оҷи[2] ту бод,
Фалак равшан аз фарри тоҷи[3] ту бод!

Гар эдун, ки фармон диҳӣ[4] бандаро,
Ки букшояд аз банд гӯяндаро,

Бигӯям, агарчанд бемоям,
Ба дониш-бар аз камтарин[5] пояам.

Накӯҳиш набошад, ки доно забон
Кушода кунад пеши Нӯшинравон».

Нигаҳ кард Кисро, ба донанда гуфт,
Ки «Дониш чаро монад[6] андар нуҳуфт?»

Ҷавон[7] бар забон подшоӣ намуд,
Зи гуфтори ӯ равшаноӣ фузуд.

Аз он хубгуфтору он пандҳо
Шуд он мӯбадонро ба дил бандҳо.

Нахустин чу аз банд букшод лаб,
Ба Яздон сутудан ҳунар дод лаб.[8]

1. Л–дод
2. Л – очтахти
3. Л – фарру бахти
4. Л – диҳад
5. Л –ин кеҳтарӣ
6. ИЛ – бояд
7. Л –Чу ӯ
8. ИЛ–б. 1106, 1107 нест.

Дигар гуфт: «Равшанравон он касе,
Ки кӯтоҳ гӯяд ба маънӣ басе.

Касеро,[1] ки мағзаш бувад бошитоб,
Фаровонсухан бошаду деръб.

Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар мардумон[2] хор гашт.

Ҳунар чӯву тимори бешӣ мах(в)ар,
Ки гетӣ сипанҷ асту мо бар гузар.

Агар рӯзи мо пойдор омадӣ,
Ҷаҳонро басе хостор омадӣ.

Ба гетӣ беҳ аз мардумӣ кор нест,
Бад-ин бо ту дониш ба пайкор нест.

Ҳама равшанӣ[3] мардум аз ростист,
Зи торику кажжӣ бибояд гирист.[4]

Дили ҳар касе бандаи орзуст,
В-аз ӯ ҳар касе бо дигаргуна хӯст.

Ба хӯ ҳар касе дар ҷаҳон дигар аст,
Туро бо вай омезиш андарх(в)ар аст.

Ҳар он кас, ки дар кор пешӣ кунад,
Бикӯшад, ки[5] оҳанги бешӣ кунад,

Хирадманду донову хуррамниҳон,
Танаш з-ин ҷаҳон асту дил з-он ҷаҳон

Ба ноёфт ранҷа макун хештан,
Ки тимори ҷон бошаду ранҷи тан.

Зи нерӯ бувад мардро[6] ростӣ,
Зи сустӣ дурӯғ ояду костӣ.

---

1. И – Ҳар он кас
2. ИЛ –мардумӣ
3. И – Ҳаме дӯстӣ
4. ТП – Сари ростӣ дониши эзадист,
   Чу донистияш, з-ӯ натарсӣ, бадист.
5. Л – Ҳама рою
6. И – нерӯи мардум бувад

Зи дониш чу ҷони туро моя нест,
Беҳ аз хомушӣ ҳеҷ пероя нест.

Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,
Хирадро зи ту бугсилад доварӣ.

Тавонгар бувад, ҳар киро оз нест,
Хунук он касе, к-озаш анбоз нест.

Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад.

Чу доно туро душмани ҷон бувад,
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.

Тавонгар шуд он кас, ки хурсанд шуд,
Аз ӯ озу тимор дар банд шуд.

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханро зи донандагон бишнавӣ.

Ба гуфтор агар хира шуд ройи мард,
Нагардад касе чира дар коркард.

Ҳар он кас, ки дониш фаромуш кунад,
Забонро зи гуфтор хомуш кунад.

Чу дорӣ ба даст-андарун хоста,
Зару симу аспони ороста,

Хазина чунон кун, ки бояд-т кард,
Набояд фишонду набояд фишард.[1]

Хирадманд, к-аз душманон дур гашт,
Тани душман ӯро чу муздур гашт.[2]

Чу дод аз тани хештан дод мард,
Чунон дон, ки пирӯз шуд дар набард

Магӯ он сухан, к-андар ӯ суд нест,
К-аз он оташат баҳра ҷуз дуд нест.

---

1. И –б. 1130, 1131 нест.
2. ТПЗ – Миёна гузинӣ, бимонӣ ба ҷой,
Набошад ҷуз аз некият раҳнамой.

Маяндеш аз он, к-он нашояд будан,
Ки натвонӣ оҳан ба об ожадан.[1]

Фурӯтан бувад шаҳ,[2] ки доно бувад,
Ба дониш бузургу тавоно бувад.

Ҳар он кас, ки ӯ кардаи кирдгор
Бидонад, гузашт аз бади рӯзгор.

Парастидани довар афзун кунад,
Зи дил ковиши дев берун кунад.

Бипарҳезад, аз ҳар чӣ нокарданист,
Наёзорад онро, ки нозурданист.[3]

Ба Яздон гароем фарҷоми кор,
Ки рӯзидеҳ ӯясту парвардгор.»

Аз он хубгуфтори Бузарҷмеҳр
Ҳакимон ҳама тоза карданд[4] чеҳр.

Аз ӯ анҷуман монда андар шигифт,
Ки марди ҷавон он бузургӣ гирифт.

Ҷаҳондор Кисро дар ӯ хира монд,
Сарафроз рӯзидеҳонро бихонд.

Бифармуд, то номи ӯ сар кунанд,
Бад-он гаҳ ки оғози дафтар кунанд.

Миёни меҳон бахти Бузарҷмеҳр
Чу хуршеди тобанда шуд бар сипеҳр.

Зи пеши шаҳаншоҳ бархостанд,
Бар ӯ офарини нав оростанд.

Ба пурсиш гирифтанд аз ӯ, он чи гуфт,
Ки мағзу дилаш бо хирад буд ҷуфт.[5]

---

1. ИЛ –озадан.
2. И –шоҳ,
3. Л –б. 1138, 1139 нест.
4. И – баркушоданд
5. Л –б. 1146, 1147 нест;
   ТПЗИ – Дигарбора мӯбад ба пурсиш гирифт,
   Ҳама бихрадон монда андар шигифт.

Забон бозбукшод марди ҷавон,
Ки покизадил буду равшанравон.[1]

Чунин гуфт, к- «Аз хусрави додгар
Напечид бояд ба андеша сар,

Ки ӯ чун шубон асту мо гӯспанд,
В-агар мо замин, ӯ сипеҳри баланд.

Нашояд гузаштан зи паймони ӯй,
Напечидан аз роҳу[2] фармони ӯй.

Ба шодиш бояд, ки бошем шод,
Чу доди замона бихоҳем дод.[3]

Ҳунарҳош густурдан андар ҷаҳон,
Ҳама рози ӯ доштан дар ниҳон.

Машав бо гиромиш кардан далер,
К-аз оташ битарсад дили наррашер.

Агар кӯҳ фармон-ш гирад сабук,
Дилаш хира хонему[4] мағзаш тунук.

Ҳама бад зи шоҳ асту некӣ зи шоҳ,
К-аз ӯ банду чоҳ асту з-ӯ тоҷу гоҳ.[5]

Сари тоҷвар зери фармон бувад,
Хирадманд аз ӯ шоду хандон бувад.

Аз Оҳарман аст, он ки з-ӯ шод нест,
Дилу мағзаш аз дониш обод нест».

Шуниданд гуфтори марди ҷавон,
Фузун гашт фартутро з-ӯ равон.

Пароканда гаштанд аз он[6] анҷуман
Пур аз офарин з-ӯ забону даҳан.

1. Л – покизаҷон.
2. Л – рою
3. И – б. 1151–1152 нест.
4. И – донему
5. ТПЗ – Зи меҳраш ҷаҳонро бувад арҷу фар,
   Зи хашмаш биҷӯшад ба тан-дар ҷигар.
6. И – з-он; Л – гашт он бузург

## БАЗМИ ДУВУМИ ШОҲ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Дигар ҳафта равшан дили шаҳрёр,
Ҳаме буд донандаро хостор.

Дил аз кори[1] гетӣ ба як сӯ кашид,
Куҷо хост гуфтори доно шунид.

Касе, к-ӯ сазовортар гоҳ буд,
Ба донандагӣ дархури шоҳ буд,

Бирафтанд донандагони сухан,
Ҷавону ҷаҳондида марди куҳан.

Сарафроз Бузарҷмеҳри ҷавон
Бишуд бо ҳакимони равшанравон.[2]

Ҳакимони донандаву ҳушманд
Расиданд[3] наздики тахти баланд,

Ниҳоданд сар[4] сӯи Бузарҷмеҳр,
Ки Кисро ҳаме з-ӯ барафрӯхт чеҳр.

Аз эшон яке буд фарзонатар,
Бипурсид аз ӯ аз қазову қадар,

Ки фарҷому анҷоми[5] чунин сухун
Чи гунаст в-ин бар чӣ ояд ба[6] бун?

Чунин дод посух, ки «Ҷӯяндамард
Ҷавону шабу рӯз бо коркард.

Бувад роҳи рӯзӣ бар ӯ тору танг,
Ба ҷӯй- андарун оби ӯ бодранг.

Яке беҳунар хуфта бар тахти бахт,
Ҳаме гул фишонад бар ӯ-бар дарахт.

1. Л – Дили шоҳи
2. Л –б. 1164, 1165 нест.
3. И – Нишастанд
4. ИЛ – рух
5. Л –анҷому фарҷоми
6. Л - в-инро кӣ афканд

Ҷаҳондори донову парвардгор
Чунин офарид ахтари рӯзгор».

Чунин аст расми қазову қадар,
Зи бахшиш наёбӣ ба кӯшиш гузар.

Дигар гуфт: «Он кас, ки рӯзипур аст,
Кадом асту бешӣ киро дархур аст?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки кӯшандатар,
Ба некиву кирдораш ояд ба бар».[1]

Дигар гуфт, к- «Аз мо чӣ некӯтар аст,
Зи гетӣ киро некуӣ дарх(в)ар аст?»

Чунин дод посух, ки «Оҳистагӣ,
Каримиву родиву шоистагӣ.

Фурӯтан кунад гардани хеш паст,
Бубахшад, на аз баҳри подош даст.

Бикӯшад, ба кӯшиш биҷӯяд ҷаҳон,
Хиромад ба ҳангом бо ҳамраҳон».

Дигар гуфт, к- «Андар хирадманд мард
Ҳунар чист ҳангоми нангу набард?»

Чунин гуфт: «Он кас, ки оҳуи хеш
Бубинад, бигардонад оину кеш».

Бипурсид дигар, ки «Дар зистан
Чӣ созӣ,[2] ки камтар бувад ранҷи тан»?

Чунин дод посух, ки «Гар бохирад
Дилаш бурдбор аст, ромиш барад.

Ба доду ситад-дар кунад ростӣ,
Бубандад дари кажживу костӣ.

1. Л – б. 1175–1176 нест.
2. И – донӣ

Бубахшад гунаҳ, чун бувад комгор,
Набошад сараш тезу[1] нобурдбор».[2]

Бипурсид дигар, ки «Бар анҷуман
Нигаҳбон кадом аст бар хештан?[3]

Чунин гуфт, к- «Он, к-аз паси орзу
Нарафт аз каримиву аз нек хӯ.

Дигар, к-ӯ ба сустӣ нашуд пешкор,
Чу дид аз фузуни бади рӯзгор».

Дигар гуфт, к- «Аз бахшишу нек хӯй
Кадом аст некӯтар аз ҳар ду сӯй?

Куҷо аз ду гетиш бор оварад,
Ба соле ду бораш баҳор оварад?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки нохоста
Ба бахшиш кунад ҷон[4] ороста.

В-агар бар ситонанда дорад сипос,
Зи бахшанда бозоргонӣ шинос».

Дигар гуфт: «Бар мард пироя чист,
В-аз ин некуиҳо гаронмоя чист?»

Чунин дод посух, ки «Бахшанда мард,
Ки ӯ некуӣ бо сазовор кард,

Биболад ба кирдори сарви баланд,
Чу болид, ҳаргиз нагардад нажанд.

Агар носазоро нишонад ба мушк,
Набӯяд, нарӯяд гул аз хори хушк».

Дигар гуфт, к- «Андар сарои сипанҷ
Набошад хирадманд бедарду ранҷ.

1. И – тунду
2. Л – тира бо рӯзгор.
3. И – б. 1187 нест.
4. ИЛ – ҷонаш

Чӣ созем, то номи нек оварем,
В-аз оғоз фарҷоми нек оварем»?

Бад-ӯ гуфт: «Шав,[1] дур бош аз гуноҳ,
Ҷаҳонро ҳама чун тани хеш хоҳ.

Ҳар он чиз, к-онат набошад писанд,
Тани хешу душман бад-он дармабанд».

Дигар гуфт: «Кӯшиш ба андозу беш
Чӣ гӯӣ, к-аз он ду кадом аст пеш?»

Чунин дод посух, ки «Андар хирад
Ҷуз андеша чизе на андархурад.

Чу хоҳӣ ки ранҷе ба бор оядат,
Бикӯшӣ, чу дар пеш[2] кор оядат».

«Сазои ситоиш, - дигар гуфт,– кист,
Агар барнакӯҳида бояд гирист?»

Чунин гуфт, к- «Он, ки[3] ба Яздони пок
Фузун дорад уммеду ҳам тарсу бок».

Дигар гуфт, к- «Эй марди равшанхирад,
Ки сар-т аз бари чарх мебигзарад,[4]

Кадом аст хуштар варо рӯзгор
Аз ин баршуда чархи нопойдор?»

Сухангӯй посух чунин дод[5] боз,
Ки «Ҳар кас, ки гашт[6] эмину[7] бениёз,

Замона ба хубӣ варо дод дод,
Сазад, гар нагирад ҷуз аз дод ёд».

---

1. ИЛ – Рав,
2. Л – Зи кӯшиш ба хубӣ ба
3. ИЛ – к-ӯ
4. Л – Ҷуз андеша чизе на андархӯрад,
5. И – Чунин дод посух сухангӯй
6. И – ҳаст
7. Л – эмин шуду

Бипурсид дигар, ки «Дониш кадом
Ба гетӣ, ки бошем аз ӯ[1] шодком?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад бурдбор,
Ба наздики ӯ марди бешарм хор.

Дигар он, ки мағзаш бичӯшад зи хашм,
Бихобад ба хашм аз гунаҳгор чашм».

Дигар гуфт, к- «Он чист, эй ҳушманд,
Ки ояд хирадмандро з-ӯ[2] писанд?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ хирад парварад,
Надорад ғами он, ки з-ӯ бугзарад.

В-агар арҷманде супорад ба хок,
Бубандад дил андар ғаму дарду бок.

Дигар,[3] к-ӯ зи нобуданиҳо умед
Чунон бугсилад ҳамчу аз бод бед».[4]

Дигар гуфт: «Бад чист бар подшо,
К-аз ӯ тира гардад дили порсо?»

Чунин дод посух, ки «Бар шаҳрёр
Хирадманд гӯяд, ки оҳу чаҳор:

Яке он, ки тарсад зи душман ба ҷанг,
Ва дигар, ки дорад дили бахш танг.

Се дигар, ки ройи хирадманд мард
Ба як сӯ ниҳад рӯзи нангу набард.

Чаҳорум, ки дорад[5] сараш пуршитоб,
Наҷӯяд ба кор- андар орому хоб».

Бипурсид дигар, ки «Беайб кист,
Накӯҳидан озодагонро ба чист?»

1. Л – он
2. И – он
3. Л – Ҳар он
4. ТП – Ҳамеша бувад шоду хуррамравон,
Беандӯҳ бошад зи гашти замон.
5. ИЛ – бошад

Чунин гуфт, к- «Инро бигӯем рост,
Куҷо з-ӯ хирад бар сухан-бар гувост.

Гаронмоягонро фусуну дурӯғ,
Ба кажживу[1] бедор ҷустан фурӯғ,

Маниш бастану ком бар подшо,
Ба беҳуда хастан дили порсо.[2]

Нишона[3] бувад мард, кундоварӣ,
Накӯҳиш куну[4] сар пур аз доварӣ».

Дигар гуфт, к- «Он, к-ӯ наҷӯяд газанд,
Зи хӯҳо кадомаш бувад судманд?»

Чунин гуфт, к-«Он, к-ӯ бувад ростгӯй,
Бар ӯ рост бошад ҳама ройи ӯй.[5]

Забон рондану дида бе оби шарм,
Гузидан хурӯш андар овои нарм.

Хирадманд беҳ к-ӯ надорад раво,
Хирад дур кардан зи баҳри ҳаво».

Бипурсид дигар яке ҳушманд,
Ки «Андар ҷаҳон чист, к-ӯ бегазанд[6]

Биёзад ба тадбиру ҷон парварад,
В-аз ӯ хешу пайванди ӯ бар х(в)арад?»[7]

Чунин дод посух, ки «Кор аз нахуст[8]
Ба наздики Яздон бибояд-ш ҷуст.[9]

К-аз ӯят сипосу бад-ӯят панох,
Худованди рӯзу шабу ҳуру моҳ.

1. Л – кину ба
2. Л–б. 1226 нест.
3. ИЛ – Миёна
4. ИЛ –к-аз ӯ
5. И –б. 1228, 1229 нест; Л – б. 1229 нсст.
6. И – он судманд
7. И –6.1233 нест.
8. И –варо марди дод,
9. И – Ки он бегазанд асту пирузӯ шод.

Дили хешро ошкору ниҳон
Супурдан ба фармони шоҳи ҷаҳон.

Тани хешро парваридан ба ноз,
Бар ӯ сахт бастан дари ранҷу оз.[1]

Нигаҳ доштан мардуми хешро,
Барафзудани тӯша дарвешро.

Супурдан ба фарҳанг фарзанди хурд,
Ки гетӣ ба нодон набояд супурд.

Чу фармонпазиранда бошад писар,
Навозанда бояд, ки бошад падар».

Бипурсид дигар: «Зи[2] фарзанди рост
Ба назди падар-ҷойгоҳаш куҷост?»

Чунин дод посух, ки «Назди падар
Гиромӣ чу ҷон аст фаррухписар.

Пас аз марг номаш бидорад[3] ба ҷой,
Азеро писар хонадаш раҳнамой».

Бипурсид дигар, ки «Аз хоста
Чӣ донӣ, ки дорад дил ороста?»

Чунин дод посух, ки «Мардум ба чиз
Гиромист, бечиз хор аст низ.[4]

Нахуст он ки ёбӣ бад-ӯ орзу,
Зи ҳастиш пайдо шавад некхӯ.

Ва дигар чу ёбӣ, наёрӣ ба кор,
Ҳамон сангу он гавҳари шоҳвор».

Дигар гуфт: «Бо тоҷу номи баланд
Киро хонӣ аз хусравон судманд?».[5]

1. И– 1237 нест.
2. ИЛ – ки
3. ИЛ – бимонад
4. ТПЗ – Дар ӯ чанд чиз аст баста дуруст,
Нигар, то надорӣ сухан хору суст.
5. И – донӣ аз хусравон арҷманд?»

Чунин дод посух, ки «Он шаҳрёр,
Ки эмин аз ӯ[1] марди парҳезгор,

Зи овози ӯ бад ҳаросон шавад,
Замин зери тахташ таносон шавад».

Дигар гуфт: «Мардум тавонгар ба чист,
Ба гетӣ пур аз ранҷу дарвеш кист?»

Чунин гуфт, к- «Он кас, ки ҳасташ писанд,
Ба бахши Худованди чархи баланд,[2]

Касеро куҷо бахт анбоз нест,
Баде дар ҷаҳон бадтар аз оз нест».

Аз ӯ[3] номдорон фурӯ монданд,
Ҳама ҳамзабон[4] офарин хонданд.

## БАЗМИ СЕВУМИ НӮШИРВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Чу як ҳафта бугзашт, ҳаштум пагоҳ
Нишаст аз бари гоҳ[5] пирӯз шоҳ.

Бихонд он касеро,[6] ки доно буданд,
Ба гуфтору дониш тавоно буданд.

Бигуфтанд ҳар гунае ҳар касе,
Ҳамоно писандаш наёмад басе.

Чунин гуфт Кисро ба Бузарҷмеҳр,
Ки «Аз чодари шарм букшой чеҳр».

Сухангӯи доно забон баркушод,
Зи ҳар гуна дониш ҳаме кард ёд.

---

1. ИЛ – бувад
2. И – Пас аз б.1252 б. зерин омада:
   Дигар он ки давлат варо ёр нест,
   Варо дар ҷаҳон ҳеҷ бозор нест.
3. И – он
4. И – як ба як
5. ИЛ–тахт
6. И – касонро,

1260 Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Ки «Пирӯз бодо сари тоҷдор![1]»

Дигар гуфт: «Мардум нагардад баланд,
Магар сар бупечад зи роҳи газанд,

Чу бояд, ки дониш бияфзоядат,
Сухан ёфтанро хирад боядат.

Дари ном ҷустан далерӣ бувад,
Замона зи баддил ба серӣ бувад.[2]

В-агар тахт ҷӯӣ, ҳунар боядат,
Чу сабзӣ диҳад шох, бар боядат.

1265 Чу пурсанд пурсандагон аз ҳунар,
Нашояд, ки посух диҳӣ аз гуҳар.

Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор,
Бар ин достон зад яке шаҳрёр,

Ки гар гул набӯяд, зи рангаш магӯй,
К-аз оташ наҷӯяд касе оби ҷӯй.

Тавонгар ба бахшиш бувад шаҳрёр,
Ба ганҷи нуҳуфта наӣ[3] номдор.[4]

Ба гуфтори хуб, ар гуҳар,[5] хостӣ,
Ба кирдор пайдо кун он[6] ростӣ.

1270 Фурӯтан бувад, ҳар кӣ дорад хирад,
Сипеҳраш ҳаме дар хирад парварад.

Чунин ҳам бувад мардуми содадил,
Зи кажжиш баргардад озодадил.

---

1. ТП – Ҷаҳонгиру шеравжану номдор,
Тавонову донову парҳезкор.
2. ТП – Чу баддил бувад мард, беком монд,
Чу баддил нашуд, дар ҷаҳон ком ронд.
3. И –нашуд
4. Л –б. 1267, 1268 нест.
5. И –ҳунар
6. И – бувад

Хирад дар ҷаҳон чун дарахти вафост,
В-аз ӯ бар нахустин дили подшост.

Чу хурсанд бошӣ, таносон шавӣ,
Чу оз оварӣ, з-ӯ ҳаросон шавӣ.

Макун некмардӣ ба рӯи касе,
Ки подоши некӣ наёбӣ басе.

Кушодадилонро бувад бахт ёр,
Анӯша касе, к-ӯ бувад бурдбор.

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме бартарӣ,
Ҳунарҳо бибояд бад-ин доварӣ.

Яке рою фарҳанг бояд нахуст,
Дувум озмоиш бибояд дуруст.

Севум ёр бояд-т ҳангоми кор,
Зи ҳар неку ҳар бад гирифтан шумор.

Чаҳорум дилат бояду ростӣ,
Бишустан дил аз каҷживу костӣ.[1]

Ба панҷум гарат зӯрмандӣ бувад,
Ба тан кӯшиш орӣ, баландӣ бувад.[2]

Чу кӯшиш наёрад тани зӯрманд,
Наёрад сари орзуҳо ба банд.

Чу кӯшиш зи андоза андаргузашт,
Чунон дон, ки кӯшанда навмед гашт.

Хӯи марди доно бигӯем панҷ,
В-аз ин панҷ ҳаргиз набошад-т[3] ранҷ.

Чу нодон кунад хӯй бо ҳафт чиз,
Набошад шигифт, ар ба ранҷ аст низ.

---

1. ИЛ – Чаҳорум* чу ёрат бувад нексоз,
Бар ӯ – бар ҳам он гоҳат** ояд ниёз.
* И – Ваз он. ** И – ба рӯзе ба ҳангомат сухун?
2. ТПЗИЛ – Аз ин ҳар ду чун ҷуфт гардад сухун,
Ҳунар хира бе озмоиш макун.
3. ИЛ – одат набошад ба

Нахуст он ки ҳар кас, ки дорад хирад,
Надорад ғами он, к-аз ӯ бугзарад.

На шодӣ кунад, з-он, ки ноёфта,
На гар бугзарад, з-ӯ бувад тофта.

Ба нобуданиҳо надорад умед,
Нагӯяд, ки бор оварад шохи бед.

Чу аз ранҷу аз бад тан осон шавад,
Зи нобуданиҳо ҳаросон шавад.[1]

Чу сахтиш пеш ояд аз ҳар шумор,
Шавад пешу сустӣ наёрад ба кор.

Зи нодон, ки гуфтем, ҳафт аст роҳ,
Яке он ки хашм оварад бегуноҳ,

Кушояд дари ганҷ бар носазо,
На з-он музд ёбад, на ҳаргиз ҷазо.

Се дигар ба Яздон шавад[2] носипос,
Тани хешро дар ниҳон ношинос.[3]

Чаҳорум, ки бо ҳар касе рози хеш
Бигӯяд, барафрозад овози хеш.

Ба панҷум, ба гуфтори носудманд,
Тани хеш дорад ба дарду[4] газанд.

Шашум, гардад эмин ба ноустувор,
Ҳаме парниён ҷӯяд аз хор бор.

Ба ҳафтум, ки бистеҳад андар дурӯғ,
Ба бешармӣ- андар биҷӯяд фурӯғ.

Чунон дон, ту, эй шаҳрёри баланд,
Ки аз панд кас барнагирад газанд.

1. И – б. 1287, 1288 нест.
2. ИЛ – бувад
3. Л – Набошад хирадманду яздоншинос.
4. И –ранчу

Чу бар анҷуман мард хомуш бувад,
Аз он хомушӣ дил ба ромиш бувад.

Супурдан ба донои гӯянда гӯш,
Ба тан тӯша ёбӣ, ба дил рою ҳуш.

Шунида суханҳо фаромуш макун,
Ки тоҷ аст бар тахти шоҳӣ сухун.

Чу хоҳӣ, ки диниста ояд ба бар,
Ба гуфтор букшой банд аз гуҳар.

Чу густурда хоҳӣ ба ҳар ҷой ном,
Забон баркашӣ чун ҳисом[1] аз наём.

Чу бо марди нодон-т[2] бошад нишаст,
Забардаст гардад сари[3] зердаст.

Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.

Сухангӯй чун баркушояд сухун,
Бимон, то бигӯяд, ту тундӣ макун,

Зи гуфтори доно тавоно шавӣ,
Бигӯӣ бар ин сон, к-аз ӯ бишнавӣ.

Зи дониш дари бениёзӣ биҷӯй,
В-агарчанд сахтит ояд ба рӯй.[4]

Забонро чу бо дил бувад ростӣ,
Бубандад зи ҳар сӯ дари[5] костӣ.

Ҳамеша дили шоҳ Нӯшинравон
Мабодо зи омӯхтан нотавон.»

Бипурсид пас мӯбади тезмағз,
Ки «Андар ҷаҳон чист зебову нағз,

---

1. ИЛ – ҳамчу теғ
2. И –донанда
3. И – тани
4. ТП – Ки дониш ба сахтӣ чу ояд ба даст,
   Ба осонияст раҳнамо пеш ҳаст.
5. И –дари кажживу

Кучо мардро рӯшноӣ диҳад,
Зи ранҷи замона раҳоӣ диҳад?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар к-ӯ хирад
Биёбад, зи ҳар ду ҷаҳон бар хурад».

Бад-ӯ гуфт: «Агар несташ бихрадӣ,
Хирад хилъати равшан аст эзадӣ».

Чунин дод посух, ки «Дониш беҳ аст,
Чу доно бувад, бар меҳон-бар меҳ аст».

Бад-ӯ гуфт: «Агар роҳи дониш наҷуст,
Бад-ин об ҳаргиз равонро нашуст».

Чунин дод посух, ки «бо марди гурд
Сари[1] хешро хор бояд шумурд.

Агар тов дорад ба рӯзи набард,
Сари бадсигол андарорад ба гард.

Гиромӣ шавад бар дили подшо,
Бувад ҷовидон шоду фармонраво».[2]

Бад-ӯ гуфт: «Гар[3] несташ баҳра з-ин,
На дониш пажӯҳад, на оину дин».

Бад-ӯ[4] дод посух, ки «Он беҳ, ки марг
Ниҳад бар сари ӯ[5] яке тира тарг».

Бад-ӯ гуфт, к- «Аз бори он мевадор,
Ки доно бикорад ба боғи баҳор,

Чӣ созем, то ҳар касе бар х(в)арем,
В-агар сояи ӯ ба пай биспарем?»

Чунин дод посух, ки «Ҳар, к-ӯ забон
Зи бад баста дорад, наранҷад равон.

---

1. И–Тани
2. Л –б. 1314–1318 нест.
3. ИЛ – Агар
4. ИЛ – Чунин
5. И – сараш-бар

Касеро надаррад ба гуфтор пӯст,
Бувад бар дили анҷуман низ дӯст.

Ҳама кори душвораш осон шавад,
Або душману дӯст яксон шавад».

Дигар гуфт: «Ҳар[1], к-ӯ зи роҳи газанд
Бигардад, бузург аст, гар[2] арҷманд?»

Чунин дод посух, ки «Кирдори бад
Ба сони дарахтест пур[3] бори бад.

Агар нарм гӯяд забони касе,
Дуруштӣ ба гӯшаш наёяд басе.

Бидон, к-аз забон аст мардум ба ранҷ,
Чу ранҷиш нахоҳӣ, суханро бисанҷ.

Ҳамон камсухан марди хусравпараст,
Ҷуз аз пешгоҳаш нашояд нишаст.

Дигар, к-аз бадиҳои ноомада
Гурезад чу аз дом[4] мурғу дада.

Се дигар, ки бар бад тавоно бувад,
Бипарҳезаду вижа доно бувад.

Наёзад ба коре, ки нокарданист,
Наёзорад онро, ки н-озурданист.

Намонад, ки некӣ[5] бар ӯ бугзарад,
Пайи рӯзи ноомада[6] нашмарад.

Зи душман, зи нахчир ожиртар,
Бари дӯст пайваста чун тиру пар.

1. И – Бипурсид, к-он к-ӯ
2. И – ё
3. Л – бо
4. И – ба кирдори
5. Л – Бимонад, ки гетӣ
6. Л – Бади н-омада рӯзро

Зи шодӣ, ки фарҷоми ӯ ғам бувад,
Хирадмандро ози он[1] кам бувад.

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун,

Ки андар ҷаҳон суд беранҷ нест,
Ҳам онро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.

Ҷаҳон зинда бодо ба Нӯшинравон,
Ҳамеша ҷаҳондору давлатҷавон».

Аз ин бора гуфтор бисёр гашт,
Дили мардуми хуфта бедор гашт.[2]

Бар ӯ хонданд офарин мӯбадон,
Кунорангу[3] бедордил бихрадон.

Ситуданд шоҳи ҷаҳонро басе,
Бирафтанд бо хуррамӣ ҳар касе.

## БАЗМИ ЧАҲОРУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Ду ҳафта бар ин низ бугзашту шоҳ
Бипардахт рӯзе зи кори сипоҳ.

Бифармуд, то мӯбадону радон
Ба айвон хироманд бо бихрадон.

Бипурсидашон аз тану аз нажод,
Зи тезиву орому фарҳангу дод.

Зи шоҳиву аз тоҷу кундоварӣ,
Зи анҷому фарҷоми некахтарӣ.

Сухан кард аз он мӯбадон хостор,
Ба пурсиш гирифт, он чи омад ба кор.

1. Л – он зиён
2. ИЛ – б. 1340 нест.
3. И – Бузургону

Чу ҳар кас ба андозаи донишаш
Сухан ронду н-омад аз он ромишаш.[1]

Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт,
Ки «Рахшанда гавҳар барор аз нуҳуфт».

Яке офарин кард Бузарҷмеҳр,
Ки «Эй шоҳи равшандилу покмеҳр,[2]

Чунон дон, ки андар ҷаҳон низ шоҳ
Яке чун ту нанҳода[3] бар сар кулоҳ.

Ба доду ба дониш, ба тоҷу ба тахт,[4]
Ба фарру ба чеҳру ба рою ба бахт,[5]

Чу парҳезгорӣ кунад шаҳрёр,
Чӣ некӯст парҳез бо тоҷдор![6]

Зи Яздон битарсад гаҳи доварӣ,
Наҷӯяд баландиву кундоварӣ.

Хирадро кунад подшо бар ҳаво,
Бад-он гаҳ, ки хашм оварад подшо.

Набояд, ки андешаи шаҳрёр
Бувад ҷуз писандидаи Кирдгор.

Зи Яздон шиносад ҳама хубу зишт,
Ба подоши некӣ биҷӯяд[7] биҳишт.

Забон ростгӯю дил озармҷӯй,
Ҳамеша ҷаҳондору боободрӯй.

---

1. ИЛ –б. 1348 нест.
2. И-некахтари хубчеҳр; Л-равшандили покчеҳр.
3. ИЛ – нанҳод
4. И – рою ба бахт,
5. И – дайҳиму тахт.
6. ТПЗ – Зи нокарданӣ кор бартофтан,
Беҳ аз дил ба андӯҳ ғам ёфтан.
Чи некӯ зад ин достон ҳушёр,
Ки некӯст парҳез бо шаҳрёр.
7. И – Биёбад ба подош хуррам

Беҳ аз ростӣ дар ҷаҳон кор нест,
Аз ин беҳ гуҳар бо ҷаҳондор нест.[1]

Сухангӯю равшандилу доддеҳ,
Кеҳонро ба кеҳ дораду меҳ ба меҳ.[2]

Касе, к-ӯ бувад шоҳро[3] зердаст,
Набояд, ки ёбад зи ҷое шикаст.

Бад-он гаҳ шавад тоҷи хусрав баланд,
Ки доно бувад назди ӯ арҷманд.[4]

Чу дорад зи ҳар донише огаҳӣ,
Бимонад ҷаҳондор бо фарраҳӣ.[5]

Нигаҳ доштан кори даргоҳро,
Ба заҳр ожадан коми бадхоҳро.

Набояд, ки хуспад касе дардманд,
Ки ояд магар шоҳро з-он газанд.

Касе, к-ӯ ба бодафра андарх(в)ар[6] аст,
Куҷо баднажод асту бадгавҳар[7] аст,

Кунад шоҳ дур аз миёни гурӯҳ
Беозор, то з-ӯ нагардад сутӯҳ.

Ҳар он кас, ки бошад ба зиндони шоҳ,
Гунаҳгор, агар мардуми бегуноҳ,

Ба фармони Яздон бибояд кушод,
Ба Занду ба Уст он чи кардаст ёд.

---

1. Л – б. 1359 нест.
2. И – б. 1360 нест.
3. И– Ҳар он кас, ки бошад ба кас
4. ТПЗ – Ба нодон агар хеч рой оварад,
   Сари тахти худ зери пой оварад,
   Ки нодон зи дониш гурезад ҳаме,
   Ба нодонӣ- андар ситезад хаме.
5. И – б. 1363 нест.
6. Л – ба бодафраи Эзад
7. Л – нобихрад

В-агар бадкуниш бошаду шӯху шум,
Бипардахт бояд аз ӯ рӯи бум,

Ки то рӯзи вожун бар ӯ нагзарад,
Табоҳӣ сӯи хони мардум барад.

Ҷаҳондор бояд, ки аз дину дод
Бувад дар ҷаҳон то бувад шоҳ, шод.[1]

Бувад кори ӯ ошкору ниҳон,
Ба теғ аз бади дев шустан ҷаҳон.[2]

Чу хусрав[3] ба фарҳанг дорад сипоҳ,
Баросояд аз дарди фарёдхоҳ.

Чу ожир бошӣ зи душман ба рой,
Бадандешро дил бароя зи ҷой.

Ҳама рахнаи подшоҳӣ ба мард
Барорӣ ба ҳангом пеш аз набард.

Зи чизе, ки гардад накӯҳида шоҳ,
Накӯҳиш бувад низ бар тоҷу[4] гоҳ.

Фузудан ба фарзанд бар меҳри хеш,
Чу дар об дидан бувад чеҳри хеш.[5]

Зи фарҳангу аз дониш омӯхтан
Сазад, гар дилаш ёбад афрӯхтан.

Кушодан бар ӯ-бар дари ганҷи хеш,
Набояд, ки ёд оварад ранҷи хеш.

Ҳар он гаҳ ки дорад[6] ба бедод даст,
Дили шоҳбачча набояд шикаст.

1. ИЛ –б. 1370–1372 нест.
2. И-б. 1373 нест.
3. Л – Сипаҳбад
4. Л – фарру
5. ТПЗЛ – Аз ӯ дур гаштан ба рағми ҳаво,*
Хирадро бар он кор кардан гуво.**
*Л–пур аз ғам равон: ** Л–рой кардан навон.
6. Л – ёзад

Ба озарм бозорияш боз роҳ,
Бар ӯ танг дорӣ зи бун дастгоҳ.

В-агар душманӣ ёбӣ, андар дилаш
Хаве бошад, аз бӯстон бугсилаш.

Агар дер монад, банерӯ шавад,
В-аз ӯ боғи шоҳӣ пуроҳу шавад.

Чу бошад ҷаҳонҷӯй бо фарру ҳуш,[1]
Набояд, ки дорад ба бадгӯй гӯш.[2]

Зи дастури бадгавҳару гуфти[3] бад
Табоҳӣ ба дайҳиму[4] шоҳӣ расад.

Набояд шунидан зи нодон сухун,
Чу бад гӯяд аз дод, фармон макун.[5]

Ҳама ростӣ бояд оростан,
Зи кажжӣ дили хеш перостан.

Зи шоҳи ҷаҳондор ҷуз ростӣ
Назебад,[6] ки дев оварад костӣ.

Чу ин гуфтаҳо бишнавад порсо,[7]
Хирадро кунад бар дилаш подшо.[8]

Кунад офарин тоҷ бар шаҳрёр,
Шавад тахти шоҳӣ бар ӯ[9] пойдор.

Бинозад бад-ӯ тоҷи шоҳиву тахт,
Бадандеш навмед гардад зи бахт.

1. Л – ҷаҳонҷӯйро фарру бурз,
2. Л – ёзад ба теғу ба гурз;
ТПЗЛ– Чу бар бадкуниш даст гардад дароз,
Ба хун ҷуз ба фармони Яздон матоз.
3. Л – ҷуфти
4. Л–дайҳими
5. И – Бибояд шунидан зи гӯё сухун,
Чу бад гӯяд, ӯро ту фармон макун.
6. И – Набояд
7. И – подшо,
8. И – ӯ гуво.
9. И - варо

Чу баргардад ин чархи нопойдор,
Аз ӯ номи неке[1] бувад[2] ёдгор.

Бимонод то рӯз, монад ҷавон
Ҳунарёфта ҷони[3] Нӯшинравон».

Зи гуфтори ӯ анҷуман хира гашт,
Ҳама ройи донандагон тира гашт.

Чу Нӯшинравон он суханҳо шунуд,
Ба рӯзиш чандон ки буд[4], барфузуд.

Даҳонаш пур аз дурри хуш-об кард,
В-аз он пандҳо дида пуроб кард.

Яке анҷуман лаб пур аз офарин,
Бирафтанд аз айвони шоҳи замин.

## БАЗМИ ПАНҶУМИ НӮШИНРАВОН БО БУЗАРҶМЕҲР ВА МӮБАДОН

Бар ин низ бугзашт як ҳафта рӯз,
Ба ҳаштум чу бифрӯхт гетифурӯз,

Бияндохт он чодари ложвард,
Биёрост гетӣ ба дебои зард.

Шаҳаншоҳ биншаст бо мӯбадон,
Хирадманд пирону гӯяндагон,[5]

Сари мӯбадону радон Ардашер,
Чу Шопуру чун Яздгирди дабир,[6]

1. Л – Варо номи некӯ
2. И – некӯ барад
3. И – Хирадёфта
4. И – Дигарбора рӯзии ӯ
5. И – Ҷаҳондидаву кордида радон; Л – коркарда радон.
6. ТПЗИЛ – Ситорашиносону ҷӯяндагон,
   Хирадманду бедору гӯяндагон.

Сароянда Бузарҷмеҳри ҷавон
Биёмад бари шоҳ Нӯшинравон.[1]

Ба донандагон гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Бо кист ин дониш андар ниҳон,

К-аз ӯ дини Яздон банерӯ шавад,
Ҳамон тахти шоҳӣ беоҳу шавад?»

Чу бишнид аз ӯ мӯбади мӯбадон,
Забон баркушод аз миёни радон,

Чунин дод посух, ки «Аз доди шоҳ[2]
Дурахшон[3] шавад фарру дайҳиму гоҳ.

Чу[4] бо дод букшояд аз ганҷ банд,
Бимонад пас аз марг номаш баланд.[5]

Дигар, к-ӯ бишӯяд забон аз дурӯғ,
Наҷӯяд зи каҷжӣ ба гетӣ фурӯғ.

Се дигар, ки бododу бахшоиш[6] аст,
Зи тоҷаш замона пуророиш аст.

Чаҳорум[7], ки аз кеҳтари пургуноҳ
Наҷӯшад сари[8] номвар пешгоҳ.[9]

Ба панҷум, чунон бошад андар сухан,[10]
Ки номаш нагардад ба гетӣ куҳан.

1. ТПЗ – Ҳаме хонд бар шаҳрёр офарин,
Аз ӯ шодмон гашт шоҳи замин.
2. Л – подшоҳ
3. Л – Дурафшон
4. Л – Ки
5. ТПМ – Ки номи баландӣ зи бахшиданист,
Ҳамин ганҷ аз баҳри пошиданист.
6. И – Сипаҳбуд чу бododу осоиш
7. И – Ва дигар
8. И–Бичӯшад дили
9. И–подшоҳ.
10. И – ҷаҳонҷӯи некӯсухан; Л – ҷаҳондори некӯсухан,

Ҳама рост гӯяд сухан камму беш,
Нагардад ба ҳар кор аз оини хеш.[1]

Шашум, бар парастандаи тахти хеш
Чунон меҳр дорад, ки бар бахти хеш.

Ба ҳафтум, сухан гарчи[2] доно бувад,
Забонаш ба гуфтан[3] тавоно бувад,

Нагардад дилаш сер аз омӯхтан,
Ба андешагон мағзро сӯхтан.

Ба озодӣ аст аз хирад ҳар касе,
Чунон чун бинолад зи ахтар басе.[4]

Дилат магсил, эй шоҳ, ҳеҷ аз[5] хирад,
Хирад ному фарҷомро парварад.

Манишпасту камдониш он кас, ки гуфт,
Манам, к-ам зи дониш касе нест ҷуфт».[6]

Чунин гуфт пас Яздгирди дабир,
Ки «Эй шоҳи донову[7] донишпазир,

Абар шоҳ зишт аст хун рехтан,
Ба андак сухан дил барангехтан.

Ҳамон чун сабуксор шуд шаҳрёр,
Беандеша даст андарорад ба кор.

Ҳамон бо хирадманд гирад ситез,
Кунад дил зи нодонии хеш тез.

1. ИЛ – б. 1413 нест.
2. И – агарчанд
3. И –Равонаш ба дониш
4. Л – б. 1417 нест;
   ТПЗ– Хирад парварад ҷони донандагон,
   Хирад раҳ намояд ба хонандагон.
5. Л –Дил, эй шоҳ, магсил зи роҳи
6. И – б. 1418, 1419 нест.
7. И – диндори; Л – донои

Дили шоҳи гетӣ чу пуроз гашт,
Равони варо дев анбоз гашт.

В-ар эдун, ки довар[1] бувад тезмағз,
Наёяд зи гуфтори ӯ кори нағз.

Агар корзорӣ, ки ҳангоми ҷанг
Битарсад зи ҷону натарсад зи нанг.

Тавонгар, ки бошад дилаш тангу зуфт,
Ба зери замин беҳтар[2] ӯро нуҳуфт.

Абар марди дарвеш кундоварӣ
Назебад, ки зебандаи меҳтарӣ.[3]

Чу каҷҷӣ кунад пир,[4] нох(в)аш бувад,
Пас аз марг ҷонаш пуроташ бувад.

Чу коҳил бувад марди барно ба кор,
Аз ӯ сер гардад дили рӯзгор.

Намонад равон тандурусту ҷавон,
Мабодаш равону мабодаш забон.[5]

Чу Бузарҷмеҳр он суханҳои нағз
Шуниду ба дониш биёрост мағз,

Чунин гуфт, к- «эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ба коми ту бодо дурахшон[6] сипеҳр.[7]

Чунон кун, ки ҳар кас, ки дорад хирад,
Ба дониш равонро ҳаме парварад.

1. И – ҳоким
2. И – Шикамми замин бояд
3. И – б. 1428 нест.
4. Л –низ
5. Л - Бимонад зи нотандурустӣ равон,
Мабодаш забону мабодаш равон.
6. Л – дурафшон
7. И – дилат бод гардонсипеҳр.

Зи нодон бинолад дили сангу кӯҳ,
Азеро надорад бари кас шукӯҳ.

Надонад аз оғоз анҷомро,
На аз нанг донад ҳаме номро.[1]

Накӯҳида даҳ кор бар даҳ[2] гурӯҳ,
Накӯҳидатар назди донишпажӯҳ:

Яке он ки довар[3] бувад пурдурӯғ,
Нагирад бари марди дониш[4] фурӯғ.

Сипаҳбад, ки бошад нигаҳбони ганҷ,
Сипоҳӣ, ки ӯ сар бупечад зи ранҷ,

Дигар донишуманд, к-ӯ аз база
Натарсад, чу чизе[5] бувад бомаза.[6]

Пизишке, ки бошад ба тан дардманд,
Зи бемор чун боздорад газанд?!

Чу дарвеш мардум, ки нозад ба чиз,
Ки он чиз гуфтан наярзад пашиз.

Ҳамон сифла, к-аз ҳар кас орому хоб,
Зи дарё дареғ оядаш равшаноб.

В-агар боди нӯшин ба ту барҷаҳад,
Сипосе аз он бар сарат барниҳад.

Ба ҳафтум, хирадманд, к-ояд ба хашм,
Ба чизи касон баргуморад ду чашм.

1. ИЛ – б. 1435, 1436 нест.
2. Л – даҳ кор бар ду
3. Л – олим
4. Л–доно
5. Л –ки хунӣ
6. Л – пурмаза.

Ба ҳаштум, ба нодон намояндароҳ,
Супурдан ба коҳил касе дастгоҳ.[1]

Дили беҳунар, к-ӯ биёбад[2] хирад,
Пушаймон шавад ҳам зи кирдори бад,

Дили мардуми бехирад, б-орзу,[3]
Бад-ин гуна овезад, эй некхӯ.

Чу оташ, ки гӯгирд ёбад хуриш,
В-агар[4] дар найистон бувад парвариш.

Дили шоҳ Нӯшинравон зинда бод,
Сарони ҷаҳон[5] пеши ӯ банда бод!»

1. И –. 1445, 1446 нест; Л – б. 1446 нест.
2. И – Ҳамон бадкуниш, к-ӯ надорад; Л – Ҳар он бехирад, к-ӯ надорад
3. И – з- орзуй,
4. ИМ – Гараш
5. И – Ҷаҳон сарбасар

## ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ҲАШТУМ

**Подшоҳии Шопур ибни Шопур** ... 5
Бар тахт нишастани Шопур ибни Шопур ва андарз карданаш ба сардорон ... 5

**Подшоҳии Баҳром – писари Шопур** ... 8
Бар тахт нишастани Баҳром ва андарз кардан ба сардорон ... 8

**Подшоҳии Яздгирди Базагар** ... 11
Бар тахт нишастани Яздгирд ... 11
Зодани Баҳром – писари Яздгирд ... 13
Супурдани Яздгирд писараш Баҳромро ба Мунзар ва ба Нӯъмон ва парвариш кардан ӯро ... 17
Достони Баҳром бо канизаки чангзан дар шикор ... 24
Ҳунар намудани Баҳром дар шикоргоҳ ... 27
Омадани Баҳром бо Нӯъмон назди падараш Яздгирд ... 29
Банд кардани Яздгирд Баҳромро ва бозомадани ӯ назди Мунзар ... 34
Омадани Яздгирд ба Тӯс ва куштани аспи обӣ ӯро ... 36
Рафтани Яздгирд ба чашмаи Сӯ ба гуфтори мӯбад ва куштани аспи обӣ ӯро ... 37
Нишондани меҳон хусравро бар тахт ... 41
Огоҳӣ ёфтани Баҳроми Гӯр аз мурдани падараш ... 43
Нома навиштани эрониён ба Мунзар ва посухи он ... 46
Омадани Баҳроми Гӯр дар Ҷаҳрам ва рафтани эрониён ба назди ӯ ... 50
Сухани Баҳром бо эрониён дар бораи шоистагии худ ба подшоҳӣ ва сар тофтани эшон аз он ... 53
Сухан гуфтани Баҳром бо эрониён аз шоистагии худ ба подшоҳӣ ... 56
Паймон кардани эрониён бо Баҳром дар бораи подшоҳӣ ба шарти бардоштани тоҷ аз миёни шерон ... 58
Тоҷ бардоштани Баҳроми Гӯр аз миёни шерон ... 59
Рафтани Баҳром ва Хусрав ба ҳомун ва куштани Баҳром шеронро ва бар тахт нишастан ... 64

**Подшоҳии Баҳроми Гӯр** ... 68
Нишастани Баҳром бар тахт ва андарз кардан ба сардорон ва номаҳо бар меҳтарӣ навиштан ... 68
Падруд кардани Баҳроми Гӯр Мунзар ва Нӯъмонро ва бахшидани боҷи боқӣ ба эрониён ... 72
Достони Баҳроми Гӯр бо Ланбаки Обкаш ... 77

Достони Баҳроми Гӯр бо Бироҳоми ҷуҳудӣ ....... 82
Бахшидани Баҳроми Гӯр хостаи Бироҳом Ланбакро ....... 86
Достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбундод ....... 89
Достони Баҳроми Гӯр бо Қабрӯй ва ҳаром кардани ӯ майро ....... 92
Достони кӯдаки кашфгар бо шер ва ҳалол кардани
Баҳроми Гӯр майро ....... 94
Вайрон кардани мӯбади Баҳроми Гӯр деҳро ва боз обод карданаш ....... 97
Достони Баҳроми Гӯр бо чаҳор хоҳарон ....... 105
Ёфтани Баҳроми Гӯр ганҷи Ҷамшедро ....... 111
Достони Баҳроми Гӯр бо бузургоне ва шогирди ӯ ....... 118
Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ва достони ӯ бо зани полизбон ....... 123
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостани духтарони
Барзиндеҳқон ....... 133
Ҳунар намудани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостани
духтари гавҳарфурӯш ....... 142
Куштани Баҳром шеронро ва рафтанаш ба хонаи
гавҳарфурӯш ва хостан духтари ӯро ....... 143
Достони Баҳроми Гӯр бо Фаршедварди кадевар ва марди хоркан ....... 162
Боз намудани хоркан ҳоли Кадевари Фаршедвард
ва бахшидани Баҳром моли ӯ ба арзониён ....... 167
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчиргоҳ ва куштани шерон ....... 174
Ҳунар намудани Баҳром ба нахчири гӯрон ....... 181
Лашкар кашидани хоқони Чин ба Эрон ва зинҳор
хостани эрониён аз ӯ ....... 188
Тохтани Баҳроми Гӯр ба хоқони Чин ....... 195
Мил баровардани Баҳроми гӯр бар сарҳади Эрон ва Тӯрон ....... 197
Номаи Баҳроми Гӯр назди бародараш Нарсӣ ва Эрониён ....... 200
Бозгаштани Баҳроми Гӯр ба эронзамин ....... 203
Андарзнома навиштани Баҳроми Гӯр ба кордорони худ ....... 206
Фиристодани Баҳроми Гӯр бародари худ Нарсиро ба
Хуросон ва хондани пеши тахти хеш фиристодаи Қайсарро ....... 211
Суволу ҷавоби фиристодаи румӣ бо мӯбадони Эрон ....... 213
Падруд кардани Баҳроми Гӯр фиристодани Қайсарро ....... 218
Сухан гуфтни Баҳром ба сардорон аз дод ....... 220
Навиштани Баҳроми Гӯр нома ба наздики Шангул – шоҳи Ҳинд ....... 225
Рафтани Баҳроми Гӯр ба Ҳиндустон бо номаи худ ....... 229
Посух додани Шангул ба номаи Баҳром ....... 232
Куштӣ гирифтани Баҳроми Гӯр дар боргоҳи Шангул ва
ҳунар намудан ....... 235
Гумон бурдани Шангул бар Баҳром ва боздоштан ӯро аз Эрон ....... 239
Ҷанги Баҳром бо карг ва куштани ӯ каргро ....... 243
Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ....... 246
Ба занӣ кардани Баҳроми Гӯр духтари шоҳи Ҳиндустонро ....... 250
Номаи Фағфури Чин ба Баҳроми Гӯр ва посухи он ....... 254
Гурехтани Баҳроми Гӯр аз Ҳиндустон бо духтари Шангул ....... 258
Тохтани Шангул паси Баҳроми Гӯр ва шинохтани ӯ ....... 262

Бозгаштани Шангул ба Ҳинд ва Баҳром ба Эрон.....265
Пазира шудани ирониён шоҳ – Баҳроми Гӯрро.....265
Омадани Шангул бо ҳафт подшоҳ назди Баҳроми Гӯр.....270
Бозгаштани Шангул аз Эрон ба Ҳиндустон.....275
Бахшидани Баҳроми Гӯр хироҷ ба деҳқонон.....277
Хондани Баҳроми Гӯр луриёнро аз Ҳиндустон.....282
Сипарӣ шудани рӯзгори Баҳроми Гӯр.....284

**Подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр**.....288
Бар тахт нишастани Яздгирд ва андарз кардан ба сардорон.....288

**Подшоҳии Ҳурмуз писари Яздгирд**.....290
Бар тахт нишастани Ҳурмузд ва ситадани тоҷи ӯ бародараш Пирӯз.....290

**Подшоҳии Пирӯз писари Яздгирд**.....292
Бар тахт нишастани Пирӯз ва ҳафт сол хушкӣ афтодан
бар замини Эрон.....292
Ҷанги Пирӯз бо Тӯрониён.....295
Номаи Хушнавоз бо Пирӯз.....296
Афтодани Пирӯз ба чоҳ ва кушта шудан.....300

**Подшоҳии Балош - писари Пирӯз**.....304
Андарз кардани Балош ирониёнро.....304
Нома навиштани Суфарой ба Хушнавоз.....306
Размои Суфарой бо Хушнавоз.....311
Бозгаштани Қубод ба Эронзамин.....317

**Подшоҳии Қубоди Пирӯз**.....320
Бар тахт нишастани Қубод ва андарз кардан ба Меҳон.....320
Бадгумон кардани ирониён Қубодро аз Суфарой ва
куштани ӯ Суфаройро.....322
Банд кардани ирониён Қубодро ва бар тахт нишондан
Ҷомосп бародарашро.....329
Гурехтани Қубод ва паноҳ гирифтан назди ҳайтолиён.....331
Бозгаштани Қубод аз Ҳайтол ва зодани Кисрои
Нӯшинравон ва бар тахт нишастани Қубод.....334
Пазируфтани Қубод дини Маздак.....337
Овехтани Кисро Маздакро ва куштан ӯро.....342
Валиаҳд кардани Қубод Кисроро ва бузургон
номи Нӯшервон додан ӯро.....349
Аз пирӣ нолидани саросянда.....351

**Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон**.....354
Андарз кардани Нӯшинравон сардорони Эронро.....254
Бахшидани Кисро подшоҳиро ба чаҳор бахр ва тадбир
кардан хироҷро.....358

Нома навиштани Нӯшинравон ба кордорони хеш ......................................361
Достони Бобак мӯбади Кисро ва арзи сипоҳ доданаш ...............................367
Дар доду фарҳанги Нӯшинравон..................................................................373
Баргаштани Нӯшинравон гирди подшоҳии хеш ..........................................376
Сазо додани Кисро алонон ва балуҷиён ва гелониёнро .............................380
Фарёд хостани Мунзари Тозӣ аз бедод кардани Қайсари Рум ..................386
Нома фиристодани Нӯшинравон наздики Қайсари Рум ва посухи ӯ .........390
Расидани номаи Нӯшинравон назди Қайсар ва фиристодани
Қайсар посухи он ..........................................................................................391
Лашкар кашидани Нӯшинравон ба ҷанги Қайсари Рум.............................393
Дижҳо гирифтани Нӯшинравон дар буми Рум............................................400
Разм кардани Нӯшинравон бо Фарфириюси румӣ ва
гирифтани Қолиниюс ва Антокия ...............................................................402
Обод кардани Нӯшинравон шаҳр ба монанди
Антокия ва нишондан дар ин асирони румиро ..........................................407
Оштӣ ҷустани Қайсари Рум аз Нӯшинравон ..............................................409
Пайғоми Қайсар назди Нӯшинравон бо божу сов .....................................409
Достони Нӯшзод писари Нӯшинравон ва зане тарсо.................................413
Бемор шудани Нӯшинравон ва фитна барпо задани Нӯшзод .....................416
Номаи Нӯшинравон ба Ромбарзин, нигаҳбони марзи
Мадоин, дар бораи гирифтор кардани Нӯшзод ..........................................418
Ҷанг сохтани Ромбарзин бо Нӯшзод ва панд додани
Пирӯз Нӯшзодро...........................................................................................426
Разми Ромбарзин бо Нӯшзод ва кушта шудани Нӯшзод............................430
Хоб дидани Нӯшинравон ва ба даргоҳ омадани Бузарҷмеҳр ....................435
Гузоридани Бузарҷмеҳр хоби Кисроро.......................................................439
Базми Нӯшинравон бо мӯбадон ва панд гуфтани Бузарҷмеҳр...................444
Базми дувуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон ......................450
Базми севуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон.......................457
Базми чаҳоруми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон .................464
Базми панҷуми шоҳ Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон ....................469

**"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 10**

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# ШОҲНОМА

**Ҷилди VIII**


Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *М. Кенҷа*
Тарроҳ *Ф. Раҳимов*
Ҳуруфчин *Р. Атоева*

Ба матбаа 23.05.2009 таҳвил гардид. Чопаш 10.08.2009 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x90$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши №90/09.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.

ISBN 978-99947-32-84-5

9 789994 732845